*Хуррам Раҳимзода*



# МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ

# 9

*Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ,*
*Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.*
*Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон*
*Бигардонад ӯро чу хоҳад чунон.*
*Чу гардад калон боз натвонадаш,*
*Ки аз каҷжию хам бигардонадаш.*

*Абӯшакури БАЛХӢ*

*Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,*
*Ба дониш дили пир барно бувад.*
*Ба ранҷ андар орӣ танатро равост,*
*Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост...*
*Биёмӯзу бишнав зи ҳар доནише,*
*Биёбӣ зи ҳар донише ромише.*

*Абулқосим ФИРДАВСӢ*

*Он рӯз, ки ҳафтсола будӣ,*
*Чун гул ба чаман ҳавола будӣ.*
*В-акнун, ки ба чордаҳ расидӣ,*
*Чун сарв ба авҷ сар кашидӣ,*
*Ғофил манишин, на вақти бозист,*
*Вақти ҳунар асту сарфарозист!*
*Дониш талабу бузурги омӯз,*
*То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз...*

***Низомии ГАНҶАВӢ***

*Ба пирӣ хидмати модар-падар кун,*
*Ҷавонию ҷунун аз сар бадан кун.*
*Мазан таъна бар эшон аз дили сер,*
*Ки гар ёбӣ замон, гарди ту ҳам пир.*
*Ки парвардаст модар дар канорат,*
*Падар буд солҳо тимордорат.*
*Биҷӯ дилшон ба хулқу хубрӯӣ,*
*Ки ин аст, эй бародар, некхӯӣ.*

***Носири ХУСРАВ***

ХУРРАМ РАҲИМЗОДА

# МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 9**

*Мушовараи вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст*

ДУШАНБЕ
МТЛ ОРЕС
2003

ББК 74.205+74. 90+74 Я 72
Р-45

Китоби мазкур аз ҷониби Маркази татбиқи лоиҳа доир ба нашри адабиёти таълимӣ, тавассути маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

Р-45 *Раҳимзода Хуррам*. **Маърифати оиладорӣ**. Китоби дарсӣ барои синфи 9. — Душанбе: МТЛ ОРЕС, 2003, 208 саҳ

Шогирдони азиз! Шумо аллакай баду некро аз ҳам фарқ мекунед. Медонед, ки чӣ мумкин аст ва чӣ мумкин нест. Дар бораи муомилаю муносибат, одоби муошират, дуруст ба роҳ мондани ҳаёти оилавӣ ҳам баъзе чизҳоро шунидаед. Омӯзгорон дар ин бобат наклхо кардаанд.

Шумо синну соли наврасиро аз сар мегузаронед. Ин синну сол давраи кунҷковӣ, ҳозирҷавобӣ аст. Мехоҳед боз бештар донед, фаҳмед, муқоисаву баррасӣ бикунед ва оянда дар ҳаёт дӯстони содиқ, ҳамсафару ҳамрози мувофиқ дошта бошед. Зиндагиро мувофиқи нақша ба роҳ монда, соҳиби фарзандони солеҳ, дастурхони кушода бошед. Каси танҳо дар зиндагӣ ба мақсад намерасад. Одам бояд ҷуфт ва ҳамдаму ҳамроз дошта бошад. Мо боварӣ дорем, ки шумо низ ҳаминро мехоҳед. Пас биёед, аз маслиҳатҳои ин китоб баҳра бардорем ва гуфтаҳои онро дар зиндагӣ татбиқ намоем.

Ба шумо дар таҳсил ва зиндагии фараҳбахшиояндаатон комёбиҳо хоҳонем.

Муҳаррирон: **Аъзам Худойдодов ва**
**Сафарбек Назаров**

© Раҳимзода Х., 2003

## МУҚАДДИМА

Тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оиладорӣ яке аз қисматҳои муҳимми тарбияи маънавӣ буда, ба масъалаи ҳаматарафа инкишоф ёфтани шахс ёрии амалӣ мерасонад. Азбаски оила ва оиладорӣ масъалаи хеле муҳим аст, паҳлӯҳои гуногуни онро олимони педагог, тиб, рӯҳшинос, ҷомеашинос мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аз ҷиҳати ахлоқ, одоби муошират, муносибатҳои оилавӣ ба зиндагии мустақил ва тарбияи фарзанд омода намудани хонандагони синфҳои боло яке аз рукнҳои маърифати оиладорӣ маҳсуб мешавад.

Ахлоқ, одоби муошират қисми таркибии маданияти шахсро ташкил медиҳад. Маданияти шахс дар ҷараёни зиндагӣ дар оила, кӯча, дар муносибат бо оилаю атрофиён зоҳир мегардад.

Мафҳумҳои шараф, виҷдон, инсоф, раҳм, шавқат, қарзи инсонӣ дар тафаккуру рафтори ҳар як шахси боодобу маданӣ зоҳир мегардад. Ин мафҳумҳоро аз хурдӣ бояд тарбия кард. Шахс бо чунин хислатҳо оиладори хуб шуда, фарзандони нек тарбия мекунад.

Омода намудани ҷавонон ба оиладорӣ вазифаи муҳимми оила ва мактаб мебошад. Омӯзиши сабабҳои вайроншавии оилаҳо шаҳодат медиҳанд, ки бештари онҳо аз сабаби тайёр набудан ба ҳаёти оилавӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ин кор то ҳол саҳми оила ва мактаб назаррас нест.

Ба барномаи таълим дохил шудани дарси маърифати оиладорӣ хишти аввалин дар бинои мӯҳташами оиладорӣ аст. Умед аст, ки хонандагон тарзи сохтани ин биноро ба хубӣ мефаҳманд ва аз хишти аввал то охир девори рост сохта, дар он зиндагии хушбахт мегузаронанд.

Мақсади фанни маърифати оиладорӣ бо асосҳои дониш оид ба никоҳу оиладорӣ шинос намудани ҷавонон, ташаккул додани идеали оиладорӣ дар шуури онҳо мебошад. Зарурати ба вуҷуд овардани оила, тайёр будан ба хонадоршавӣ, ҳосил намудани малакаи муносибатҳои дурусти дохилиоилавӣ ва дар оянда тарбия

намудани кӯдакон; нигоҳ доштани анъанаҳои неки миллии халқи тоҷик, анъанаҳои нави ҳаётбахш ва ҳосил намудани муносибатҳои оштинопазир ба расму одатҳои номатлуб оид ба оила мебошад.

Маълум аст, ки хонандагон дар солҳои донишандӯзӣ барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва олами маънавии худ донишҳои муайян ҳосил мекунанд. Тадриҷан писарону духтарон ба масъалаҳои муҳаббат, никоҳ ва оила, мақоми онҳо барои ҳаёти инсон диққат медиҳанд, муносибати равонии (психологӣ)-и онҳо такмил мeёбад. Барои ҳаёти оилавии оянда, аз зану шавҳарии оилаҳои дигар ибрат мегиранд ва аз нозукиҳои рӯзгордорӣ маълумот пайдо мекунанд. Хеле муҳим аст, ки дилдодагон ба ҳам муносиб бошанд, рӯзгордориро ӯҳда карда тавонанд, ба қадри ҳамдигар бирасанд, покдоману боиффат ва дар нокомиҳо дастгирӣ ҳам бошанд.

Ҳамин тавр, тайёрии ахлоқии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ – маҷмӯи тасвири ахлоқиву педагогии мактаб, оила ва аҳли ҷамъият бо мақсади ташаккули фаҳмиши ахлоқии хонандагон, инкишофи ҳиссиёти ба он мувофиқ, ба ҳаёти оилавию аҳди никоҳ тайёр кардан, инчунин онҳоро бо роҳи мустақилонаи ҳаёт ҳидоят намудан мебошад. Аз ин гуфтаҳо чунин вазифаҳо бармеоянд:

— ташаккули муносибати дӯстона бо ҷинси мухталиф;
— маълумот дар хусуси никоҳ ва оила;
— пайдо кардани боварӣ оид ба баробарҳуқуқии аъзоёни оила;
— тарбияи эҳтироми падару модар;
— тарбияи талаботи ахлоқӣ ба таваллуд ва тарбияи фарзандон.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳамаи ин омилҳои тарбияи ахлоқии хонандагон барои минбаъд пойдор гардидани зиндагии зану шавҳар, тарбияи фарзандон, беҳтар идоракунии корҳои хоҷагидории оила ёрии калон мерасонад. Ғайр аз ин вобаста ба синну соли хонандагон тарзу усулҳои гуногуни тарбияи ахлоқӣ ба кор бурда мешавад. Маърифати оиладорӣ бояд китоби рӯимизии ҳар як ҷавонписару ҷавондухтар қарор бигирад. Китоб барои хонандагони синфи 9 иншо шуда бошад ҳам, аз он метавонанд ҳама, ҳатто ашхоси рӯзгордида истифода баранд. Зеро мардуми мо аксар вақт ба асосҳои илмии масъалаи оиладорӣ, сарфу харҷ дар оила, банақшагирии он ва ғайра аҳамияти дуруст намедиҳанд. Аз ин хотир китоби мазкур барои омӯхтани асосҳои маърифати оиладорӣ ва аз бар намудани нуктаҳои асосии он ба шумо кӯмак мерасонад.

# БОБИ I
# ОИЛА ВА ИНКИШОФИ ОН

## §1. ОИЛА ВА ПАЙДОИШИ ОН ДАР ҶАМЪИЯТИ ИБТИДОӢ

Ҳеҷ шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд,
Одамӣ ҳам, пеш аз он к-одам шавад, бузина буд.

Мирзо Абдулқодири Бедил ин мисраъҳоро аз ҷиҳати илмӣ хулоса накарда бошад ҳам, аммо назарияи ӯ аз ҳақиқати илмӣ дур нест. Инсоният то ба дараҷаи тамаддун расидан ҳазорсолаҳоро тай намуда, аз шакли ваҳшоният ба дараҷаи имрӯзаи ҳаёти инсонӣ расидааст.

Морган (олими англис) аввалин шахсе буд, ки зинаҳои пеш аз таърихии инсониятро таҳлил намуда, онро ба се давраи асосӣ – давраи ваҳшоният, барбарият ва тамаддун тақсим мекунад.

Мувофиқи ақидаи Морган давраи аввал давраи тифлии одамизод буда, дар ин давра одамон чун ҳайвонҳо гурӯҳ – гурӯҳ зиндагӣ мекарданд. Байни гурӯҳҳо оила вуҷуд надошт. Алоқаи ҷинсӣ номаҳдуд буда, ҳар мард метавонист бо зани дилхоҳаш ва ҳар зан метавонист бо марди мақбулаш алоқаи ҷинсӣ кунад.

Чунон ки Ф. Энгелс менависад: «...Омӯзиши таърихи давраи ибтидоӣ вазъиятеро, ки мардҳо бо зани бисёр ва дар айни ҳол занони онҳо бо шавҳарони бисёре зиндагонӣ мекунанд ва бинобар ин бачаҳои ин зану мардон фарзандони умумии онҳо шумурда мешавад, ба мо нишон медиҳад: ин вазъиятест, ки дар навбати худ як қатор тағйиротро аз сар мегузаронад».

Дар замони қадим одамон дар бошишгоҳҳои саҳроӣ, бешаҳои тропикӣ ва субтропикӣ зиндагӣ мекарданд. Хӯроки онҳо асосан аз мева ва растаниҳо иборат буд. Барои муҳофизати худ аз ҳайвонҳои дарранда одамони давраи ибтидоӣ маҷбур буданд, ки аз ҷамъияти худ (гурӯҳи худ) ҷудо нагарданд. Дар ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ ҳам онҳо якҷоя амал мекарданд.

Зиндагии гурӯҳӣ одамонро маҷбур кард, ки ҳамдигарро фаҳманд, мубодилаи афкор намоянд. Аз ин ҷост, ки дар ин давра нутк пайдо шуд.

Бо мурури замон одам шикори моҳӣ ва истифодаи оташро ёд гирифт. Аз санг асбобу силоҳ месохт. Дар охирҳои давраи ваҳшоният одам тиру камонро ихтироъ мекунад. Одам акнун метавонист дар рӯзгори худ аз гӯшти паррандагон ва ҳайвонот истифода барад. Шикор бошад яке аз соҳаҳои муқаррарии меҳнат ҳисоб мешуд. Ром кардани ҳайвонот дар ҷамъияти ибтидоӣ пешрафти бузурге буд ва ҳамин боис шуд, ки дар даштҳои сералафи соҳили дарёҳо умр ба сар баранд. Чунин қабилаҳо дар соҳилҳои дарёҳои Фурот ва Даҷла, дар Осиёи Миёна бошад дар соҳилҳои Амударё ва Сирдарё зиндагӣ мекарданд.

Тавассути мушоҳида ва таҷриба инсон ба кишти ғалладона шурӯъ мекунад. Ҳамин тариқ зироаткорӣ ва чорводорӣ манбаи муҳимми ҳаёти моддии одамон гардид.

Зинаи олии инкишофи давраи ибтидоӣ гудозиши оҳан махсуб мешавад. Инсон аз асбобу олоти оҳанин истифода бурданро ёд гирифт.

Дар ин давра шумораи аҳолӣ ҳам афзуда, тӯдаҳои калон-калони одамон пайдо шуданд.

Инкишофи минбаъдаи ҷамъияти ибтидоӣ барои пайдоиши авлод имконият фароҳам овард. Ин боиси никоҳи «гурӯҳӣ» гардид, яъне мардони як авлод ба занони авлоди дигар шавҳар ва занони ин авлод ба мардони он авлод зан мешуданд. Ин ҳолат асосан дар давраи модаршоҳӣ мушоҳида мешавад. Дар ин давра нақши модар асосӣ буда, фарзандон насли модар ҳисоб мешуданд ва онҳо бо модари худ зиндагӣ мекарданд. Ин гуна оилаҳо мустаҳкам набуданд, зеро байни онҳо алоқаи иқтисодӣ вуҷуд надошт. Маҳсули меҳнати мардон дар доираи авлод мемонд ва ба зану фарзандон ягон кӯмаке намерасид. Бинобар ин никоҳҳои оилаҳои «гурӯҳӣ» мустаҳкам набошад ҳам он расман оила пиндошта мешуд.

Баробари инкишофи олоти меҳнат ва шикор нақши мардон дар ҷомеа меафзуд. Дар ҷамъият оҳиста - оҳиста падаршоҳӣ барқарор гардид.

Дар ин давра тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Муносибатҳои истеҳсолӣ тағйир ёфта, моликияти хусусӣ пайдо мешавад. Бинобар пайдоиши моликияти хусусӣ муносибатҳои

тарафайни аъзоёни чамъият низ дигаргун шуданд. Одамони бо ҳам баробари давраи ибтидоӣ ба гурӯҳҳои дорою камбизоат тақсим шуданд. Ҷамъияти синфӣ ба вуҷуд омад. Баробари пайдоиши чамъияти синфӣ шакли оила ҳам тағйир ёфт. Акнун мардҳо ба худ ҳамсар интихоб мекарданд. Ҳамин тариқ, якканикоҳӣ ба вуҷуд омад.

Оила гурӯҳи хурди одамон буда, муносибатҳои зану шавҳарӣ, фарзандӣ ва хешу табориро дар бар мегирад. Ин муносибатҳо дар асоси қоидаҳои одобу ахлоқ ба вуҷуд меоянд.

Барои ҳифзи оила, ҳуқуқи зану фарзанд қонунҳо интишор мешаванд. Қонуни ақди никоҳ муносибати зану шавҳар, ҳуқуқу вазифаҳои онҳоро ба расмият даровард.

Ҳанӯз дар давраи таназзули ҷамъияти ибтидоӣ мардҳо бо мақсади оиладор шудан духтаронро дуздида ба никоҳи худ медаровардаид. Чунин ҳодисаҳо боиси низои байни авлоду қабилаҳо мегардид. Ин низоъҳо бо роҳҳои гуногун ҳал мегардиданд.

Бо мурури замон қоидае ба амал омад, ки мувофиқи он мард ба ивази духтари дуздидааш ба волидайн маблағи муайянеро мепардохт. Бо ҳамин роҳ душмании онҳо аз байн бардошта мешуд. Ин қоида тадриҷан ба ҳукми қонун даромад, яъне ҳар марде, ки зан гирифтанӣ мешуд, ба хешу табори духтар бояд маблағи муайянеро медод. Эҳтимол, одати қалингирӣ ҳам аз ҳамин давра пайдо шуда бошад. Қоидаи пардохти қалин дар давраҳои баъдина характери диниро гирифт.

Инкишофи қувваҳои истеҳсолӣ ва иқтисодиёт муносибатҳои молиро дар оилаи падаршоҳӣ ривоҷ дод. Муносибатҳои молию пулӣ дар ҷамъият боиси воҳиди мустақили ҷамъият гардидани оила шуд. Шавҳар ҳамчун сардори оила, соҳиби моликияти оила мегардад. Зан ва фарзандон фармонбардори сардори оила мешаванд. Қоидаҳои ахлоқӣ ба вуҷуд меоянд. Хиёнати зан ба шавҳар ё шавҳар ба зан маҳкум мешуд. Духтар то ба шавҳар расиданаш бояд шарафу номуси худро нигоҳ дорад. Агар номи духтар ба сабукрафторӣ барояд ҷомеа ӯро маҳкум мекард ва ба шавҳар баромаданаш душвор мегашт.

Чунин қоидаҳои ахлоқии аҷдодон дар замони мо ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. Поктинатӣ, хушахлоқӣ, нигоҳ доштани номи нек, шарафу номус дар ҳама замон хислатҳои беҳтарини инсонӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, дар тӯли чандин ҳазорсолаҳо ҷамъияти инсонӣ аз зинаи ваҳшоният ба дараҷаи тамаддун расид. Тамоми инсоният, аз он ҷумла халқи тоҷик ҳам ин зинаҳоро аз сар гузаронидааст. Шаклҳои оила ва оиладорӣ такмил ёфтанд. Бо пешрафти сохти ҷамъиятӣ шаклҳои нави муносибатҳои оилавӣ, никоҳ ва оиладорӣ низ тағйир ёфт.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Чаро одами ибтидоӣ аз гурӯҳ ҷудо намешуд?
2. Тӯдаи одамони ибтидоӣ аз рамаи ҳайвонот чӣ фарқ дошт?
3. Мақоми меҳнат дар ташаккули одам аз чӣ иборат аст?
4. Ақидаи «меҳнат одамро офарид»-ро чӣ тавр мефаҳмед?

## §2. АЗ ТАЪРИХИ ОИЛАДОРИИ ТОҶИКОН

Осиёи Миёна яке аз қадимтарин кишварҳоест, ки дар сарзамини он ҷамъияти инсонӣ ба вуҷуд омадааст. Инкишофи маданият дар ин сарзамин таърихи чандинҳазорсоларо дар бар мегирад. Дар арафаи истилои арабҳо ва ҷорӣ гаштани дини ислом дар Осиёи Миёна мардумони ин кишвар, аз он ҷумла тоҷикон сохти ҷамъияти ибтидоӣ ва ғуломдориро аз сар гузаронида, ба ҷамъияти феодалӣ қадам гузошта буданд.

Дар он давра барои ҳамаи мардумони Осиёи Миёна дини умумӣ вуҷуд надошт. Динҳое, ки аз дигар мамлакатҳо ба кишвари мо ворид гаштаанд (дини буддоӣ, насронӣ) ба мақоми умумӣ сазовор нагардиданд. Бештар аҷдодони мо ба дини зардуштӣ (парастиши оташ) эътиқод доштанд. Пеш аз паҳн гардидани дини ислом дар Осиёи Миёна, махсусан, дар Хоразм, Истаравшан, водии Зарафшон ва Қашқадарё таълимоти зардуштӣ васеъ паҳн гардида буд, ки мардум онро эътироф мекарданд. Дар Тахористон (қисми ҷанубии Тоҷикистони имрӯза ва шимоли Афғонистон) бошад, қисман дини буддоӣ паҳн гашта буд.

Дар бораи тарзи оиладории тоҷикон дар аҳди қадим то замони мо маълумоти дақиқе нарасидааст. Аз рӯи осори таърихии баъдина маълум мегардад, ки занҳо баробари мардон дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок мекарданд. Масалан, таърихшиноси Юнони қадим Ҳеродот дар бораи малика Томирис нақл мекунад, ки вай сарлашкари моҳире буда, бо роҳбарии ӯ қабилаи массагетҳо ба муқобили ҳахоманишҳо баҳри истиқлолияти Осиёи Миёна мубориза бурда, ба онҳо шикаст медиҳанд. Аз таърихшиноси

давраи кадим Ктесий ба мо ривояте расидааст, ки гӯё шоҳи сакоиҳо Аморге ба дасти лашкари шоҳи Эрон Куруш асир афтод. Ҳамсари Аморге Сфарейтра аз 300 ҳазор мард ва 200 хазор зан лашкар ташкил карда ба мубориза бархостааст. Оқибат ба лашкари Куруш ғалаба карда, шавҳарашро аз асирӣ озод мекунад.

Дар асарҳои таърихшиносони Юнони қадим омадааст, ки дар Осиёи Миёна занҳо баробари мардон санъати ҳарбиро меомӯхтанд, онҳо чавандозон (аспсаворон) ва камонандозони моҳир буданд. Мувофиқи маълумоти Элиан қабилаҳои сакоиҳои Осиёи Миёна анъанае доштанд, ки мувофиқи он номзадҳо (арӯсу домод) пеш аз издивоҷ бояд қувваозмоӣ мекарданд. Агар домод ба арӯсшавандаи худ ғалаба кунад, ҳуқуқ доштааст, ки ӯро ба занӣ бигирад.

Чунин маълумотҳои таърихшиносон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар замонҳои қадим ҳуқуқи зану мард баробар буд, занҳо дар корҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ фаъолона ширкат меварзиданд. Хонадоршавӣ ҳам бо розигии тарафайн сурат мегирифтааст.

Асноде, ки соли 1933 дар кӯҳи Муғ (ноҳияи Айнӣ) дастрас гардид, ин фикрро тасдиқ мекунад. Дар байни аснод қарордоди ақди никоҳи суғдиён Дугдонча бо Утегин дар бораи ташкили оила (пеш аз ислом) маълумоти дақиқе мавҷуд аст. Мазмуни мухтасари ин санад он аст, ки Дугдонча бо Утегин бо розигии тарафайн издивоҷ мекунанд. Мувофиқи қарордод Утегин бояд занаш Дугдончаро дӯст дорад ва эхтиром кунад, ӯро бо сарулибос, хӯрок таъмин намояд. Дугдонча ҳам қавл медиҳад, ки шавҳарашро дӯст дошта, иззату ҳурмат мекунад.

Зан низ ҳуқуқ доштааст, ки бо ташаббуси худ аз шавҳараш ҷудо шавад. Агар шавҳар занашро талоқ кунад, вай бояд сарулибос, хӯрок ва анҷоми бо худ овардаашро ба ӯ бидиҳад.

Агар зан аз шавҳар ҷудо шуданӣ бошад, вай бояд қарордоди худро ба мард бигӯяд ва анҷомашро гирифта аз хонаи шавҳар биравад. Маълум мегардад, ки дар масъалаи ҳуқуқи зану мард аҷдодони мо аз рӯи адлу инсоф амал мекардаанд.

Ин ҳолат то замони истилои Осиёи Миёна аз тарафи арабҳо ва паҳн гаштани дини ислом вуҷуд дошт.

Дини ислом дар ибтидои асри VII дар нимҷазираи Арабистон (ҳозира Арабистони Саудӣ) пайдо шуда, сипас аз он ҷо ба кишварҳои дигар: Эрон, Афғонистон, Осиёи Миёна ва аз он ҷумла дар Тоҷикистон низ паҳн гардидааст. Паҳншавии он аз

солҳои 40-уми асри VII (аз Эрон) шурӯъ шуда, то охирҳои солҳои 30-уми асри VIII дар сарзамини тоҷикон ба анҷом расидааст. Дар ин миён ҳарбузарбҳои бисёр ва ниҳоят хунин рух дода, миқдори бешумори одамон кушта ва ё асиру ғулом гардидаанд. Аввалҳо ҳама чун ба душманони хориҷӣ ба лашкари араб муқобилият мекарданд. Дар тамоми Эрон ва Осиёи Миёна аҳолӣ динҳои суннатӣ ва урфу одатҳои анъанавии худро доштанд. Барои аз даст надодани онҳо мубориза мебурданд. Дар асл он динҳо ва анъанаҳо аз дини ислом ҳеҷ камӣ ва бадӣ надоштанд. Масалан, дар дини миллии форсу тоҷикҳо - зардуштия принсипҳои зерин ҷой дошт: нуру рушноӣ, гармӣ, оташ, офтоб тимсолҳои худованди бузург Аҳурамаздо ҳисоб мешуданд ва мавриди парастиш қарор мегирифтанд. Ин парастиш характери на танҳо динӣ, балки табиӣ (натуралистӣ) низ дошт. Онҳо ҳақиқатан падидаҳои худи табиат буданд ва ба табиат: замин, зиндагӣ, деҳқонӣ, чорводорӣ пайвастагӣ доштанд. Чизи аз ҳама муқаддас дар оила оташ ва оташдон буд. Соҳиби он зан – модар дониста мешуд. Зиндагӣ, ҳаракат (баръакси беҳаракатӣ ва карахтӣ), сабзиш (наботот), парвариш (ҳайвонот), таваллуд (фарзанд) ва тарбияи он бо роҳи нек (хайр) шарти диндорӣ ва ибодат ҳисоб мешуд. Оташ қувваи гармкунанда, нурдиҳанда (чароғ), сӯзанда (поккунандаи мурдорҳо) ва дигар ҷиҳатҳои нек ба шумор мерафт. Шиори онҳо: Пиндори Нек, Гуфтори Нек, Кирдори Нек буд.

Вале дини ислом ба зӯрӣ ва «зорӣ» (дар аввал ба касе, ки онро ихтиёран қабул мекард, инъомҳо медоданд) ҷорӣ гардида, ҷои зардуштия ва таомулҳои онро гирифт. Сабабҳои ғалаба кардани ислом гуногунанд. Лашкари араб, ки паҳнкунандаи ислом буд, таҳти таъсири як идеология, роҳбарии як кас (пайғамбар, ки аз номи худои яккаву ягона –Оллоҳ баромад мекард ва баъди ӯ халифа, ки ҷонишини пайғамбар ва «сояи худо» ҳисоб мешуд) ва муттаҳидӣ дар як давлати мутамарказ амал мекард. Ин ҷиҳатҳо дар мардумони дигар, аз ҷумла тоҷикон набуд. Дар ҷараёни ҷиҳодҳои мусулмонӣ (газавот) на танҳо воситаҳои ҳарбӣ, балки чораҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ ба таври васеъ истифода мешуд.

Яке аз хусусиятҳои ба оила хоси ислом ҳамин аст, ки ҳукмронии муносибатҳои «падаршоҳӣ»-ро дар оила ҷорӣ намудааст. Масалан, Оллоҳ дар як маъно тимсоли падар дар оила аст. Ҳарчанд ки зану фарзанд надорад, ҳукмаш мисли ҳукми падар

аст, ки худованди оила ҳисоб мешавад. Дар давраи ҷангҳои мусулмонӣ заму духтарҳои бешумор асиру ғулом карда мешуданд. Онҳоро дар байни ҷанговарон ва бештар сарлашкарон чун мол тақсим мекарданд, ки дар амал канизу ҳамхобаи мардҳо мешуданд. Қисме аз мардҳо дар ҷангҳои ғазавотӣ нобуд шуда, занҳои онҳо низ бешавҳар мемонданд. Зиндаҳо зани дуюм, сеюм ва ё чорум мегирифтанд. Ин роҳе буд ба сӯи бисёрзанӣ.

Хуллас, он муносибатҳои оилавӣ, ки дар байни арабҳо – мусулмонҳо пайдо ва шакл гирифт, дар навбати худ дар байни мусулмонҳои дигар, аз ҷумла тоҷикон низ паҳн гардид. Аҷиб он аст, ки урфу одатҳои зери пардаи мусулмонӣ воридгашта на ҳамчун чизҳои муқаррарӣ, рӯизаминӣ, балки чун зуҳуроти «муқаддас»-и осмонӣ – илоҳӣ пиндошта мешуд, ки расмию суннатӣ ва характери ҳатмӣ, фарзию қарзӣ доштанд. Ф. Энгелс ҳамин хусусиятро ба назар гирифта навишта буд: «Мавҷудияти канизакони ҷавону зебо, ки пурра дар ихтиёри мард буданд, ба моногамия аз аввал характери махсус дода, онро танҳо барои зан моногамия карда буд». Яъне зан бо як мард, мард бо занҳои бисёр ва маъшуқаҳояш айшу ишрат менамуд.

Бояд қайд шавад, ки ин амал на ба ҳамаи мардон дастрас буд. Гарчанде дини ислом ба мардон гирифтани чор занро иҷозат медиҳад, на ҳамаи мардон аз ин ҳуқуқ истифода карда метавонистанд. Марди заҳматкаш, ки бо ранҷи дастони хеш рӯзии худро пайдо мекард, барои гирифтани як зан чанд соли умри худро зоеъ мекард ва дар бораи гирифтани зани дуюм андеша ҳам намекард.

Бисёрзанӣ, одатан дар табақаҳои аъёну ашроф ва сарватмандон одат гашта буд, ки ин нишонаи бадахлоқӣ, шаҳватпарастии табақаҳои сарватманд мебошад.

Табиист, ки дар чунин шакли издивоҷ хоҳиши мард ба инобат гирифта мешуд. Занон дар чунин оилаҳо бадбахт буданд. Мардон дар кори оила ва тарбияи фарзандон саҳме надоштанд. Мутафаккирони тараққипарвари ҷаҳони исломӣ ба ин одати зишт муқобил буданд ва бар зидди он тарғибот мебурданд.

Баъзе хусусиятҳои таълимоту муқаррароти исломиро дар бораи мавқеи марду зан дар оила аз назар мегузаронем. Мард мавқеи хос дорад. Ин ҳолат на танҳо ба сифатҳои табиии хоси мард (қудрат, зӯрӣ, бардамӣ ва ғ.) вобаста буд, балки ба хусусиятҳои динӣ робитаи қавӣ дошт. Масалан, Қуръон таълим

медиҳад, ки мардҳо ба тарики мастур (пӯшида) ба худо ҳамзоту ҳамсифат мегарданд. Аз ҷумла гуфта мешавад, ки худо (аз рӯи баъзе оятҳо чун «нури осмону замин) муродифи рӯх (рӯҳи мукаддас) ҳисоб мешавад. Одамро аз гил сохта аз худ рӯх (ҷон) дамондааст. Занро бошад, худо аз қабурғаи одами рӯҳдамонда (ҷондор) сохтааст. Яъне, аз ҷиҳати офариниш мард аз худо ва зан аз мард ба вуҷуд омадааст. Мард бошад, аз ҷиҳати ҳастӣ ва вуҷудӣ аз худо мебошад, рӯҳан бо худо пайвастааст ва ба сӯи худ бозгашт дорад – «Илайҳи масир». Зан ба воситаи мард ба худо наздик мешавад.

Хуллас, зан чӣ дар ҷамъият ва чӣ дар оила аз рӯи таълимоти ислом ҳуқуқҳои маҳдуд (дар мавриди тақсими мерос, шоҳидӣ додан ва ғ.) дорад. Дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ зан аз мард паст ва баъд аз марг ҳам як зина поён меистад. Яъне, ба туфайли садоқату хидматаш ба мард ва адои фарзу қарзҳои мусулмонӣ таҳти назорату роҳбарии мард ба биҳишт роҳ меёбад. Аз ин ҷост, ки мегӯянд: биҳишти зан дар кафи пои мард аст. Умуман, аз рӯи таълимоти Қуръон зан чун мазраъа (зироатгоҳ, замини зироатӣ) -и мард ҳисоб мешавад. Албатта, ин ғайр аз паст задани нақши зан чизи дигаре нест. Агар зан замину мард деҳқон бошад, албатта замини хубу ҳосилхезро дӯст медорад. Барои ҳамин аст, ки зани чун хӯшаи сердон сархаму хоксор ва хоҷагидор –тимсоли зани мақбулу маҳбуб дониста мешавад. Ин чиз дар муносибатҳои оилавӣ ҷиҳатҳои хуб ва ҳам бад дорад. Як ҷиҳати нохуб ин аст, ки зан тадриҷан ғайрифаъолу побанди хона ва мард гашта, оқибат танҳо мард озоду «бозоргард» мешавад. Дар ниҳояти кор ҳамон нобаробарии марду зан дар оила пайдо шуда, сабаби нохушиҳои оилавӣ мегардад, ки оқибат оиларо вайрон карда метавонад.

Аз рӯи қоидаи мусулмонӣ зан бояд рӯйпӯшида, хонашин, ҳарамнишин бошад. Ин одат бевосита аз таълимоти Қуръон сар задааст. Масалан, дар он аз номи худо чунин меояд: «Эй паёмбар, бигӯ занҳои худро ва духтарони худро ва занони мӯъминонро, ки фурӯ пӯшанд бар худ аз чодарҳошон. Он беҳтар аст, аз он ки шинохта шаванд ва ранҷонида шаванд» (сураи 33, ояти 60). Сабаби воқеии ин таълимот дар он аст, ки дар аввал паёмбар ва гурӯҳҳои хурди мусулмонҳо душмани бисёр доштанд. Онҳо мусулмонҳо ва хусусан занҳоро таҳқир мекарданд. Чора ҳамин буд, ки занҳо ва духтарон чодар бигиранд, рӯй пӯшанд, то шинохта ва таҳқир нашаванд. Ҷиҳати дигари масъала низ вуҷуд дорад. Дар воқеъ аз

рӯи тадқиқотҳои илмӣ ва таҷрибаи худи инсон маълум мегардад, ки аз дидани мард занро (ва ё баръакс) шаҳват бедор мешавад, ақлро тира месозад ва ниҳоят ба ҳаракатҳои ноҷо ва кирдорҳои носазо равон мекунад. Т. М. Афанасева бисёр оқилона ва одилона навиштааст: «Дар ҳолате ки зан аз тахти назорати оилавӣ баромада ба рақобатҳои шадид дучор мегардад, оё ҳайратовар аст, ки чунин «далел»-и занонаи афзалият, ба монанди ҳусн, барнойӣ, шаҳватангезӣ нақши муайяне мебозанд? Ҷолиби қайд аст, ки вақтҳои охир дар фирмаҳои японӣ ва америкоӣ занҳо вазифадоранд сару либоси якхела пӯшанд, то мардҳои ҳамкорашонро ба худ ҷалбу аз кор фориғ насозанд ва боз ҳасадро миёни якдигар ба вуҷуд наоваранд».

Албатта, аз ин гуфтаҳо чунин хулоса барнамеояд, ки ба тарзи мусулмонӣ - рӯйпӯшӣ, хонашинӣ, ҳарамшинӣ дар ҳавлиҳои ҷудогона (даруну берун) ва дар мактабҳои алоҳида (бо муаллимаҳо ва бибихалифаҳо), дар корхонаҳои алоҳида таҳсилу кор, зиндагӣ кардани духтарону занҳо тамоман дуруст бошад. Чораи ягона ин нест. Чунин талаботи қатъӣ зарарҳои дигар низ дорад. Ҷаҳони инсон аз ду фалак ё паҳлӯ иборат аст: ваҳдати ду ҷинс (мард, зан). Онҳо аз якдигар қатъиян ҷудо буда наметавонанд. Дар ҳақиқат зан қуввати мард (ва баръакс) мебошад ва бинобар ин онҳо ҳамеша бояд паҳлӯи ҳам бошанд. Вале муносибатҳои тарафайн бояд бо роҳҳои комил танзим карда шаванд. Дар ҳар сурат пеши роҳи хурӯҷи бемавриди ҳирсу шаҳват ва истифодаи воситаҳои номақбули барангезиши онро гирифтан зарур аст.

Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки дар Қуръон дуруст омадааст, ки рӯйпӯшӣ як омили пешгирии барангезандагии ҳиссиёти шаҳвонӣ аст. Аммо рӯйпӯшӣ ва ҳарамнишиниро аз ҳад гузаронидаанд, ки чандон қобили қабул нест. Каломи шариф занро вазифадор месозад, ки новобаста аз кирдору гуфтор ва айбу гуноҳи шавҳараш чун қарзи мусулмонӣ худро аз ҳар гуна каҷравӣ нигоҳ дорад, нисбат ба шавҳар вафодору покдоман бошад, хусусан дар вақти набудани онҳо: «Пас некзанон парасторонанд ва нигоҳ доранд худро дар вақти ҳозир набудани шавҳар» (сураи 4, ояти 38).

Умуман, дини ислом зиноро (алоқаи ҷинсии ғайри никоҳи расмӣ) қатъиян маҳкум месозад ва ин амал гуноҳи азим дониста мешавад. Агар мард ё зан ба ин гуноҳ гирифтор мегардид, шариат сангсор кардани онҳоро ҳукм мекард. Дар «Наҷх-ул-ҳидоя» дар боби зино аз забони Расули акрам гуфта шудааст: «Эй уммати

ман, савганд ба худованд ҳеҷ чиз палидтар аз зино дар назари худованд нест». Дини ислом бо ҳамин роҳ одамонро аз бадрафторӣ нигаҳ дошта, устувории ахлоқ ва оиларо тарғиб менамуд.

Гузаштагони мо дар ҳар давру замон фосиқону зинокоронро маҳкум сохтаанд. Камолиддин Биноӣ ашхосеро, ки ба бадрафторӣ машғул шуда, шарафи оиларо паст мекунанд, сахт маҳкум карда талаб мекунад, ки ба ин роҳи бад қадам нагузоранд. Шоир дар достони «Беҳрӯзу Баҳром» дар боби зино гуфтааст:

Эй бародар, қадам манеҳ ба зино!
Дину дунёи худ мадеҳ ба фано...
Покдоман чу ғунчаи гул бош,
Қонеъ аз диданӣ, чу булбул бош.
Майли тардоманӣ макун чу саҳоб!
К-ин амал аз рухи ту резад об.

Ба ҳар ҳол Қуръон роҳи фармонфармоиро бар занҳо назар ба панду насиҳат авлотар мешуморад ва таъкид мекунад: «Фармон равонед бар занон ба он чӣ афзунӣ дода худо баъзеро ба баъзе. Ва он занонеро, ки метарсед аз нофармонии эшон, пас панд диҳед онҳоро ва дурӣ кунед аз онҳо дар хобгоҳҳо ва бизанедашон пас агар фармон баранд шуморо, пас маҷӯед бароящон роҳи озорӣ» (сураи 4, ояти 38).

Боқимондаи ин фармудаҳои Қуръон ҳоло ҳам дар баъзе муносибатҳои марду зан дида мешавад. Баъзе мардҳо мекӯшанд, ки бе дахолат ва ё маслиҳати зан масъалаҳои оилавиро худ ҳал кунанд.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Кадом хусусиятҳои оилаи падаршоҳӣ дар оилаҳои имрӯзаи тоҷикон мушоҳида мешаванд?
2. Дар кадом асарҳо симои зани давраи тоисломӣ тасвир ёфтаанд?
3. Ақидаи Шумо дар бораи рӯйпӯшии занон чӣ гуна аст?
4. Оё фармудаҳои дини ислом дар бораи оила ба Шумо маъқул аст?

## §3. ОИЛА ДАР ДАВРОНИ МО

Садсолаҳо дар ҷараёни ҳаёти маишӣ, меҳнатӣ ва оилавии инсон таҷрибаи пуркимате ҳосил гардидааст, ки истифодаи онҳо дар соҳаи тарбияи тафаккуру ҳиссиёти насли наврас аҳамияти бузург дорад. Насли ҷавон маданияти маънавии насли калонсолро

қабул мекунад, ки он ба ташаккули характер, муносибат ба муҳити зист, аз ҷумла ба муносибати оилавӣ таъсири бузург мерасонад.

Оила — мураббии аввалин, раҳнамои ҳаёт, асосгузори феълу атвори ояндаи ҳар як наврас мебошад. Дар оила шахс тарбия ёфта, меъёрҳои ахлоқиро аз худ мекунад ва ба ҳаёти мустақил омода мегардад ва ба камол мерасад.

Баъзе одату анъанаҳо, аз қабили муносибати тарафайн, эҳтироми калонсолон ва тайёр кардани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, меҳмоннавозӣ ва ғ., аз замонҳои қадим ба мо мерос мондаанд. Баъзе одату анъанаҳо дар одобу ахлоқи ҷамъиятӣ ва ҳаёти оилавӣ инъикос ёфтаанд.

Хусусияти хоси оилаи тоинқилобии тоҷик аз он иборат буд, ки дар оила сардор (одатан падар) ҳукмфармоӣ мекард. Муносибати падаршоҳӣ нисбат ба оила ҳуқуқи занро вобаста ба ҷаҳонбинии мусулмонӣ паст мезанад ва аз ҳар гуна ҳуқуқ маҳрум мегардонад. Сарвари оила падар ҳисоб меёфт ва тамоми оила вазифадор буданд, ки ба вай итоат кунанд.

Аз ин рӯ, сардори оила тамоми масъалаҳо ва тақдири аъзоёни оиларо ба зиммаи худ мегирифт ва ҳама мебоист ба вай итоат кунанд ва супоришҳои ӯро ба ҷо оваранд. Бо падар баҳсу мунозира кардан манъ буд. Зан бояд ба фикри шавҳар ҳатман гӯш кунад, тамоми фармонҳои вайро ба ҷо орад. Албатта, оилаҳое ҳам буданд, ки ҳамдигарро дӯст медоштанд, вале онҳо наметавонистанд чунин ҳиссиёти худро дар назди шахси бегона рӯирост изҳор намоянд. Ин аз рӯи одоб набуд.

Пас аз ғалабаи инқилоб дар муносибати оилавии собиқ халқҳои Шӯравӣ дигаргуниҳои куллӣ ба миён омад.

Ҳукумат мустаҳкаму пойдор гардидани оиларо яке аз вазифаҳои муҳиму таъхирнопазири худ ҳисоб карда, барои ҳалли он тамоми чораҳои имконпазирро медид. Қарори ҳукумат «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр намудани ёрии давлат ба оилаҳои серфарзанд» шаҳодати ғамхории доимӣ дар бораи мустаҳкам намудани оила, беҳтар шудани шароити моддию маишии он ва дуруст ба роҳ мондани тарбияи насли наврас мебошад.

Оилаи навташкили имрӯза аксар дар асоси муҳаббати тарафайн ба вуҷуд меояд. Муносибати зану шавҳар дар асоси баробарҳуқуқии пурра ба роҳ монда мешавад. Муносибати зану шавҳар, дигар аъзоёни калонсоли оила ва фарзандон дар асоси иззату эҳтиром, самимият ва ғамхору дилсӯз будан ба ҳамдигар

ташаккул меёбад. Байни зану шавҳар бояд муҳаббат, ғамхорӣ, хайрхоҳӣ мавҷуд бошад.

Чун анъанаи қадимаи тоҷикон, одатан арӯси ҷавон ба хонаи домод оварда мешавад ва оилаи навбунёд ҳамроҳи падару модари домод зиндагӣ мекунанд. Дар Тоҷикистон ҳоло ҳам оилаҳое дучор меоянд, ки 2-3 бародари оиладор якҷоя ҳамроҳи падару модар зиндагӣ мекунанд.

Мувофиқи анъана, дар оилаҳои калон шахси мӯҳтараму калонсол сарвари оила дониста мешавад. Оилаҳое дучор меоянд, ки дар он се насл, яъне падар бо фарзанду наберахояш аҳлона зиндагӣ мекунанд. Чунин оилаҳо дар мо ҳанӯз бисёр дучор меоянд. Одатан падару модари пиронсол пас аз хонадор кардан барои фарзандон хона сохта, онҳоро аз худ ҷудо мекунанд ва худ ҳамроҳи писари хурдию арӯси ӯ умр ба сар мебаранд.

Мувофиқи анъанаҳои қадима ва одобу ахлоқи ҳамида гарчанде падар пир аст ва ба коре шуғл надорад, вале ӯро ҳамчун бузургвор сарвари оила медонанд. Писар, ки худ акнун соҳиби фарзандони бисёр аст, иззату эҳтироми падари пирро ба ҷо меорад ва дар ҳар кор аз ӯ маслиҳат ё розигӣ мепурсад.

Чӣ тавре Аҳмади Дониш фармудааст:

Солҳо бар ту бигзарад, ки гоҳе,
Накунӣ ёди турбати падарат.
Ту ба ҷои падар чӣ кардӣ хайр?
Ки ҳамон чашмдорӣ аз писарат.

Агар дар оилаи калон танҳо модари пир саломат бошад, сардори оила писари калонии хона дониста мешавад, аммо ба ҷо овардани иззату эҳтироми модар барои писарон, арӯсон ва набераҳо қарзи инсонӣ аст. Бештар вақт дар оилаҳои тоҷикон муносибати арӯс бо модарарӯс боварибахшу солим аст, ки ин ба аъзоёни хурди оила ва фарзандон таъсири хуб мебахшад.

Ҳарчанд аз рӯи анъана падар сарвари оила ҳисоб шавад ҳам дар оилаҳои ҳозиразамон масъалаҳои оилавиро бе маслиҳати мӯйсафедон мустақилона ҳал намекунанд. Тамоми корҳои ба оила ва аъзоёни он дахлдошта якҷоя дар шӯрои оилавӣ ҳал мегарданд.

Ҳамин тавр, бештари оилаҳои тоҷикон анъанаҳои неки оилавиро нигоҳ дошта, аз рӯи он амал мекунанд. Пирони рӯзгордида аз пасту баландиҳои ҳаёт гузашта, талхию ширинии

ҳаётро чашидаанд. Таҷрибаи бои ҳаётии онҳо имкон медиҳад, ки дар лаҳзаҳои мушкили зандагӣ маслиҳатҳои нек диҳанд.

Шайх Саъдӣ дар ин бора гуфтааст:

Хирадманд бошад ҷаҳондида мард,
Ки бисёр гарм озмудасту сард.

Вале шумораи чунин оилаҳое, ки якчанд фарзандони оиладор ҳамроҳи падару модар зиндагӣ мекунанд дар замони мо кам мешаванд. Агар дар оила якчанд писар бошанд, падару модар баъд аз хонадор кардан, фарзанди оиладорро ҷудо мекунанд ва ба зиндагии мустақилона дуо медиҳанд.

Оилаҳои ҷавон ҳарчанд аз волидон ҷудо зиндагӣ кунанд ҳам зуд-зуд ба дидорбинии онҳо омада, эҳтиромашонро ба ҷо меоранд, ба рӯзгори онҳо аз ҳар ҷиҳат кӯмак мерасонанд ва сазовори дуои неки падару модар мегарданд.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Дар мавзӯи «Оилаи мо» иншо нависед.
2. Кадом гуфтаҳои классикони адабиёти тоҷикро оид ба эҳтироми волидон медонед? Мисол оред.
3. Ба ақидаи шумо ҷиҳатҳои мусбат ва манфии оилаҳои калон дар чист?
4. Оё хонадони шумо калон аст? Дар он чанд оила (бародарон) якҷоя зиндагӣ мекунанд? Ҷиҳатҳои мусбат ва манфии ин тарзи зиндагиро шарҳ диҳед.
5. Агар шумо оиладор шавед алоҳида зиндагӣ кардан мехоҳед ё бо падару модар?

# БОБИ II
# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ ОИЛА

## §4. ТАШКИЛИ ОИЛА — ТАЛАБОТИ БИОЛОГӢ ВА ИҶТИМОИИ ИНСОН

Ба кадом ҷинс мутааллиқ будани тифл аз рӯзи таваллуд маълум аст. Аз ин рӯ, дар дигар узвҳои кӯдак фарқиятеро намебинем, ӯ бо суръат инкишоф меёбад, калон мешавад. Одатан кӯдак дар яксолагӣ роҳгардон мешавад.

Ба ақидаи мутахассисон кӯдак дар синни 2-3 солагӣ ҷинсияти худро маълум карда, дар 4-5 солагӣ мансубияти ҷинсӣ устувор мешавад ва он мувофиқи ҷинсияти худ рафтор мекунад, аммо дар бозию машғулиятҳо ба ҷинсият аҳамият намедиҳад. Духтарчаю писарчаҳо бо ҳамдигар ба осонӣ забон меёбанд ва бо якдигар зуд унс мегиранд.

Марҳилаи аввали такомули системаи ҷинсии кӯдак синни 7-9-солагиро фаро мегирад. Ин давраи инкишофи ғайриҷинсӣ номида мешавад, чунки нишондиҳандаҳои асосии ҳолати функсионалии ҳормонҳои ҷинсии духтарбачаю писарбачаҳо ҳеҷ фарқе надоранд. Аломатҳои инкишофи ҷисмонии кӯдакон возеҳ ба назар мерасанд. Кӯдакон дар ин синну сол серҳаракат, беқарор мебошанд. Инкишофи устухону мушакҳо аён мегардад.

Дар 7-8-солагӣ муносибату рафтори духтару писарҳо тағйир меёбад. Кӯдак рафтору амали худро ба ҷинсияти худ мутобиқ месозад. Дар рафтору амали онҳо нисбат ба якдигар шарму ҳаё падидор мегардад. Давраи инкишофи ғайриҷинсӣ дар ҳамин синну сол ба охир расида, болиғшавии ҷинсӣ оғоз меёбад.

Камолоти ҷинсии духтарону писарон як хел инкишоф намеёбанд. Камолоти ҷинсии занон нисбат ба мардон аз 1 то 3 сол барвақттар ташаккул меёбад.

Писарон дар синни 10-12-солагӣ бо суръат инкишоф ёфта, ҷисман боқувват мегарданд, устухону мушакҳо инкишоф меёбанд. Дар ин синну сол писарбачаҳоро ҳаваси «ҳамадонӣ» пайдо мешавад, ба варзиш машғул мешаванд. Бачаҳо ба рафтори калонсолон пеш аз ҳама ба мардҳое, ки ба онҳо маъқуланд тақлид мекунанд. Онҳо худро мард ҳис мекунанд, аз духтарон худро дур

мегиранд, бо онҳо дигар бозӣ намекунанд. Дар 13-16-солагӣ, ки давраи аввали балоғат аст, овози бачаҳо тағйир ёфта, ғафс ё паст мегардад, мушакҳо, қаду қомат инкишоф меёбад. Нишонаҳои аввали балоғат хувайдо мегардад, дар рӯй ва бадан мӯй мебарояд. Ба бачаҳои ин синну сол асабоният, якравию беандешагӣ хос аст. Нисбат ба духтарон таваҷҷӯҳи онҳо зиёд мегардад, майли бо онҳо дӯстӣ кардан пайдо мешавад. Ин давраи гузариш, яъне аз кӯдакӣ ба ҷавонӣ қадам гузоштан аст. Дар ин давра ҷавони наврас аллакай ба амали ҷимоъ қобил аст, узвҳои ҷинсии вай ба давраи аввали балоғат расидаанд, аммо тақвият наёфтаанд.

Давраи дуюми балоғат аз 17-солагӣ шурӯъ шуда, гоҳо то 22-25 солагӣ идома меёбад. Дар ин синну сол узвҳои ҷинсӣ пурра такмил меёбанд, амалу рафтори мардона пайдо мешаванд. Масъалаҳои пешомадаро мустақил ҳал карда метавонанд. Ҷавонон ошиқ мешаванд, майлу рағбати онҳо нисбат ба духтарон зиёд мегардад. Ин давра, давраи охирини балоғати ҷинсӣ мебошад, яъне ҷавон аз ҷиҳати ҷинсӣ ва ҷисмонӣ ба ҳаёти оилавӣ омода гаштааст.

Синни 9-11 солагӣ барои духтарон давраи пешазболиғӣ мебошад. Дар ин давра узвҳои ҷинсии духтарон босуръат такмил ёфта, ҷисман инкишоф меёбанд. Дар ин синну сол духтарон худро аз писарон дур мегиранд, чун пештара бо писарон бозӣ намекунанд. Духтарон ба давраи аввали балоғат қадам мегузоранд. Ин давра 12-14 солагиро фаро мегирад. Духтарон дар ин синну сол ҷисман бақувват шуда, мушакҳои баданашон инкишоф меёбад, дар онҳо нишона ва хислатҳои занона зоҳир мегардад ва ниҳоят ҳайзи (одати ҳармоҳа) аввалин оғоз меёбад. Ҳайзи аввал нишонаи оғози балоғати ҷинсӣ мебошад, дар айни ҳол инкишофи узвҳои ҷинсӣ идома меёбад. Дар ин синну сол рафтори духтарон тағйир ёфта, онҳо ба ороиши рӯй, мӯи сар ва либос диққати махсус зоҳир мекунанд. Таваҷҷӯҳашон ба бачаҳо зиёд мегардад. Дар рафторашон асабоният, ноустувории хулқ, хаёлпарастӣ эҳсос мешавад.

Бо ҳайзи аввал давраи тифлии духтар хотима ёфта, қобилияти обистании ӯ фаро мерасад, аммо аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ ҳанӯз ба модар шудан онҳо омода нестанд.

Давраи дуюми балоғат синни 15-17 солагиро фаро мегирад. Дар ин давра инкишофи узвҳои ҷинсӣ ба анҷом мерасад. Қаду қомат, ҷусса ва зоҳири ба занҳо хос ташаккул меёбад ва духтарон

ба давраи балоғати ҷинсӣ қадам мегузоранд, яъне духтар ба модар шудан омода аст.

Фаросиии синни балоғат ба ҳар ду ҷинс, ҳам марду ҳам зан, боиси алоқаи ҷинсӣ мегардад. Ин нишонаи он аст, ки ҳам мард, ҳам зан ба ҳаёти оилавӣ ва тавлиду тарбияи фарзанд омодаанд.

Талаботи дигаре, ки ҷавононро ба оиладоршавӣ водор мекунад, ин талаботи иҷтимоӣ мебошад, ки дар пояи ахлоқӣ асос ёфтааст. Фарқияти инсон аз ҳайвон дар он зуҳур меёбад, ки инсон ҳар як амалу рафторашро ба ақл тобеъ месозад ва аз талаботи ахлоқие, ки дар ҷомеа муайян гардидааст, берун намебарояд. Дар ин бобат мутафаккири асри IX Закариёи Розӣ фармудааст: « Инсон боистӣ, ки баръакси ба шаҳвати латифи пинҳонӣ қаноат карда, онро муҳофизат намояд, то ки латифию зебоии ин амр нигоҳ дошта шавад. Пас, онҳое, ки такя бар ақл доранд, воҷибаст, ки аз ҳад зиёд бо шаҳват кордор нашаванд. Ба ин амал зиёдравӣ накарда, ба азобу норасоии он тоқат кунанд ва барои зиёд аз даст додани он дар ҳасрат намонанд ва хурсанду розӣ бошанд».

Марду зан бояд амири нафси шаҳвонии худ бошанд ва то замони оиладоршавӣ аз алоқаҳои берабти ҷинсӣ худдорӣ намоянд, чунки чунин амал сабаби бешарафӣ мегардад.

Ташкили оила беҳтарин роҳи таъмини талаботи ҷисмонӣ ва маънавии инсон мебошад. Тавре қайд шуд, табиат писару духтар, марду занро чун воҳид офаридааст. Бинобар ин, маҳз ба туфайли якҷояги он «пуррагӣ» ба вуҷуд омада, талаботи табиӣ ва иҷтимоӣ ба ҷо оварда мешавад. Пас онҳое, ки оила ташкил медиҳанд ба оқибати он бояд масъул бошанд ва аз ӯҳдаи «вазифаҳои» табиии зану шавҳар ба хубӣ бароянд. Аз ҷиҳати ахлоқ ба ин кори басо муҳим ва пуршарафи инсонӣ омода бошанд.

Зану шавҳар бояд хуб дарк кунанд ва ба он омода бошанд, ки кори бисёр муҳимму мураккаби иҷтимоӣ – таваллуду тарбияи фарзанд дар дӯши оила аст. Онҳо на танҳо зану шавҳар, балки давомдиҳандаи насл мебошанд.

**Савол ва супориш:**

1. Дини ислом балоғати духтаронро дар 9-солагӣ ва писаронро дар 12-солагӣ, қонунҳои Ҷумҳурӣ синни балоғатро дар 17-солагӣ муқаррар кардааст, фикри Шумо дар ин бора чист?
2. Шумо дар чандсолагӣ оиладор шуданиед, чаро?

## §5. ҲУҚУҚҲОИ ОИЛАВӢ, ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ОН

Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон дар муносибатҳои оилавӣ, маишат, одобу рафтори оиладорӣ тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Оила дорои олами маҳдуд мебошад ва фаъолияти он дар доираи кӯчак ҷараён меёбад. Оила пайванди ибтидоии ҷамъият буда, дар ташкилу иҷрои вазифаҳои хеш мустақилона амал мекунад. Агар навоварӣ дар ҳаёти оилавӣ ва ҷамъиятӣ ба нафъи он (оила) бошад, оила онро ба манфиати худ қабул мекунад.

Дар оилаҳои тоҷикон баробари анъанаҳои пешқадами миллию замонавӣ, анъанаҳои нави байналмилалӣ ворид гаштаанд, ки ба мустаҳкам гардидани оила, махсусан, оилаҳои ҷавон ёрии калон мерасонанд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки вайрон шудани оилаҳо бештар дар оилаҳои навбунёд сурат мегирад. Сабаби асосӣ тайёр набудани ҷавонон ба оиладорӣ ва ҳаёти мустақил аст.

Солҳои охир, махсусан, пас аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҳукумат як қатор қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул шуданд, ки ба беҳбудӣ ва мустаҳкам шудани оилаҳо равона гардидааст. Дар мактабҳо ҷорӣ намудани дарси «Ҳуқуқ» ва «Оила» ҳам яке аз он тадбирҳо мебошад.

Ҳар як ҷавон пеш аз хонадор шудан бояд ба қонунгузории никоҳу оила шинос шавад. Донистани қонун ва риоя намудани он ба мустаҳкам гардидани оила ёрӣ мерасонад. Ҷавонон бояд донанд, ки никоҳи дар ташкилотҳои ақди никоҳ ва шӯроҳои маҳаллӣ ба қайд гирифташуда қонунӣ мебошад ва оилаи баробарҳуқуқи ҷамъиятиро ташкил медиҳанд.

Никоҳи ғайрирасмӣ, яъне никоҳи динӣ, ки баъд аз он зану мард якҷоя зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зану шавҳарро ба вуҷуд оварда наметавонад. Дар ҳолати вайрон гаштани оилаҳои ғайрирасмӣ (яъне оилаҳое, ки аз қайди никоҳи расмӣ нагузаштаанд) асосан занҳои ҷавон дар ҳолати ногувор мемонанд.

Масалан, дар ноҳияи Ленин духтари 18 сола бо никоҳи динӣ ба шавҳар дода шуд. Баъд аз тӯйи арӯси ҷавонро ба хонаи домод бурданд. Вақти муайяне гузашту зани ҷавон фарзанд ёфт. Шавҳараш, ки донишҷӯ буд, оилаашро аз касалхона бо тифли навзод ба хонаи худ нею ба хонаи хушдоманаш оварда монду бо

ҳамин ғайб зад. Баъд аз чанд моҳ модаршӯяш омада гуфт, ки умедашро аз шавҳараш канад, вай дигар намеояд ва умуман, вай зани дигар гирифтанӣ аст. «Кӯрпаю кӯрпача ва либосҳоятро овардам, ба умеди дигар чиз нашав», - гуфт дар охир кампиру баромада рафт.

Зани ҷавон кор намекард ва аз шавҳараш ёрдампулӣ низ намегирифт. Баъд аз оворагиҳои зиёд ба ин зан муяссар шуд, ки барои фарзанд нафақапулӣ бигирад. Сабаби оворагиҳо бошад, набудани шаҳодатномаи никоҳ буд. Барои пешгирӣ намудани ин сарсониҳо дар моддаи 12, Коддекси никоҳ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст: «Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зану шавҳарро танҳо никоҳе ба вуҷуд меоварад, ки дар органҳои қайди ақдҳои ҳолати граждани баста шудааст». Моддаи 15-и Коддекси никоҳ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад, ки судҳои ноҳия ва шаҳрӣ ба тариқи истисно тибқи дархости узрноки ҷавонон ё волидайн (парастор)-и онҳо синни никоҳро метавонад як сол кам кунанд. Ин сабабҳо метавонанд бо маризии яке аз волидайн, шароити ногувори иҷтимоӣ-маишӣ, вазъияти психологии оила ва дигар ҳолатҳо вобаста бошанд. Ин истисно ҳам ба писарон ва ҳам ба духтарон дахл дорад.

Оила дар Тоҷикистон танҳо дар асоси розигии тарафайн ташкил мешавад. Ин қоида дар никоҳи динӣ низ пешбинӣ шудааст. Ҳангоми ақди никоҳ розигии писар ва духтар пурсида мешавад. Розигии онҳоро вакилон шаҳодат медиҳанд. Ин нукта дар моддаи 14-и Кодекси никоҳ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидааст. Шахсоне, ки духтар ё писарро маҷбурӣ ба никоҳ розӣ мекунанд, мувофиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Дар моддаи 101-уми Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст: «Шахсоне, ки занро ба никоҳ маҷбур мекунанд ё ба интихоби ақди никоҳ кардани зан халал мерасонанд, ҳамчунин барои ақди никоҳ медузданд, ба мӯҳлати то 3 сол аз озодӣ маҳрум карда мешаванд».

Бо вуҷуди ин ҷавонон набояд ба сабукфикрию беандешагӣ роҳ диҳанд. Маслиҳати падару модарро ҳаматарафа гӯш карда, номзад ва ё дилдодаи худро хуб бисанҷанд, дар бораи шубҳаи худ аз падару модар маслиҳат пурсанд. Падару модар таҷрибаи бои ҳаётӣ доранд ва онҳо низ баҳри бахту саодати фарзандонашон мекӯшанд. Беҳуда бузургон нагуфтаанд:

Бе пир марав дар амонӣ,
Ҳарчанд Сикандари замонӣ.

Қонун ҳам масъулияти ҷавононро пеш аз оиладоршавӣ ба назар мегирад. Дар моддаи 13-уми Кодекси никоҳ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки ҷавонон як моҳ пеш ба идораи қайди никоҳ ё ба Шӯрои маҳалла ариза медиҳанд. Ин як моҳ мӯҳлатест, ки ҷавонон имкони дар бораи шахси интихобкарда, ишқу муҳаббат, имкониятҳои ҳаёти оиладориро хубтар санҷидан андеша кунанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки қисме аз ҷавонон дар рӯзи муайяншуда барои ақди никоҳ ҳозир намешаванд, яъне аз раъйи худ гаштаанд ва бо ҳамдигар зану шавҳар шудан намехоҳанд.

Танҳо дар баъзе ҳолатҳо бо сабабҳои узрнок: сафари хидматии дарозмуддат, бемории яке аз хешовандон, даъват ба хизмати ҳарбӣ ин мӯҳлат аз тарафи ташкилотҳои дахлдор кӯтоҳ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, баъди қайди никоҳ дар ташкилотҳои ба қайдгирӣ писару духтар зану шавҳари комилҳуқуқ дониста мешаванд.

Дар моддаи 1-уми Кодекси оила гуфта мешавад, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зану шавҳар баъд аз ақди никоҳ ба вуҷуд меояд. Зану шавҳар дар оила баробарҳуқуқанд ва дар назди оилаю ҷамъият вазифа ва масъулияти муайян доранд.

Ҳангоми аз қайди никоҳ гузаштан зан ҳуқуқ дорад, ки насаб (фамилия)-и худро нигоҳ дорад ё ба насаби шавҳар гузарад. Одатан бештари занҳо насаби шавҳарро қабул мекунанд. Чунки дар оянда фарзандони онҳо ҳам бо ҳамин насаб ба қайд гирифта мешаванд. Мувофиқи анъанаи миллии тоҷикӣ фарзандон низ бо ному насаби падар ба қайд гирифта мешаванд.

Агар ақди никоҳ бекор карда шавад ва зану шавҳар аз ҳамдигар ҷудо шаванд зан метавонад боз насаби собиқаи худро баргардонад. Аз он хотир ки фарзандон дар насаби падар мемонанд. Одатан бештари занҳо насаби худро иваз намекунанд. Ин иқдоми онҳо дуруст аст, зеро баъд аз ҷудо шудани волидон фарзандон новобаста бо кадоме аз онҳо монданашон бояд як насаб дошта бошанд.

Ҳангоми қатъ гаштани ақди никоҳ дар атрофи тақсими анҷоми хона дар байни зану шавҳар норизоӣ ба вуҷуд меояд. Ҳар яке мехоҳад моли пурарзишеро соҳибӣ кунад. Мардҳо одатан, даъво мекунанд, ки танҳо худашон кор кардаанд, аз ин ҷиҳат талаб мекунанд, ки ба онҳо ҳиссаи зиёдтар ҷудо карда шавад.

Зану шавҳар бояд донанд, ки молу мулке, ки онҳо дар давраи ҳаёти якҷоя ҷамъ овардаанд, моликияти умумии онҳо ба ҳисоб меравад ва дар тақсимот онҳо ҳуқуқи баробар доранд.

Молу мулки шахсӣ фақат он чиз ҳисоб меёбад, ки то давраи хонадорӣ ба онҳо тааллуқ доштанд. Ғайр аз ин, амволи истифодаи шахсӣ, аз қабили либос, пойафзол, асбобҳои ороиши занона ва мардона (соат, гӯшвор) моликияти шахсии зану шавҳар ҳисоб меёбанд.

Ҳарчанд зан дар давраи оиладорӣ дар ягон ҷо кор накарда бошад ҳам, вале вай дар кори хоҷагии хона, тарбияи фарзандон саҳми худро гузоштааст ва аз ин рӯ вай ба моликияти оила, ки дар давраи зиндагӣ якҷоя ҷамъ намудаанд, баробари мард ҳақ дорад.

Аз ин ҷиҳат ҳангоми тақсими анҷоми хона ҳиссаи онҳо баробар муайян карда мешавад. Ғайр аз ин, суд манфиати фарзандонро ба назар гирифта, ҳангоми тақсим қисми зиёди чизу чораро ба фоидаи онҳо муайян мекунад. Агар зан фарзанди хурд дошта бошад, суд ҳукм мебарорад, ки мард то якунимсолагии кӯдак ба ӯ нафақаи муайян пардозад.

Зану шавҳар дар қатъ кардани никоҳ ҳуқуқи баробар доранд. Аз тарафи зан ё мард дар бораи қатъ кардан ақди никоҳ ба суд ариза дода мешавад. Баъд аз омӯхтани сабабҳои ҷудошавӣ суд мекӯшад, ки зану шавҳар оштӣ шаванд, мӯҳлати муайян муқаррар карда мешавад.

Агар суд ба хулоса ояд, ки зиндагии якҷояи онҳо ғайри имкон аст, он гоҳ дар бораи қатъ гардидани никоҳ қарор мебарорад. Қабл аз қарор ба ивази додани талоқхат як миқдор ҷарима муайян мекунад. Суд вазъи иқтисодии зану шавҳарро ба ҳисоб гирифта, метавонад ин маблағро аз яки онҳо ё аз ҳардуяшон ситонад. Ҳамаи ин қонунҳо барои мустаҳкам кардани оила равона карда шудаанд. Ҷавонон ин қонунҳоро дониста, бояд онро на барои ҷудо шудан аз ҳамсар, балки барои риояи он ва ширин гузаштани ҳаёти оилавӣ истифода баранд.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Шумо дар бораи никоҳи ғайрирасмӣ чӣ андеша доред?
2. Ҳодисаҳои маҷбуран ба шавҳар додани духтаронро медонед? Ақидаи шумо нисбати ин масъала чӣ хел аст?
3. Мавзӯи «Ҳуқуқи оилавӣ»-ро аз китоби «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» такрор кунед.

## §6. ТАШКИЛИ ОИЛА БО ИРОДАИ ВОЛИДОН

Оила дар ҷамъияти мо дар асоси муҳаббат ва розигии писару духтар бунёд мегардад. Одатан волидайн пеш аз он ки ба хонадоршавии фарзанд тайёрӣ бинанд, бо онҳо сӯҳбат карда, фикри онҳоро мефаҳманд ва мувофиқи хоҳишу розигии онҳо амал менамоянд. Агар тӯйи арӯсӣ бо майли худи ҷавонон сурат гирад, дар он аз ҳама бештар ҷавонон хурсандӣ мекунанд. Ҷавононе, ки ҳамдигарро дӯст дошта хонадор мешаванд, оилаҳои тифоқ мешаванд.

Мутаассифона, ҳоло ҳам оилаҳое ёфт мешаванд, ки дар онҳо боқимондаи унсурҳои кӯҳна ҳукмфармост. Сардори оила – падар тақдири аъзоёни оиларо мустақилона ҳал мекунад. Барои писар арӯс меёбад, аз рӯи салоҳдид духтарашро ба шавҳар медиҳад. Дар чунин оилаҳо бо писару духтар ҳамчун ба фармонбардор нигоҳ мекунанд. Онҳо баъд аз масъаларо ҳал намудан ба духтарашон «аз хонаи фалончӣ хостгор омада буд, мо (хешу табориро дар назар дошта) розигӣ додем. Тайёриатро дидан гир», ба писар бошад «мо ба духтари фалончӣ хостгорӣ рафта будем, онҳо розӣ шуданд, баъд аз як моҳ тӯй». Ин хабар ба фарзандон чӣ тавр таъсир мекунад, чунин падарон парвое надоранд. Дар бораи бахти ояндаи фарзандон андеша намекунанд, ба эътирози онҳо аҳамият намедиҳанд. Масалан, рӯзе падари Саид ҳамроҳи дӯсташ ба хона баргашта, ба аъзоёни оила хабар дод, ки баъд аз як моҳ тӯйи Саид барпо мегардад. Барои Саид ва аҳли оила ин хабар ногаҳонӣ буд. Ҳамаи онҳо медонистанд, ки Саид бо ҳамсинфаш чандин сол боз дӯстӣ дорад. Ҳангоми Саид дар хизмати ҳарбӣ будан мукотибаи онҳо давом дошт. Маълум буд, ки дӯстии онҳо ба муҳаббати ҳақиқӣ табдил ёфтааст. Хабари падар ба Саид чунон таъсир кард, ки дар аввал чизе гуфта натавонист. Баъд ба рӯи падараш нигоҳ накарда: «Ман ӯро ба занӣ намегирам», -гуфт. «Мегирӣ!!!» -гуфт қатъӣ падар ва аз хона баромад.

Саид боз якчанд маротиба ба падараш фаҳмонд, ки он духтареро, ки онҳо мехоҳанд келин кунанд, дӯст намедорад ва намехоҳад ӯро ба занӣ гирад. Аммо падар ба гапи писараш эътибор надода мегуфт: «Мо дӯст медорам»-ро намедонем ва дар вақташ ҳам намедонистем. Баъд аз тӯй ҳамааш хуб мешавад ва ӯро дӯст хоҳӣ дошт». Аммо ин тавр нашуд. Рӯзи тӯй Саид арақ нӯшида маст шуд ва вақте ки арӯсро ба хонаи ӯ даровcovered, бо суханони беҷо арӯсро ранҷонида аз ҳуҷра пеш кард. Хешу табори

духтар «домоди бадмаст моро шарманда кард», - гуфта арӯсро ба хонаашон бурданд. Шаби хурсандии тӯй бо хафагию дилранҷӣ анҷом ёфт.

Дар ин воқеа ҳам Саид ва ҳам падару модари вай айбдоранд. Падар аз назари пешина андеша мекард. Саид бошад метавонист воқеаро то ба шаби тӯй ҳал намояд. Чунин сабукфикрӣ боиси беобрӯии Саиду духтари ҷавон, сабаби ранҷиши меҳмонон ва хароҷоти беҳуда гардид.

Ҳаёт нишон медиҳад, ки чунин ходисаҳо алҳол ҳам рӯй медиҳанд. Эҳтироми падару модар ва дигар калонсолон чун анъанаи мардуми тоҷик хуб аст ва онро ҷавонон ба ҷо меоранд, падару модарро ҳамчун шахсони азизу бузургвор эҳтиром мекунанд. Аммо, ҳангоме ки сухан дар бораи ҳаёти оилавии писару духтар ба миён меояд, фикру хоҳиши онҳоро ҳатман бояд ба эътибор гирифт.

Баъзан падару модарон мекӯшанд, ки ҳарчи зудтар фарзандонро оиладор кунанд. Баъди хатми мактаби миёна онҳо масъалаи тӯйро ба миён мегузоранд. Баъд аз тӯй ҷавон ба хондан ё ба хизмати ҳарбӣ меравад. Зани ҷавон бошад ба хонаи падару модари худ бармегардад, ки ин сабаби моҷарои оилаи ҷавон ва байни хешовандон мегардад. Масалан, баъд аз тӯйи бодабдаба арӯсро ба ноҳияи Фархор (ӯ сокини ноҳияи Бохтар буд), ба хонаи домод бурданд. Баъд аз як моҳ домод ба хизмати ҳарбӣ даъват шуд. Арӯси ҷавон ба хонаи падару модараш баргашт. Баъд аз чанд вакт домод аз ҷои хизмат ба суди ноҳияи Бохтар ариза навишта хоҳиш кард, ки ақди никоҳи онҳоро бекор кунад. Зани ҷавон низ ба ҷудошавӣ розӣ буд. Ҳамин тариқ, дар як муддати кӯтоҳ оилаи ҷавон вайрон гашт. Сабаб он буд, ки онҳо то хонадоршавӣ якдигарро надида буданду намешинохтанд ва бо хоҳиши волидайн ба ақди никоҳ розӣ шудаанд. Баъд аз хонадоршавӣ ситораашон рост наомад ва ба чунин қарор омаданд, ки ҷудо шуданашон беҳтар аст.

Дар ҳолатҳои ба вайронӣ расидани оилаҳои ҷавон аксаран падару модарон на барои ёфтани илоҷи оштӣ ва муросои онҳо, балки барои ба даст даровардани анҷоми дар тӯй сарфшуда мубориза мебаранд. Волидайни писар аз қудоҳо маблағи дар тӯй сарфшударо талаб мекунаду волидайни духтар ҳамаи гуноҳро ба сари домод зада, бо баҳонаи дар тӯй сарф шудани анҷомҳои овардаи қудоҳо аз ҷубронн он саркашӣ мекунанд. Кор ба маҳкама

(суд) меравад ва кашмакашии онҳо баъд аз ҷудоӣ низ моҳҳои зиёд давом мекунад.

Чанд сол пеш дар яке аз деҳаҳои навбунёди ноҳияи Ленин тӯйи арӯсии ду ҷавон – Зариф ва Зебо ботантана қайд карда шуд. Ёру дӯстон, хешу табор аз ташкил шудани як оилаи нав хурсанд буданд, ба онҳо хушбахтӣ, саломатӣ, давлати фаровон орзу карданд. Аммо орзуи онҳо амалӣ нагардид. Баъд аз ду ҳафта Зебо «шавҳарамро дӯст намедорам» гуфта ба хонаи падару модар баргашт. Падару модар, ёру дӯстони домод ва худи ӯ чандин бор ба назди Зебо рафта хоҳиш карданд, аз райъаш гардад, аммо ӯ ба сухани ягон кас гӯш кардан намехост. Оқибат аз ҳамдигар ҷудо шуданд.

Саволе ба миён меояд: шояд Зебо пеш аз тӯй номзадашро надида бошад ва барои ҳамин Зариф ба вай маъқул нашудааст. Не. Онҳо як сол боз ҳамдигарро мешинохтанд. Домод бо падару модараш чандин маротиба ба хонаи онҳо рафта буд. Ғайр аз ин Зебо хабардор буд, ки падару модараш ба тӯй тайёрӣ дида истодаанд. Сабаби ташрифҳои Зарифро ҳам хуб мефаҳмиду худро ба нодонӣ мезад. Рафтори ӯ падару модарашро ба хулосае овард, ки Зебо Зарифро дӯст медорад. Онҳо ба қудоҳо ҷиҳози тӯйро фармуданд (ҳамаи ин бе маслиҳати Зебо) ва ҳатто қисме аз онро сарф карданд. Танҳо як ҳафта пеш аз ақди никоҳ ба Зебо дар бораи тӯй хабар доданд. Зебо эътироз кард, нолид, гуфт, ки дигар касро нагз мебинад ва ҳеҷ гоҳ ба Зариф зан намешавад.

Падару модар ба зорию тавалло даромаданд. Ба Зебо фаҳмонданд, ки ҷиҳозу пуле, ки қудоҳо овардаанд, аллакай сарф шуд ва барои баргардониданн он имконият нест. Оқибат ба қароре омаданд, ки Зебо розӣ шавад, аммо баъд аз тӯй баҳона ёфта ба хонаашон баргардад. Зебо ҳамин тавр ҳам кард. Агар аз ибтидои кор падару модари Зебо аз вай маслиҳат мепурсиданд, сабабҳои рафту омади падару модар ва худи Зарифро мегуфтанд, шояд кор ба ин дараҷа намерасид ва сабаби ин қадар озору оворагиҳо, беобрӯию дилозориҳо намегашт.

Чунон ки Асадии Тусӣ фармудааст:

Дар ҳама кор машварат бояд,
Кори бемашварат накӯ н-ояд.

Бояд эътироф кард, ки бунёди бахти оилавӣ бевосита аз худи ҷавонон вобаста аст. Гоҳо мешавад, ки ҷавонон дар асоси

муҳаббати тарафайн ба ҳамдигар мерасанд. Аммо оилаи онҳо мустаҳкам нагардида, аз ҳамдигар ҷудо мешаванд. Маълум мешавад, ки муҳаббати онҳо самимӣ набудааст. Онҳо шефтаи ҳусни ҳамдигар гашта, гумон кардаанд, ки барои ташкили ҳаёти оилавӣ ҳамин кифоя аст. Барои оиладорӣ аз ҳама муҳим ҳусни ботинӣ аст. Ҳусни ботинӣ бошад одобу ахлоқи нек, одоби муоширaт, ҳурмату эҳтироми ҳамдигар ва хешу табор, қаноат кардан ба душвориҳо ва аз гуноҳи ҳамдигар гузаштанро дар бар мегирад. Набудани ин хислатҳо дар яке аз ҷавонон ба хонавайронӣ мерасонад. Баръакс, ҷавононе, ки бо хоҳиши падару модар хонадор шудаанд, як умр хушбахтона зиндагӣ мекунанд. Дар ҷараёни зиндагӣ онҳо ба якдигар маъқул мешаванд, меҳр пайдо мешавад, ҳамдигарро дӯст медоранд. Бо феълу рафтор, одобу ахлоқ ба ҳамдигар мувофиқ меоянд, эҳтироми ҳамдигарро ба ҷо меоранд, ба қадри якдигар мерасанд ва хушбахтона умр ба сар мебаранд.

Аз ин ҷиҳат волидон ва ҷавонон пеш аз ҳал намудани ҳаёти оилавӣ бояд ҳаматарафа андеша намоянд, то ки фарзандон як умр бадбахт нагарданд ва домангири касе набошанд.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Дар бораи рафтори Саид чӣ фикр доред?
2. Дар интихоби ҳамсар бо падару модар маслиҳат кардан лозим аст ё не?
3. Ҳодисаҳои маҷбуран оиладор намуданро медонед? Агар донед нақл кунед.
4. Агар шуморо маҷбуран оиладор карданӣ шаванд, чӣ кор мекунед?

## §7. МУҲАББАТИ ТАРАФАЙН – ШАРТИ АСОСИИ ТАШКИЛИ ОИЛА

Муҳаббати тарафайн шарти асосии ташкили оила буда, барои он кӯшишҳои зиёде лозим аст. Ин кори душвор вақти зиёд, санҷишу интизориро тақозо дорад.

Оре, вақте ки ду ҷавони дилдода ба висол мерасанд, онҳо ба қадри ҳамдигар расида, эҳтироми хешу ақрабояшонро ба ҷо меоранд. Ҳал кардани душвориҳои зиндагӣ барои онҳо осон мегардад.

Ҳангоме ки ду ҷавон аз рӯи меҳр оила бунёд мекунанд, мақсаду мароми онҳо як аст, яъне садоқату вафо ба ҳамдигар ва

тарбияи фарзандони солиму хушбахт. Онҳо аз ҳаёти хеш хурсанданд ва аз волидони худ, ки онҳоро ба мурод расонидаанд, розию миннатдоранд.

Аммо дар ҳаёт гоҳо чунин мешавад, ки дилдодагон ба орзую ҳаваси хеш намерасанд. Волидони ҳар ду ё як тараф ба издивоҷи онҳо розӣ намешаванд ва ба хости худ духтарро ба шавҳар медиҳанд. Писарро ҳам бо ҳамин тартиб зан медиҳанд. Онҳо эҳтироми падару модарро ба ҷо оварда, аз суханони онҳо баромада наметавонанд, эътироз намекунанд ва ба тақдир тан медиҳанд. Аммо онҳоеро, ки сабабгори ҷудо шуданашон гаштаанд, ҳеҷ гоҳ намебахшанд. Ҳамин тавр дар миёни волидону фарзандон адоват ба вуҷуд меояд, ки сабаби бад шудани муносибати онҳо мегардад. Фарзандон волидонро сабабгори вайрон шудани бахти хеш медонанд ва ҳамчунин ба онҳо муносибат мекунанд. Волидон ҳам тағйиротро дар феълу рафтори фарзандон ҳис мекунанд. Оқибат байни фарзандону волидон сардӣ ва дилмондагӣ ба вуҷуд меояд, ки сабаби нохушиҳои рӯзгор мегардад.

Зиндагии фарзандоне, ки бо иродаи волидон хонадор шудаанд, чандон ширин намегузарад. Духтареро, ки падару модар бо хости худ ба шавҳар додаанд, ба тақдир тан дода бо шавҳари номатлуб зиндагиро оғоз мекунад. Меҳр бастан ба шавҳаре, ки ҳатто дар хаёлаш набуд, барои зани ҷавон душвор аст. Илова бар ин зан маҳз шавҳарашро барбоддиҳандаи бахти худ медонад ва нисбат ба ӯ аз рӯзҳои аввал дар дил кинаю адоват мепарварад.

Зиндагии оилавии писар низ ҳамчунин мегузарад. Ӯ ҳам занашро сабаби бадбахтии худ медонад. Дар ҳар иомади рӯзгор ба занаш таъна мезанад, ки ман туро дӯст надошта гирифтаам. Умуман, ин бедилӣ дар оила сабаби моҷароҳои зиёд мегардад ва натиҷаҳои номатлуб меорад.

Чӣ тавре ки Мирзо Абдулқодири Бедил гуфтааст:

Ҷаҳонсӯз аст барқи кина, ҳуш дор!
Мабодо домани кас гирад ин хор!

Одатан дар чунин оилаҳои носозгор нисбат ба ҳамдигар гоҳо оташи рашк шӯъла мезанад, ки бо вайрон шудани онҳо анҷом меёбад. Қисми дигари чунин оилаҳо соҳиби фарзанд мешаванд. Бо фарзанд ёфтан масъулияти тарбияи ӯро ба дӯш мегиранд.

Мехри фарзанд зану шавҳарро ба ҳам наздик мекунад, муносибати онҳо беҳ мегардад. Ба гуфтае, ба тақдир тан дода, роҳи сулҳу салоҳро дар оила ва дар муносибати ҳамдигар ва хешу табори тарафайн пеш мегиранд, аммо ёду хотираҳои ишқи аввал дар қалби онҳо як умр боқӣ мемонад ва имкон намедиҳад, ки дар байни онҳо дӯстию самимият, ҳамдигарфаҳмӣ пойдор гардад.

Танҳо муҳаббат ва мехри тарафайн зану шавҳарро ба ҳамдигар дӯст, ёри дилсӯзу ғамхор карда метавонад. Ишқ байни марду зан қувваи ҷозибаеро тавлид мекунад, ки гусастани он душвор аст.

Донишмандони Шарқ дар китоби «Шохи шафтолу» бунёди ишқро таҳлил намуда, ба хулосае меоянд, ки рағбати инсон дорои се манбаъ мебошад: дил, ақл ва ҷисм. Рағбати дил – дӯстиро бунёд мекунад, рағбати ақл — эҳтиромро ва рағбати ҷисм – майлу хоҳишро ба вуҷуд меорад. Ба ҳам пайвастани ин се рағбат ишқро ба вуҷуд меорад. Агар шахс нисбат ба ҷинси муқобил ҳамин хел ҷозибаро ҳис кунад, пас маълум мешавад, ки ӯ ошиқ шудааст.

Аз изҳори муҳаббат то издивоҷ мӯҳлатест, ки ҷавонон тавонанд ҳамдигарро хуб санҷанд. Савдои ҳаёт ҳеҷ гоҳ саросемагиро намепарварад. Интихоб дар робитаҳои ишқӣ мазмуни хос дорад ва дар тақдири муносибатҳои оилавӣ нақши бисёр муҳимро мебозад. Вай шарики якумрии ҳаётро муайян мекунад.

Тадқиқотҳои илмӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар синни 3-5 солагӣ тарҳи шахсияти кӯдак муайян мегардад. Дар синни 17-18 солагӣ ҳамаи хусусияту сифатҳои фард ба таври мушаххас аниқ мешавад. Ҳарчанд ки шахс зери таъсири муҳит тамоми умр тағйир меёбад, баъзан аз рӯи характер ба таври ҷиддӣ дигар мешавад. Тағйироти куллӣ танҳо ба таври истисно дар фардҳои алоҳида ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин ҳангоми интихоби ҳамсар ба ин падида умед бастан дуруст нест. Яъне ақидае, ки «занро интихоб карда баъд мувофиқи табъ тарбия мекунанд» тамоман нодуруст ва номумкин аст. Ҳамсари дилхоҳро ҷиддӣ интихоб кардан лозим аст. Сифатҳои зоҳирии номзад (ҳусн, қаду қомат) на бояд омили ҳалкунанда бошад. Маънавиёти ҳамсари ояндаро ҷиддӣ ва тӯлонӣ омӯхта, сипас ба ташкили оила қадам гузоштан лозим аст. Чунин тарзи интихоб ба ҳар ду тараф имкон медиҳад, ки ҳамдигарро ба хубӣ санҷанд, шарики доимии ҳаёт шуда тавонанд.

Дар ҳолати мавҷуд будани ишқи тарафайн, сидқу вафо, ҳамдигарфаҳмию самимият, ҳамроҳ бартараф кардани душвориҳои зиндагии оилавиро пурсаодату беғубор мегардонад.

Чунон ки шоир гуфтааст:

То ки аз ҷониби маъшуқа набошад кашише,
Кӯшиши ошиқи бечора ба ҷое нарасад.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Бо чӣ гуна шахс шумо мехоҳед дар ҳаёт якҷоя қадам занед?
2. Чаро баъзе оилаҳое, ки дар асоси муҳаббати тарафайн ташкил ёфтаанд, вайрон мешаванд?
3. Дар ташкили оила саҳми кӣ зиёд аст, мард ё зан?

# БОБИ III
# ХУСУСИЯТҲОИ МУНОСИБАТИ ҶАВОНОН

## §8. ДИНИ ИСЛОМ ДАР БОРАИ МУНОСИБАТҲОИ МАРДУ ЗАН

Дар Арабистони пеш аз ислом расме буд, ки агар дар оила фарзанди нахустин духтар таваллуд шавад, ӯро зинда мегӯронданд. Барои ин амалашон чунин далел меоварданд, ки агар фарзанди аввал духтар шавад ба оила ва авлод бадбахтӣ меорад. Ин одати бад то замони ҷорӣ гардидани дини ислом амал мекард.

Пайғамбар Муҳаммад ин одатро маҳкум намуда, бекор кард. Ба ин муносибат ҳазрати Муҳаммад чунин фармудааст: «Ҳар касро духтаре бошад ва зинда ба гӯраш накунад ё озораш надиҳад ва ё фарзандони накӯро бад- ӯ тарҷеҳ надиҳад, худованд ба биҳишташ барад».

Бо пойдор гардидани дини ислом одати зинда гӯрондани тифлдухтар аз байн бардошта шуд, аммо муносибати бад аз тарафи мардон нисбат ба нахустдухтар боқӣ монд. Ин ҳолатро мушоҳида намуда, пайғамбар ба мусулмонон мефармояд: «Худованд аз хушрафтории шумо бо занон хурсанд мегардад, зеро ки онон модарони шумо, духтари шумо ва холаҳои шумо ҳастанд.

Ҳуқуқи зан муқаддас аст, пас ҳуқуқи ононро бад эшон бисупоред».

Ислом, умуман, фарзандкуширо маҳкум намуда, таваллуд ва тарбияи фарзандро қарзи падарию модарӣ медонад ва онро амри хайр мешуморад. Ин амалро шариати дини ислом ҷорӣ ва ҳатмӣ мегардонад. Ин кор, албатта, назар ба давраи «пешазисломӣ» пешравие буд, аммо баъзе падидаҳои беэҳтиромӣ ба занон ва поймол намудани ҳуқуқи онҳо дар дини ислом низ боқӣ мондааст. Чунин падидаҳо дар муносибати мардони тоҷик низ нисбат ба занон зоҳир мегарданд.

Аз рӯи ривояти халқии тоҷикӣ дар сурати таваллуди духтар, ки рамзи ҳусн, нур, рушноӣ, зебоӣ ба шумор меравад, чиҳил шабонарӯз нур борида, олам нурафшону гулистон мешудааст.

Мардумони окилу хирадманд ин ривоятро хангоми хозир будани падароне, ки аз таваллуди духтар изҳори норизоӣ мекарданд, гӯшзад мекунанд.

Воқеан, қисме аз мардони тоҷик аз таваллуди духтар изҳори хурсандӣ намекунанд. Ин сабабҳои иҷтимоӣ ва табиӣ дорад. Духтар табиатан ҷинси латиф ва дар айни ҳол ҷисман заиф аст. Ин ҳукми табиат аст. Заифии вай дар бисёр ҷиҳатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Аммо ба ҳар чиз ва ба ҳар кас аз рӯи меъёр баҳо додан зарур аст. Бештар вакт ба заифии духтар, зан — нерӯи писар, ҷавонмардонро муқобил мегузоранд ва аз ин нигоҳ ба он баҳо медиҳанд. Вале, вакте ки ба ин масъала ба назари дигар нигоҳ мекунем, кор ранги дигар мегирад. Масалан, дар замони ҷамоаи ибтидоӣ корҳои хоҷагӣ, истеҳсолӣ аз сабаби набудан ва ё дағал будани олоту воситаҳои меҳнат душвор буд, бозувони ҷавонмард асосӣ ҳисоб меёфт. Дар замони мо, ки корҳо аксаран тавассути аклу дониш иҷро мешаванд, масъалаи заифии духтар, зан аз байн меравад. Пас, акнун он меъёри қадимаи муносибат ба духтару занро фаромуш бояд кард.

Чун сухан дар бораи аклу фаросат рафт, бояд як масъалаи дигарро баррасӣ намоем. Ибораи халкии «мӯи дарозу акли кӯтоҳ»-и занҳо, ки ҳоло ҳам дар хаёлу забони мардум вомехӯрад, тамоман ғалат аст. Илм исбот кардааст, ки зиракию тезфаҳмӣ дар занҳо бештар, вале аз ҷиҳати мураккабию тӯлонӣ фикр намудан мардҳо авлотаранд. Ин ҳам ба қувваи ҷисмонии онҳо вобаста аст. Хусусияти бебадали занҳо боз дар он аст, ки онҳо бо эҳсосоти наҷиб (раҳму шафқат, некӣ, нармӣ, меҳрангезӣ, ишқ, вафо ва ғ.) афзалият доранд.

Таъсири дини ислом ба дигар ҷиҳатҳои муносибат нисбат ба занҳо низ ҳис карда мешавад.

Зери таъсири ғояҳои харамнишинӣ, рӯйпӯшӣ, чодаргирӣ ва ғайра дар байни тоҷикон ақидае пайдо шуда буд, ки мувофиқи он духтари бокира бояд ба истилоҳ «ба чашм нобино», «ба даст ногиро», «ба по нораво» бошад. Яъне, тавре ба воя расида бошад, ки ба кӯча набаромада, чашмаш рӯи марди номаҳрамро нодида ва дасташ ба чизи номаҳрам нарасида бошад. Вале оқибаташ он мешуд, ки духтар дар «қафаси хонагӣ» маҳкам мешуд, дар доираи танги муносибати оилавӣ тарбия меёфт, фарди одатан бесаводу

бехунар шуда мемонд. Мураббиёнаш асосан модару момодоя буданд. Вай барои оиладорӣ, ҷамъият ва меҳнат омода намешуд.

Адолат он аст, ки духтарон аз каҷравию вайронкориҳо на ба воситаи «банд», балки тавассути панду насиҳат тарбия ёбанд. Вай бояд тавре тарбия шавад, ки рафиқи ҳаёт, шарики муборизаҳои ҳаётӣ, тарбиятгари насли наврас, дӯсту ҳамкори шавҳар бошад. Қоидаҳое, ки инсоният ба миён овардааст, ба ҳукми қонун даромада, ба доираи ахлоқ роҳ ёфтаанд.

Камбудиҳои дигари одату қоидаҳои анъанавӣ – мусулмонӣ дар муносибати байни ҷинсҳо –писару духтарҳо низ мушаххасанд. Хешонро ба маҳраму номаҳрам, никоҳравою никоҳнораво ҷудо намудан, ба ҳамин дар амал доираи муносибати робитаҳои хешовандӣ, вохӯрию сӯҳбат ва муоширатҳои байнишахсиро танг менамоянд. Ҳол он ки барои инкишофи маънавиёт, андӯхтани таҷрибаи зиндагӣ доираи ниҳоят васеи муносибатҳо зарур аст. Тавре ки дида мешавад, ҷавонон асосан дар ду-се доираи муносибатҳо такомули маънавиро аз сар мегузаронанд. Агар аз рӯи шариат амал намуда, дар синни мактабӣ духтарону писаронро аз ҳам ҷудо кунем, лозим меояд, ки ҷавононро аз синни 9-12 солагӣ аз ҳамдигар дур сохта, доираи муносибату муоширатро танг ва имконияти инкишофи маънавии онҳоро маҳдуд намоем.

Синни балоғати духтарро, ки шариати мусулмонӣ аз рӯи суннати пайғамбар 9-12 солагӣ (аз 9-солагӣ ба никоҳ даровардан ва аз 12-солагӣ ба алоқаи ҷинсӣ даромадан) муайян кардааст, дар байни мардум то Инқилоб расм буд. Хушбахтона, имрӯз он чун падидаи манфии таърихӣ ёдовар мешавад.

Расми дигари кӯҳнаи шаръӣ ва бобоӣ ин аст, ки никоҳи байни духтару писари амаку тағо, аммаю хола ва дигар хешони наздик равост. Чун онҳо никоҳраво ҳисоб мешаванд, бояд барвақт аз ҳам дур ва «бегона» бошанд, ки аз як ҷиҳат боиси вайрон шудани муносибатҳои хешутаборӣ дар байни духтарону писарони ҳамхуну ҳамзот мегардад, аз ҷиҳати дигар, никоҳи байни хешони наздик дар аксарият мавридҳо боиси таваллуди фарзандони носолим мешавад.

Бинобар ин хуб мебуд, ки хонадоршавӣ бо хешон сурат нагирад. Аксари ашхоси оқил дар ҳолати ба миён омадани чунин масъала бо як ибора «ҳамин хешиамон бас аст» ба он ҷавоби манфӣ медиҳанд, ки ин салоҳ аст. Илми тиб низ ҳамин усулро

тавсия медиҳад, таҷрибаи зиндагӣ бартарияти онро тасдиқ намудааст.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Муносибати мардон нисбат ба занон дар оилаи шумо чӣ гуна аст?
2. Ақидаи шумо дар бораи фармудаи дини ислом нисбат ба занон чӣ хел аст?
3. Муносибати шумо бо духтарони ҳамсолатон чӣ тавр сурат мегирад?

## §9. АНЪАНАҲОИ МИЛЛӢ ОИД БА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ПИСАРУ ДУХТАР

Дар тамаддуни ҳар халқу миллат анъана, урфу одатҳое мавҷуданд, ки ба туфайли онҳо робитаи ҷинсӣ дар байни писарону духтарон танзим мегарданд. Анъанаю одатҳои халқӣ қариб ҳукми қонуни нонавиштаро дорад. Ҳуқуқи оилавӣ дар ҳамаи ҷамъиятҳо одатҳои миллиро ба эътибор мегирад. Ҳатто шариати мусулмонӣ бисёр ҷиҳати одатҳои халқҳои гуногунро (мазҳаби ҳанифӣ бошад, халқҳои Аҷамро) ба назар гирифта, қоидаҳои худро ба онҳо мутобиқ намудааст. « Анъана қувваи бузург аст» (Энгелс), аз он гурез нест: аз мардум гурезӣ ҳам, аз худ гурехта наметавонӣ.

Яке аз анъанаҳои қадимаи тоҷикӣ он аст, ки писар валиаҳди падар, меросхӯр ва ҷонишини он дар ҳама кор, дар ҳама ҷо ва ҳатто дар тахту тоҷу мансабу мартаба ҳисоб меёбад. Духтар бошад, одатан чун моли падар дониста мешавад ва ин «сифат»-и ӯ ҳангоми калингирӣ равшан зоҳир мегардад. Аз рӯзи таваллуд муносибат ба писару духтар аз тарафи ворисон бо назардошти ҳамин хусусиятҳо муайян мешавад. Чунин муносибати анъанавӣ дар робитаи байни писару духтар таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, дар шахсияти духтар рӯҳияи «ғуломӣ», («очиза будан») ташаккул ёфта, дар писар (хусусан дар шахсияти писарҳои мансабдор) ва дар муносибатҳои минбаъдаи байни онҳо низ зуҳуроти худро меёбад.

Маишат ҳамчун як қисми таркибии ҳаёти нисбатан мустақилонаи ҷамъият ба муносибатҳои шахсӣ ва оилавии ҳаёти одамон таъсири калон дорад ва баробари дигаргуншавии ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъият дарҳол тағйир намеёбад. Агар тағйироти соҳаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ки дар он самараи меҳнат бештар ҳис шудааст (он каму беш аз худи одамон вобаста аст), барои зуд танг карда баровардани анъанаҳои номувофиқи ба замон зараровар мусоидат кунад, тағйирот дар маишат бошад,

хелеоҳиста ба амал меояд. Маишат ва муносибати аъзоёни оила ба душворӣ тағйир меёбад ва аз ҳамин сабаб муддати дароз боқимондаҳои ҷамъияти кӯҳнаро нигоҳ медорад.

Ғайр аз ин, ба ҳам марбутии дини ислом ва маишат ба рӯҳониён имкон медиҳад, ки аз як тараф, анъанаҳои соф халқиро, ки дар давоми асрҳо ба вуҷуд омадааст, чун меъёри аз тарафи Оллоҳ муқаррар карда маънидод кунанд, аз ҷониби дигар, расму оини исломро чун расму оини «миллӣ»-и хоси ҳамон миллат ва ҳамон халқ тарғиб намоянд. Дар қатори дигар омилҳо, маишат дар ташаккулёбии одам таъсири калон мерасонад. Бинобар ин дар маишати одамон дар баробари хислатҳои неки инсонӣ ва одоби муоширaт, баъзе боқимондаҳои тарзи маишати патриархалӣ ва урфу одатҳои динӣ вуҷуд дорад.

Аснодҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар даврaи пешазисломӣ дар сарзамини тоҷикон анъанаҳои халқӣ ба дӯстию рафоқати писару духтар монеъ намешуданд. Марду зан дар ҷомеа баробарҳуқуқ буданд. Дӯстии беғаразонаи ҷавонмардону духтарони ҷавон имконият фароҳам меовард, ки ба хулқу рафтори ҳамдигар пеш аз оиладоршавӣ хуб ошно шаванд ва баъд ба хонадоршавӣ иқдом намоянд.

Ҷорӣ гаштани дини ислом дар сарзамини тоҷикон ба мазмуни баъзе анъанаҳои халқӣ тағйиротҳо ворид кард. Дини ислом ба дӯстию рафоқати байни писарону духтарон тамоман зид буд. Шариат рӯй кушодани духтарони 9-соларо манъ мекард ва онҳо бояд аз мардони номаҳрам рӯяшонро пинҳон кунанд. Ҳамин тавр, Қуръон дӯстии байни ҷинсҳои гуногунро қатъиян манъ мекард. Вале манъ кардани шариат на хама вақт ба дӯстии байни писарону духтарон, муҳаббати ҳақиқии онҳо халал мерасонд.

Баркарор гаштани давлати тоҷикон, рушди иқтисодӣ, маданӣ ва маишии халқи тоҷик, барҳам хӯрдани муносибатҳои кӯҳна дар оила, дараҷаи баланди маълумот ба ҳаёти халқ, аз ҷумла ба муносибатҳои ҷавонон низ таъсири калон расониданд. Имрӯзҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар муносибати байни ҷавонон тағйиротҳои куллӣ рух додаанд. Писарону духтарон ҳангоми якҷоя таҳсил кардан дар мактаб ва донишгоҳҳо ё ҳангоми якҷоя кор кардан дар саҳро ва ё истеҳсолот бо ҳам шинос мешаванд. Ҳангоми интихоби дӯсту рафиқ ба ҷиҳатҳои инсонию ахлоқии ҳамдигар диққат медиҳанд.

Дар ҳар давру замон дар муносибатҳои байни духтарону писарон нигоҳ доштани анъанаҳои халқии одобу ахлоқи нек,

шарму хаё меъёри асосии одобу муоширам мебошад. Мирзо Абдулқодири Бедил фармудааст:

Он кас, ки хаё далели роҳаш бошад,
Аз аксари офат панохаш бошад.
Камтар ниҳад гузор аз роҳи ҳавас,
Чашме, ки ба пеши по нигоҳаш бошад.

Дар муносибати байни писарону духтарони деҳот то ҳол боқимондаҳои замони гузашта зоҳир мегарданд. Духтарону писарон муносибатҳои дӯстонаи худро гоҳо аз волидон ва атрофиён пинҳон медоранд. Агар муносибатҳои онҳо ошкоро сурат гирад, баъзеҳо онҳоро маҳкум мекунанд.

Дар байни ҷавонони шаҳрӣ муносибатҳо ба таври дигар ба амал меоянд. Дар шаҳр ҷавонон ҳангоми шиносоӣ, мулоқотҳо ва муносибати байни ҳамдигар худро озод ҳис мекунанд. Ҷавонони шаҳр нисбат ба ҷавонони деҳот озодона мулоқот мекунанд, вақти холии худро бо ҳам мегузаронанд.

Умуман, дар муносибатҳои ҷавондухтарону ҷавонписарон таъсири муоширати халқҳои Аврупо ва дигар миллатҳои ба мо наздику дӯст эҳсос мешавад.

Ҷавонони деҳотӣ дар давраи таҳсил дар шаҳрҳо бо чандин духтарҳо вомехӯранд. «Ишқ» - гӯён оҳу воҳ мекунанд, вале баъди ба деҳот рафтан «бе ишқ» хонадор мешаванд.

Инро ҳам бояд гуфт, ки писарҳо дар масъалаи интихоб имкониятҳои бештар ва духтарон нисбатан имконияти маҳдуд доранд. Барои духтар номус (бакорат), синну сол ва ғайра дар ҳисоб аст. Масалан, ҷавони 30 сола бо духтари 16-17 сола оиладор шуда метавонад, вале ба духтари 30 сола ҷавони 17-18 сола хонадор шуда наметавонад.

Иштироки фаъолу бевоситаи мардон дар ҷараёни тарбия (на фақат ба воситаи сухан, маслиҳату насиҳат, балки рафтору кирдори хуби худ) натиҷаи дилхоҳ медиҳад: маҳдудияту яктарафа будани ақидаю ҳиссиёти духтарро бартараф месозад, моҳияти мард (шавҳар), муносибати самимии байни марду зан, падару модарро ошкор месозад, ӯро барои ҳаёти оилавӣ омода мекунад.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Кадом фармудаҳои дини ислом ҳамчун анъанаҳои миллӣ қабул шудааст?
2. Оё рафтори имрӯзаи ҷавонон ба шумо маъқул аст?

## §10. АСОСҲОИ АХЛОҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ПИСАРОНУ ДУХТАРОН

Ахлоқ илмест, ки одам онро аз бачагӣ то пирӣ меомӯзад. Ахлоқ баробари пайдоиши ҷамъияти инсонӣ ба вуҷуд омадааст. Бо мурӯри солҳо он такмил ёфта, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ ворид гардидааст. Одоби муошират, сухан, дӯстӣ, одоби рафтор дар хона, кӯчаю кор, меҳмонқабулкунӣ, меҳмонравӣ, иззату ҳурмат, ҳаёти оилавӣ ва муносибатҳои байни инсонӣ дар давоми асрҳо ташаккул ёфтаанд. Бо тағйири сохти ҷамъиятӣ гоҳо баъзе ақидаҳои ахлоқӣ низ тағйир меёбанд, мазмуни нав мегиранд. Аммо асоси он, ки аз анъанаҳои миллӣ ғизо гирифтаанд, бетағйир мемонанд. Риоя намудани қоидаҳои нонавиштаи ахлоқ обрӯю эҳтироми шахсро баланд мебардорад. Риоя накардани ин қоидаҳо сабаби сарзаниши шахс ва паст гардидани ҳурмату эҳтиром ва мақоми ӯ мегардад.

Чӣ тавре ки бузургон фармудаанд:

Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,
Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ арзон аст.
Аз беадабӣ касе ба мақсад нарасид,
Зеро ки адаб тоҷи сари мардон аст.

Дар замони мо ба тарбияи ахлоқии ҷавонон ба таври бояду шояд аҳамият намедиҳанд. Одам дар ҷамъият зиндагӣ карда бо хонавода, хешу табор, дӯстони оила, дар мактабу донишкада бо ҳамсинфону ҳамсабақони худ, дар фаъолияти корӣ бо ашхоси зиёди дигар сару кор мегирад. Бинобар ин маданияти муносибат бо одамон дар ҳаёти ҳар як шахс ҷои муҳимро ишғол мекунад.

Муносибату муомилаи писару духтар хусусиятҳои ба худ хос дорад, аз ин рӯ риоя намудани он барои ҳар як ҷавони боодоб шарт аст. Халқи тоҷик соҳиби маданияти ҳазорсола мебошад. Дар бораи одобу ахлоқи ҳамида, муносибатҳои неки инсонӣ шоирону нависандагони форсу тоҷик асарҳои зиёде иншо кардаанд.

Аммо бо мурури замон баробари тағйири сохти ҷамъиятӣ, махсусан баъд аз инқилоб (ва имрӯзҳо низ) қисме аз он меъёрҳои ахлоқӣ шаклҳои нав гирифтаанд.

То инқилоб дини ислом дӯстию рафоқати писарону духтаронро манъ мекард. Шариат рӯй кушодани духтарони аз 9-сола калонро манъ мекард ва онҳо мебоист аз мардони бегона

рӯяшонро пинҳон кунанд. Писари 12 сола барои занон марди номаҳрам дониста мешуд. Риоя накардани ин шарт гуноҳ дониста мешуд.

Барои духтарон чизи аз ҳама қиммат шараф ва номи нек аст. Духтар то ба шавҳар баромадан бояд шарафу номуси худро нигоҳ дорад. Агар номи ӯ бо сабукфикрию сабукпоӣ барояд, як умр зери маломати мардум мемонд. Аз ин рӯ, духтарон ва ҷавонон дар кӯча бо мардони ношинос гап намезананд ва бо овози баланд намехандиданд. Диққати мардумро ба худ ҷалб кардан аз рӯи одоб набуд.

Аксарияти ин қонунҳои нонавишта эътибори худро ҳоло ҳам гум накардаанд. Танҳо фарқ он аст, ки духтарону занони тоҷик ҳоло фарди баробарҳуқуқи ҷомеаанд.

Духтарону писарон дар мактаб, муассисаҳои таълимии олию миёнаи касбӣ якҷоя таҳсил мекунанд. Дар деҳот аксарияти онҳо ғайр аз дарс дар хоҷагиҳои деҳқонӣ кор карда, бо ҳам рафиқу дӯст мегарданд. Гоҳҳо ин дӯстӣ ба муҳаббати ҳақиқӣ мубаддал мегардад ва бо розигии волидайн онҳо оиладор мешаванду хушбахтона умр ба сар мебаранд.

Аммо дар ҳама ҳолат ҷавонон бояд анъанаҳои неки миллиро фаромӯш накунанд. Шарму ҳаё, фурӯтанию хоксорӣ нишонаи одобу маданияти баланди инсонист. Агар писару духтар дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо ҳамдигар бо овози баланд сухан гӯянд, ханданд, ба атрофиён аҳамият надиҳанд, ин нишонаи беодобист. Одоби писарону духтарон (муносибаташон) дар хушмуомилагӣ ва эҳтироми якдигар аст. Изҳори муҳаббату садоқат бояд бо суханони нарму самимӣ ифода ёбад, зеро:

> Сухан сардафтари девони ишқ аст,
> Сухан ганҷинаи султони ишқ аст...
>
> *(Ҳилолӣ)*

Самимият, хоксорӣ, тайёр будан ба кӯмаки одамон, дӯстро аз рафтори бад нигоҳ доштан аз хислатҳои некӣ инсонист. Шояд дӯстии писару духтар имкон диҳад, ки онҳо ҳамдигарро хуб фаҳманд ва дӯстии онҳо ба ишқи ҳақиқӣ мубаддал гардад.

Аз ин ҷиҳат ҷавонон одоби муоширатро бояд хуб аз худ кунанд. Дар муносибат писарону духтарон бо ҳамдигар ҳалиму меҳрубон бошанд, ба ғурӯр роҳ надиҳанд.

Хоксорӣ, фурӯтанӣ яке аз хислатҳои беҳтарини инсон мебошад. Ҷавонон бояд хислатҳои ростқавлӣ, садоқат ва эҳтиромро дар худ парваранд. Амалу рафтори худро идора карда тавонанд. Одами хоксор ҳеҷ гоҳ касеро таҳқир намекунад ва худро аз касе боло намедонад.

Баъзан мушоҳида мешавад, ки ҷавонписарон нисбат ба духтарон муносибати дағал мекунанд. Номашонро нагирифта ба онҳо лақаб мегузоранд. Бо рафтору амали хеш бартарии худро намоиш додани мешаванд, ки ин аз бетарбия будани онҳо шаҳодат медиҳад.

Гоҳо духтарон ҳам нисбат ба писарон чунин рафторро раво мебинанд. Агар духтару писаре бо ҳам муносибати дӯстона дошта бошанд, онҳоро масхара мекунанд, механданд, ки ин амал ҳам нишонаи беадабист.

А. П. Чехов дар мактуб ба бародараш дар бораи одоб чунин навиштааст: «Одамони ботарбия... шахсияти инсонро эҳтиром мекунанд, аз ин рӯ ҳамеша мадоро, ҳалим, хушмуомила, нармдиланд. Онҳо на танҳо нисбат ба бенавоён раҳмдилу дилсӯзанд. Қалби онҳо аз чизе низ ба сӯз меояд, ки ба чашми оддӣ дида намешавад. Онҳо покдиланд, аз дурӯғ мисли оташ метарсанд. Онҳо ҳатто дар бораи чизҳои беаҳамият низ дурӯғро истифода намебаранд. Дурӯғ барои шунаванда таҳқиромез аст ва гӯяндаро дар назари ӯ хору залил ва беқурб месозад. Онҳо худнамоӣ намекунанд, рафторашон дар кӯча ҳам мисли хона аст, ба чашми ашхоси аз худ пасттар хок намепошанд. Онҳо лаққӣ нестанд ва агар аз онҳо напурсанд, ҳарфе намегӯянд. Онҳо бештари вақт хомӯшанд. Албатта, бо чунин инсон муносибат кардан хуш аст». Асоси муносибати писарону духтаронро назокату одоб ташкил медиҳад. Дар муносибати одамон одоб чун меъёри ахлоқ ба ҳисоб меравад. Риоя накардани меъёри ахлоқ, ки дар ҷомеа ҳамчун қонуни нонавишта қабул шудааст, нишони бетарбиягӣ ва бадахлоқӣ аст.

Дар ҷомеаи мо ҷавононе ёфт мешаванд, ки духтаронро манбаи дилхушӣ ва вақтгузаронӣ медонанд. Дӯстии онҳо бо духтарон танҳо аз ҳамин хотир аст. Ҳамин ки бо духтари зебои дигар вохӯранд, бо баҳонае худро канор гирифта ба паҳлӯи духтари дигар меравад.

Аз ин рӯ духтарон дар интихоби дӯсту рафиқ бояд боэҳтиёт, сахтгир бошанд. Ҷавонро дониста, санҷида, ҳаматарафа ӯро шинохта муносибат намоянд. Дар ин бобат Носири Хусрав фармудааст:

Чу касро ёре як дил ёр гардад,
Ба ҳар озор кай безор гардад?
На бар ҳазл аст кори ёру ёрӣ,
Ки сидқи эътиқод омад ба ёрӣ.
Ба ёрӣ дар фаровон кор бошад,
На ҳар к-аш ёр хонд, ёр бошад!
Дило! Ёре талаб, гар метавонӣ,
Чунон ёре, ки бар вай ҷон фишонӣ.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Ахлоқ чист?
2. Тарбиятгари асосии ахлоқ дар оила кист? Падар ё модар?
3. Дӯстии духтару писар чӣ тавр сурат мегирад?
2. Ақидаи Шумо дар бораи дӯстии писарону духтарон чӣ хел аст?

## §11. МУҲАББАТ – ҲИССИЁТИ ОЛИИ ИНСОН

Дар забони тоҷикӣ ду калимаи муқаддас ва ба ҳам муродиф мавҷуд аст, ки ҳиссиёти олӣ ва наҷиби инсониро ифода мекунад: «Ишқ» ва «Муҳаббат». Ҳар ду аслан калимаи арабӣ буда, ба таври умумӣ як ҷозибаи нарм, форам, гарм ва сӯзони байни ду касро ифода мекунад. Ин ҷозиба (кашиш) бисёр нозук ва латиф, аҷиб ва шавқангез буда, моҳияти онро то охир ҳеҷ кас фаҳмида ва фаҳмонида натавонистааст. Зеро ки вай дар вуҷуди зиндаю мураккаби инсон жарфтар реша давонда, ба хуну ба мағзи он вобастаю пайваста аст.

Дар адабиёти тоҷик дар боби ишқу ошиқӣ асарҳои зиёде эҷод гардидаанд. Мавзӯи ишқу муҳаббат, вафодорӣ, фидокорӣ дар ин роҳ доим диққати аҳли башарро ба худ ҷалб мекунад. Чунон ки ғазалсарои бузург Ҳофизи Шерозӣ гуфтааст:

Ман бандаи он касе, ки шавқе дорад,
Бар гардани худ зи ишқ тавқе дорад.
Ту лаззати ишқу ошиқӣ кай донӣ?
Ин бода касе хурад, ки завқе дорад.

Дар ҷаҳон касе нест, ки дар ҳаёти худ боре ошиқ нашуда бошад. Бехобӣ, интизорӣ барои танҳо як дидори маъшуқа, дарди ҳиҷрону шоирӣ барин хислатҳо барои ҳар фарди ошиқ хос аст. Аммо барои баъзеҳо баъд аз муддати муайян оташи сӯзони ишқ паст мегардад ва оҳиста – оҳиста он фаромӯш мешавад. Маълум

мегардад, ки ин ишқи ҳақиқӣ набуда, танҳо ҳавою ҳавас аст. Чунон ки Хусрави Деҳлавӣ гуфтааст: «Ҳавас дигару ошиқӣ дигар аст».

Ишқи ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ хомӯш намегардад. Донишманди бузург Закариёи Розӣ дар китоби «Тибби рӯҳонӣ», ки ба бисёр забонҳои ҷаҳон тарҷума шудааст, дар бораи ҳолати ошиқ навиштааст: «Инчунин мумкин аст, ки аз дарди ишқи ҳақиқӣ дар ғамгинии шадид ва ғӯсаҳои муттасил бимонад. Дар ин гуна ҳолат ошиқоне, ки ҳеҷ гоҳ ба мақсади худ намерасанд ба дарди бехобӣ ва парешонҳолӣ дучор мешаванд. Гузашта ба ин кор то ба ҳадде мерасад, ки аз хӯрдани таом бемайл шуда, ба дарди ҷунунию васваса гирифтор шуда, коҳидаву пажмурда мешаванд».

Бузургон гуфтаанд: *Дарди ишқро дармон висоли ёр аст* ва ё

Набошад ишқро ҷуз ишқ дармон,
Нашояд кард сандон ҷуз ба сандон.

Дар хусуси дарди ишқ ва дармони он аз ҷониби донишманди бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино ҳикояти аҷибе то замони мо расидааст, ки мазмуни он чунин аст: «Овардаанд, ки дар Табрез хоҷаи бозаргонеро писаре буд дар камоли ҳусну малоҳат ва дар ниҳояти латофат ва сабоҳат, вай бемор шуд. Ҳарчанд ки ӯро муолиҷа намуданд, беҳ намегардид, то ба ҳадде ки умедворӣ мунқатеъ шуда. Ҷамъе падари вайро гуфтанд, ки дар вилояти Бухоро табибест Абӯалӣ ном, илоҷи писарат вай метавон намуд. Он бозаргон писари худро гирифта назди Абӯалӣ овард.

Абӯалӣ чун набзи ӯро гирифт, донист, ки ӯ ошиқ аст, аммо агар изҳори он намояд, он писар маҳҷуб мешавад ва мумкин нест, ки изҳори он кунад ва мақсуд фавт мешавад.

Абӯалӣ гуфт:

— Эй хоҷа, марди ҷаҳонгаштае меорӣ, ки вай сухангӯй ва ширинтакаллум бошад, то ман аз ӯ ҳикоят пурсам ва гуфтугӯй кунам, то писари ту шифо ёбад.

Ин хоҷаро мусоҳибе буд, ки тамоми рубъи (макон) маскун сайр карда буд, бо худ ҳамроҳ дошт, ҳозир сохт.

Абӯалӣ даст бар набзи писар ниҳод ва аз он пири ҷаҳонгашта таърифи шаҳрҳоро мепурсид, то ба таърифи шаҳри Табрез расид, набзи он писар мутаҳаррик шуд. Абӯалӣ донист, ки матлуби вай дар Табрез аст. Аз маҳаллот ва мавзеи он шаҳр пурсидан гирифт. Чун маҳаллаи Шакарфурӯшонро бар забон бурд, набзи вай бисёр

музтариб гардид, маълум шуд, ки максуди вай дар он маҳалла аст. Аз кадхудоён ва мутаваттинони он маҳалла пурсид, чун номи фалон хоҷаро ба забон гузорид, набзи вай суръат бунёд кард, аз аҳли хонааш пурсид, яке духтареро ном бурд, набзи вай ба мартабае изтироб намуд, ки наздик буд қолаб тиҳӣ кунад. Абӯалиро ҷазм шуд, ки манзури вай ҳамон духтар аст. Ба хоҷаи бозаргон гуфт, ки бархезу Табрез рав ва фалон духтар, ки мазкур шуд, аз барои ин писар хостгорӣ кун, ки илоҷи ӯ ҳамин аст. Он низ аз мухтареоти Абӯалӣ аст».

Оре, ишқе, ки дар ин ҳикоят тавсиф шудааст, ҳиссиёти олии инсонӣ аст. Ишқи покизаи инсонӣ бо майлҳои булҳавасию шаҳвонӣ олуда нест. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ба ёд оред, як шаб дар саҳро Лайлӣ бо Маҷнун ҳамроҳ буданд, аммо Маҷнун кӯшише барои коми дил ситонидан накард. Онҳо то рӯз ба якдигар менигаристанду рози дил мегуфтанд. Маҷнун намехост маҳбубаи худро бадном кунад, чунки ишқи пок рафтори шоистаро тақозо мекунад:

Меҳру рафъат васфи инсонӣ бувад,
Хашму шаҳват васфи ҳайвонӣ бувад. -

гуфтааст Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ.

Оилае, ки дар асоси ишқи тарафайн бунёд мегардад, хушбахту поянда аст.

Ишқ мағзу меҳвари оила ва муносибати оилавӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба вай хеле дақиқ ва нозук муносибат кардан зарур аст. Шарти аввал, донистан ва қабул кардани он ки муносибати ҷинсӣ асоси воқеӣ - ҷисмонӣ дошта, он аз азал дар инсон мавҷуд аст. Дар одами ноболиғ чунин ҳиссиёт ҳоло ташаккул наёфтааст. Дар тани ранҷур (касал), ки ба ҳоли худ аст, ишқ ба ҷинс хеле коста аст. Дар тани пири фартут низ ишқу ҷозибаи он моҳияту мазмуни давраи ҷавониро надорад. Робитаи байни онҳо асосан аз рӯи одат, ҳоҷат ва муошират, наҷот аз хавфи танҳоӣ аст. Ҷавонон хусусиятҳои ишқро дар давраи вохӯриҳои ошиқона ва давраи баъди никоҳу ҳаёти мураккаби оилавӣ фарқ мекунанд. Он «дуд»-у «оташ» ва «сӯхтаму пухтам»-ҳо хоси замони ишқварзист. Вале он дар вақти ба коми дил расидан, никоҳ шудан нест намешавад.

Шарти дуюм, донистану эътироф кардани он ки ишқ дар миқёси замону макон, фазо ва вақт доимӣ ва абадӣ нест. Вобаста ба эҳсос ва асосҳои дигар пайдо мешавад, вале комилан вобаста

ба шахс ва дар ихтиёри шахс аст; дар доираи замону макон умр ва тан маҳдуд буда, пайдоиш, инкишоф ва инҳирофи он низ тибқи ҳамин қонуният вуҷуд дорад.

Шарти сеюм, ишқ ба хирад ва иродаи инсон бояд тобеъ бошад. Вале ин на тобеъияти яктарафа, балки робитаи тарафайн аст. Хирад ва ирода агар ишқу ҳиссиёти ишқиро идора ва раҳнамоӣ кунад, ишқу хиссиёт аклу иродаро кувват медиҳад: аклро ҷӯё ва иродаро гиро мекунад; акл ба ишқ сафо мебахшад, барои интихоби дурусти объекти ишқ мадад мерасонад; ишқ (ишқи ёр, ишқи Ватан, меҳри касб ва ғ.) дар навбати худ аклро водор месозад, ки роҳҳои беҳтару наздиктари расидан ба мақсадро ҷӯяду ёбад; вай иродаро мадад мекунад ва пурқувват у устувор менамояд. Дар сурати суст будани таъсири хирад ишқ метавонад, иродаро тамоман ба ихтиёри худ гирад, ба самти барои ӯ даркорӣ равона созад. Ин ҳол ҳам ҷиҳати хуб ва ҳам ҷиҳати бад дорад. Ҷиҳати хуб он аст, ки ишқи ҳақиқиро ба мурод мерасонад ва ҷиҳати бад касро ба корҳои нохуш: ғалабаи шаҳват, ҷабр, ғадр ва ғ. бурда метавонад. Дар хусуси акл бошад, ишқи ҷунунӣ онро тира ва гумроҳ низ карда метавонад. Шарти чорум, ин аст, ки ишқ танҳо кори ошиқ аст, вай ягон хел маҷбуриятро аз берун, аз ҷониби каси дигар бардошта наметавонад. Ишқ харида ё фурӯхта (масалан, қалин) ё бахшида намешавад. Барои ин ҳиссиёт танҳо озодӣ ва ихтиёр лозим аст. Ба воситаи зӯрӣ, «пора» (тӯҳфа), зора ва амсоли инҳо касро ба никоҳ, ба ҷимоъ водор кардан мумкин аст, вале дар дили ӯ бо ин воситаҳо ҷой гирифтан мумкин нест. Ҳар кас мехоҳад ҳамсареро интихоб кунад, ки бо ӯ дар ҳаёти оянда хушбахт шуда тавонад. Вале ин кори осон нест, ниҳоят мушкил ва мураккаб аст. Касе онро осон гум мекунад ва сабукфикрона амал менамояд, хатои азим мекунад. Мушкилиҳо дар чист?

Ишқ хосияти аҷибе дорад: писару духтар, марду зани тамоман ношинос аз нигоҳи аввал нисбати якдигар меҳр мебанданд. Ин ҳолро дар забони тоҷикӣ «ба як дидан ошиқ гардид» мегӯянд. Ин гуна ишқ падидаи бузург ва сеҳрнок аст, аммо бадӣ ҳам дорад: вай ҳиссиёти ҳар касро ба ҷӯш оварда, аклро «тира» ва интихоби оқилонаро мушкил месозад. Решаи ин «ишқи фаврӣ» шояд дар он бошад, ки ҳар шахси муҷаррад, ғайр аз он эҳтиёҷу ишқи бузург, ки ба ҳамсар дорад, боз пешакӣ образи онро қиёсан ба падар, модар, бародар, хоҳар, хеш, ҳамсоя, образҳои адабӣ (аз кинофилмҳо) барои худ офаридааст. Он образи хаёлӣ

дар ҳамон нигоҳи аввал ба образи реалӣ мувофиқ меафтад, касро ба ҳаяҷон меорад, хиссиёти ишқ бедор мешавад. Ба ибораи дигар, вай ба ҳамон образи хаёлиаш кайҳо «ошиқ» аст, ӯро ҳар ҷо меҷӯяд. Сониян, эстетика дар ин маврид вазифаашро ҳамон лаҳза иҷро мекунад: ҳусн кори худро мекунад. Ҳусни расо ҳамеша барангезандаи завқ, шавқ, майл, ишқ ва дар айни ҳол тирасозандаи хирад, фикр мебошад, аммо омили ягонаи барафрӯхтани оташи ишқ нест. Донишманде гуфтааст: «Маъшуқаеро, ки чашм интихоб кунад, чи басо, ки маҳбуби дил нашавад, аммо онро, ки дил биписандад, бегумон нури чашм хоҳад шуд». Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки чашм ҳуснро меписандаду дил интихоб мекунад. Барои дил бошад омилҳои асосӣ феълу рафтори нек, меҳру самимият, садоқат, вафо ва дигар хислатҳои неки инсонӣ мебошад. Вагарна, дар зиндагӣ бисёр духтарони зебо, аммо худписанду худхоҳ, бевафою сабукрафтор умрашонро ба танҳоӣ мегузаронанд ва касе онҳоро ҳамроҳи ҳаётии худ интихоб намекунад.

Ҳусн ҳам барои ҳама як хел намемонад. Ҳар кас ба худ завқи хосе дорад. Ҳусне, ки барои як кас дилкашу ҷозиб менамояд, ба дигаре маъқул нест, аммо хислатҳои некро ҳама як хел қадр мекунанду меписанданд. Ҳикояти Шайх Саъдии Шерозӣ ба ин мавзӯъ хеле мувофиқ аст.

## ҲИКОЯТ

Якеро аз мулуки араб ҳадиси Лайлӣ ва Маҷнун ва шӯриши ҳоли ӯ бигуфтанд, ки ба камоли фазлу балоғат сар дар биёбон ниҳодааст ва замоне ақл аз даст дода. Бифармудаш, то Маҷнунро ҳозир овардаид ва маломат кардан гирифт, ки «дар шарафи нафси инсон чӣ халал дидӣ, ки хӯи баҳоим гирифтӣ ва тарки сӯҳбати мардум гуфтӣ?» Гуфт:

Кош к - онон, ки айби ман ҷустанд,
Рӯят, эй дилситон, бидидандӣ.
То ба ҷои турунҷ дар назарат,
Бехабар дастҳо буридандӣ.

То ҳақиқати маъно бар сурати даъво гувоҳ омадӣ...». Маликро дар дил омад ҷамоли Лайлӣ мутолиа кардан, то чӣ сурат аст, ки муҷиби чандин фитна аст? Пас бифармудаш талаб кардан.

дар ахёи араб бигардиданд, ва ба даст оварданд ва пеши малик дар саҳни сароча бидоштанд. Малик дар ҳайати ӯ назар кард, шахсе дид: сияҳфоми борикандом. Дар назараш ҳақир омад, ба ҳукми он ки камтарин худдоми ҳарами ӯ ба ҷамол аз ӯ пештар буданд ва ба зинаш бештар. Маҷнун ба фаросат дарёфту гуфт: «Аз даричаи чашми Маҷнун бояд дар ҷамоли Лайлӣ назар кардан, то сирри мушоҳидаи ӯ бар ту таҷалло кунад:

Тандурустонро набошад дарди реш,
Ӯ ба ҳамдарде нагӯям дарди хеш.
Гуфтан аз занбур беҳосил бувад,
Бо яке дар умри худ нохӯрда неш!
То туро ҳоле набошад ҳамчу мо,
Ҳоли мо бошад туро афсона пеш.
Сӯзи ман бо дигаре нисбат макун
Ӯ намак бар дасту ман бар узви реш!»

Аз ин ҷост, ки ҳар кас бо завқи хеш ба нигоре дил мебандаду ҳусни ӯро аз ҳама зеботар медонад:

Ошиқ ҳамон, ки маъшуқаро хуш кунад.

Акнун ишқро аз назари таърихи башар ва умуман инсон баррасӣ мекунем. Дар дунёи қадим муносибатҳои байни марду занро зуҳуроти инстинкти ҷинсӣ, яъне шаҳват муайян мекард, ки бетартиб ва бехирадона буд. Ба қавли В. Г. Белинский «ишқе, ки танҳо ҳиссиётро ифода мекунад ба табиат асос ёфта, майли як ҷинсро ба ҷинси дигар дар бар мегирад». Вай чандон характери иҷтимоӣ нагирифта, ба қоидаҳои ҷамъиятӣ (ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, одат, ирода) мураттаб карда намешуд: бетартиб ва беқоида буд, «зеро ки он ҳоло маҳдудиятҳои минбаъда аз рӯи одат муқарраршуда набуд». Вазъи мавҷуда тадриҷан ба корҳои истеҳсолӣ ва ҳаёти оилавии одамони ибтидоӣ зиён овард: дар ин замина дар байни мардҳо ва қисман занҳо зиддияту низоъ ба вуқӯъ пайваст. Аҳвол ба ҷое расид, ки хавфи барҳам хӯрдани одамони ибтидоӣ ба миён омад. Пас, зарурати таърихӣ, объективӣ ба миён омад, ки инстинкти ҷинсӣ «пухта» карда шавад ё тавре ки боз мегӯянд, пеши роҳи «индивидуализми зоологӣ» гирифта шавад. Ба ин мақсад чунин қоидаи маҳдудкунанда ва танзимкунанда «табӯ», «маъниёт» ҷорӣ мегардад. Дар ҳар сурат ҳоло чунин муносибату робитаҳои ҷинсиро ишқ шуморидан мумкин нест, зеро дар бунёди вай он

хосиятҳое, ки ба ишқи ҳақиқӣ хос аст, пурра вуҷуд надорад. Дар ҷамъияти синфӣ (ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ) ишқ поймоли муносибатҳои синфӣ буд, озод харидаю фурӯхта мешуд. Дар байни намояндагони як синф, ки тақрибан шароити якранги иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доштанд, ишқ то андозае маънои аслии худро нигоҳ медошт, вале дар байни намояндаҳои синфҳои мухолиф вай ба «найранг» табдил ёфта буд. Чун дар тамоми ҷамъият муносибатҳои синфӣ ҳукмрон буд, таъсири синфии он ба муносибатҳои ишқии байни худи намояндаҳои ҳамон як синф низ расида буд. Ишқ чун мол харида ва фурӯхта мешуд: харидор каси пулдор ва фурӯшанда шахси духтардор ҳисоб мешуд. Дар асл дар чунин муомила аз ишқ асаре намемонад: пояҳои асосии худ (озодии интихоб, баробарии тарафҳо, майли тарафайн, ҷозибаи ҳусн, оташи шавқ)-ро гум мекунад.

Дар ҷамъияти феодалӣ ва ибтидои сохти капиталистӣ дар мамлакатҳои Аврупо як навъ зуҳуроти ишқ мавҷуд буд, ки моҳияти он сари «таъзим» фуруд овардан дар назди зан, зебу зинати вай буд. Ҷавонмардҳо (ритсарҳо) ба занҳои зебо хушомад зада, изҳори ишқ менамуданд. Аммо дар ин ҷо ҳам ишқи ҳақиқӣ набуд, зеро ҳаргиз занро ба худ баробар намешумориданд ва ӯро бештар чун воситаи вақтхушӣ медонистанд.

Дар Шарқи мусулмонӣ низ вазъият аз ин беҳтар набуд. Шахсони мансабдор (амирону подшоҳон) дар ҳавлию дарбори худ даҳҳо духтарону занҳоро ҷамъ намуда, «ишқварзӣ», айшу ишрат мекарданд. Ишқ як хосияти умумӣ дошта, дар шаклҳои гуногун, дар марҳалаҳои умри инсон зоҳир мегардад. Масалан, дар даврааи кӯдакӣ ишқи аз ҳама пурзӯр нисбати модар аст. Дар давраи ҷавонӣ чунин ишқ нисбати ҷинси дигар (маъшуқ ё маъшуқа) зоҳир мешавад. Ин ҳол барои баъзе модарон фоҷиа ҳисоб мешавад. Дар давраи пирӣ, тавре ки қаблан гуфта шуд, ишқ он ҳиссиёту ҳарорати давраи ҷавониро надорад, сифатан дигар мешавад. Зан, ки модар шуд, фарзандашро дар аксар мавридҳо аз шавҳар бештар дӯст медорад. Ҳамаи ин ҳолатҳоро ба ҳисоб гирифта, муносибатҳоро танзим кардан лозим аст. Ишқи Ватан бошад, хусусиятҳои худро дорад, асосан ҳангоми ғарибӣ сахт эҳсос мегардад. Объекти чунин ишқ гуногун ва таркибан сершумор аст. Ишқ ба хона, кӯча, маҳал, ноҳия, кишвар, вилоят, ҷумҳурӣ шуда метавонад. Фарқи куллии ин ишқ аз ишқи ҷинсӣ дар он аст, ки яке дигареро истисно намекунад. Вале касе, ки дар Ватан аст, аз ғами ишқи он озод аст.

Барои ҳамин мегӯянд: «Ғами Ватан аз ғарибон пурс, ки соҳибватанон аз он бехабаранд».

Чӣ тавре ки шаклҳои зуҳуроти ишқ бисёр аст, шаклҳои изҳори он низ хеле гуногун мебошад. Дар ҳар забон тарзи баён кардани «Ман туро дӯст медорам» бо шаклҳои гуногун вуҷуд дорад. Муҳим он аст, ки ишқ моҳиятан пок, расида ва шаклан пухта бошад. Дар он сурат, барои изҳор намудани он суханҳо воситаҳо бисёр аст. Аз ҳама хубаш он аст, ки вай на ба воситаи сухан, мактуб, миёнарав, ишора ва г., балки дар амал нишон дода шавад. Аслан дар ин масъала ҳарфи зиёд гуфтан норавост: «Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ, ҳар гаҳ ки бисӯзию наналӣ, ишқ аст». Аввалан ақлу фаросат, шаклу сурат, шавқу рағбат, меҳру садоқат ва касбу маҳорати худро нишон дода, сипас аз ишқу висол ҳарф бояд зад. Онҳое, ки дарҳол «Туро дӯст медорам, бе ту мемирам» мегӯянд, дурӯғи маҳз аст. Дар воқеъ, онҳо ҳарчанд ҳиссиёти гарму ҷӯшон дошта бошанд ҳам, вале он пойдор ва устувор нест, поя ва ё реша надорад, ба зудӣ хомӯш мешавад. Ҳеҷ набошад, баъди никоҳ ва висол дер намепояд. Дар чунин ҳолатҳо бисёр эҳтиёт шудан лозим аст.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Кадом асари ишқӣ ё филми бадеӣ ба шумо маъқул аст?
2. Тасаввуроти шумо дар бораи ишқ чӣ хел аст?
3. Оё якбора ду касро дӯст доштан мумкин аст?
4. Чаро гоҳо ишқу муҳаббат аз байн меравад?
5. Кадом хислатҳо дилдодагонро бо ҳам наздик ва чӣ хел рафтор аз ҳамдигар дур месозанд?
6. Кадом хислатҳои писарон (духтарон) ба шумо маъқуланд?

## §12. МАДАНИЯТИ РАФТОРИ ОШИҚОН

Дар байни мардуми тоҷик ишқи Тоҳиру Зӯҳро, Лайлию Маҷнун, Фарҳоду Ширин ва вафодории онҳо бо якдигар афсона гаштаанд. Аз адабиёти тоҷик, афсонаҳои халқии ниёгонамон аз боби ишқу вафодорӣ, муҳаббати самимии инсонӣ мисолҳои зиёдеро овардан мумкин аст. Гарчанде замони тираю тори феодалӣ, ҳукмронии сарвату хурофот, имкон намедоданд, ки онҳо ба висоли ҳамдигар бирасанд, аммо онҳо ба ишқи худ содиқ монданд ва аз ин ҷиҳат вафодории онҳоро дар давоми асрҳо мардум ба некӣ ёд мекунанд. Дар қиссаи ишқи онҳо дар ҳақиқат ҳиссиёти баланди инсонӣ тасвир ёфтааст.

Мавзӯи ишқу муҳаббат, вафодорӣ ва фидокорӣ дар ин роҳ доимо диққати ҷомеа ва махсусан, ҷавононро ба худ ҷалб мекунад. Дар ин маврид мутафаккири бузург Афлотун гуфта буд:

«Бе ишқ зиндагӣ муҳол аст».

Дар ҷаҳон шояд касе ёфт нашавад, ки дар умраш боре ошиқ нашуда бошад. Ошиқ шудан дар ҳаёти ҳар кас воқеаи ҳаяҷонбахш аст, аз ин рӯ солҳои сол ишқи аввал фаромӯш нахоҳад шуд.

Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» дар бораи ишқу ошиқӣ сухан ронда, мегӯяд:

Ин ишқ латиф асту латифӣ хоҳад,
Ҳар ҷо ки равад, чу худ зарифӣ хоҳад.

«Ишқ ҳамеша оғуштаи табиатҳои нозук буда, бо зеҳнҳои латиф пайваста мешавад. Маҳз ишқ ошиқонро ба тозагӣ ва хушзабонӣ ва зебоии ҳаёт сафарбар мекунад. Онҳоро тавассути ғазалиёт ва шеърҳои пурбалоғат, ки дар боби ишқ гуфта шудаанд, ақидаҳои худро паҳн мекунанд», -гуфтааст мутафаккири бузург Закариёи Розӣ. Аммо, афсус, ки на ҳама дорои хислатҳои хуби инсонианд ва гоҳо бо рафтори беодобона, бо суханҳои дуруштн беҷо қасри зебои ишқро дарҳам шикаста, аз дилдодаи худ ҷудо мегарданд.

Шоири тоҷик Файзулло Ансорӣ гуфта буд:

Дар забони миллати ман ишқ ин покизагист.
Ҳар кӣ ин маънӣ надонад олами покиза нест.

Аз ин рӯ, маданияти муносибати байни ошиқон, одоби муомилаю муоширaт барои нигоҳ доштану пойдор гардидани ишқ аҳамияти калон дорад.

Ёд доред, Лайлию Маҷнун ҳангоми таҳсил дар мактаб ба ҳам ошиқ шуда буданд ва ишқашонро то охири умр покиза нигоҳ доштанд. Муносибати Лайлию Маҷнун, он покию вафодорӣ, самимияту садоқат барои ҷавонони замони мо боиси пайравӣ аст.

Дар замони мо ҳам ишқи аввали ҷавонӣ бештар дар вақти таҳсил дар мактаб ба вуҷуд меояд. Хонандагони синфҳои боло ба ҳамдигар таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекунанд. Ҷавон кӯшиш мекунад, ки бо ҳар роҳе ба духтар фаҳмонад, ки ӯро дӯст медорад.

Агар писар далеру росткор бошад илоче ёфта ба маҳбубааш дарди дилашро мегӯяд, агар ҷавони шармгин бошад ба воситаи мактубча ё касеро восита карда ҳиссиёти худро ба дилдодааш мерасонад. Гоҳо мешавад, ки онҳо бо ҳамдигар дӯст шуда наметавонанд, писар ба духтар маъқул нест. Дар ин ҳолат ҳам бояд ҷавонон ҳиссиёти ҳамдигарро таҳқир накарда, эҳтироми якдигарро донанд, муносибати дӯстона кунанд, дар ҳолати зарурӣ ба якдигар ёрӣ расонанд. Шояд бо мурури замон феълу рафтори неки якдигарро писандида боз бо ҳам дӯст гарданд. Дӯстӣ бошад оҳиста-оҳиста ба ишқи ҳақиқӣ мубаддал мегардад. Бузургон беҳуда нагуфтаанд:

Дилро ба дил раҳест дар ин гунбади сипеҳр,
Аз рӯи кина кинаю аз рӯи меҳр меҳр.

Яке аз зуҳуроти оддитарини ишқ меҳри бепоёну хушмуомилагӣ мебошад. Дӯстию ошиқӣ садоқат, ахлоқи неку маданиро тақозо мекунад. Муносибати ошиқон бояд беғаразонаю самимӣ ва дӯстона бошад. Анъанаҳои миллии тоҷикон талаб мекунад, ки шахс ҳиссиёти худро ниҳон дошта тавонад. Аз ишқи худ дар ҳар ҷою назди ҳар кас лоф задан ҳам ба мард ҳам ба зан намезебад. Онҳо ишқи худро пок нигоҳ доранд, то ки вай манбаи муҳокимаи умум нагардад. Агар худи дилдодагон боварӣ ҳосил карданд, ки ҳамдигарро дӯст медоранд, бо маслиҳати ҳамдигар метавонанд ба волидайни худ изҳор кунанд, ки онҳо аз сирри дили фарзандонашон огоҳ бошанд.

Шарти асосии мустаҳкамии муносибатҳои ошиқон ба ҳамдигар боварӣ доштан аст. Дурӯғгӯӣ, фиребгарӣ ин занге аст, ки оҳиста-оҳиста муносибати ошиқонро вайрон карда, самимиятро аз байн мебарад. Як сухани талх ва ё рафтори дағал гоҳо сабаби аз ҳамдигар ранҷидани ошиқон мегардад. Бояд қайд кард, ки агар муносибати онҳо самимӣ бошад, онҳо набояд аз рафтори якдигар ранҷанд. Чи тавре ки Саноӣ гуфтааст:

Дӯстиро кас ба як бадӣ нафурӯхт,
Баҳри кайке гилем натавон сӯхт.

Ошиқон бояд тарбияттари ҳамдигар бошанд. Хислатҳои бади якдигарро рӯ ба рӯ гӯянд. Рафтори худро муҳокима кунанд, одобу ахлоқи некро омӯзанд. Агар ҳамдигарро дӯст доранд, кӯшиш кунанд, ки дар байнашон дилхунукие ба вуҷуд наояд ва аз

гунохи ҳамдигар гузашта тавонанд. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар ин хусус мегӯяд:

Авф фармудан муборак хислатест,
Ҳар ки дорад авф, соҳибдавлатест.
Дил зи нури авф равшан мешавад,
В-аз насимаш сина гулшан мешавад.

Асоси маданият, муносибату рафтори ошиқонро ахлоқу одоб ташкил мекунад. Одоб ин меъёри рафтори оқилонаест, ки дар асоси анъанаҳои ҳазорсолаи халқ ба вуҷуд омадааст ва ҷавонон бояд дар асоси он рафтор кунанд. Дуруст аст, ки имрӯз ба суннатҳои миллии тоҷикӣ, анъанаҳои наву пешқадами инсонӣ зам гардидаанд. Баробарҳуқуқии мардону занон ба рафтору муносибати ҷавонон дигаргуниҳо дохил намудаанд. Аммо ин чунин маъно надорад, ки ҷавонон шарму ҳаёро фаромӯш карда, афкори умумро ба назар нагиранд. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ: кӯча, театр, кино, боғ ҷавонон бояд чунон рафтор кунанд, ки диққати мардумро ба худ ҷалб накунанд, ба истироҳату тамошои дигарон халал нарасонанд. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба ҳамдигар изҳори муҳаббат кардан, якдигарро ба канор гирифта бӯса намудан нишонаи беодобист ва аз ҳама беш ҳамчун паст задани қадри ҳамдигар дониста мешавад. Ишқ ҳиссиёти олии инсонӣ аст ва паст задани он нашояд.

Дилдодагон шараф, қадру қимати худро ҳамеша ва дар ҳама ҷо бояд нигоҳ доранд. Вақтҳои охир дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ духтарони мактабхон, талабаҳои синфҳои 10-11 ба корҳои ношоям даст мезананд. Дар ин кор пеш аз ҳама волидон, роҳбарони мактабу муаллимон гунаҳгоранд, зеро корҳои тарбиявӣ хеле суст ба роҳ монда шудааст.

Дар яке аз рӯзҳои имтиҳоноти тобистонӣ як толибаи синфи 10 худро бад ҳис мекунад. Мошини ёрии таъҷилӣ чег зада ӯро ба шифохона мебаранд. Ҳангоми муоина маълум мешавад, ки духтари 17 сола 5 моҳа ҳомила аст. Дар ҷараёни сӯҳбат маълум гардид, ки ӯ бо донишҷӯе дар шаҳр шинос мешавад. Баъд аз чанд вохӯрӣ донишҷӯ изҳори муҳаббат мекунад. Духтар ба ишқи ҷавон ва ваъдаҳои хонадоршавиаш бовар мекунад ва алоқаи ҷинсӣ мекунанд. Баъд аз як моҳ ҷавон ба хизмати ҳарбӣ даъват мешавад. Муддате пас ба духтар мактуб навишта хабар медиҳад, ки

интизори вай нашавад, ӯ зан дорад. Ҳамин тариқ, қиссаи ишқи духтари беандеша поён меёбад.

Дар ин воқеа киро гунаҳгор донем? Албатта, дар тарбияи фарзанд аз ҳама пеш оила, падару модар масъуланд. Мактаб ҳам бояд бо хонандагон кори тарбиявӣ барад. Аммо аз ҳама пеш худи ҷавонон ва махсусан духтар айбдор аст. Мутаассифона, дар ҳаёт гоҳо ҷавононе вомехӯранд, ки ба қадри ҳиссиёти баланди инсонӣ-муҳаббат намерасанд. Онҳо ҳамдигарро воситаи дилхушию вақтгузаронӣ медонанд. Ин гуна ҷавонон метавонанд ба ҳар духтари зебо изҳори муҳаббат кунанд, то ба мақсади нопоки худ бирасанд. Баъзан духтарҳо ҳам ба доми макри чунин булҳавасон афтида, аз ишқи ҳақиқӣ бехабар мемонанд.

Дар ин ҳодисаҳо пеш аз ҳама духтарҳои фиребхӯрда гунаҳгоранд. Духтарон бояд доимо дар ёд дошта бошанд, ки ишқ дигар аст, оиладорӣ дигар. Онҳо шарафу номуси худро то ба шавҳар баромадан бояд муҳофизат кунанд. Дар ишқ ба рафтори ношоиста набояд даст зад.

Ба андешаи донишманд ва файласуфи тоҷик Закариёи Розӣ: «Инсон агар сират дуруст кунад ва рафторашро нек созад, аз зарари мардум наҷот меёбад ва соҳиби ҳурмат мегардад».

**Супориш ва саволҳо:**

1. Тасаввуроти шумо дар бораи шахси маданӣ чӣ тавр аст?
2. Кадом қоидаҳоро дар муомила бо одамон аз ҳама зарур мешуморед?
3. Шахси замонавӣ буданро чӣ тавр мефаҳмед?

## §13. ҲУСНИ ИНСОН

Тавре ки дар мавзӯи гузашта гуфтем, ишқ агар аз решаю поя ва баргҳо шоха гирад, дар сабзишу зуҳуроти худ боз бо чанд чизи дигар алоқаманд аст. Алоқаи ишқ бо ҳусн бисёр муҳим ва мураккаб аст. Пеш аз ҳама падидаи ҳастии ҳуснро таҳлил кардан лозим аст.

Ҳусн (зебоӣ) -як ҷиҳати марғуби зуҳуроти ҳастии табиат ва камолоти «модарзод»-и он мебошад, ки дар шуури инсон инъикос гардида, эҳсоси фароғат, завқ, лаззат ва қаноатмандӣ ба вуҷуд меоварад. Ҳусн танҳо дар ҷисм ва ҳаракати ҷисмонӣ фаъол намешавад, амалиётҳои он характери бадеӣ, маънавӣ, ахлоқӣ дошта, объекти ҳақиқии эҳсосоти эстетикӣ: наққошӣ, тасвирҳо,

рақсу мусиқӣ, шеъру суруд, ҳикмату латифаҳо, суханҳои ифоданок, рафтори мардона (ҷасурона) ва одилона, гуфтори ҳақ ва одилона, кӯмакҳои беғаразона ба мӯҳтоҷон ва ғайра шуда метавонад. На танҳо шакл, балки мазмун, на танҳо зоҳир, балки ботин маънои бузурги эстетикӣ ва этикӣ (ахлоқӣ) дорад. Завқу лаззати эстетикӣ ва ахлоқиро тартибот (бар хилофи бетартибӣ), муташаккилӣ (бар хилофи бенизомию бесомонӣ), баробарӣ (қисмҳо ва паҳлуҳо), пайдарҳамӣ ва ғайра низ ба вуҷуд меоварад. Ҳамин тариқ, ҳуснро аз рӯи мансубияташ ба се намуд ҷудо кардан мумкин аст. Ҳусни табиӣ, ки ба ҷисми инсон: рӯй, мӯй, қад, пой, даст, чашм ва г. дахл дорад. Ҳусни «сохта» ба сару либос ва зебу зиннати зоҳирӣ мансуб аст. Сеюм, ҳусни маънавӣ буда, ақлу хирад, заковату фаросат, одобу рафтор ва маданияти гуфторро дар бар мегирад.

Ҳусни табиӣ, ки дар байни мардум «ҳусни худодод» низ мегӯянд, ганҷи бузург аст. Он хеле ҷозиб ва дилрабо буда метавонад, вале ҷавонон ба ҳусни зоҳирӣ бештар таваҷҷӯҳ намуда, ба ҳусни ботинӣ аҳамият намедиҳанд.

Бояд дар хотир дошт, ки қиммати инсон танҳо дар ҳусну ҷамоли зоҳирӣ нест. Инсон бояд боз соҳиби ҳусни ботинӣ бошад. Ҳусни инсон дар одобу ахлоқи шахс зоҳир мегардад. Беҳуда нест, ки бузургони адабиёти тоҷик ба масъалаҳои одобу ахлоқ диққати махсус додаанд. Бадриддин Ҳилолӣ гуфтааст: одоб, феълу атвор касро зиннат медиҳад, ба дил лутф меоварад ва зиндагиро осон мекунад, ҳусну камолоти инсонро нишон медиҳад.

Рафтори инсон ягона нишондиҳандаи симо ва сифатҳои ахлоқӣ мебошад. Рафтори ахлоқӣ гуфта маҷмӯи кирдори инсонро мефаҳманд, ки моҳияти ахлоқӣ дорад. Аз ин хотир инсон набояд аз ҳусну ҷамоли хеш қаноатманд бошад, балки бикӯшад ба он ҳусни ботинӣ, яъне одобу ахлоқи некро бипайвандад. Ваҳдати ҳусну одоби нек, шарму ҳаё ҳусни инсонро комил мегардонад. А. П. Чехов нисбати чунин ваҳдат навишта буд: «Дар одам ҳама чиз: ҳам рӯй, ҳам либос, ҳам қалб, ҳам афкор бояд зебо бошад».

Бисёр вақт рӯи зебо ва либоси шинам касро ба ваҷд меорад. Баъзан дар зери он либоси зебо қалби сиёҳ ниҳон аст. Одами ботарбия дар кор, ҷамъият, оила, дар байни одамони шинос ва ҳам дар ҷамъияти одамони ношинос рафтори якхела дорад. Чунин одам дар ҳар шароит худро гум намекунад, рафтору кирдори худро назорат мекунад ва барои кирдори худ ҷавоб гуфта метавонад. Ин хел шахсро одами маданиятнок мегӯянд.

Асоси маданияти рафтори инсонро назокату одоб ташкил медиҳад. Назокату одоб ин меъёри муносибати оқилона, мақсаднoки одамон нисбат ба якдигар аст, ки ба илтифот, ғамхорӣ, хоксорӣ асос ёфтааст. Рафтори нек маҳсули маданияти маънавӣ ва талаботи баланди одам ба худ ва ҷамъият мебошад. Аммо дар ҷамъияти инсонӣ боз хислатҳои бад, аз қабили такаббур, худбинӣ, ҷоҳпарастӣ, ғайбат, ғазаб ва ғайра мавҷуданд, ки ба маънавиёти одоби инсон таъсири бад мерасонанд. Сабаби носозгориҳо, вайрон шудани муносибати зану шавҳар ва гоҳо вайрон шудани оилаҳо ҳамин гуна хислатҳои бад мебошад, ки ҷавонон аз ҳусну атвори хеш дур карда наметавонанд. Сабаби аслии ин камбудиҳо дар тарбияи оилавӣ мебошад. Гоҳо дар оила ба фарзанди худ аз хурдӣ талқин мекунанд, ки ӯ аз ҳама хушрӯй, боақлу доно аст. Барои ба чунин хислатҳо соҳиб шудани фарзанд волидон бояд дар вай чунин хислатҳоро тарбия намоянд. Шарму ҳаё падидаи ахлоқиест, ки аз камолоти маънавӣ, ахлоқи ҳамида ва виҷдони болидаи инсон шаҳодат медиҳад. Ҳаё зуҳуроти ҳусни ботинӣ – маънавӣ мебошад, ки шахсро аз амали бад, рафтори зишт ва истифодаи суханҳои қабеҳу дағал нигоҳ медорад. Ба духтари тоҷик ҳаё табиатан хос аст, ки он ба ҳусни зоҳирии вай ҳусни ботинӣ зам мекунад. Ҳаё бо амри дил, виҷдону ирода шахсро аз васвасаҳои нафсонӣ ва шайтонӣ нигоҳ медорад, аз роҳи бад мегардонад, занҷири по мегардад. Чуноне ки Зебуннисо гуфтааст:

Сар ба саҳро мезанам, лекин ҳаё занҷири пост.

Ҳаё на танҳо ба занҳо, балки ба мардҳо ҳам ҳусн мебахшад ва ахлоқи онҳоро накӯ месозад.

Нишонаи дигари адаб хоксорӣ аст. Хоксорӣ дар баробари ҳаё зебу зиннати инсон аст. Барои одами хоксор кибру ғурур, ҳавобаландӣ, худписандию худхоҳӣ бегона аст. Одамони бузург чӣ дар гузашта ва чӣ дар замони мо ҳама хоксор буданд. Одами хоксор ҳангоми сӯҳбат сухани касро намебурад. Эҳтироми одамонро ба ҷо меорад, худро аз дигарон боло намегузорад. Хоксорӣ хислати барҷастаи одам аст. Аз ин рӯ, хислатҳои неки инсонӣ ҳусни одамро меафзоянд, сурату сирати одамро зеботар менамоянд ва ҷавонон бояд барои ба ин хислат соҳиб шудан бикӯшанд. Роғиби Самарқандӣ гуфтааст:

Ба сурат одамӣ натвон гузидан,
Ба полон хар намебояд харидан.
Басо мардум ба сурат ҳамчу моҳанд,
Даруншон бингарӣ ганду сиёҳанд.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Зебоии инсон дар чист?
2. Оё одамони зоҳиран камҳуснро дӯст доштан мумкин аст?
3. Чаро баъзе духтарони зебо дугона ва ё дӯсте надоранд?
4. Оё ҳама духтарони зебо хушбахтанд?
5. Шумо аз рӯи кадом меъёр ҳамсар интихоб мекунед?

# БОБИ IV
# НИКОҲ ВА ОИЛА

## §14. ШАРТҲОИ БА НИКОҲ ОМОДА БУДАНИ ҶАВОНОН

Никоҳ талаботи асосии ба вуҷуд омадани оила мебошад. Дар ҳар давру замон ва сохти ҷамъиятӣ барои ба ҷо овардани ақди никоҳ меъёру шароитҳои муайяне пешбинӣ шуда буданд. Дар дини ислом синни балоғати духтарон 9 ва писарон 15 солагӣ муайян шуда буд. Ин нишондод дар байни тоҷикон то барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ амал мекард.

Илми тибби муосир исбот намудааст, ки никоҳҳои бармаҳал ва алоқаи ҷинсии наврасон ба саломатии онҳо, махсусан, ба духтарон зарари калон мерасонд. Сабаб дар он аст, ки узвҳои ҷинсии онҳо ҳанӯз инкишоф наёфтаанд. Аз ҷиҳати психологӣ бошад, ҳанӯз наврасон ба оиладорӣ тайёр нестанд, аз рӯзгору рӯзгордорӣ тасаввуроти муайяне надоранд.

Тадқиқотҳои олимони тиб муайян кардаанд, ки никоҳи бармаҳал на танҳо ба саломатии зану шавҳари ҷавон, балки ба насли онҳо ҳам зарар мерасонад.

Ҳамаи инро ба назар гирифта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон синну соли никоҳ аз 18 солагӣ муқаррар карда шудааст. Яке аз шартҳои асосии ба никоҳ омода будани ҷавонон ба балоғат расидани онҳо мебошад. Дар баъзе мавридҳо ҳукумати маҳаллӣ аз синни муқарраргардида як сол пеш ба хонадоршавӣ иҷозат дода метавонад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «Никоҳ бо розигии зану мард асос меёбад». Ин чунин маъно дорад, ки дар замони мо маҷбуран ба шавҳар додани духтар ё зан вайрон кардани қонун ҳисоб меёбад ва мувофиқи қонуни ҷиноятӣ шахсони гунаҳгор ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Маълум аст, ки бештари ҷавонони мо пеш аз оиладор шудан бо ҳамдигар шиносанд, дӯстию рафоқат доранд, ҳамдигарро дӯст

дошта ба никоҳ розӣ мешаванд. Аммо ҳоло ҳам ходисаҳои маҷбуран бе розигии духтар ба шавҳар додани онҳо мушоҳида мешавад. Бинобар ин ҷавононе, ки ба ақди никоҳ розӣ мешаванд, бояд розигии номзадашонро фаҳманд, ки ин яке аз шартҳои бунёди оилаи хушбахт мебошад.

Барои ин хуб мешуд, ки пеш аз ақди никоҳ волидайн ба фарзандон имкон медоданд, онҳо ба ҳамдигар шинос шаванд. Ҳамдигарро хуб шиносанд, феълу атвори якдигарро фаҳманд, нисбат ба ҳамдигар меҳр пайдо кунанд. Ин иқдом барои пойдории оилаи оянда асоси хуб мегардад ва ҷавонон ҳам бояд бахри ин кӯшиш намоянд.

Яке аз шартҳои муҳими омода будан ба оиладорӣ соҳиби касб ё ихтисос будани ҷавонон мебошад. Ҷавонон пеш аз кадам гузоштан ба ҳаёти оилавӣ бояд аз ҷиҳати иқтисодӣ пурра мустаҳкам бошанд. Ҳарчанд онҳо зиндагии оилавии худро дар хонаи волидайн оғоз мекунанд, бо вуҷуди ин бояд саҳми худро ба буҷаи оила гузоранд. Дигар ин ки ҷавонон бояд ба ҳаёти оилавии мустақилона омода бошанд.

Масъалаи дигаре, ки волидон пеш аз хонадоркунии фарзандон бояд ба назар бигиранд, хизмати ҳарбии писарбачаҳо мебошад. Албатта, ҳар як падару модар мехоҳад тӯйи фарзандашро бубинад ва соҳиби набера шавад. Онҳо андеша мекунанд, ки писарашон ба хизмати ҳарбӣ даъват шавад ҳам, арӯс дар назди онҳо мемонад ва хизматашонро ба ҷо меорад. Аммо гоҳо ин тавр мешавад, ки баъд аз чанд моҳи хонадоршавӣ ва ба хизмати ҳарбӣ даъват шудани ҷавон арӯс низ ба хонаи падару модари худ равон мешавад. Дар чунин ҳолатҳо байни арӯс ва падару модари домод дилхунукӣ пайдо мешавад, ки он ба муносибатҳои ояндаи оилавии зану шавҳар таъсири манфӣ мерасонад. Гоҳо фироқи тӯлонӣ (2-3 сол) ба оилаи мустаҳкам нагаштаи ҷавонон рахна мезанад. Бузургон беҳуда нагуфтаанд, ки «Меҳр дар чашм аст». Муддати дароз аз ҳам ҷудо будан сабаби коста шудани меҳр мегардад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки аксари ҷавонони оиладор бо ҳар роҳу восита мехоҳанд аз қисми ҳарбӣ ба хона раванд. Гоҳо бе рухсати сардорон аз қисмҳои ҳарбӣ мегурезанд. Ин сабаби сарзаниши ҷавонон мегардад. Аз ин ҷиҳат ҳамаи инро ба инобат гирифта, хуб мешуд, ки ҷавонон пас аз адои хизмати ҳарбӣ хонадор шаванд.

Аз андешаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷавонон бояд аз ҷиҳати маънавӣ ба ҳаёти оилавӣ омода бошанд. Ҷавонон ба ҳал намудани душвориҳое, ки дар роҳи ҳаёти оилавӣ дучор меоянд, қодир бошанд, масъулияти оила ва оиладориро эҳсос кунанд.

Мақсад аз ташкили оила зиёд кардани насл аст. Мард бояд посбонии муҳаббат, саодат ва шарафи оиларо ба дӯш гирад. Агар ҷавон ҳис кунад, ки ба бардоштани чунин бори гарон қодир аст, пас вай ба оиладор шудан омода аст. Чунон ки Низомии Ганҷавӣ фармудааст:

Дасти вафо дар камари аҳд кун,
То нашавӣ аҳдшикан, ҷаҳд кун!

Оиладор шудан дар ҳаёти ҳар як ҷавон воқеаи муҳим аст ва ҳар як падару модар орзу мекунад, ки ин воқеа бо хурсандӣ қайд шавад. Ҷавон ҳам барои амалӣ гардидани орзуи падару модари худ бояд ҳаматарафа андеша намояд, масъулияти худро дар назди оила, волидайн ва ҷамъият ба хубӣ дарк кунад.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Ба фикри шумо аз чандсолагӣ оиладор шудан лозим аст?
2. Оид ба хонанишинии занҳо чӣ ақида доред?
3. Масъулияти оиладориро чӣ тавр мефаҳмед?

## §15. ОИЛА ВА ВАЗИФАҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ОН

**Оила асоси давлат аст.** Чи тавре ки иморат аз хиштҳо бунёд меёбад, давлат ҳам аз оилаҳо ташкил мегардад. Бинобар ин вазъияти оила ба ҳаёти ҷамъиятии давлат таъсири бевосита мерасонад. Таъсири оила ба ҳаёти ҷамъиятии давлат ба воситаи чи тавр иҷро намудани вазифаҳояш сурат мегирад.

Яке аз вазифаҳои муҳими оила дар ҷамъият ин таҷдиди аҳолӣ мебошад. Аз таҳлили Раёсати омор маълум мегардад, ки агар дар ҷумҳурӣ оилаҳо танҳо як фарзанд дошта бошанд, аҳолии онҳо кам шудан мегиранд. Барои нигоҳ доштани сатҳи аҳолӣ оила бояд на камтар аз ду фарзанд тавлид намуда, онҳоро ба воя расонанд. Табиист, ки волидайн бо мурури замон пир мешаванд ва аз дунё мегузаранд. Агар дар оила як фарзанд ба воя расида, танҳо ҷои як волидайнро дар ҷамъият пур кунад ин ҳолат сабаби кам гаштани аҳолӣ мегардад. Агар оила ду фарзандро ба воя

расонад, пас волидайн ба ивази хеш барои ҷамъият ду шахсро тайёр менамояд. Дар ин ҳолат шумораи аҳолӣ дар як сатҳ нигоҳ дошта мешавад.

Маълум аст, ки на ҳамаи фарзандон ба воя мерасанд. Қисме аз онҳо дар хурдсолӣ бо сабабҳои гуногун вафот мекунанд. Ин ҳолатҳо ҳам сабаби кам шудани шумораи аҳолӣ мегардад. Бинобар ин барои нигоҳ доштани шумораи аҳолӣ оила бояд камаш се фарзандро ба воя расонад. Кам ва аз ҳад зиёд гаштани аҳолӣ ба иктисодиёт, сиёсати иҷтимоии ҷамъият таъсир расонида, тағйир додани нақшаҳои онро талаб мекунад.

Масалан, дар қисми Аврупоии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз сабаби афзоиш наёфтани аҳолӣ дар корхонаҳои саноатӣ коргарон нарасида, деҳот хароб гаштааст.

Дар Тоҷикистон бошад афзудани аҳолӣ сабаби зиёд гаштани бекорон, нарасидани ҷой дар кӯдакистонҳо, душвории таъминоти озуқаворӣ ва ғайра мегардад.

Бинобар ин ҳар оила бояд шумораи таваллуди фарзандро танзим намояд.

«Фарзанд азиз, одобаш аз вай азизтар», - мегӯяд мақоли халқ. Аз ин рӯ, тавлиди фарзанд ҳанӯз нисфи кор аст. Кори муҳим ва асосӣ тарбия намудан ва ҳамчун инсони бомаърифат, хушодобу меҳнатдӯст ба воя расонидани фарзанд мебошад. Ин вазифаи муҳим ба оила вобаста мебошад. Тайёр намудани фарзандон ба ҳаёти мустақили оилавӣ пеш аз ҳама вазифаи падару модарон аст. Кӯдаки навзод, ки баъзан ӯро ба ниҳоли наврас монанд мекунанд, дар оила чашм кушода оламро мебинад, падару модар, хешу таборашро мешиносад, табассум кардан, хестану нишастан, қадами нахустин гузоштан, давидану афтиданро меомӯзад. Худшиносӣ, тасаввуроту ҷаҳонбинии ӯ аввалин бор дар оила, дар иҳотаи падару модар мегузарад ва бо таъсири бевоситаи онҳо тарбия меёбад. Роҷеъ ба ин масъала Абушакӯри Балхӣ гуфтааст:

Ба ҳангоми барнoию кӯдакӣ,
Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.
Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон,
Бигардонад ӯро, чу ҳоҳад чунон.
Чу гардад калон боз натвонадаш,
Ки аз кажжию ҳам бигардонадаш.

Бесабаб нест, ки дар мамлакати мо тарбияи фарзанд вазифаи оила, мактаб ва ҷомеа дониста мешавад. Дар сурати нодуруст

тарбияро ба роҳ мондан дар оила мақомоти расмӣ ба он даҳолат мекунад.

Волидон вазифадоранд, ки ба фарзанд дар мавзӯъҳои оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, рӯзгордорӣ, меҳмондорӣ, муносибат ба хешу табори тарафайн ва тарбияи фарзанд сӯҳбатҳо гузаронанд ва дар ин кор анъанаҳои беҳтарини халқи тоҷикро истифода намоянд.

Вазифаи дигаре, ки дар назди ҳар оила меистад, ин тарбияи хоҷагидорӣ ва меҳнатдӯстии фарзандон мебошад. Муҳаббат ба меҳнат аз кӯдакӣ парвариш меёбад. Муносибати софдилонаи калонсолон ба меҳнат ба фарзандон таъсири мусбат мерасонад. Қадамҳои нахустини роҳи меҳнатдӯстиро бачаҳо аз падару модар меомӯзанд.

Ҳар як оила вазифаи хоҷагӣ-истеҳсолиро иҷро менамояд ва ин кор махсусан дар деҳот хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Дар деҳот ҳар оила барои кишту кори шахсӣ дар назди хона замин дорад ва барои рӯёнидани маҳсулот ҳама аъзоёни оила дар он ҷо меҳнат мекунанд. Ҳосиле, ки оила аз замини назди ҳавлӣ мерӯёнад, на танҳо барои истеъмоли худи онҳо, балки қисме аз он ба бозор, ба аҳолӣ фурӯхта мешавад. Дар Тоҷикистон саҳми хоҷагии шахсӣ дар таъмини ҷамъият бо маводи хӯрока, аз қабили гӯшт, шир, тухм, маҳсулоти кишоварзӣ хеле калон аст.

Таъсири фаъолияти хоҷагиҳои оилавӣ ба таъминоти ҷамъият хеле калон аст ва ободу арзон будани маҳсулоти кишоварзию чорводорӣ дар бозорҳо ба он вобаста аст.

Меҳнат кардан дар замини назди ҳавлӣ, нигоҳ доштани чорвои шахсӣ ва анҷом додани корҳои хоҷагии оила иштироки ҳамаи аъзоёни оиларо талаб мекунад. Аз ин рӯ, бачагону духтарони қишлоқ аз хурдӣ ба кори хоҷагидорӣ ҷалб карда мешаванд, ки ин барои онҳо як мактаби тарбияи меҳнатию хоҷагидорӣ мегардад. Дар деҳот баробари падару модарон писарону духтарон ҳам ба кори хоҷагии оила машғуланд. Бачаҳо дар замини назди ҳавлӣ кор мекунанд, меваю сабзавот ҷамъ меоваранд, барои чорво хошок захира мекунанд. Духтарон бошанд ба чорво нигоҳубин карда, кори хонаро анҷом медиҳанд, хӯрок тайёр мекунанд.

Онҳо ҳамчун шахси дар меҳнат обутобёфта ба камол мерасанд ва таҷрибаи андӯхтаи худро барои тарбияи фарзандони ояндаи хеш истифода мебаранд. Абулқосим Фирдавсӣ гуфтааст:

Ба ранҷ андар орӣ танатро, равост:
Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост.
Ба ранҷ андар аст, эй хирадманд ганҷ,
Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ.

Дар оилаҳои шаҳрӣ иҷрои вазифаҳои хоҷагии оила ба дигар низом сурат мегирад. Оилаҳое, ки соҳиби хонаи шахсӣ мебошанд, дар ҳавлиашон дарахтони мевадор ва кашничу пиёз рӯёнида метавонанд. Ғайр аз ин гов, мург ё якчанд моли майдаро низ нигоҳубин карданашон мумкин аст.

Чунин оилаҳо монанди деҳотиён дар тамоми корҳои хоҷагӣ баробар иштирок меварзанд. Харчанд онҳо маҳсулоти хоҷагии худро ба бозор набароранд ҳам, вале қисман талаботи оилаи худро таъмин мекунанд. Оилаҳое, ки дар хонаҳои давлатӣ зиндагӣ доранд, аз кори хоҷагидорӣ маҳруманд. Вазифаҳои хоҷагии онҳо танҳо аз кори хона, аз қабили рӯбучин, пухтупаз, шустани либос иборат аст. Ин оилаҳо ягон маҳсулот истеҳсол намекунанд. Онҳо фақат истеъмолкунанда мебошанд. Чунин падару модарон бояд фарзандони худро ба корҳои хоҷагии оила ҷалб намоянд. Хоҷагидорию оиладориро ба онҳо омӯзонанд ва ба ҳаёти мустақили оилавӣ онҳоро омода намоянд.

Вазифаҳои дигари оила нигоҳ доштани пайванди наслҳо аст. Дар урфият мегӯянд, ки «ҳар шахс бояд ҳафт пушти худро донад», яъне дар бораи бобою бобокалон, момою момокалон ва дигар аҷдодони худ маълумот дошта бошад. Ин вазифаи падару модар аст, ки дар бораи аҷдодони гузаштаи худ ба фарзандон ҳикоя кунанд. Бештари вақт агар бобою момо дар қайди ҳаёт бошанд, ба набераҳояшон дар бораи гузаштагон ва хешу таборашон нақл мекунанд. Фарзандон, ки калон шуданд падару модар онҳоро ба хонаҳои хешу табор, дӯстонашон мебаранд. Хешу табору дӯстҳояшон ба дидорбинии онҳо меоянд. Ҳамин тариқ, бачаҳо хешу табор, дӯстони оиларо мешиносанд, ба фарзандони онҳо дӯстӣ пайдо мекунанд, ба хешу табор меҳр мебанданд ва ин робитаи авлодию дӯстӣ мустаҳкам мегардад. Бе мададу дастгирии хешу табор ва ёру дӯстон зиндагӣ кардан мушкил аст. Чунон ки Муҳаммад Ҳиҷозӣ гуфтааст: «Танҳо ба дунё меоем ва танҳо меравем, вой агар танҳодил зиндагӣ кунем».

Муносибати нек ба хешу табор, дӯстон, қадршиносию меҳрубонӣ, омода будан ба мадади ҳамдигар ба фарзандон дарси ибрат мешавад.

Дар «Панҷсад ҳадис» омадааст, ки «Беҳтарин эҳсон ба падар ин аст, ки пас аз марги ӯ бо дӯстонаш муҳаббат кунӣ!».

Ин пандро ҳар шахс бояд дар ёд дошта бошад ва нагузорад, ки риштаи дӯстӣ аз хешу табор ва ёру дӯстон канда шавад.

Мо дар ин ҷо якчанд вазифаҳои ҷамъиятии оиларо дида баромадем. Аммо ҳаёт аз шумо шояд ҳал намудани вазифаҳои гуногуни дигарро ҳам талаб намояд ва ба иҷрои он бояд омода бошед. Чунончи, бузургворе гуфтааст:

Зиндагӣ маҷмӯаи бешу камист,
Ҳар шабе дар осмон моҳтоб нест.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Оё падару модаратон ба шумо дар мавзӯъи оиладорӣ сӯҳбат мекунанд?
2. Шумо дар хоҷагии оила чӣ хел саҳм мегузоред?
3. Вақти таътили тобистона ба чӣ кор машғулед?

## §16. ҚАТЪ ГАШТАНИ НИКОҲ

Мафҳуми талоқ (аз калимаи арабӣ) аз якдигар ҷудо шудан мебошад. Талоқ байни зану шавҳар ба маънои васеаш аз ҳам ҷудо шудани онҳо, вайрон шудани оила, «ятим» гардидани фарзандон, маъюс гардидани хешу табор, барҳам хӯрдани муносибатҳои хешовандӣ, қатъ гардидани насл ва чандин ҳодисаҳои нохуши дигарро дорад.

Халқи тоҷик чун анъана ва қоида талоқро амри шарр, васвасаи шайтон ҳисоб мекунад. Ҳатто мегӯянд: кӯҳу пушта, дашту саҳро, дарахту гиёҳҳо ба ларза медароянд. Боз мегӯянд, ки дар рӯзи тӯй ва никоҳ ба ғайр аз душманон ҳама хурсанду хандонанд, вале дар сурати талоқ ба ҷуз душманон ҳама маъюсу мутаассиф мешаванд. Никоҳро амри яздон ва талоқро амри шайтон мешуморанд. Воқеан, никоҳ хостаи ҳамаи некхоҳон ва талоқ шеваи бадхоҳон аст. Оқибатҳои кори неку бад ба никоҳу талоқ пайваст аст.

Сайри таърихии талоқро аз назар мегузаронем. Дар воқеъ, талоқ яке аз масъалаҳои бисёр мураккаби ҳаёти оилавӣ мебошад. То ғалабаи Инқилоби Октябр ҳамаи меҳнаткашон зери юғи истисмор буда, азобу шиканҷаи бешумор мекашиданд, аҳволи занҳои меҳнаткаш хеле вазнин буд. Онҳо на танҳо шиканҷаи

феодалону ҳокимон, балки шавҳарони худро низ мекашиданд. Дар мавриди талоқ ин масъала боз ҳам мушкилтар мегардид. Аввалан, талоқ пурра дар ихтиёри шавҳар буда ӯ бе ягон ваҷҳу далел занро талоқ карда метавонист. Фарзандҳо бо мард мемонданд, зани талоқшуда қариб ҳуқуқи модарӣ надошт. Сониян, марди занашро талоқдода ягон зарар намедид, касе ӯро айб намекард, вале зани талоқшуда беваи бадном ҳисоб мешуд. Ӯро таънаю маломат менамуданд. Арзишаш ва эътибораш кам мешуд.

Умуман, аз рӯи таълимоти ислом зан дар муқоиса бо мард ними одам ҳисоб мешуд. Дар назди қозӣ шоҳидии 2 зан баробари 1 мард буд. Дар мавриди тақсими мерос низ вай нисфи ҳаққи мардро мегирифт.

Қуръон мефармояд, ки агар марде бимирад ва ӯро фарзандон (ҳам зану ҳам мард) бошанд, дар тақсими мерос бояд дар назар дошт, ки ба мард ду маротиба зиёдтар мерасад, яъне зан танҳо ба нисфи ҳаққи мард ҳуқуқ дорад.

Худи ҳодисаи талоқ нозукиҳо ва мураккабиҳои бисёре дорад. Дар байни фақеҳои, мазҳабҳо, муллоён ва мардумон дар фармоиши он мухолифатҳои ақидавӣ мавҷуданд. Вале маъмулан талоқ ин тавр шарҳ ёфтааст. Шавҳар бояд дар ҳолати оромӣ, на асабоният ва на мастӣ алфози зеринро ба нияти талоқ ба зан эълон мекунад: «Туро талоқ кардам!», «Туро сар додам!», «Ихтиёрат ба дасти худат!», «Ба ҷои хоҳарам бошӣ!», «Ба ҷои модарам бошӣ», «Ту ба ман ҳаром!» ва монанди инҳо. Агар ин суханҳо беихтиёр дар ҳолатҳои дигар гуфта шуда бошанд, талоқ ҳисоб намешавад. Талоқ дар ҳолати ният кардан ва ҳушёр будани мард раво ҳисоб карда мешавад. Агар касе ӯро таҳдид кунад, маҷбур намояд, «талоқ» ҳисоб намеёбад.

Дар ҳолати ҳомила будани зан низ талоқ қабул нест. Аз рӯи фармудаи китоби муқаддаси Қуръон агар ҳомила будани зан шубҳанок бошад, баъди талоқ гуфтан мард бояд се моҳ (се давраи ҳайз) идда пояд (с. 65, о. 5). Агар ҳомила буданаш аниқ бошад, талоқи додааш бекор ҳисобида мешавад. Мард занро то таваллуд шудани кӯдак нигоҳ медорад. Агар мард бо занаш оштӣ кардан хоҳад, бе никоҳи нав зиндагиро давом додан мегирад. Бори дуввум низ талоқ кардан ба ҳамин минвол аст. Вале бори сеюм талоқ қатъӣ ва «бебозгашт» мешавад. Танҳо баъди «ҳалола» кардан аз нав никоҳ ва зиндагӣ намудан мумкин аст. Ба таври дигар бигӯем, ду

маротиба талоқи «шартӣ» ва бори сеюм талоқи «қатъӣ» мешавад. Акнун никоҳи такрор баъди «ҳалола» кардан имкон дорад.

Ҷолиби қайд аст, ки ҳоло ходимони солимфикри дини ислом, ки то андозае аз таассуб ва тақлиди кӯр – кӯрона озоданд, ин масъалаҳоро ба тариқи демократӣ ва гуманистӣ ҳал карда, се талоқаи дар ҳолати мастӣ, маҷбурӣ, асабӣ, беморӣ содиршударо бе «ҳалола» аз нав никоҳ менамоянд. Дар чунин ҳолат онҳо гуфтаи Қуръон ва шариатро на ҳарфан, балки маънан ва аклан дурусту инсонпарварона татбиқ мекунанд.

Вобаста ба ин мас`ала як ҷиҳати аҷоиби талоқро дар байни тоҷикон муҳокима намудан зарур аст. Вай ба калимаи «талоқ» ҳамроҳ шудани рақамҳои 1, 2, 3 мебошад. Онҳо гумон мекунанд, ки «як талоқ» гуфтан маънои бори аввал ва «ду талоқ» гуфтан аллакай маънои ду бор талоқ кардан ва «се талоқ» гуфтан баробари се бор ва қатъиян талоқ карданро дорад. Бинобар ин, агар аз даҳони мард нохост ибораи «се талоқ» барояд, дарҳол занашро, «сеталоқа» ҳукм мекунанд ва ӯ оштӣ шудан хоҳад «ҳалола» мефармоянд. Ин мутлақо нодуруст аст.

Қуръон агар аз назари мусулмонҳо чун «каломуллоҳ» (сухани худо) боиси эътибор бошад, вай дар хусуси «маротиба», на шумора сухан гуфтааст. Пас мусулмонҳо маҳз ҳамин шартро бояд риоя кунанд. Аз ин рӯ, бори якум «се талоқ», «сад талоқ», «ба мӯи сар талоқ», «ба баргҳои бед талоқ», «ба ситораҳои осмон талоқ» - гӯянд ҳам як бор (бори якум) талоқ мешавад, ки баъди он (бори дуюм ҳам) баргашта гирифтан мумкин аст. Дар даврai пайғамбар (суннат) чунин будааст.

Талоқ ҳарчанд ҳодисаи дунявӣ бошад ҳам, ислом онро фармудаи худо мешуморад. Сураи 65-уми Қуръон «Талоқ» ном дошта, ҳамчун «сухани худо» ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки ба ҷиҳати динии масъала диққати махсус дода мешавад. Масалан, марде, ки чор бор шароб нӯшад, аз дини ислом баргардад, дар ҳаққи Муҳаммад ва Қуръон сухани таҳқир гӯяд, занаш худ аз худ талоқ мешавад ва аз ҳуқуқи падарӣ низ маҳрум мегардад.

Акнун қонунҳои ҷумҳурӣ оид ба муносибатҳои оилавӣ, аз ҷумла никоҳу талоқро тамоман одилона ба танзим даровардa, ҳуқуқҳои марду занро дар оила баробар сохтааст; ҳатто дар баъзе ҷиҳатҳо (тақсими фарзандҳо ва ғайра) баъзан имтиёз ҳам додааст. Ин беҳтар аст. Вале он низ аз камбудӣ холӣ нест.

Дар мавриди талоқ бартарият доштани занҳоро дар соҳибияти фарзандон таҳлил намуда, як ҷиҳати манфии онро махсусан қайд кардан лозим аст. Баъзе модарон баъди ҷудо шудан аз шавҳар фарзандонро бо худ мегиранд, аммо аз ӯҳдаи тарбияи онҳо ба хубӣ баромада наметавонанд.

Табиат вазифаи зану шавҳарро бисёр одилона ба ду кас: марду зан ҳавола намудааст. Дар сурати якҷоя будани волидон фарзандон ба тарбияи ҳаматарафа фаро гирифта мешаванд. Вақте ки волидон аз ҳам ҷудо мешаванд фарзандон тарбияи бояду шояд гирифта наметавонанд.

Талоқи мусулмонӣ ҳоло ҳам дар ҷумҳурии мо расмӣ-маъмулӣ аст. Дар деҳот ҳама тарафдори никоҳу талоқи мусулмонӣ буда, онҳоро чун омили пурзӯри ганзими муносибати оилавӣ мешуморанд. Барои ҳамин пеш ё баъд аз ҷудо кардани ақди никоҳи гражданӣ талоқи шаръӣ дода мешавад.

Талоқи гражданӣ баъзе хусусиятҳои хос дорад. Агар талоқи мусулмонӣ чун қоида аз тарафи мард-шавҳар сурат бигирад, талоқи гражданӣ аз ҳар ду тараф ба амал меояд, ки ҳуқуқан баробар мебошад.

Дар мавриди талоқ, ки масъалаи тақсими молу мулк дар байни зану шавҳар ба миён меояд, нобаробарӣ, вайронкунии ҳуқуқи тарафайн мушоҳида мешавад. Дар ҳолати тақсими моликият ба ҳисоб гирифта намешавад, ки кадоме аз онҳо бештар ё камтар дар ҷамъ кардани молу мулк ҳисса гузоштаанд.

Барои никоҳ ва талоқ ягон воситаи маҷбурияти беруна ва бегона (ба ғайр аз амри дил ва виҷдони ду шахс) бояд набошад. Бисёр омилҳо ба тариқи мусбат ё манфӣ таъсир расонида метавонанд. Онҳоро зимнан сабабҳо ва омилҳои ҳифзи оила ва пешгирӣ намудани талоқ номидан мумкин аст.

Дуруст аст, ки дар сурати имконнопазир будани ҳаёти якҷоя барои зану шавҳар ҷудоӣ шарт аст. Аммо муқаррар кардани он нукта, ки акнун зиндагии якҷоя имконнопазир гардид, кори осон нест. Гоҳо мешавад, ки зану шавҳар сахт ҷанг мекунанд ва дар ҳамон лаҳзаи асабоният фикр мекунанд, ки акнун ҳаёти якҷоя дигар имконнопазир шуд, вале бо гузашти вақт мебинанд, ки бе ҳамдигар наметавонанд. Бесабаб намегӯянд, ки ҷангу ҷанҷоли андаке дар байни зану шавҳар бефоида нест, онҳо хислатҳои якдигарро чуқуртар мефаҳманд, аниқтар муайян мекунанд, ки он дар зиндагии оянда зарур аст.

Яке аз сабабҳои умдаи никоҳ ҷӯш задани ишқ бошад, дар вақти зиндагии оилавӣ «хунук» гардидани он боиси талоқ мегардад. Ишқ хусусиятҳои хос ва аҷиб дорад. Бисёриҳо онро беҳад идеализатсия мекунанд, қариб ки ғайбӣ, осмонӣ, абадӣ, «илоҳӣ», сеҳрнок ва мӯъҷизанок меҳисобанд. Оре, дар лаҳзаи ҷӯш задан вай мӯъҷизаовар аст. Бисёриҳо аз ҷӯши ишқ кӯр-кӯрона рафтор намуда, бо касе ақди никоҳ мебанданд, ки дар асл шоиста ва феълан мувофиқ нест. Ба ғайр аз ин, ҷиҳати дигар ва муҳим он аст, ки аз зиндагии воқеии заношӯӣ ба ишқи давраи ҷавонӣ-муҷаррадӣ, ки саршори ҳиссиёт- шаҳват аст, нигоҳ кардан ва баҳо додан дуруст нест. Дар зиндагии воқеӣ он хаёлҳои ширини давраи ишқварзӣ нест, мушкилию талхиҳои зиндагӣ ҳам бисёр аст. Ҳарчанд ки ишқ чун ҳиссиёти одами зинда ва чун навъи ҷозибаи ҷинсӣ ҳаргиз тамоман намемирад. Аммо каму коста мешавад. Онро дар раванди зиндагӣ ҳамеша парвариш кардан лозим аст. Аз каму коста шудани ишқ дарҳол рӯ ба талоқ ва ҷудоӣ овардан дуруст нест. Агар роҳи ишқ ба сӯи никоҳ дар давраи муҷаррадӣ бештар ба воситаи ҳиссиёт, нафс ва шаҳват бошад, дар давраи зиндагии оилавӣ ба туфайли ақл (хирад) мебошад. Рафти зиндагӣ ва мушкилоти ба он пайваста, агар мулоҳиза нашавад, ҳар лаҳза ба сӯи ишқ тири ҷонкоҳ мезананд. Масалан, барои марди аз меҳнат мондашуда бепарвоӣ кардани зани хонанишин ё барои зани бо кӯдакҳо ва кори рӯзгор машғулу «абгоргашта» бепарвоёна газетахонӣ ё телевизор тамошо кардани шавҳар хатои маҳз аст, ки аз он ишқ намеафзоянд, балки маҳв мегардад.

Мувофиқ наомадани характеру хислатҳо яке аз сабабҳои асосии ҷудоии марду зан аст. Сонийан, худхоҳии худро риваҷ додан низ боиси таҳқири иззати нафси якдигар мешавад.

Даxолати нопоку ғаразноки атрофиён, маслиҳатҳои беандешаи онҳо низ яке аз иллатҳои вайроншавии оила мебошад. Шахсони бадкинаву бадният аз паи манфиати шахсӣ шуда, афзалиятҳои якеро барзиёду муболиғанок вонамуд месозанд, вале камбудиҳои тарафи дигарро рӯйпӯш мекунанд.

Дар оилаи ҷавон солҳои аввали хонадорӣ фарқияти характерҳо, зиддияти манфиатҳо, мухолифати баъзе одатҳо дар байни зану шавҳар бештар ба чашм мерасанд, агар ба он боэҳтиёт муносибат накунанд, оқибат ба вайроншавии муносибатҳои шахсӣ ва ҳатто ҳаёти оилавӣ оварда мерасонад.

Умуман, дар хусуси иллатҳои талоқ ва чораҳои пешгирӣ кардани он ҳаминро бояд таъкид намуд, ки агар ҳамсарон бештар аз паи фарқияту мухолифатҳои ҷузъӣ, муваққатӣ, ғайриасосӣ бираванд, албатта, кор ба ҷудоӣ, вайронӣ мебарад. Ҳол он ки дар мавриди мулоҳиза ва муросо, ҳамдигарфаҳмӣ «талоқ»-ро пешгирӣ кардан мумкин аст. Садҳо мисолро медонем, ки ҳамсари дуввум ва саввум аз пешина беҳтар нест (баъзан бадтар аст), вале кас аз ноилоҷӣ тоқату муросо мекунад. Барои пешгирӣ кардани талоқ, ҳамкорон, дӯстон, хешон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо маслиҳатҳои муфиду ҳаётии худ мадад карда метавонанд. Дар марҳилаҳои аввали мухолифату ҷанҷолҳои оилавӣ, ки баъзан ба талоқ меанҷоманд, барои сари вақт пешгирӣ намудан нақши дӯстону хешони наздик (хусуру хушдоман, бародару хоҳар ва дигарон) ниҳоят калон аст. Онҳо аз таҷрибаи зиндагии худ дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ, қоидаҳои анъанавии муносибати байни зану шавҳар ва ғ. маслиҳатҳои амалӣ дода метавонанд. Агар зану шавҳари «носоз» оқилона рафтор кунанд, ба маслиҳатҳо гӯш бидиҳанд, муносибаташон хуб мешавад ва ба ҷудоӣ зарурат намемонад. Умуман, агар дар байн низоъҳои ниҳоят ҷиддӣ ва муҳим (нуқсонҳои табиӣ, психологӣ, ахлоқӣ) мавҷуд набошад масоили боқимонда ҳалшаванда аст. Бинобар ин оиларо никоҳ дошта, фарзандонро зиндаятим набояд кард.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Ақидаи шумо дар бораи талоқ чӣ хел аст?
2. Дар кадом ҳолатҳо ба фикри шумо талоқ равост?
3. Ба хотири фарзандон бо ҳамсаратон, ки дигар дӯсташ намедоред, зиндагӣ мекунед ё не?

## §17. МАРОСИМИ НИКОҲ

Мафҳуми никоҳ аз ҷиҳати иҷтимоӣ маънои расман якҷоя, ҳамхона ва ҳамхоба гардидани намояндаи ду ҷинси мухолиф: духтару писар (дар ҳолати болиғ) ва ё марду зан аст. Натиҷаи он ба таври расмӣ ва маъмулӣ қонеъ намудани талаботи ҷинсӣ, тавлиди фарзанд-давоми насли башар, ташкили хоҷагии оилавӣ, таълимоти моддӣ ва маънавӣ мебошад. Никоҳ (издивоҷ) ибтидо ва шарти зарурии ташкили оила мебошад. Аз даврае, ки оила ба вуҷуд омадааст, ҳамаи системаҳои идеологӣ

(динӣ, илмӣ) дар хусуси он ибрози назар кардаанд. Масалан, идеологҳои марксизм «якзанӣ» ва «якмардӣ»-ро беҳтарин ва одилтарин шакли оиладорӣ ҳисоб менамоянд.

Дини ислом чун системаи идеологӣ дар хусуси ташкили никоҳ ва оила таълимоти хоси худро дорад. Ғайр аз ҷиҳатҳои мусбат дар вай тарафҳои манфӣ низ дида мешавад. Яке аз онҳо никоҳи «бисёрзанӣ» мебошад.

Китоби муқаддаси дини ислом Қуръон бисёрзаниро (дар ҷамъияти онвақта вуҷуд надошт) ба шакли таълимоти худ даровардааст. Масалан, аз номи худо гуфта мешавад: «Пас никоҳ кунед он ки хуш ояд шуморо аз занон ду ва се ва чор..., ва бидиҳед занонро маҳрҳошонро» (с. 4, о. 4-. -5). Яъне, касе, ки аз ҳар ҷиҳат имконият дораду маҳр (қалин) дода метавонад, якбора 4 занро ба тариқи шаръӣ ба никоҳи худ дароварда метавонад. Вале касе, ки имконият надошта бошад, рухсати гирифтани як занро дорад. Акси ин ҳол ноадолатӣ мешудааст. Чунончи меояд: «Ва агар битарсед, ки адолат наварзед, пас яке зан бигиред».

Ходимону пайравони дини ислом чунин таълимоти Қуръонро ҳар хел маънидод мекунанд. Аз ҷумла, чунин мегӯянд, ки дар ҳолати зиёд будани занҳои беваю камбағал (барои хӯрондану пӯшондану нигоҳубин кардан) ин ҳолат аз рӯи адлу инсоф аст. Ҳол он ки (боз огоҳ карда шудааст) агар хавфи беадолатӣ бошад, «пас яке» зан бояд дошт. Онҳо дар ин маврид аз мухолифин гила мекунанд, ки ин ҳукми одилонаи Қуръонро ноҳақ танқид мекунанд. Эшон дар он, албатта, гуманизм ва демократизмро мебинанд. Чунин амал дар сурате мумкин аст, ки занҳо бева, кӯдакон ятим ва бесоҳибу хорузор бошанд. Ин роҳи аз ҳалокат халос кардани онҳо ва кори хайру гуманистӣ мебошад, вале дар он чанд ҷиҳати зиддигуманистӣ, ноодилона низ ниҳон аст.

Биёед, ин масъаларо чуқуртар таҳлил кунем. Аввалан, ҷамъияте, ки дар асоси қонунҳои демократӣ бунёд ёфта бошад, магар таъмини рӯзгори занҳои бешавҳару кӯдакони бепадарро танҳо дар серзанӣ мебинад: чаро занҳоро ба кор таъмину бачаҳоро дар кӯдакистонҳо ҷойгир намудан мумкин набудааст?

Сониян, дар сурате, ки мард ду, се, чор зан дораду дар мавриде, ки бо яке аз онҳо муошират мекунад, магар нисбат ба

дигар занҳо ноадолатӣ намешавад? Албатта, мешавад. Илму таҷриба кайҳо исбот кардааст, ки як зан барои як мард кифоя аст. Ниҳоят, як марди доро метавонист, ки аз рӯи ин ҳукми Қуръон якбора ё пайдарҳам чор зани ҷавонро дар ҳарами худ нигоҳ дошта, ҳирсу шаҳваташро конеъ кунад, дигарон (махсусан камбағалон) аз сабаби надоштани пул безан гарданд. Таърих гувоҳ аст, ки ҳеҷ гоҳ занҳо аз мардҳо ду маротиба зиёд набуданд, ки ба ҳар мард дутоӣ зан расад. Дар хусуси сетоию чортоӣ ҳоҷати гап ҳам нест. Қуръон иҷозат медиҳад, ки бо додани маҳр (10-12 танга ё дирҳам) дар мусофират ва ё ҳолатҳои дигар мардҳо занҳои муваққатӣ (мутъа, сига. Ниг. сураи 4, ояти 29) гирифта метавонанд. Мӯҳлати он аз як рӯз то 99 сол буд. Мардҳо ҳақ доштанд, баъди гузаштани муддати муайян чунин занро дар вазъи ҳомила ё бо кӯдак партофта, бе ягон масъулият ғайб зананд. Дар ин мавридҳо беваю сағираҳои бесоҳиб воқеан, зиёд мешуданд. Чунки вазъияти нохуш — бисёрзанӣ дар ҷамъияти истисмории то замони мо давом дошт. Ф. Энгельс дар ин хусус навиштааст: «Мавҷудияти канизакони ҷавону зебо, ки пурра дар ихтиёри мард буданд, ба моногамия аз аввал характери махсус дода, онро танҳо барои зан моногамия карда буд». Зани бечора бо як шавҳар побанд шуда, зулми шавҳарро мебардошт, хушбахтии оилавиро ба маънои аслиаш дида наметавонист.

Дар он шароит ғуломону канизон чун моли «соҳибдор» ҳисоб шуда, бе иҷозати онҳо ҳуқуки издивоҷ надоштанд. Шариати мусулмонӣ, ки хеле баъд аз Қуръон пайдо шуда буд, ин аҳволро конунӣ гардонд. Дар китоби шариат «Ҳидоя» гуфта мешавад: «Никоҳи ғулом ё каниз бе рухсати хӯҷаин конунӣ ҳисоб шуда наметавонад». Маҳз таъсири ҳамин конунҳои «илоҳӣ» буд, ки мардҳо канизакҳоро харида «зан» мекарданд ё моҳиятан ҳеч фарқе надорад; занро харида (калин дода) моли худ мекарданд ё ба онҳо мисли каниз муносибат менамуданд. Марди пулдор на танҳо ба занҳо чун моли харида муносибат менамуд, балки ба фарзандони аз он «мол» таваллудшуда низ ҳамчун мол нигоҳ мекард.

Чун қоида мусулмонҳо қабл аз никоҳ аввал розигии падару модарро (агар зан ё духтар ғулом, каниз бошад, розигии ғуломдорро) мегирифтанд ва сипас аз духтар ё зан мепурсиданд.

Аз рӯи қоидаи шариати мусулмонӣ (ҳанифӣ), ки дар китоби «Ҳидоя» дарҷ ёфтааст, барои никоҳ ва ҳар умуроти дахлдор ризоияти духтар ё зан шарт аст. Дар он меояд: «Духтар дар ҳар умуроте, ки ба вай дахл дорад, пурсида мешавад... Ва агар ӯ сукут кунад ё табассум намояд, ин аломати розӣ будани вай мебошад». Тоҷикон дар ин масъалаҳо аз шариат ҳам пеш рафта, дар мавридҳои зарурӣ ба сукуту табассуми духтар қонеъ нашуда, шаклҳои дигари «розӣ» будани духтарро кофта ёфтаанд. Агар духтари болиғ (аз 12-сола боло) дар мавриди пурсиш норозӣ буданашро ба воситаи гурехтан ё гиря кардан зоҳир намекард, вай «розӣ» ҳисоб мешуд. Агар аз пеши падар ва ё «бузургон» гурехтан аломати беадабӣ ё беҳурматӣ хисоб шавад, дар бисёр мавридҳо духтарон аз тарс сукут мекарданд, ки он аломати ризо ҳисоб мешуд. Агар вай гиря кунад «ашки шодӣ» ва аломати «розигӣ» ба ҳисоб мерафт. Дар ҳар сурат агар падар ё ворисн дигари духтар ба никоҳ манфиатдор мебуду маъқул медонист, гап-гапи ҳамон кас ҳисоб мешуд.

Боқимондаҳои ин одати кӯҳна ҳоло ҳам дар деҳоти мо мушоҳида мешаванд. Барои бартараф намудани онҳо муборизаи шадид бояд бурд. Дар ин кор бояд худи духтарон якҷоя бо ташкилотҳои дахлдор фаъолона иштирок кунанд. Ҷавонону мардони асил низ ба онҳо мададгорӣ намоянд, то ки фотеҳа ва никоҳи оқилона ҳаматарафа ва дар ҳама ҷо қатъиян ғалаба кунад. Шарти дигари ақди никоҳ ба соҳиби духтар, дар ҳолати набудани волидон ба худи вай додани маҳр (қалин) мебошад. Истилоҳи маъмул «маҳр» дар Қуръон зикр ёфтааст (вале на миқдораш) ва бо ҳамин ном дар байни арабҳо маъмул аст. Миқдори он аз рӯи ҳадиси пайғамбар, аз даҳ танга кам набошад. Онро дар ибтидо одатан ба худи занҳо, агар канизак мебуд, ба соҳиби вай медоданд. Оҳиста-оҳиста мавкеи зан, духтар дар ҷамъияти мусулмонӣ паст шудан гирифт вай аз ҳуқуқҳои худ, аз ҷумла гирифтани маҳр низ маҳрум гардид. Маҳри зан ва духтарро акнун падар ё ворисн дигари он мегирифт.

Ин расм дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон низ паҳн шуда, боқимондаҳои он ҳоло ҳам дучор меоянд. Вай дар таҳаввулоти худ аз фармудаи Қуръону ҳадис хеле дур рафта шаклу миқдори мухталифро гирифтааст. Хусусан, дар

Тоҷикистони мо миқдори он аз ҳад гузашта рафтааст. Ҳоло дар мамлакатҳои араб, аз ҷумла Ироқ, андозаи маҳр бо ин миқдор нест. Садди миёнаи он дар ҳудуди 2 ҳазор динор (як динор бештар аз ду сомонӣ) буда, тамоми хароҷоти туй низ ба он дохил мешавад. Яъне, тарафи домод фақат ҳамин қадар харҷ мекунаду халос. Инро ҳам бояд гуфт, ки ин миқдор якбора дода намешавад, вай ба «маҳри муқаддам» (пешакӣ) ва «маҳри муаххар» (баъд) ҷудо мешавад: якумро дар давраи никоҳ ва дуюмро дар мавриди талоқ (чун «алимент») медиҳанд. Агар талоқ лозим наояд, қисми дуюм ҳеҷ гоҳ пардохта нашуда, дар рӯзгори ҳаёти якҷоя сарф мешавад.

Чун боқимондаи замони гузашта дар Тоҷикистон маҳр маблағи зиёдро ташкил медиҳад, ки он барои падару модарон, ҷавонону духтарон мушкиливу нохушиҳои бисёре меоварад. Маҳр бисёр масъалаи мураккаб буда, ба он ба чашми саҳлу осон нигоҳ кардан мумкин нест.

Қобили қайд аст, ки на ҳама онро маҳкум мекунанд. Бисёриҳо бо ризоият ин корро мекунанд ва зарур ҳам мешуморанд. Тарафдорони қалин ва хироҷи калон, далелҳои зоҳиран пурқувват меоваранд. Масалан, мегӯянд, ки падару модар барои парвариши духтар маблағи зиёде сарф мекунанд ва тарафи домод бояд ақаллан қисме аз ин хароҷотро баргардонад.

Вале ин мулоҳизаи соддалавҳона ва он хариду фурӯш боқимондаҳои психологияи ғуломӣ мебошад. Ҳоло вай дар оила, дар хона, дар масҷид, «чойхона» («клуб») дар деҳот бо намунаи «маданитаре» ба амал меояд. Агар ин масъаларо аз робитаи куллӣ, моҳияти инсон ва таърих (ҷамъият) барканда, «падар аз меҳнати ҳалоли худ барои тарбияи духтараш ин қадар харҷ карда, хусур танҳо нисфи харҷро дода, духтари онро моли худ карда меоварад»-гӯем, зоҳиран, дуруст менамояд. Вале агар ба масъала дуруст нигоҳ кунем, вай тамоман ранги дигар мегирад. Падари духтар фарзандашро «фурӯхта», каме пул (қалин) гирифта, зоҳиран андаке фоида гирад ҳам, аз бисёр ҷиҳатҳои дигар моҳиятан зарар мебинад. Яъне, дар доираи танги муомила «молфурӯш-молхар», чун касони фурӯшанда ва харанда фоида бинанд ҳам, вале чун инсон - падарҳо, наслҳо зиёни калон мебинанд. Писарону духтаронашон ҳам аз ин

муомила дар асл фоидае намегиранд. Бубинед, вақте ки духтар ба ивази қалин (пул) ба шавҳар дода мешавад, хоҳ нохоҳ вай ба моли харида, ба чизи фурӯхта табдил меёбад. Дар хонаи шавҳар озоду сарбаланд буда наметавонад. Ӯро чизи харида меҳисобанд. Тарафи шавҳар мегӯяд: туро харидам, пул додам, бояд сархам бошӣ ва ғайра. Арӯс бошад, аз ин муносибат таҳқир дида, ҳудхоҳиаш ниҳонӣ ҷӯш мезанад. Зиддияти махсус ба миён меояд: шавҳар нисбат ба «молаш» ҳокимият рондан мехоҳад, зан озодӣ ва мустақилияташро муҳофизат мекунад. Агар яке аз тарафҳо дар ин «мубориза» мағлуб ва таслим нашавад, вай оиларо ба вайронӣ (талоқу ҷудоӣ) мерасонад. Агар тарафҳо аз муборизаи ошкор даст кашида, муросо кунанд ҳам, вале дар психологияи онҳо ин «харидуфурӯш» ниҳон мемонад ва он гоҳ-гоҳ зоҳир шудан мегирад.

Вақте ки падар духтарро ба ивази қалин ба шавҳар месупорад, «моли мардум»-гӯён аз хонаи худ берун мекунад ва духтар худро дар хонаи «бегона» мебинад, ки ба ӯ чун «мол» муносибат мекунанд, на танҳо нисбат ба хусуру хушдоман, балки нисбат ба падару модараш низ нафрат пайдо мекунад. Борҳо шунидаем, ки духтарон дар хонаи шавҳар наосуда ва аз хушдоман ранҷ кашида ба падарон «чаро маро ба инҳо додӣ», «маро фурӯхтӣ» мегӯянд. Падарон хоҳанд ҳам, дигар духтарашонро «гардонда» гирифта наметавонанд: баргардондани қалин, харҷи туй масъаларо душвор мекунад. Духтар дар хонаи шавҳар ҷабран (на ихтиёран) побанд шуда, ба ҳар гуна фишорҳо дучор шуда, торафт нафраташ ба «фурӯшандагонаш» зиёд мешавад. Танҳо дар мавридҳои зарурӣ, ҳолатҳои ночорӣ онҳо ба хонаи падар меоянду вале дар дил бори гарони ғаму ҳасрат доранд. Аз ин аҳвол на танҳо духтар, балки падару модар, амаку бародар ҳам хурсанд буда наметавонанд. Аз каме қонеъ кардани ҳирси худ ва риоя намудани расми мардум андаке шод бошад ҳам, аз муносибати падарию фарзандӣ хеле бой медиҳад. Мароқангез он аст, ки худи падар дар ҳолати духтар баровардан ба қалин розӣ бошад, дар мавриди арӯс овардан мухолифи он мебошад. Пас, инсофу одамгарӣ магар он нест, ки духтарро аз рӯи ишқу ихтиёр хонадор кунанд, ба харҷи андак тӯю хурсандӣ намоянд. Арӯсро ҳам ҳамин тавр биёваранд.

Агар ҳамин тавр кунанд, ҳеҷ кас зарар намебинад: бо харҷи каме духтар мебарояду арӯс меоваранд. Духтарҳо аз рӯи хоҳишу ихтиёр, ишқу муҳаббат, майлу рағбат ҳамсарро интихоб мекунанд. Падару модар ва дигар дӯстони ҳаётозмӯдаю рӯзгоромӯхта ба онҳо маслиҳатгару мададгор мешаванд. Барои ин шароити объективӣ, иҷтимоӣ, конунияти ҷомеа мавҷуд аст.

Дар гузашта қалину масрафи зиёд бисёр ҷавононро аз имконияти сари вақт зан гирифтан маҳрум намуда, маҷбур месохт, ки ба бероҳагардӣ ва дигар корҳои ношоям машғул шаванд. Ё баръакс, духтарон бе шавҳар пир мешуданд ва «пирдухтар» ном мегирифтанд ва ночор насиби мардони пир, зани дуюм, сеюм мешуданду шӯрбахт мегардиданд.

Қалин дар мавриди муайян духтаронро пир мекард. Шариат дар ин мавриди ба ёрӣ омада мегӯяд, ки агар духтарат пир шуда бошад, болои бом баромада фарёд кун ё дар масҷид эълон кун ва ба каси хостгор бе ягон чиз никоҳ карда бидеҳ. Ҳоло ҳам бар иллати қалин баъзе духтарҳо дар кишлокҳо «пир» шуда мемонанд ва падарон бошанд, албатта, аз «беқалин» додан ва «болои бом баромада фарёд кардан» номус мекунанд.

Далели дигаре, ки тарафдорони қалин ба ҳимояи он меоранд, ин аст, ки гӯё вай оиларо мустаҳкам мекардааст. Оре, вақте ки кас ягон чизро бо пули қиммат мехарад, ночор онро «азиз» медонад, «дӯст» медорад. Аввалан, зан мол нест, ки харида аз худ намоӣ, сониян, чунин «нагзбинӣ» дар асл бадбинӣ, бегонагист: ин дӯстдорӣ бевосита ба зан дахл надошта, дар асл ба он пуле мансуб аст, ки занро харида овардааст.

Охир, вақте ки зан харида мешавад, куҷо озодии ишқу самимият, баробарию рафоқат мемонад? Озодии ирода бештар аз ҳама дар масъалаи ишқу муҳаббат ва ҳаёти оилавӣ зарур аст. Қалин як воситаи ҷабри осоишта, зулми иқтисодӣ барои побанд намудани марду зан мебошад. Мардро ғуломи пул ва занро асири мард месозад. Марди пулдор худро подшоҳи зан ҳисоб кунад ҳам, вале мулкро (оиларо) устувор нигоҳ дошта наметавонад, зеро дар асл вай озод нест, пул ӯро ба осонӣ ба чапу рост мебарад, як занро гузошта, ба назди зани дигар, сӯи зани ҷавонтар равад ва ғайра.

Ниҳоят, пайравони расми қалингирӣ ба тарзи худ далел меоваранд, ки пули қалин қариб ҳамааш дар хариди ҷиҳози арӯс

сарф мешавад, барои вай қолину либос, кӯрпаю болишт, ҷевону яхдон, чойнику пиёла, лаълию коса ва ғайра харида мешавад, бо ин чизҳо арӯс сарбаландона ба хонаи шавҳар меравад ва дигар мунтазиру дастнигари хусуру хушдоман намешавад. Духтарҳо низ ба ин чиз қисман тарафдоранд, зеро дар он фоидаю обрӯи худро мебинанд. Аз як ҷиҳат ин дуруст аст, вале аз чанд ҷиҳати дигар нодуруст ва зараровар мебошад. Аввалан, духтарҳое, ки ба ин ҳол розӣ ҳастанд, яктарафаю худҳоҳона ба он нигоҳ мекунанд. Мо бисёр дидаем ва шунидаем, ки чизҳои аслан бо пули домод (қалин) аз хонаи падарарӯс баргашта, дар ин «сайри сеҳрангез» ба моли арӯс табдил меёбад. Вай инҳоро аз хонаи падарам овардам гӯён пинҳон мекунад, то соҳиби хонаи алоҳида нашавад, аксарияти онҳоро ба истифода намебарорад. Дар ҳолати ҷудоӣ аз шавҳар низ ин дард давом меёбад: «ин аз ман, вай аз ту» барин гапҳо борҳо такрор шуда, ҷудоии молӣ ба вуҷуд меояд. Тавре ки гуфта шуд, Қуръон то дараҷае барои пайдоиши чунин психологияи чизпарастии арӯс мусоидат мекунад: ҳаққи маҳрро аз они вай мешуморад, «никоҳ кунед онҳоро бо додани маҳрашон»-мегӯяд. Зимнан бояд қайд намуд, ки зери таъсири ин идеяи исломӣ дар оилаи тоҷик расми «маҳрбахшон» пайдо шуда, боқимондаҳои он ҳоло ҳам дида мешавад. Он таомулест, ки баъд аз гузаштани чанд муддати ҳаёти якҷоя, ҳосил шудани боварӣ баояндаи хуби ҳаёти оилавӣ зан барои бахшидани маҳраш розӣ мешавад. Зиёфати хурде барпо шуда, дар он шавҳар ва ду-се нафар шоҳидон иштирок мекунанд. Баъд аз зиёфат «маҳрамро бахшидам»-мегӯяд, дигарон ӯро аҳсану офарин мехонанд.

Барои оилаи нав ва хушбахтии онҳо молу чиз, мошин ва монанди ин барин боигариҳо ҳаргиз шарт нест. Онҳо метавонанд минбаъд кор карда, аз пули меҳнати ҳалоли худ чизҳои заруриро харида гиранд. Дар ибтидо ба онҳо ҳаддалимкон ёрӣ лозим аст. Вале аз аввал «ҳатман ту ин қадар биёр, ман ин қадар мебарам»- гуфтанҳо бемаънист. Ҷавонҳо низ вазифадоранд, ки баъд аз ташкилу таъмини оилаи худ дар мавриди эҳтиёҷ ба падару модар ва онҳое, ки тарбияташон кардаанд, ҳатман ёрдам кунанд. Баръакс, қалину харҷи бисёр аслан арӯсро сарбаланду хушбахт намесозад. Вай дар ҳақиқат ҳам дигар ба падару модар ва тарбиятгаронаш ёрдам карда

наметавонад. Домод мегӯяд, ки онҳо ҳаққашонро кайҳо гирифтаанд, духтар ночор бо вай розӣ мешавад, зеро илоҷи дигар надорад.

Барои никоҳи мусулмонӣ пас аз он ки духтар (ё зан) пурсида ва ба ӯ сару либос ва лавозимоти тӯй дода шуда бошад, дигар танҳо ба истилоҳ «ҷиҳатҳои техникӣ» мемонад: ҳозир кардани муллои никоҳгар, вакил, ду шоҳид (мардҳо), коса, об, сӯзану ришта ва дигар амалиётҳои ба он мансуб ва ғ. Азбаски ҳамаи инҳо характери ҷузъӣ ва дар байни маҳалҳо баъзе фарқиятҳои майда-чуйда доранд, дар бораи онҳо муфассал намеистем. Фақат як ҷиҳати ба ном демократии никоҳи мусулмониро қайд кардан мумкин аст. Розигии духтар ё занро ба таври ҳалкунанда дар ҳамин маврид мепурсанд. Онҳо аз рӯи шариат бевосита дар маросими никоҳ иштирок карда; «ҳа» ё «не»-и хешро изҳор карда метавонанд. Вале, чун одат, бо назардошти ҳаё дар амал худ иштирок накарда, намояндаашро «вакил» мекунанд. Бояд қайд кард, ки духтарони дар асл ба никоҳ норозӣ метавонанд, ки аз ин «демократизми шариатӣ» истифода бурда ба маросими никоҳ ҳозир шаванд, дар назди мардум эътирози худро баён намуда, сирри «соҳибони» худро фош намоянд ва домоди хирасарро низ гӯшмол дода, аз дами шайтонию ҷаҳди шаҳвонияш боздоранд.

Хутбаи никоҳи мусулмонӣ низ ҷиҳатҳои ҷолиб дорад. Дар вай ҳам ҷиҳатҳои хоси динӣ ва ҳам расму русуми мардумӣ ифода гардидааст.

Никоҳи гражданӣ хусусияти хоси худро дошта, аз никоҳи шаръӣ хеле фарқ мекунад. Мақсади ниҳонии ҳарду шакли никоҳ як аст: он чӣ ки пештар гуфта шуд. Вале никоҳи динӣ, пеш аз ҳама бо он фарқ мекунад, ки шариат диндор (мусулмон) будан (ё минбаъд шудан)-и касони никоҳшавандаро ба миён мегузорад. Никоҳи гражданӣ ё қонунӣ ба дину маслак (масалан, диндор, атеист ё марксист будану набудан)-и тарафҳо кор надорад. Онҳо бояд қонуну қоидаҳои гражданиро риоя кунанд. Инро ҳам ба виҷдону инсофи худи онҳо ҳавола мекунад. Ба ғайр аз ин қатъиян бар зидди қалин мебарояд.

Барои аз ақди никоҳи гражданӣ гузаштан никоҳшаванда камаш як моҳ пеш ба муассисаҳои ақди никоҳ ва ташкилотҳои онро ивазкунанда бо хоҳиш ва ризоии худ ариза медиҳанд. Агар

ақидаи онҳо тағйир наёбад, дар рӯзи муқарраршуда ҳамроҳи шоҳидҳо ва ёру дӯстон ба муассисаҳои дахлдор ҳозир мешаванд. Ҳуҷҷатҳои расмиро имзо мекунанд, шоҳидҳо тасдиқ менамоянд, ҳозирон маъқул мешуморанд ва расмияти никоҳ ба анҷом мерасад. Никоҳро дар муассисаҳои дахлдор гузаронидан шарт нест. Шахсони масъул аз ин муассисаҳо метавонанд, ки расми никоҳро дар клубҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҳатто дар тӯйхона гузаронанд. Солҳои охир ҳамин шаклро бештар ба кор мебаранд, ки бисёр хуб аст. Вақти одамони тӯйдор сарфа ва қатори мошинҳои тӯйгард кам мегардад. Ин расмро як комёбии барҷастаи муассисаҳои ақди никоҳ, нишонаи бозсозӣ ва демократия дар кори онҳо донистан ҷоиз аст.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Кадом ҷиҳатҳои никоҳи динӣ ба шумо маъқул аст?
2. Агар аз қайди ақди никоҳ гузашта бошед, никоҳи динӣ ҳатмӣ аст ё не?
3. Ақидаи шумо дар бораи қалин чӣ хел аст?
4. Агар духтардор шавед, ӯро чӣ хел ба шавҳар медиҳед?

# БОБИ V
# ТӮЙИ АРӮСӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

## §18. АНЪАНАҲОИ МИЛЛИИ ПЕШ АЗ ТӮЙ

Никоҳ, ки маъмулан баъди фотеҳа анҷом меёбад, мувофиқи шариати мусулмонӣ дар ҳаёти оилавии тоинқилобии тоҷикон хусусиятҳои махсусу мароқангез дорад ва он пеш аз ҳама ба муомилаи хариду фурӯш монанд аст. Онро барои беҳтар намудани аҳволи моддӣ (камбағалон) ё барои боз ҳам бойтар гардидан (дороён) ва ё барои мустаҳкам намудани мавқеи иҷтимоӣ мебастанд. Масалан, камбағалон маҷбур мешуданд, ки баъзан ҳатто, аз гаҳвора духтарашонро ба касоне, ки аз онҳо қарздору вобастаанд, гарав гузоранд, гаҳворабахш кунанд. Бойҳо ҳам бо нияти боз ҳам бойтар шудан ба воситаи никоҳи шаръӣ ба муомила медаромаданд, доду гирифти духтар менамуданд. Баъзан барои дуруст намудани муносибатҳои шахсӣ волидон бо рақибони худ ба туфайли чунин доду гирифт робитаи хуби хешу таборӣ баркарор мекарданд. Ин амал, ҳатто, кори хайру савоб, суннати пайғамбар ҳисоб мешуд.

Барвақту бемаҳал гаҳворабахш намудани духтарон, дар асл оқибатҳои бад дорад. Муҳаббат ва самимиятро мебарад, духтарро бадбахт мекунад, хусусан вакте ки вай агар зани дуюм, сеюм ё чорум бошад.

Як навъ гаҳворабахш низ вуҷуд дорад, ки моҳиятан аз харидуфурӯш фарқи калон дошт. Масалан, падару модарони аз якдигар тамоман новобаста ҳангоми таваллуд шудани писару духтар онҳоро гаҳворабахш мекунанд. Ин одат ҳоло ҳам давом дорад ва яке аз шаклҳои ташкили оила ва муносибатҳои оилавӣ мебошад. Дуруст аст, ки вай аз як тараф, духтару писарро побанди якдигар намуда, озодиашонро дар боби интихоби ҳамсари оянда маҳдуд месозад. Вале аз тарафи дигар ҷиҳати хуб ҳам дорад, ки барои мустаҳкам кардани муносибатҳои оилавӣ мадад мерасонад.

Масалан, ҷавонҳо пеш аз хонадор шудан як муддати муайян ҳамдигарро меомӯзанд. Чунин омӯзиш дар ҳақиқат бисёр зарур

аст. Махз ҳамин хел якдигарро омӯхта, маъқул карда хонадор шаванд, то ин ки баъдтар «характерҳо мувофиқ наомад»-гӯён аз ҳам ҷудо нагарданд. Оила вайрону дӯстон ҳайрон, фарзандон рӯҳан маҷрӯҳу падару модарон пурандӯҳ нашаванд. Мақоли «ҳафт бор чен куну як бор бур» дар ҳамин маврид ҳам ба кор меояд. Расми гаҳворабахш чун як шакли фотеҳа бояд бошад.

Дурусттараш, ба ин расми анъанавӣ, аз нуқтаи назари табиӣ нигоҳ кардан зарур аст; вай диалектикаи наву кӯҳна, мусбату манфӣ, озодӣ ва масъулиятро дар худ дорад. Тасаввур кунед, ки писару духтари гаҳворабахш ҳамсоя буда бо ҳам калон мешаванд. Ҳамдигарро хуб донистa, ба якдигар таъсири мусбат мерасонанд ва дар ташаккули ахлоқу психологияи ҳамдигар «иштирок» менамоянд. Духтар ё писар «нигоҳи санҷиш»-ро аз тарафе ҳис карда, кӯшиш мекунад, ки ба гаҳворабахши худ маъқул шавад. Вале агар «чашми назорат» сахтгир бошад, онҳоро аз якдигар безору гурезон карда метавонад. Ба чунин аҳвол роҳ додан мумкин нест. Падару модар ва дигар атрофиён дар ин ҳолатҳо набояд «ана шавҳаршавандаат ё заншавандаат»-гуён огоҳию хирагӣ кунанд. Муносибатҳои онҳо дар давраи кудакӣ ва бачагӣ бояд шакли бозиҳои ширинро дошта бошанд. Кӣ «шаҳу арӯсбозӣ» барин бозиҳои кӯдаконро намедонад?

Илми равоншиносӣ исбот кардааст, ки дар рафти бозиҳои шавковар шахсияти кӯдак хеле хуб ташаккул меёбад. Онҳо як навъ саҳначаҳои ҳаёт, машкҳои зиндагӣ, санҷиш барои ҳаёти оянда мебошанд.

Минбаъд ҳам муносибатҳо бояд дар асоси ҳуқуқҳои баробару интихоби озод ҷараён ёбад. Дар сурати маъқул нашудан ҳар кас имконияти озодона «не» гуфтанро дошта бошад. Ягон чиз онҳоро маҳдуд ва ба никоҳ маҷбур насозад. Фотеҳа дар маҳалҳо хусусиятҳо ва шаклҳои гуногун дорад. Одатан, аз рӯи расми кӯҳна баъди арӯсхушкунӣ модар, апа, хоҳар ё дигар намояндаи домодшаванда бо 2-3 кас ба хонаи арӯсшаванда рафта фотеҳа мекунанд. Ҳоло дар деҳот чун расми замонавӣ пеш аз фотеҳа ва баъд аз арӯсшавандаро дидани занҳо писару духтарро ба якдигар нишон медиҳанд. Вале онҳо танҳо рангу рӯ ва қаду қомати якдигарро мебинанду халос, ки барои никоҳ ва ташкили оила заминаи хуб шуда наметавонад.

Шакли замонавии он ин тавр аст, ки писару духтари ба балоғатрасида, дар ҷои кор, таҳсил ва ғайра бо якдигар шинос

шаванд, махсус вохӯранд, якдигарро хуб фаҳманд, баъд бо падару модар ё наздикони дигар дар хусуси фотеҳа ва никоҳ, арзи ҳол намоянд.

Онҳо рафта маслиҳати тӯй ва фотеҳаи онро мекунанд. «Фотеҳа» калимаи арабӣ буда, ба маънои ибтидо, оғоз, кушоиш, кушоиши китоб, оғози кор меояд. Фотеҳа чун одати миллӣ марҳилаи лозимӣ аст. Баъд аз тамом шудани маросими фотеҳа иштирокчиён ҳатман аз боби ободии хонадону хушбахтии ҷавонон якчанд сухан бигӯянд. Бо ҳамин расми фотеҳа иҷро шуда, ибтидои тӯйи никоҳ ҳисоб карда мешавад. Мусулмонҳо фотеҳаро нисфи никоҳ ҳисоб мекунанд. Фотеҳаро гардонидан кори нохуб ба шумор меравад, баъд аз фотеҳа ҳатман бояд тӯй шавад. Он аввалан бояд характери граждании дошта, сониян, он барои ҳаёти хубу устувори оилавӣ замина гузорад. Хуб аст, ки агар фотеҳа шаш моҳ ё як сол пеш аз никоҳ ба ҷо оварда шавад. Баъди он рафту омади қудоҳо, вохӯриҳои домоду арӯс ба амал оянд. Онҳо хона, аҳволи моддӣ, расму анъанаҳои оилавӣ, хислату одатҳои шахсӣ ва дигар хусусиятҳои ҳамдигарро хуб омӯзанд, ба ҳисоб гиранд, мутобиқ шаванд. Баъди ин корҳо агар ба хулосае оянд, ки мувофиқ омада метавонанд, тӯй бояд шавад ва агар не, хубаш сари вақт аз ҳам дур шаванд, то ки баъди никоҳу ташкили оила ва таваллуди фарзанд (кӯдак) ҷудо шуда, ба якдигар ғаму андӯҳ наоваранд. Умуман, фотеҳаро чун маҷбурияти ба никоҳ даромадан ҳисоб кардан ҷоиз нест.

Ҳангоми рафтуомадҳои баъди фотеҳа тӯҳфабарӣ ва қарздоркунӣ низ кори хуб нест, вай озодии интихоб ва қарор қабул карданро маҳдуд мекунад. Дар фотеҳатуй ҳам харҷи ниҳоят кам лозим аст. Беҳтараш ин маросим дар доираи хурди дӯстони наздик ба амал ояд. Овозаи калон алҳол даркор нест. Туйро бошад дар доираи васеи одамон, дӯстон, шиносҳо, ҳамсояҳо мегузаронанд. Албатта, дар ин маврид ҳам аз ҳад гузаштан, воҳима андохтан зарурат надорад.

Бояд гуфт, ки фотеҳатӯй дар деҳот дар шакли вайрону ношоям мегузарад. Дар он гову гӯсфанд, либосу матоъ, орду биринҷ, қанду қандалоти бисёр сарф мешавад. Вай маҷбур мекунад як тараф чун адои қарз ва тарафи дигар чун ивази харҷ хоҳ-нохоҳ ба туй сар фуроранд. Дар маҳаллаю деҳоти мо ин як одати нохубе шудааст, ки ҳатто баъзе одамон қаблан ба он розӣ набошанд ҳам, зоҳиран пайравӣ бояд кунанд. Чаро? Мардум нагӯянд, ки гашта

маъракаи фалонӣ аз маъракаи ту хубтару пурнозу неъмат буд. Аммо ин таассуби беҳуда гоҳо хеле миёншикану гарон мегардаду натиҷаи он ба иқтисодиёти оила, зиндагии навхонадорон солҳои дароз мушкилиҳо меорад.

Ҳоло дар бештари ноҳияҳои ҷумҳурӣ анъанаҳои миллӣ амал мекунанд, аммо бо хароҷоти кам. Чун анъана ба хонаи духтардор хостгорон (завҷӣ) мераванд. «Дар боғи шумо гул, дар ҳавлии мо булбул, мо харидори гул омадем»-гӯён мақсади худро изҳор мекунанд. Соҳибхона меҳмононро бо эҳтироми зиёд зиёфат намуда мефаҳмонад, ки духтарашон дигар касро дӯст медорад ё ҳанӯз ба шавҳар баромаданӣ нест. Умуман, бо баҳонае дархости хостгоронро рад мекунад. Агар розӣ бошанд барои гирифтани ҷавоб мӯҳлати муайянеро таъин мекунанд. Дар рӯзи таъиншуда намояндагони домодшаванда якчанд марду зан ба хонаи духтар меоянд. Онҳо бо худ дастархон ва якчанд метр матоъ меоранд. Дар ин муддат волидайни духтар бо хешу табори худ маслиҳат мекунанд ва розигии хешро изҳор мекунанд.

Чун розигии духтару волидон маълум гардид ба ин муносибат бо нияти нек нон мешикананд ва ба ҳамаи ҳозирон аз матои овардашуда руймол дарронда медиҳанд. Ин маъракаро «ноншиканон» ё «рӯймолдарон» меноманд.

Баъд аз он хароҷоти тӯйро маслиҳат карда, рӯзи туйро таъин мекунанд. Ҳамин тариқ, як маъракаи серхарҷу зиёдатӣ — «фотеҳатӯй» аз байн мераваду якбора тӯйи арӯсӣ гузаронида мешавад.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Хостгорӣ чӣ хел ҷиҳатҳои мусбат ва манфӣ дорад?
2. Фотиҳа ба фикри шумо, лозим аст ё не?
3. Кадом анъанаҳои пеш аз туйро медонед, кадоми онҳо ба шумо маъқул аст ва кадомаш лозим нест?

## §19. ХУСУСИЯТҲОИ ОИЛАИ ҶАВОН

Дило, гар оядат рӯзе ғаме пеш,
Чу ёре бошадат ғамхор, ғам нест?
Барои рӯзи меҳнат ёр бояд,
Вагарна рӯзи роҳат ёр кам нест.

Рӯзи ақди никоҳ, тӯйи арӯсӣ як умр дар хотирӣ ҷавонон мемонад. Ёру дӯстон, хешу табор аз бунёди як оилаи нав хурсанд

гашта ба онҳо хушбахтӣ, саломатӣ, меҳрубонӣ, фарзанду давлати фаровон орзу менамоянд.

Чӣ шаби хурсандию фараҳбахш! Чашмони навчавонон аз шодӣ, аз меҳри ишқи ҳамдигар медурахшанд. Онҳо аз бахти худ розиянду меболанд. Ба гумони онҳо хушбахттарин инсонанд ва ишқи онҳо интиҳо надорад.

Аммо ҳар тӯю тамошо интиҳо дорад, тӯйи арӯсии онҳо ҳам ба охир мерасад. Баъди ду-се рӯзи ботантана дидорбинӣ, табрики ёру дӯстон, ба ҷо овардани анъанаҳои тӯйи арӯсӣ мегузарад. Пас аз он ҳаёти нави оилавӣ шурӯъ мешавад. Ҳаёти оилавӣ ҷараёни рӯзгори онҳоро ба куллӣ тағйир медиҳад.

Арӯси ҷавон ба оилаи нав меояд. Агар ин оила хешу ақрабои онҳо набошад, пас вай ба оилаи тамоман ношинос, ки тартибу низоми хоси худро дорад, аъзои баробарҳуқуқ мегардад. Шахси аз ҳама наздикаш шавҳар мебошад ва ӯ бояд барои зудтар ва ба осонӣ худро аъзои баробарҳуқуқи оила ҳис кардани зани ҷавон маслиҳатгару ёвар гардад.

Тарки одатҳои пешин кори хеле душвор аст. Ҳал намудани он яке аз вазифаҳои муҳимми онҳо мегардад. Душвории асосӣ дар он аст, ки шавҳар ва зани ҷавон дар оилаҳои худ тарбияи гуногун гирифтаанд ва феълу рафторашон мухталиф мебошад. Мувофиқ намудани одату рафтори худ ба шароити оила ва вазифаҳои нави иловагашта, махсусан, дар моҳҳои аввали оиладорӣ мушкил аст. Дар ин моҳҳо зану шавҳари ҷавон ҳамдигарро хубтар мешиносанд, ба вазифаҳои нави оиладорӣ қадам мегузоранд. Муносибатҳо бо ҳамдигар ва бо хешу табори нав барқарор мегарданд.

Дар бораи муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар оила сухан ронда, бояд қайд кунем, ки муносибати байни зану шавҳар дар асоси баробарҳуқуқӣ пурра ба роҳ монда мешавад. Муносибат дар оила дар асоси иззату эҳтиром, ғамхорӣ, рафтори дилсӯзонаи ҳамдигар сохта мешавад. Тамоми корҳои оилавӣ бояд бо маслиҳат ва розигии аъзоёни оила ҳал карда шаванд.

Оиладорӣ чизи мураккаб аст. Дар ҳаёти оилавӣ дар баробари шодию хурсандӣ ғаму ташвиш, носозӣ ва рӯҳафтодагӣ низ ба вуҷуд меоянд. Дар оилаи тифоқ, ки иззату ҳурмати ҳамдигарро медонанд, ҳар корро бомаслиҳат кунанд, бартараф намудани душворӣ ҳам осон мегардад.

Одобу эҳтиром байни зану шавҳар ва волидайни ҳамдигар барои мустаҳкам гардидани оила воситаи аз ҳама муҳиму зарурӣ аст.

Баръакс, дар оилае, ки тифоқӣ, самимият ва иззату эҳтироми байни ҳамдигарӣ вуҷуд надорад, кинаю ситеза, моҷарою рӯҳафтодагӣ ба вуҷуд омада, ба пойдории оила ва махсусан ба кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад. Агар дар оила муҳаббат, ҳамфикрӣ, эҳтироми тарафайн ҳукмфармо бошад, худи муҳаббати падару модар, самимият ва ҳамкории онҳо дар ҳаёт омили тарбияи фарзандон мегардад. Бунёд намудани оилаи хушбахт ба муносибати зану шавҳар вобаста аст.

Дар яке аз ҳикояҳои «Наводир-ул-вақоеъ» нависанда ва олими барҷастаи тоҷик Аҳмади Дониш дар боби одоби оиладорӣ сухан ронда, оид ба муносибати зану шавҳар чунин гуфтааст: «Мард бояд, ки бо аҳли хеш чун кӯдаке бувад дар лаъаб ва ба кадхудоӣ чун мардон бошад. Ва бояд ки хандон ба хона дарояд...

Ва бояд ки мард чун табибе устод бувад, ки ҳар як илоҷе дар вақт нигоҳ медорад. Ва сабру эҳтимол бояд, ки ғолиб бувад бо қаҳру истило...»

Ин суханон ҳеҷ гоҳ дар ҷамъияти инсонӣ қиммати худро гум намекунанд. Дуруст аст, ки агар мард бо чеҳраи кушод ба хона дарояд, бо аҳли оилаи худ хушҳолу самимӣ вохӯрӣ кунад ва агар онҳо ӯро бо чеҳраи кушод пешвоз гиранд, ин рафтори вай ба ҳамаи онҳо таъсири мусбат мебахшад ва шароити психологии оила мӯътадил мегардад. Албатта, ҳаёти оилавӣ бе камбудӣ намешавад ва чунон ки зикр кардем, мард бояд дар ҳар ҳолат норозигӣ, қаҳру ғазаби худро нигоҳ дошта тавонад. Агар дар байни зану шавҳар ягон норозигие пайдо шавад, онҳо бояд ботамкин фикри худро ба якдигар баён кунанд, бо маслиҳат ба як қарори дуруст оянд. Саъдии бузург дар ин бора чунин фармудааст:

> Ёр он бувад, ки сабр кунад бар ҷафои ёр,
> Тарки ризои хеш кунад дар ризои ёр.

Зану шавҳари ҷавон барои осоишу саодати оила бояд гузашт карданро омӯзанд. Истодагарӣ карда, гапи худро гузаронидан сабаби низои оилавӣ мегардад. Дар оилае, ки байни зану шавҳар ҷанҷол бошад, ҳамаи аъзоёни оила низ худро нотинҷу асабӣ ҳис мекунанд. Беҳуда мӯйсафедони умрдидаю таҷрибаи ҳаёт андӯхта нагуфтаанд: дар оилае, ки ҷанҷол бошад, файзу баракати он хонадон то чиҳил рӯз коста мегардад.

Зану шавҳар бояд маслиҳатгар ва дӯсти наздики ҳамдигар бошанд ва камбудии якдигарро хайрхоҳона ба ҳамдигар фаҳмонда баислоҳи он кӯшанд.

Ба ин муносибат шайх Саъдӣ гуфтааст:

Он ки айби ту гуфт, ёри ту ӯст,
В-он ки пӯшида дошт, мори ту ӯст.

Баъзан, махсусан, занҳо, агар аз ягон рафтори ҳамсарашон хафа шаванд ба падару модар, дӯст ё хешу таборашон шикоят мекунанд. Ин рафтори онҳо тамоман нодуруст аст. Ин пеш аз ҳама сабаби дилхунукӣ байни зану шавҳари ҷавон ва бад шудани муносибати тарафайн мегардад. Воқеаеро, ки ба шумо мисол меорем, дар яке аз деҳаҳои назди Душанбе рух додааст. Мард аз кор ба хона бармегардад, ки занаш дар хона нест. Аз модараш мепурсад. Модараш мегӯяд, ки аз пагоҳӣ баромада рафтааст ва куҷо рафтанашро ҳам нагуфтааст. Зан дар бораи ба ягон ҷо рафтанаш ба шавҳараш ҳам чизе нагуфта буд. Мард дар қаҳр шуда интизор мешавад. Баъд аз муддате зан бармегардад. Мард худро идора карда натавониста гапҳои бад мегӯяд ва як шаппотӣ ҳам мезанад. Зан ҳам ғазабашро фурӯ набурда ба хонаи падару модараш доду фарёдкунон меравад, ки шавҳарам маро зад. Се бародари зан ба хонаи домод омада сабаби моҷароро нафаҳмида чунон ӯро мекӯбанд, ки вайро ба беморхона мебаранд. Кор, ҳатто, ба идораи маъмурӣ мерасад. Бародарон барои авбошӣ ба мӯҳлатҳои мухталиф маҳкум мегарданд. Баъд аз ин моҷаро мард занашро талоқ медиҳад. Ҳамин тариқ, оилаи семоҳаи навбунёд вайрон гашт. Дар ин моҷаро ҳар ду ҳам айбдоранд, аммо зан бештар. Аввал ин ки зан ба ҷое рафтанӣ мебуд, бояд бо шавҳари худ маслиҳат карда, ӯро огоҳ мекард, сониян, агар ягон кори таъҷилие баромада бошад, бояд бо хушдоманаш маслиҳат карда иҷозат мепурсид. Барои осоиштагӣ ва оромии оила эҳтироми волидайни ҳамдигар амали заруру ҳатмист. Арӯс ба оилаи шавҳар ҳамчун фарзанд дохил мегардад, волидайни арӯс ҳам домодро чун фарзанди худ қабул мекунанд. Аз ин рӯ, яке аз сабабҳои мустаҳкаму иттифоқ гардидани оила ба ҷо овардани иззату эҳтироми волидайни якдигар мебошад. Дар зарбулмасали халқӣ омадааст, ки «Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд». Аз ин хотир дар хонадоне, ки корҳои оилавию рӯзгор бо маслиҳату розигии тарафайн анҷом

ёфта, эхтироми аъзоёни оила ба ҷо оварда мешавад, доимо хушбахтию оромӣ ҳукмфармост. Зану шавҳари ҷавон камбудию хатоҳои рафтори хешро бояд ҳамроҳ, дӯстона, хайрхоҳона ҳал кунанд. Аҳмади Дониш дар ин бора чунин гуфтааст: «Аммо ҳаққи шавҳари хеш ҷуз накуӣ нагӯяд ва уюби шавҳари худро бипӯшад ва густохие миёни ишон бувад, дар муоширaт ва мубошарат ҳикоят накунад. Ва дар ҳама корҳо бо муроду шодии шавҳар ҳарис бошад... ва шавкат нигоҳ дорад».

Падару модар дар оила ашхоси мӯътабаранд. Дар тӯли зиндагӣ ва оиладорӣ таҷрибаи бузурги рӯзгорро андӯхтаанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ ба фарзандони худ бадиро раво намедоранд ва мудом дар фикри хушбахтии онҳо мебошанд. Фарзандон ҳам бояд волидайнро маслиҳатгари аввалини худ донанд ва барои осон намудани ҳар мушкилоте, ки ҳаёт ё рӯзгор пеши онҳо мегузорад, барои маслиҳат ба онҳо муроҷиат намоянд.

Шарофат Пирова дар мактубаш ба маҷаллаи «Фирӯза» чунин менависад: «Тавре ки мебинему мешунавему мехонем, муносибати байни арӯсу хушдоман дар аксари ҷо он қадар хуб нест, ки ин бештар ба хонавайронӣ оварда мерасонад. Ман дар зиндагии хеш эҳсос мекунам, ки агар хушдоманҳо, ки таҷрибаи зиндагӣ доранду ҳубу бадро аз ҳам ҷудо карда метавонанд, оқила бошанд, зиндагии фарзандонро бо суханҳои неку рафторҳои шоиста мустаҳкаму сариштa мекунанд.

Хушдоманам Моҳбӣ Абдуллоева хеле аҷибанд. Ҳаргиз бо дӯгу пӯписа ва таҳдид бо касе ҳарфе намегӯянд. Бо сабру андеша хатоҳои моро ислоҳ мекунанд, маслиҳат медиҳанд. Агар хатое аз мо сар занад, бо оҳистагӣ, оромона мегӯянд, ки чунин рафтор ба шумо намезебад. Мо тамоми рози диламонро ба он кас мегӯем ва медонем, ки аз он кас маслиҳатҳои дуруст мегирем».

Оре, дар оилае, ки ттифоқию дӯстӣ, шавкату хайрхоҳӣ ҳукмрон аст, фарзандон ҳам шоду хурсанд зиндагӣ мекунанд. Минбаъд кӯшиш мекунанд, ки оилаҳои онҳо низ чунин бошад.

Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» чунин овардааст: «Эй писар, чун зан хостӣ, ҳурмати худро накӯ дор. Агар чанд чиз азиз аст, аз зану фарзанд азизтар нест ва чизи худ аз зану фарзанд дарег мадор, аммо аз зани босалоҳ ва фарзанди фармонбардору меҳрубон. Ва ин корест, ки ба дасти туст, чунон ман дар байте гӯям:

Фарзанд чу парварию зан чу дорӣ,
Бояд, ки ба гуфти оқилон гӯш дорӣ.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Барои мустаҳкам гардидани оилаи ҷавонон аз ҳама муҳим чист?
2. Вақте ки шавҳар (зан) аз кор хаста ва бо табъи хира баргашт, ба вай чӣ хел муносибат бояд кард?
3. Асрори муносибатҳои оилавиро ба кӣ гуфтан мумкин аст?
4. Муносибати янгаатон бо шумо ва муносибати шумо бо вай чӣ гуна аст?
5. Дар моҷароҳои оилавӣ бештар кӣ гунаҳгор аст- мард ё зан?

# БОБИ VI
# ОДОБИ МУНОСИБАТ ДАР ОИЛА

## §20. МУҲИТИ ПСИХОЛОГӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ШАХСӢ ДАР ОИЛА

Иттифоқи ду шахси болиғ — писар ва духтари бакамолрасида қадами аввалин дар роҳи бунёди ҷамъияти инсонӣ буда, он дар асоси аҳду паймони ошиқона, бо риштаҳои беолоиши меҳр ва муҳаббати пок баста мешавад. Пойдории он, бақову вусъати вай ба ҳамфикрӣ ва ҳамдигарфаҳмии тарафайн, ба машварату ризоияти онҳо вобаста аст. «Оила, - мегӯяд Ф. Адмер, - шакли минётурии ҷамъият буда, амнияти тамоми ҷамъияти бузурги башарӣ ба ягонагиву бақодории он вобаста аст». Оила дар асоси муҳаббати тарафайн, ба таври ихтиёрӣ, бе дахолати берунӣ барпо карда мешавад. Ду шахси баркамол дар асоси умумияти фаҳмишу ҷаҳонбинӣ, талаботу манфиатҳои якхела паймони оилавӣ баста бо ҳамин ихтиёран ӯҳдадор мешаванд, ки минбаъд бо сулҳу салоҳ, зиндагии якҷояи оилавиро ба роҳ монда, ба бақову пойдории ҷамъияти башарӣ саҳм мегузоранд.

Барои ин волидон дар ҳамфикрӣ, ҳамкорӣ ва якдигарфаҳмӣ бо аъзоёни дигари оила – фарзандон, арӯсу домодҳо, набераю абераҳо ибрат нишон дода, бояд ҳар корро бо мулоҳизаву машварат ва ба нафъи умум оғоз кунанд, ба он роҳ надиҳанд, ки шаъни касе коста ва манфиати он сарфи назар гардад. Ҳангоми маслиҳату машварат бурдборӣ зоҳир намуда, фикру дархости ҳар узви оиларо бо сабру таҳаммул шунида, ҳусну қубҳи онро оромона фаҳмонанд. Ҳангоми машварати ин ё он намуди фаъолият аз тарафи волидон зоҳир намудани заррае дағалӣ боиси ранҷиши фарзандон, коҳиши муҳити оила ва ҳатто низову нифоқ шуда метавонад. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик чунин мисолҳо хеле зиёд ба чашм мерасанд. Масалан, Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Калила ва Димна» фармудааст: «Марди хирадманд бояд таҷрибаро пешаи худ созад ва бо таъбиру таанӣ кор карда аз таъҷили сабукборӣ худдорӣ намояд».

Ҳар аъзои оила чун коллективи хурдтарин хулқу атвор, рафтору кирдор, афзалияту камбудӣ, арзишу фаҳмиши зебой, назокату кароҳати худро дорад. Ҳангоми оғози ин ё он фаъолият ва амалиёт ҳамаи ин хислатҳоро ба эътибор гирифтан лозим аст. Манфиати якеро бар зарари дигаре ба ҷо овардан нашояд, ки боиси халалдор гардидани муҳити психологӣ дар оила шуда метавонад.

Чун қоида оила аз ҷинсҳои хилофи ҳамдигар: зану мард (зану шавҳар, писару духтар, арӯсу домод) иборат буда, ҳар яки онҳо хусусиятҳои ҷисмонӣ, яъне, хусусиятҳои хоси мардона ва занона доранд. Аксар вақт тақсимоти меҳнат ва вазифаҳову ӯҳдадориҳои оилавӣ низ вобаста ба ҳамин хусусиятҳои ҷинсӣ тақсим карда мешавад. Ҷинси латиф вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои анъанавии занона — рӯзгордорӣ, тарбияи тифлон ва наврасон, пухтупаз, рӯбучин, шустушӯи хона; ҷинси тавоно — мардҳо киштукор, хариду фурӯш, сохтмон ва таъминоти оиларо ба ӯҳда мегиранд.

Як қатор хусусиятҳои занон бо вазифаҳои хоси модаронаи онҳо алоқаманд буда, ба самти манфиатҳо, вазифаҳои ҷамъиятии истеҳсолӣ ва оилавию маишии онҳо алоқаманд аст. Аз ин рӯ ин хусусиятҳоро нуқсони онҳо ҳисобидан, бо ин ё он кори заифона даҳолат кардан шаъни занҳоро паст мезанад, ки оқибати он барои муҳити психологии оила номатлуб аст, ба муносибати аъзоёни оила таъсири бад мерасонад.

Муҳити психологӣ гуфта чиро дар назар дорем? Муҳити психологӣ (рӯҳӣ) ин вазъият, ҳолати руҳӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии одамони як коллектив, гурӯҳ мебошад. Оила, чунон ки гуфта будем, гурӯҳи хурдтарини ҷамъият мебошад, ки дар он якчанд кас хоҷагӣ ва рӯзгори умумӣ дошта ҳамроҳ умр ба сар мебаранд. Неку бад будани муносибатҳои байни ҳамдигарии онҳо ба муҳити психологии оила таъсир мерасонад.

Тасаввур кунед, ки оилаи ҷавон бо падару модари шавҳар зиндагӣ мекунад. Падару модар бо ҳамдигар моҷарое карданду чанд рӯз боз бо ҳам гап намезананд. Дар сари дастархон нишаста бо ҳамдигар нигоҳ намекунанд. Ё ин ки падар аз кор бо табъи хира бармегардад. Бо баҳонае бо завчааш ё дигар аъзои оила моҷаро мекунаду ба хонаи хоби худаш медарояд ва дарашро сахт мепӯшад. Дар ин ҳолатҳо вазъияти психологии оила номӯътадил мегардад. Аз рафтори падар табъи ҳамаи аъзоёни оила хира мегардад. Чун ин вазъият дар оила гоҳо чандин рӯз давом мекунад,

ин ба асаб, феълу рафтори аъзоёни оила, махсусан, ба кӯдакон таъсири бад мерасонад.

Омили дигаре, ки ба муҳити психологии оила таъсири бад мерасонад ва онро номӯътадил мегардонад, ин майнӯшии мард мебошад, баъзе мардон май нӯшида ба хона омада бо ҳар баҳона моҷаро меҷӯянд. Агар ин одати бад пешгирӣ нашавад, ба ҳамаи аъзоёни оила таъсири бад мерасонад. Самимият, эҳтироми аҳли оила нисбати падар аз байн меравад, оқибат ба вайроншавии оила оварда мерасонад. Аз ин сабаб ашхосе, ки ғазаби худро фурӯ нишонда наметавонанд ё шаробро аз меъёр зиёд хӯрда ба худ бадахлоқиро раво мебинанд, бояд дар ҳолати оромию хушёрӣ дар бораи аҳли оила, фарзандон ва ояндаи онҳо хуб андеша кунанд. Чунон ки Муҳаммад Ҳиҷозӣ гуфтааст: «Аҳволи рӯҳӣ ва вазъи зиндагонии ҳар кас намуддори ақлу тадбири ӯст», яъне ҳар кас хонаи бахти хешро худаш обод мекунад.

Оилае, ки дар он самимияту меҳрубонӣ, дӯстию қадрдонӣ ҳукмрон аст, муҳити психологии он хонадон мӯътадил аст. Аз хонае, ки садои ханда меояд, аҳли он хонадон хушбахтанд. «Хонаи ороста касро хушбахт месозад» -гуфтааст Муҳаммади Ҳиҷозӣ.

Дар оилаҳои тифоқу хушбахт барои тарбияи фарзандон муҳити рӯҳӣ муътадил аст. Фарзандон дар чунин оилаҳо ҳалиму инсондӯст ба воя мерасанд. Фахриддини Гургонӣ дар ин бора чунин гуфтааст:

Ба шодӣ дилро, то тавонӣ,
Ки афзояд зи шодӣ зиндагонӣ

**Супориш ва саволҳо:**

1. Дар бораи муҳити психологии оилаатон иншои хонагӣ нависед.
2. Муҳити психологии оила бештар ба кӣ вобаста аст?
3. Агар шумо оиладор шавед, муносибатҳои оилавиро чӣ тавр ба роҳ мемонед?
4. Муҳити оила ба феъли кӯдак чӣ тавр таъсир мерасонад?

## §21. МЕҲНАТ, ДАРОМАД ВА ХОҶАГИДОРӢ ДАР ОИЛА

Дар луғати иқтисодӣ раванди фаъолияти бунёдкоронаи одамонро меҳнат меноманд, ки тавассути он инсон ашёи табиатро шаклан тағйир дода, барои қонеъ гардонидани талаботи худ

истифода мебарад. Меҳнат шарти аввалини мавҷудияти инсон аст. Одам ба туфайли меҳнати бошуурона аз дигар махлуқот фарқ мекунад. Қувваҳои табиатро ба нафъи худ истифода бурда, олоти меҳнату истеҳсолотро меофарад. Қобилият, маҳорату дониши хешро такмил дода, бо ҳамин ба инкишофи минбаъдаи ҷамъият мусоидат менамояд. Одамон дар раванди фаъолияти меҳнатӣ воситаҳои зиндагиро ба даст оварда, байни ҳамдигар муносибатҳои истеҳсолиро барқарор месозанд. Қобилияту маҳорати инсон дар ҷараёни меҳнат инкишоф меёбад.

Дар ҷаҳони муттамадин ҳар як фард вазифадор аст, ки бо меҳнати фоиданок машғул шавад, онро ба манфиати ҷомеа равона кунад.

Дар ҷумҳурии мо ҳуқуқ ба меҳнат мувофиқи қобилияту маҳорати шахс, ҳамчунин интихоби касбу ҳунар ба дараҷаи талаботи конститутсионӣ бардошта, ба дахлнопазирии вай кафолат дода шудааст. Инро ба волидон ва аз кӯдакӣ ба фарзандон фаҳмонида, ба пос доштану афзун намудани анъанаҳои меҳнатии оила, авлод ва халқи худ водор кардан лозим аст. Онҳо бояд донанд, ки сарчашмаи фаровонии нозу неъматҳои дастархони оила ва ободии хонадон, иззату эътибори волидон дар ҷомеа маҳз тавассути меҳнати самарабахшу фоиданоки онҳо ба даст меояд. Вале масрафи беҳудаи неъматҳои моддӣ ва бесомонӣ ба касодии буҷаи оила меоварад.

Тарбияи меҳнатии атфол ҳанӯз дар хона аз кору бори рӯзгор оғоз ёфта, ҳисси меҳнатдӯстӣ, ҳунармандӣ, сарфаю сариштакории онҳо бо ибрати нек, таъсир ва маслиҳати падару модар ташаккул меёбад. Онҳо ба қадри ҳар гуна неъмати моддӣ расиданро аз калонсолон, махсусан аз волидони хеш меомӯзанд. Волидон корро ба фарзандон мувофиқи қобилияту маҳораташон тақсим карда, ба иҷрои онҳо назорат мекунанд. Барои исботи ин даъво аз «Гулистон»-и Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ ҳикоятеро мисол меорем:

«Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунёро эътиқод нашояд ва симу зар дар сафар-бар маҳалли хатар аст: ё дузд ба як бор бибарад, ё хоҷа ба тафориқ бихӯрад. Аммо ҳунар чашмае зоянда асту давлати поянда. Агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад, ки ҳунарманд дар нафси худ давлат аст, ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва дар садр нишинад ва беҳунар луқма чӯяду сахтӣ бинад.

Сахт аст, пас аз ҷоҳ таҳаккум бурдан,
Хӯ карда ба ноз, ҷаври мардум бурдан.

❁ ❁ ❁

Вакте афтод фитнае дар Шом,
Ҳар кас аз гӯшае фаро рафтанд.
Рустозодагони донишманд,
Ба вазирии подшоҳ рафтанд.
Писарони вазири ноқисақл
Ба гадой ба русто рафтанд.

Меҳнат бояд бо як маромy низоми муайян ба роҳ монда, ба таври коллективӣ ва кӯмаки ҳамдигарӣ ба ҷо оварда шавад: яке дегу табақро шӯяд, дигаре онҳоро хушконида ҷо ба ҷо гузорад, шахси сеюм дастурхонро ғундорад ва ғайра. Сохтмон, киштукор, ҳосилғундорӣ ва амсоли ин корҳоро ба тариқи ҳашари умумӣ ба ҷо овардан ба меҳнат рӯҳи тоза, дилхушӣ, шодкомӣ бахшида, таҷриба, маҳорат ва ҳунари волоро як навъ тарғибу ташвиқ менамояд.

Чи тавре ки Ибни Ямин навиштааст: «Ҳар киро аз паи коре сохтанд». Дар оила ҳар узви он бояд кореро иҷро намояд. Ҳамин тариқ, фарзандон ҷисман ва рӯҳан ба иҷрои кори мустақил омода мегарданд. Онҳо мефаҳманд, ки меҳнат сармояи зиндагӣ аст, бе меҳнат роҳат нест. Меҳнати ҳалол сабаби эътибору шарафи инсон аст. Он Ватанро ободмегардонад ва сарвати онро меафзояд. Ба ивази меҳнати ҳалол мардум музди арзанда мегиранд ва зиндагию рӯзгори хешро обод месозанд. Меҳнати софдилона дар ҳар даврy замон қадр карда мешавад, чунон ки Саъдии Шерозӣ гуфтааст:

Нобурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад,
Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард.

Халқи тоҷик мардуми заҳматкаш аст. Бо меҳнати дастони худ шаҳру деҳотро обод кардааст. Ҷавонон дар ободонии деҳот саҳми худро мегузоранд. Онҳо баробари ширкат дар корҳои хоҷагии оила, дар корҳои кишоварзӣ ҳам иштирок карда музд мегиранд, яъне ба оилаашон даромад меоранд. Давраи таътил дар саҳроҳои колхозу совхозҳо кор мекунанд. Музде, ки ба даст меоранд, ба буҷаи оила ёрии амалӣ меорад. Бачаҳои деҳот қадри пули меҳнатиро хуб медонанд.

Мутаассифона, дар шаҳру маркази ноҳияҳо бештари мактабиён ба кори доимие банд нестанд. Тобистон қисме аз онҳо

ба минтақаҳои истироҳатӣ мераванду дигарон аз бекорӣ намедонанд ба чӣ кор машғул шаванд. Дар шаҳру ноҳияҳо корхонаҳои мавсимие ҳастанд, ки ба қувваи кории наврасон эҳтиёҷ доранд. Аммо волидон, ки худ машғули меҳнат ҳастанд, намехоҳанд фарзандон меҳнат кунанд. Одатан чунин падару модарон ақида доранд, ки фарзандонашон ҳанӯз барои кор ҷавонанд, вақташ ояд ба кор машғул мешаванд. Чунин андешаи волидон ба зарари фарзандон аст. Унсурулмаолии Кайковус фармудааст: «Агар хоҳӣ, ки зиндагонӣ ба осонӣ гузаронӣ, равиши худро ба рӯи кор дор».

Ин ҳикматро падару модарон бояд дастури тарбияи фарзандон донанд. Фарзандро дар меҳнат обутоб диҳанд, то ӯ аз ҷавонӣ мушкилоти рӯзгорро чашад ва ба қадри нони меҳнатӣ расад.

Чунон ки Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ мефармояд:

Басе рӯзгорон, ки сахтӣ барад,
Писар чун падар нозукаш парварад.
Хирадманду парҳезгораш бидор!
Агар дӯст дорӣ, ба нозаш мадор!

**Супориш ва саволҳо:**
1. Падару модаратон бо чӣ касб машғуланд?
2. Касби онҳоро идома доданӣ ҳастед ё не?
3. Дар хона вазифаи доимӣ доред ё не?
4. Вазифаатонро маҷбурӣ ё бо хоҳиши худ иҷро мекунед?
5. Кадом корҳои рӯзгорро иҷро карда метавонед?

## §22. ШӮРОИ ОИЛАВӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН

Дар урфият мегӯянд, ки «ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд». Боз мегӯянд, ки «ҳафт бор чен куну як бор бур». Чунин ҳикматҳои халқӣ беҳуда набуда, бо мурури замон аз таҷрибаи ҳаётии ҳазорон одамон ҳосил шудааст. Барои бо маслиҳату машварат анҷом додани ҳар кор пешакӣ онро ба нақша гирифтан, буду нобудашро ҳаматарафа мулоҳиза кардан лозим аст. Дар ин кор ақлу идроки як кас асло комил ва ба тамом пурра нест, зеро:

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад,
Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад.

Оё урфу одатҳои кӯҳна ва анъанаҳои миллии оилавии халқи тоҷик ба чунин тарзи оиладорӣ мувофиқат мекунад? Худи анъана чист ва он ба оиладорӣ чӣ гуна таъсир мерасонад?

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ маҷмӯи расму оин ва қоидаҳоеро, ки аз насл ба насл мегузаранд, анъана номида шудааст. Дар «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» чунин овардаанд: «Ҳадиси бақои хайр, ки аз мутақаддимон воқеъ шуда, ба тасалсулу анъана ба самъи мутааххирон муяссар шуд». Мо дар навбати худ зери мафҳуми анъана, урфу одатҳо, тартиботи муқаррарӣ, меъёри рафтору кирдор ва ахлоқи аъзоёни оиларо мебинем, ки риояи шарти онҳо аз насл ба насл мерос мемонад.

Яке аз чунин расми анъанавию меросии халқи тоҷик ин танҳо ба оила сарварӣ кардани падар аст. Падар тамоми бори таъмини рӯзгорро ба зимаи худ мегирифт. Меҳнату даромади аъзоёни дигари оила танҳо манбаи илова ҳисоб меёфт. Ин анъана дар замони мо низ сарфи назар аз баъзе тағйироту такомулоти ҷузъияш риштаи ҳукмрониро ҳанӯз аз даст надодааст. Дар аксари оилаҳои тоҷик падарро аз ҳама болотар дониста, гуфтаашро бе чуну чаро ба иҷро мерасонанд.

Албатта, ин чунин маъно надорад, ки тоҷикон қадри модарро аз қадри падар заррае кам дониста, сухани вайро сарфи назар мекарда бошанд. Эҳтироми модарро низ хеле хуб ба ҷо меоранд. Вале иззати падар ва иҷрои фармудаи ӯ амри воҷиб аст. Падари оқилу доно ҳаргиз аз мақоми сарварии оила сӯистеъмол накарда, ҳама корро мувофиқи салоҳдиди аҳли байт, яъне бо маслиҳату машварати умум пеш мебарад. Ҳар нақшаи якҷоя муҳокимашударо шӯхиомез қарори шӯрои оила низ меноманд. Умумияти психологӣ, ягонагии ақидаву ҷаҳонбинӣ, мавқеъ ва муносибати аъзоёни оила имрӯз маҳз дар ҳамин «қарори шӯрои оила» таҷассум меёбад. Онро ҳама бо шавқу рағбати том ба иҷро мерасонанд, ҳатто кӯшиш мекунанд, ки кори яке аз дигар хушсифат ва шоистаи ибрат бошад.

Сарвари оила агар шахси закиву донишманд, бофаросату маърифатнок бошад, бо роҳи иҷрои ин ё он кор ба аҳли оилаи хеш кордониву меҳнатдӯстиро талқин намуда, мефаҳмонад, ки ҳама нозу неъмат бе озору кулфат ҳосил намегардад. Дар ин ҷо аз «Калила ва Димна»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ порчаеро мисол овардан мувофиқи мақсад аст:

«Бузургон гуфтаанд, ки бар дарачаи шараф расидан ба заҳмати бисёр даст медиҳад ва аз мартабаи иззат таназзул кардан ба андак кулфате муяссар мегардад. Чунончи, санги гаронро бо машаққати бисёр аз замин ба дӯш бардоштан мумкин аст ва ба андак ишорат метавон бар замин андохт. Аз ин сабаб барои ба мартабаи баланд расидан сабру таҳаммул бояд намуд. Бе доғи меҳнат давлат муяссар намешавад».

Сарвари оила мустақилияти аҳли байтро дар ичрои корҳои чамъиятӣ таъмин намуда, дар айни замон ҳисси масъулияти онҳоро барои беҳбудии вазъи ичтимоию моддӣ ва маънавӣ муттасил ва тадричан равнақ медиҳад. Вале дар ин кор машварати касеро сарфи назар карда, саҳми ӯро радду инкор намекунад. Зеро сулҳу салоҳ ва бурду бохти оила кори чонии ҳар як аъзои он бояд бошад.

Аз қадим одат аст, ки барои ҳалли масъалаҳои муҳим одамони кордида ва донишманд ба машварат чамъ мешаванд. Чӣ тавре ки Фирдавсии бузург дар «Шоҳнома» овардааст:

Паи маслиҳат мачлисаш оростанд,
Нишастанду гуфтанду бархостанд.

Дар чомеаи мо дар микёси деҳа, шаҳру ноҳия ва чумҳурӣ барои ҳалли масъалаҳои муҳими рӯзмарра, тартиб додани нақшаҳои ободонию беҳтар намудани рӯзгори одамон мачлисҳои машваратӣ барпо мегарданд. Роҳи беҳтарини ҳалли мушкилотро бо маслиҳати одамони рӯзгордида пайдо мекунанд. Рӯдакии бузург беҳуда нагуфтааст:

Бирав зи тачрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор оя̄д.

Оила низ корҳои муҳимми худро бо маслиҳату машварати кулли аъзоёни оила ҳал менамояд. Албатта, дар оила шахсони пуртачрибаю кордида падару модар мебошанд. Онҳо метавонанд масъалаҳои рӯзгорро мустақилона ҳал намоянд, аммо волидони хирадманд бо тариқи машварат ба фарзандон роҳҳои зиндагӣ, ҳалли мушкилот ва масъулиятро меомӯзанд. Дар оилаҳое, ки падару модар тамоми масъалаҳои рӯзгорро бе иштироки фарзандон ҳал менамоянд, фарзандон аз кори рӯзгор оҳиста-оҳиста дур мешаванд, дар ичрои вазифаҳои оилавиашон

бемасъулият мегарданд, аз мушкилоти хоҷагию иқтисодии оила бехабар мемонанд.

Дар шӯрои оилавӣ масъалаҳои оилавӣ, аз қабили гузаронидани тӯйҳо, сохтмони иморат, ба таҳсил рафтани фарзандон ё наберагон, барои ба нақша гирифтани корҳои хармоҳаи хоҷагӣ ва рӯзгор ва сарфи буҷаи оила ҳал мегарданд.

Дар шӯрои оилавӣ фикру ақидаҳои ҳамаи аъзоёни оила шунида мешавад ва баъд бо маслиҳат ва розигии тарафайн ба як қарор меоянд. Фарзандони хурдсоли оила, гарчанде фикри худро баён накунанд ҳам, бояд дар ин маслиҳатҳо иштирок кунанд. Ин шӯроҳо барои онҳо дарси ҳаёт мегардад ва дар оянда ин амалро дастури зиндагии худ медонанд. Аҳамияти бузурги тарбиявии шӯрои оилавӣ дар он аст, ки масъалаҳои муҳими оилавӣ бо розигии ҳамаи аъзоёни он ҳал мегардад. Дар иҷрои корҳои рӯзгор тамоми аҳли оила иштирок менамоянд, ба ҳар кас вазифае супорида мешавад. Дар ин ҳолат ҳар як аъзои оила ва махсусан фарзандони ҷавон дар назди падару модар ва дигар аъзоёни оила масъулият ҳис мекунанд. Баъд аз иҷрои ҳар як вазифаи супурдашуда, тарзи иҷрои он ҳам бояд ҷамъбаст шавад. Падар ё модар ба кор ва иштироки фарзандон баҳо дода, барои ислоҳи камбудиҳо маслиҳат медиҳанд. Ҳамаи ин амал бояд хайрхоҳона бошад.

Муҳимаш он аст, ки таҷрибаи дар шӯрои оилавӣ андӯхтаашонро фарзандон дар зиндагииояндаи худ истифода мебаранд. Дар бораи аҳамияти машварат Абдураҳмони Ҷомӣ фармудааст:

Чу ояд мушкиле пеши хирадманд,
К-аз он мушкил фитад дар кори ӯ банд,
Кунад ақли дигар ба ақли худ ёр,
Ки дар ҳалли он гардад мададгор.
Зи як шамъаш нагирад нур хона,
Фурӯзад шамъи дигар дар миёна.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Дар оилаи шумо шӯрои оилавӣ амал мекунад, сарвари он кист ва кадом масъалаҳо дар шӯро ҳал мешаванд?
2. Саҳми шумо дар шӯрои оилавӣ чӣ хел аст ва кадом пешниҳоди шуморо аҳли оила қабул кард?
3. Агар ба қарори сарвар аҳли оила розӣ набошанд, чӣ тавр муносибат бояд кард?

## §23. МАДАНИЯТ ВА ЭСТЕТИКАИ МАНЗИЛ

Ҳар насли башар баъди пой бар арсаи вуҷуд гузоштан худро дар оғӯши табиат, муҳити зист, одамон, сохти иҷтимоии мазкур мебинад. Дар оғӯш ва парастории онҳо болиғ мешавад ва ба камол мерасад, бо таъсири муҳит хислату одатҳои нек (ва ҳам баду номатлуб) ҳосил менамояд, арзишҳои умумибашариро аз худ мекунад. Ба саволҳое таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ки аҳли башар пайваста ба он ҷавоб меҷӯяд: чӣ тавр бояд зист ва чӣ коре бояд (набояд) кард, ки умр гуворо гузарад?

Дар ин корҳо хонадони падарӣ — манзиле, ки одам он ҷо ба дунё омада ба воя мерасад, маданият, маишат ва фаҳмиши зебопарастӣ нақши бузург мебозад, шавқу рағбати эстетикии ӯро мунтазам баланд мебардорад ва ё барбод медиҳад. Агар ҳавливу хона тозаву ороста, дару тирезаҳо покиза, чиҳози рӯзгор: мизу курсӣ, радиову телевизор, қолину пояндозҳо, рафу ҷевонҳо ботартиб ҷо ба ҷо гузошта шуда бошад, табъи сокинони он низ болида гашта, аз ҳар гӯшаи он як ҷаҳон лаззати эстетикӣ мегиранд. Меҳмонон аз чунин хонадон бо рағбати том даромада аз ороиши он фараҳ мебаранд, ки ин аз назари аҳли байт пинҳон намемонад.

Хонаву ҳавлиро мунтазам озодаву покиза нигоҳ дошта, дар мавридҳои зарурӣ асбобу анҷоми манзилро нав ва иваз кардан, онҳоро мувофиқи ранг ва намудашон аз нав ҷо ба ҷо гузоштан, асбобҳои равшанидиҳиро ба ороиши хона, ҷои кор, истироҳат ва хуфту хоб мувофиқ кардан барои баланд бардоштани завқи эстетикии аъзоёни оила, махсусан сокинони навраси хонадон аҳамияти калон дорад. Бинобар ин ба ороиши манзил ҳамаро ва пеш аз ҳама мактабиёнро ҷалб кардан лозим аст. Вале кӯшиш бояд кард, ки наврасон роҷеъ ба ороиши манзил ақидаи мусбати худро дошта бошанд. Волидон ва калонсолони дигари хонадон ба онҳо ба тариқи машварат ёрӣ расонда, тарзи беҳтар ва барои ҳама қобили қабули корро ёфта тавонанд. Наврасон дар оила ба ҳама намудҳои фаъолияти меҳнатӣ ошно шуда, ба фарқ карда тавонистани хубу бад, зебоиву бетартибӣ, дилпазиру манфур тайёр мешаванд, аз ҳар кори кардаашон, ки боиси эътирофу таҳсини калонсолон гардидааст, ба завқ меоянд ва ҳисси зебопарастиашон афзун мегардад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бархе аз соҳибхонаҳо, махсусан, дар деҳот вазифа ва тарзи истифодаи баъзе анҷомҳои рӯзгорро намедонанд. Масалан, мизи ошхонаро дар бисёр хонаҳо

дар пештоқи меҳмонхона дидан мумкин аст, ҳол он ки ҷои вай дар ошхона аст. Дар баъзе хонаҳо сервант ҳамчун анҷоми гаронбаҳо дар пешгоҳи меҳмонхона гузошта шуда, даруни он аз пиёла, чойнику коса пур карда мешавад. Гоҳо мушоҳида мешавад, ки вақти ба хона меҳмон омадан соҳибхона чандин маротиба нишастагонро безобита намуда аз назди онҳо гузашта, гоҳ пиёлаю чойник, гоҳ косаю кошуқ мегирад.

Аз ин сабаб вақти ҷо ба ҷо кардани ашёи рӯзгор дар хона ҳама ҷиҳатҳоро ба назар гирифтан лозим аст. Чӣ дар хонаи хоб, чӣ дар меҳмонхонаю ошхона анҷомҳо чунон гузошта шаванд, ки барои истифода қулай бошанд ва зебу зинати ҳуҷраро афзоянд.

Барои тарбияи ҳисси эстетикӣ фарзандон метавонанд дар оро додани ҳуҷра, ҷо ба ҷо гузории анҷомҳо иштирок намоянд. Дар иҷрои ин амал онҳо на ҳамчун тамошобин ҳозир бошанд, балки фикрашон дар ҷо ба ҷо гузории анҷомҳо пурсида шавад. Замоне, ки падар ё модар аз фарзандон маслиҳат мепурсанд, диққати онҳо ба ин кор ҷалб мегардад, онҳо ҳам масъулият ҳис карда, ақидаи худро пешниҳод мекунанд. Бигзор фикри онҳо нодуруст бошад, волидон хайрхоҳона инро ба фарзандон асоснок намуда, фаҳмонанд ва роҳи дурусти ҳалли масъаларо исбот намоянд. Дар ҳолати қабул гардидани пешниҳоди фарзандон волидон бо онҳо таҳсин гӯянд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам ин иқдом самараи тарбиявӣ медиҳад. Таваҷҷӯҳи фарзандон ба корҳои хона зиёд мегардад, ба зебоию ороиши манзил диққат зоҳир мекунанд ва худро ҳам дар ин кор масъул медонанд.

Барои баланд бардоштани завқи эстетикӣ анъанаҳои оилавӣ, ба монанди ташкили рақсу суруд дар ҷашнҳо, маъракаҳо ва дигар тадбирҳои хурсандии оилавӣ, тамошои асарҳои санъати нафиса - хондану муҳокимаи китобҳо, кинофилмҳо, намоишҳои телевизион ва ғайра роли муҳим мебозанд. Вале, дар ин бобат ҳадду меъёри заруриро нигоҳ дошта, ба дараҷаи иғроқ расондан мумкин нест. Ба он кӯшидан лозим, ки анъана ривоҷу равнақ ёфта, ба тарбияи наслҳо таъсири муфиди эстетикӣ расонад.

Бо мурури замон ва тақозои зиндагӣ анъанаҳо тағйир меёбанд, чунончи як намуди либос мӯд шуда, намудҳои дигарро танг мекунад. Вале мӯд баъзан ба дараҷаи бемаънигӣ мерасад, яъне ба ҷои зебову шинам будан одамро баднамуд мегардонад. Бинобар ин ба мӯд аз ҳад зиёд пайравӣ накарда, ба ранги пӯст, қаду баст ва ҳатто касбу кори хеш мувофиқ либос пайдо кардан, умуман, ба

талаботи давру замон мувофиқ либос интихоб кардан аз рӯи мақсад мебошад. Ба ҷавонписарону духтарони тоҷик либосҳои аз атлас ва матоъҳои имрӯза дӯхташуда хеле мезебад. Кӯшидан лозим, ки либос ҳам барои худ ва ҳам барои одамони дигар шинам ва ҷозиб, ба синну сол ва фаслҳои сол мувофиқ бошад ва завқи эстетикӣ бахшад.

Мактабиён бояд фаҳманд, ки либоси хонапӯшӣ, корӣ, мактабӣ ва ҷойравӣ (ба меҳмонӣ, кино, консерт) бояд аз ҳам фарқ кунанд. Хонандагон бояд бо тарзи либоспӯшӣ таваҷҷӯҳ намоянд. Мактаб, ки ҷои хониш ва саводомӯзии онҳо ба шумор меравад, бояд ба либоси тозаю оддӣ ҳозир шаванд. Гоҳо чунин ҳам мешавад, ки хонандагон либосҳои рангоранги қиматбаҳоро пӯшида ба дарс меоянд, ки ин аз рӯи одобу хоксорӣ нест. На ҳамаи оилаҳо имконият доранд, ки ба фарзандони худ либосҳои қиматбаҳои хориҷӣ харанд. Намоиш додани дороии худ дар фарзандон ҳисси худбинӣ, такаббур ва дигар хислатҳои манфии инсониро пайдо мекунад.

Волидоне, ки маданияти баланд, оқилу хоксор ва таҷрибаи бои зиндагӣ доранд, фарзандонро намегузоранд, ки дар чунин рӯҳия тарбия ёбанд ва ба худнамоии онҳо роҳ намедиҳанд. Дар чунин оилаҳо завқи эстетикӣ ва дарки зебоипарастии фарзандон тарбия карда мешавад.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Зебоии манзил дар чист?
2. Дар ҷобаҷогузории анҷомҳо кадом анъанаҳои миллӣ риоя мешаванд?
3. Тарзи дилкаш оро додани хонаро нақл карда дар нақша нишон диҳед.
4. Ақидае ҳаст, ки агар дар хона мизу курсӣ набошад ва хӯрокро ба даст хӯрдан нишонаи бемаданиятист? Фикри шумо дар ин бора чи гуна аст?

## §24. БУҶЕТИ ОИЛА ВА НИЗОМИ САРФУ ХАРҶИ ОН

Оила дар давлати мо ячейкаи муҳимтарини сохтори ҷамъиятӣ буда, бо ғамхории доимии ҳукумати ҷумҳурӣ фаро гирифта шудааст. Тамоми амалиёти ҳукумати ҷумҳурӣ ба доимо ва мунтазам баланд бардоштани дараҷаи некуаҳолии одамон,

бехтар намудани таъминоти моддию маишӣ ва маданию маънавии оилаҳои демократӣ нигаронида шудаанд. Давлат ёрдампулӣ, нафақа барои оилаҳои танҳо, камбизоат ва серфарзанд, ҳамчунин ёрдампулӣ ва нафақаро барои донишҷӯён, маъюбони ҷангу меҳнат ва пиронсолон мунтазам зиёд мекунад. Дар айни замон пардохти ёрдампулиҳо ва имтиёзҳо аз ҳисоби фондҳои ҷамъиятии истеъмолот сол то сол меафзояд. Ҷамъияти демократӣ бо роҳи тадриҷан вусъат додани сохтмони манзил ва иншоотҳои маданию маишӣ, бехтар намудани системаи ҳифзи сиҳатии мардум, ташкили савдо ва хӯроки умумӣ, васеъ гардондан ва такмил додани соҳаи хизматрасонии маиширо ба ӯҳдаи худ мегирад. Роли ташкилоту идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои таълиму тарбияи насли наврас мунтазам зиёд шуда, онҳо барои ин мақсад ҳар сол маблағу воситаҳои зиёд харҷ мекунанд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин буҷети оиларо асосан даромади нақд, музди кори аъзоёни қобили меҳнати он, фурӯши маҳсулоти зиёдатӣ (бештар дар деҳот), маҳсулоти косибию ҳунармандӣ ва даромади меҳнати иловагӣ ташкил менамояд. Дар шароити Тоҷикистон, ки асосан оилаҳои серфарзанданд, буҷети оила на ҳамеша талаботи рӯзафзунро қонеъ мекунад. Бинобар ин даромад, хароҷот ва талаботи оиларо ба нақша гирифта, харҷи пулу воситаҳои дигари моддиро оқилона ба роҳ мондан лозим аст. Масалан, барои аъзоёни оила либосҳои мавсимӣ, барои хона ҷиҳоз ё қолини қиматбаҳо харидан, тӯйи арӯсии яке аз аъзоёни оиларо гузаронидан лозим меояд. Сарвари оқили оила зарурати ҳар қадоми ин тадбирҳоро мулоҳиза ва маблағро ҳисоб карда, бо маслиҳату машварат аз ҳама заруратшро дар навбати аввал мегузорад. Аввал либоси мавсимии фарзандонро мехарад, тӯйи арӯсиро дар навбати дуюм ва харидани ҷиҳози қиматбаҳоро ба навбати сеюм мавқуф мегузорад. Ё баръакс, бо аҳли байт маслиҳат карда, ба гузаронидани тӯйи арӯсӣ камар мебандад.

Дар сарфу харҷи буҷети оила саҳми бачаҳо калон аст. Ҳар рӯз онҳо ба мактаб мераванд. Ба онҳо кӯчахарҷӣ додан лозим. Агар дар оила 5 фарзанди мактабхон бошад ҳар рӯз ба онҳо як миқдор пул додан лозим меояд. Ҳар моҳ ин пули зиёдро ташкил мекунад. Бинобар ин ба онҳо бо тамкину бурдборӣ фаҳмондан лозим, ки агар ҳар рӯз ин маблағро сарфа кунанд, он чанд сомон мешавад ва барои чӣ ба кор меояд. Умуман дар оила ба фарзандон аз хурдсолӣ сарфакорӣ ва ҳисобу китобро талқин кардан басо

муфид аст. Вале дар ин кор ҳаргиз ба дағаливу дуруштмуомилагӣ роҳ додан мумкин нест, то ин корро миннат ва талқини хасисӣ напиндоранд.

Буҷаи оиларо ба нақша гирифта, хӯроки оилавӣ, таркиб, ғизонокӣ ва ғановати онро ҳамеша ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Он бояд хушсифат, кофӣ ва дар айни замон сарфакорона ташкил карда шавад. Волидон ҳамин чизро бояд якзайл талқин кунанд, ки аҷдодони мо нону нонрезаро чун гавҳараки чашм азиз медонистанд ва медонанд.

Даромади оила буҷети онро ташкил медиҳад. Мувофиқи даромад сарвари оила хароҷоти ҳармоҳаи оиларо ба нақша мегирад. Агар даромади оила аз хароҷоти ҳармоҳа зиёд бошад, дар буҷети оила як миқдор маблағ захира мегардад. Аз ҳисоби ин пасандозҳо оила дар муддати муайян метавонад молҳои гаронбаҳо харидорӣ кунад. Хислати дигаре, ки ба ҳар оилаи тоҷик хос аст, пасандоз намудани захира барои тӯйи фарзандон аст. Дар ҳар оилае, ки фарзанд таваллуд ёфт, бо нияти тӯй амволи гуногун захира карда мешавад. Дар ҳар ҳолат захираи пасандоз бояд оқилона буда ба зарари аҳли хонавода набошад. Аҳли хона, аз ҷумла фарзандон ҳам аз даромаду масрафи оила бояд огоҳ бошанд. Фарзандонро аз хурдсолӣ ба қаноату сарфакорӣ одат кунонидан лозим аст. Чи тавре ки бузургон гуфтаанд: «То кас қаноат накунад, бизоат наёбад». Вобаста ба ин Шайх Саъдӣ фармудааст:

Дило гар қаноат ба даст оварӣ,
Дар иқлими роҳат кунӣ сарварӣ.

Шахси ботарбия ҳеҷ гоҳ ба моли касе, ба либоси зебои дигаре бо чашми ҳасад наменигарад. Фарзанди оқил ба он амале, ки насибаш гардидааст шукр мегӯяду барои афзудани ризқи худ камари ғайрат мебандад, ба роҳи бад намеравад, даст ба кори ношоиста намезанад.

Фарзандони нохалаф ҳам дучор меоянд, ки бо волидони хеш барои харидани либоси хориҷӣ ё матои навбаромада маҷал бардошта, оби дида мерезанд. Беҳабар аз он ки бо кадом заҳмату машаққат он музд ба даст омадааст. Ин гуна фарзандон баъд аз оиладор шуда ба ҳаёти мустақилона қадам гузоштан ҳам ба душвориҳои зиндагӣ тоб оварда наметавонанд, роҳи осони зиндагиро меҷӯянд.

дар ҳаёти оилавиашон бахт намеёбанд.

Журналист Р. Ортиқов дар мақолаи «Ду дил агар як ҷо бошад»... менависад, ки зани ҷавоне дар аризаи худ ба суд баҳонаи «характерамон рост наомад»-ро нишон дода, даъво кардааст, ки шавҳараш аз итоати ӯ баромадааст. Дар бораи ба хона гузаронидани телефон, харидани телевизори ранга, либосҳои бахмалу атлас фақат ваъда медодаасту вале ҳеҷ яки онро иҷро намекардааст. Ин ба зани ҷавон асос шудааст, ки барои ҷудо шудан аз шавҳараш ба суд ариза диҳад.

Аз рафтори сабукфикронаи зан маълум мегардад, ки вай дар чунин оилае тарбия ёфтааст, ки тамоми хоҳишҳояш аз тарафи падару модар иҷро мешудаанд. Чунин «эркаҳо» вазъияти иҷтимоию иқтисодии оиларо ба назар нагирифта, талаботҳои иҷронашавандаро пешниҳод менамоянд ва ин рафтори онҳо сабабгори моҷароҳои оилавӣ мегарданд. Гоҳо ин моҷароҳо ба ҷудоии зану шавҳари ҷавон сабаб мегарданд.

Чунин ашхос аз панди бузургон бехабаранд, ки гуфтаанд:

Ба харҷу дахли худ ҳар дам назар кун,
Чу дахлат нест харҷ оҳистатар кун.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Фарз кунед, ки зану шавҳар 50 сомонӣ маош мегиранд, шумо нав оиаладор шудаед ва мустақил зиндагӣ мекунед. Ин маблағро чӣ тавр сарфа мекунед?
2. Аз даромад ва масрафи оилаатон огоҳ ҳастед?
3. Писар аз падар талаб мекунад, ки магнитофон харад, ноилоҷ маблағеро қарз гирифта ба писараш магнитофон мехарад. Шумо ба ин амал чӣ тавр баҳо медиҳед?

## §25. МУНОСИБАТИ ЗАНУ ШАВҲАРИ ҶАВОН

Писар ба балоғат мерасаду ба хона арӯси нозанину дилписанди ӯро меоваранд. Оилаи нав тавлид меёбад. Бақои умр ва зиндагии ин оилаи навташкил, хушу хурсандии волидон ва хушбахтии наварӯсон ба бисёр омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста аст. Оё наварӯсон соҳибихтиёрона, аз рӯи меҳри поку беғаш ба висоли ҳамдигар расидаанд? Оё касе аз онҳо талоши сарвате ё мансабе надорад, ҷизеро ба қимор ё шарте намондааст?

Оё волидони онҳо аз тӯй розӣ ва тарафдори аҳду паймони наварӯсон буданд? Оё дар рафти тӯй ва издивоҷ касе норозӣ ва ба чизе даъвогар намондааст?

Агар ҳангоми бастани ақди никоҳ ва издивоҷи онҳо ҳамаи ин омилҳо риоя шуда, ҷиҳатҳои психологию маънавӣ ва ҷисмонӣ табъи дил бошанд, бешубҳа зиндагиашон хушу хуррам ва рӯзгорашон гуворо мегузарад. Онҳо як умр барои ҳамдигар маҳбубу писандида, ростқавлу содиқ, якдилу якмаром мемонанд. Касе меҳри онҳоро коста ва садоқату тинати покашонро шикаста наметавонад.

Вале зиндагӣ қоидаву қонун ва талхию ширинихои худро дорад. Агар андаке фориғболиву бепарвоӣ зоҳир намоянд, ба сари одам моҷароҳои зиёде оварда метавонад. Бинобар ин волидон бояд чун маслиҳатгар ва омӯзгори писандида ба фарзандон садоқати пок, хоксорию бурдборӣ, одамдӯстиву ростқавлиро талқин карда, онҳоро ба эҳтироми тарафайн, ҳурмат ва посдории хешовандони арӯсу домод ва ғанӣ гардондани анъанаҳои миллии оиладорӣ — шарму ҳаё, иффату покдоманӣ даъват намоянд. Касе, ки ин анъанаҳои аҷдодиро риоя мекунад, бегумон як умр ҳаёти хушбахтона ба сар бурда, шахси азизу писандидаи халқ мегардад.

Инак, якчанд маслиҳатҳоро пешкаши ҷавонон менамоем, ки дар ҳолати амалӣ гардидани онҳо, дар муносибатҳои зану шавҳари ҷавон самимият, ҳамдигарфаҳмӣ, меҳр меафзояд ва ҳаёти оилавӣ пурсаодату беғубор мегардад.

Китоби «Ҳазор ҳадис» чунин мефармояд: «Чун зан ва мард бо якдигар бо чашми меҳру муҳаббат назар кунанд, парвардигор ба сӯи онҳо ба назари раҳмат нигоҳ мекунад ва байнашон улфат пайдо гашта, ҷамъи гуноҳони ишон аз миёни ангуштон бирезад. Яъне, ҳамсарон бо якдигар дар зиндагӣ он қадар наздику марбут (вобаста ва тааллуқдор) бошанд, ки байни онҳо барои шахси саввум ҷой набошад. Агар дар миёни зану мард чунин муҳаббат пойдор бошад, фарзанде, ки аз онҳо ба дунё меояд, соҳиби ҳусни хуш ва одоби ҳамида мегардад».

Аз ин ҳадис бармеояд, ки шарти асосии хушбахтии оила ишқу муҳаббат ва эҳтироми байни ҳамдигарии зану шавҳар мебошад ва ин муҳаббатро дар ҷараёни зиндагӣ бо рафтори нек, якдигарфаҳмӣ, хайрхоҳӣ таҳким мебояд.

Шарти дигари муносибатҳои некро нигоҳ доштани зану шавҳар даст кашидан аз усулҳои фармонфармоӣ дар оила

мебошад. Маълум аст, ки ҳар узви оила, зан ё фарзандон дар ҳар масъала ақидаи худро доранд ва фикри онҳоро ба инобат нагирифтану ҳукми худро гузаронидан вайрон кардани одоби оилавӣ мебошад. Мард, ки сарвари оила дониста мешавад, дар ҳолати мухталиф будани ақидаҳои аҳли оила бояд бомаслиҳат роҳи беҳтарини ҳалли масъаларо ёбад. Дар ин ҳолатҳо обрӯи сарвари оила коста намегардад, балки эҳтироми аҳли оила нисбат ба ӯ зиёд мегардад.

Модоме, ки сарвари оила бо дуғу пӯписа гапи худашро мегузаронад ва аҳли оиларо бо ҳукми раднопазир кор мефармояд, дар байни вай ва аҳли оила дилхунукӣ пайдо мешавад. Дар ин вазъият ҳурмат аз байн меравад. Нисбат ба шавҳар, падар тарс пайдо мешавад. Тарс бошад омили аз ҳамдигар дур гаштани одамони наздик мебошад. Дар чунин оила зану фарзандон бемуҳокима амри сарвари оиларо иҷро менамоянд, фармонбардоранд, аммо дар байни онҳо самимият, ҳамдигарфаҳмӣ, меҳрубонию дилсӯзӣ вуҷуд надорад. Таҳқири доимии аъзоёни оила ба ҷудоӣ меорад. Зан аз чунин шавҳар ва фарзандон аз чунин падар дурӣ меҷӯянд, азоби рӯҳӣ мекашанд. Ин гуна рафтор ба одобу ахлоқи фарзандон таъсири бад мерасонад. Аз хона гурезону хонабезор мешаванд. Баъд аз мустақил шудан фарзандон кӯшиш мекунанд зудтар алоҳида зиндагӣ кунанд. Ба аёдати падару модар аҳён-аҳён меоянд, риштаҳои меҳру вафо канда мешавад. Баъзан падару модарон шикоят мекунанд, ки фарзандонашон ба аёдаташон кам меоянд, бехабар аз он ки ба тарбияи фарзанд худашон гунаҳкоранд. Ба ин муносибат Носири Хусрав гуфтааст:

> Ба нармӣ гар сухан роӣ, ҳамерон,
> Ки аз тезӣ ба ранҷ ояд дилу ҷон.

Баъд аз ақди никоҳ, ки зану марди ҷавон ҷисму ҷони худро ба ҳамдигар бахшида зану шавҳар мешаванд, дар зиндагии оилавӣ бояд яктану якдил бошанд. Якдилу яктан шудан ба он маъност, ки онҳо дар хурсандӣ ва ғами ҳамдигар шарик ва ғамхору дилсӯзи ҳамдигар бошанд. Муносибатҳои онҳо дар асоси боварии комил ба ҳамдигар бунёд гарданд ва аз ҳамдигар рози пинҳоние надошта бошанд. Агар мард ё зани ҷавон розеро аз ҳамдигар пинҳон доранду он роз ба воситаи каси дигар ба гӯши онҳо расад, боварӣ

ба ҳамдигар аз байн меравад ва сабаби бад гаштани муносибатҳои заношӯӣ мегардад, ки барқарор намудани он ранҷу заҳмати зиёдеро талаб мекунад.

Панди Хусрави Деҳлавӣ дар ин ҷо бисёр бомавқеъ аст, ки гуфтааст:

Ба ростӣ маъруф шав, агар вақте
Дурӯғе аз ту равад, ҷумла рост хонандаш.
На дар дурӯғзанӣ шӯҳра шав, ки дар ҳама ҷо,
Агар чӣ рост бигӯӣ, дурӯғ донандаш.

Равоншиноси маъруфи итолиёвӣ Пол Туринс дар ин бобат чунин мегӯяд: «...Завҷайн набояд сирру асрореро аз ҳамдигар пинҳон доранд, ки оқибати он зиндагонии заношӯии худро ба мухотира (хатар) андохтан аст.

Пинҳон сохтани умур, ҳатто агар бо беҳтарин ният анҷом гирад, бадтарин самаротро дар бар дорад».

Аз ин хотир дар муносибати заношӯӣ ростию ростқавлӣ бояд пешаи амал интихоб шавад. Ба ин муносибат донишманди тиб Закариёи Розӣ дар китоби «Тибби рӯҳонӣ» гуфтааст: «Аммо одами оқил худро ба чизе, ки оқибати он хавф дорад, ҷаро гирифтор кунад. Бинобар ин одами оқил ҳамеша чӣ дар сухан ва чӣ дар ирода ҳақгӯю ҳақпараст бошад».

Чизи дигаре, ки ба муносибати неки заношӯӣ рахна мезанад ва оқибат метавонад ба ҷудоӣ анҷом ёбад рашк аст. Унсурулмаолии Кайковус дар «Насиҳатнома» дар бораи рашк навиштааст:

«Ва бикӯш то вайро ғайрат (рашк) нанамоӣ ва агар рашк хоҳӣ намудан зан нахоҳӣ беҳтар бошад, ки заноиро рашк намудан ба ситам то порсоӣ омӯхтан бошад ва бидон, ки занони бадрашк мардонро бисёр ҳалок кунанд ва низ тани худро ба камтарин касе диҳанд, аз рашк ваҳмият ва бок надоранд. Аммо чун занро рашк нанамоӣ ва бо вай дукиса набошӣ... вайро неку дорӣ аз модар ва падар ва фарзанд бар ту мушфиқтар бошад ва хештанро аз вай дӯсттар касе мадон ва агар рашк намоӣ, аз ҳазор душман душмантар бувад ва аз душмани бегона ҳазар тавон кард ва аз вай натавон...».

Моҷароҳои беасоси шавҳар ё зани бадрашк қадру қимати инсониро паст мезанад. Аз рашк мард ё зан ба дӯстон, ҳамкорон ва ҳатто хешу таборони худ гоҳо метарсанд, ки сӯҳбат кунанд ё ба

чое меҳмонӣ раванд. Мочароҳои доимӣ оқибат ба вайронии оила мерасонад.

Чунон ки Фахриддини Гургонӣ гуфтааст:

Набошад ҳеч занро рашк бар шӯй,
Ки шӯи рашкбар бошад балочӯй.

Мард ё зани рашкбар бояд ҳиссиёти худро идора кунанд, хоҳанд, ки оилаи худро ба вайронӣ нарасонанд, (алалхусус агар фарзанд дошта бошанд), бояд аз рӯзҳои аввали оиладорӣ рашкро аз дил хориҷ кунанд, ба ҳамдигар эътиқод пайдо намуда, бунёди оиларо хароб насозанд.

Омили муҳиме, ки барои мустаҳкамии оила ва пойдории муносибатҳои дӯстонаи зану шавҳар зарур аст, ин меҳрубонӣ ва таваҷҷӯҳ зоҳир кардан нисбат ба якдигар мебошад. Агар зану шавҳари ҷавон нисбат ба кору бор, саломатӣ ва авзои рӯҳии ҳамдигар бепарво бошанд, ин ба мустаҳкам гаштани муносибатҳои дӯстонаи онҳо мусоидат намекунад.

Вакте ки зану шавҳар ба ғаму андӯҳ, ноомадҳои кору зиндагӣ, хурсандии ҳамдигар шариканд ин шаҳодати муҳаббату меҳр аст. Ва замоне зану шавҳар мебинанд, ки мавриди муҳаббату таваҷҷӯҳи ҳамдигаранд, риштаю пайвандҳои дӯстии онҳо боз мустаҳкам мегарданд.

Олими итолиёвӣ Пол Туринс дар ин бобат мегӯяд: «Касе, ки муҳаббат дорад, дигаронро мефаҳмад ва касе, ки мефаҳмад нисбат ба дигарон муҳаббат дорад. Оне, ки муҳаббати дигаронро нисбат ба худ эҳсос мекунад, мутмаин эҳсос хоҳад кард, ки миёни ӯ ва дигарон тафоҳум вуҷуд дорад».

Фаридаддини Аттор низ ба ҳамин масъала ишора намуда гуфтааст:

Агар туро ҳар кас, ки ёри ғам бувад,
Рӯзи шодӣ ҳам бипурсаш, зинҳор!

**Супориш ва саволҳо:**

1. Кадом сифатҳои ҳамсолони худро бештар қадр мекунед?
2. Кадом қоидаҳоро дар муомилаи зану шавҳар зарур медонед?
3. Дар мавзӯи «Оилаи хушбахт» иншои хонагӣ нависед.
4. Дар байни мардуми тоҷик расм шудааст, ки зану шавҳар гоҳо номи ҳамдигарро намегиранд. Дар муроҷиат ба ҳамдигар падари (модари) Аҳмад, агар фарзанд набошад, бо ягон тахаллус ном мегиранд. Фикри шумо дар ин бора чӣ хел аст?

## §26. МУНОСИБАТ БО ВОЛИДОН

Вақте ки ба хонаи домод арӯсро меоваранд, ӯро дар гирди оташ (аз рӯи қоида) давр занонда, сипас аз сар танга ва ширавор мепошанд, ки як умр бою бадавлату сарватманд ва чун қанд ширин ва азиз бошад, аз дастархонашон нон ва соири неъмати дунё канда нашавад, аз хонааш шӯхиву хандаи кӯдакон чун пошхурии танга ҳамеша баланд садо диҳад. Пеши пояш аз матои сафед поякдоз мегустаранд, ки бахташ, рӯзаш ва роҳаш сафед бошад.

Баъди ин маросими саломy дуруд оғоз мегардад. Арӯс ба ҳар қадоми аҳли хонадон бо таъзим ном ба ном салом фиристода, як навъ садоқат ва арзи эҳтироми онҳоро ба ҷо меорад. Тарафи домод низ ин арзи садоқату эҳтиромро бо хушнудӣ пазируфта, гӯё ӯҳдадор мешаванд, ки хотири волидон ва хешу табори арӯсро як умр пос медоранд.

Агар ҳамин арзи садоқату эҳтиром ва паймон пойдору якумрӣ бошанд, агар арӯсу домод волидони ҳамдигарро дӯст доранд, маслиҳатҳои муфиди онҳоро сармашқи зиндагӣ ва рӯзгори хеш қарор диҳанд мутмаин метавон буд, ки оила бобақо хоҳад шуд. Дар оилаи тоҷикон ҳурмат нисбат ба падару модар, бибию бобо аз қадимулайём анъана шудааст. Ҷавонон дар назди онҳо бо эҳтиром ҳарф зада, мекӯшанд, ки бо сухане ва ё рафтору кирдоре хотири ишонро ранҷур нагардонанд. Аз онҳо барои пешбурди зиндагии оила маслиҳату машварат пурсида, розҳои ниҳонии оилавӣ ва ҳатто, баъзан душвориҳои рӯзгорро фош намесозанд. Баъзан барои эҳтироми онҳо аз манфиатҳои шахсии хеш гузашт мекунанд. Аз чунин рафтори ҷавонони навхона, волидон ва тамоми ҷамъият бурд мекунад.

Аммо дар зиндагӣ гоҳо чунин ҳам мешавад, ки осмони софи бахти оилавиро абрҳои тираи хусумату моҷароҳо фаро мегирад. Зиндагии ширини тамоми аҳли оиларо талх мегардонад. Сабаби ин моҷарою хусуматҳо одатан аз муносибатҳои арӯсу хушдоман оғоз меёбанд. Донишманди тоҷик Аҳмади Дониш дар рисолаи «Дар одоби никоҳ ва баёни хусумати модаршӯ» зиддияти хушдоману арӯсро чунин шарҳ медиҳад: «Модар мудаин ин аст, ки «фарзанд қитъаи гӯште заифу оҷиз буд, ки ба саъю таваҷҷӯҳ ва тарбияти ман рушду камол ёфта ва басе айёми мутавотир ва аъвоми мутаокиб шабҳо ба рӯз ва рӯзҳо ба шаб овардаам ва дар тарбияташ хунҳо ошомидам ва барои талаб ва хавфи талафи ӯ басо ба кӯчаю бозор давида. Ҷазои ин эҳсон ҷуз ин нест, ки саранҷом

фатҳу ратқи мақоми фарзанд ба дасти ихтиёри ман бошад ва ӯ бе савобдид ва маслиҳати ман набояд, ки даме об биёшомад»

Ва зан муддаии ин аст, ки «домани ин мард ба чанг овардаам ва худро ба забунӣ ва ходимӣ ба хидмати вай дода ва аз ҳама хешу ақрабо ҷудо гашта ва тарки ҳама гуфта; ва савдою муомилаи умр ихтиёр намуда. Сазои ин тафвиз ва тамсил ғайр аз ин нест, ки калиди ҳаллу акди абвоби дахлу харчи мард дар қабзаи ихтийори ман бувад. Ва чун ин ду даъвӣ ба ҳамдигар муориз аст ва асли хусумат аз ин ҷост ва чун асл бишнохтӣ, бидон, ки фуруоти он ҳама савғо бошад».

Оре, баъд аз сипарӣ гаштани муддати муайян арӯс ба адои корҳои рӯзгор шурӯъ мекунад. Агар зани ҷавон дар оилаи худ аз падару модар тарбияи нек гирифта бошад, эҳтироми калонсолонро ба ҷо меорад, шавҳари худро дӯст медорад ва иҷрои корҳои рӯзгор дар оилаи нав ба ӯ мушкилие пеш намеорад. Маълум аст, ки хусуру хушдоман ба хотири писари худ арӯсро ҳамчун фарзанд дӯст дошта ӯро ҳамчун узви оилаи худ қабул мекунанд. Зиндагӣ пастиву баландиҳо дорад. Дар лаҳзаҳои душвори ҳаёт, агар арӯс бо маслиҳате ба онҳо муроҷиат кунад, самимияту хайрхоҳиро аз ӯ дареғ намедоранд. Чунончи, бузургворе фармудааст:

Пирони кӯҳан бо таҷриба гӯянд сухан,
Некӣ бикунанд, таҷриба бо худ набаранд.

Дар чунин оилаҳое, ки арӯс корҳои худро бо розигии хушдоман ва дигар калонсолони оила анҷом медиҳад, барои норозигию моҷароҳо асосе ҳам намемонад. Хусуру хушдоман муҳаббату эҳтироми арӯсро нисбат ба худ эҳсос мекунанд, меҳри онҳо ҳам ба арӯс меафзояд. Дар масъалаи ҳурмату эҳтиром Фаридаддини Аттор гуфтааст:

Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,
То азизи дигарон бошӣ ту низ.

Фарзандоне, ки дар асоси анъанаҳои неки халқӣ ва панди бузургон тарбия ёфтаанд, дар рӯҳияи инсондӯстӣ, эҳтироми калонсолон, самимият ва қадрдонӣ ба камол мерасанд. Эҳтироми арӯс ба хусуру хушдоман ва муносибати шавҳар ба волидони ӯ риштаи дӯстии ҳар ду оиларо мустаҳкам карда омили зиндагии хушбахтонаи ҷавонон мегардад.

Гоҳо аз муносибати носозгори арӯсу хушдоман низою моҷароҳо бармехезанд, ки сабаби нотинҷию малоли хотири тамоми аҳли оила мегардад. Дар чунин оилаҳо арӯси ҷавон тамоми кори рӯзгорро ба тасарруфи худ мегирад. Ба аҳли оила фармонфармоӣ мекунад. Мувофиқи завқи худ анҷомҳои хонаро аз нав ҷо ба ҷо мегузорад.

Модар, ки то омадани арӯс кадбонуи хона буду ҳама кор бо маслиҳати ӯ анҷом меёфт, мебинад, ки арӯс дар хона ҳукмронӣ мекунаду аз вай маслиҳате намепурсад, ба ғазаб меояд. Бо кинояю ситеза норозигии хешро ба арӯс изҳор мекунад. Агар арӯс бо нармӣ узр хоста, фаҳмонад, ки мақсади ӯ ба тартиб даровардани хона буд ва фикри малол кардани хотири модарро надошт, шояд бо ҳамин низоъ аз байн бардошта шавад. Аммо агар арӯс дар рӯҳияи худхоҳию худбинӣ тарбия ёфта бошад, кӯшиш мекунад гапи худро гузаронад. Бо ин рафтор оташи ғазаби модарро боз метезонад, риштаи ҳамдигарфаҳмӣ канда мешавад. Арӯси беандеша мустақилияти худро намоиш дода, бе маслиҳати модар меҳмон даъват мекунад, ба меҳмонӣ меравад. Норозигии модар аз арӯс меафзояд. Ба писараш шикоят мекунад. Ҳамин тариқ, алангаи оташи хусумати арӯсу хушдоман баланд мешавад.

Аз зиддияти арӯсу модар бештар шавҳар азият мекашад, чунки вай дар байни ду оташ мемонад: аз як тараф модар, ки намехоҳад дили ӯро ранҷонад, аз дигар тараф зан, ки ӯ ҳам барояш азиз аст. Оқибати ин моҷароҳо ба он оварда мерасонад, ки писар агар занашро дӯст дорад, аз оилаи волидон ҷудо мешавад ва агар аз рафтори занаш дилсард гашта бошад, оилаи ҷавон вайрон мегардад.

Ба ҳар ҳол дар оилаи шавҳар нисбат ба чунин арӯс дилсардие пайдо мешавад ва дар сурати аз хона рафтани вай касе ба ӯ тараҳҳум намекунад. Чунон ки Низомии Ганҷавӣ фармудааст:

На ҳар зан, зан бувад, ҳар зода фарзанд,
На ҳар гул мева орад, ҳар найе қанд.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Дар моҷароҳои арӯсу хушдоман киро айбдор медонед?
2. Арӯс бо хушдоман чи тавр бояд рафтор кунад, ки оромии оила пойдор бошад?
3. Зан ба шавҳар шарт мемонад, ки дар як оила бо падару модараш зиндагӣ намекунад. Падару модар розӣ нестанд, ки онҳо алоҳида зиндагӣ кунанд. Ақидаи шумо дар ин бора чи хел аст?

## §27. АНЪАНАҲОИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

Тоҷикон чун ҳама халқҳои Шарқ бо меҳмоннавозӣ ва валинеъматии хеш дар ҷаҳон ном баровардаанд. Ҳар касе боре вориди хонадони тоҷик гардидааст, як умр меҳмоннавозии эшонро фаромӯш намекунад. Ҳар дафъае, ки мо берун аз ҳудуди Тоҷикистон бо намояндагони халқҳои соири шӯравӣ ё мардумони хориҷӣ вохӯрда, тоҷик буданамонро ба маълумоти эшон расонем, ҳатман дидаю шунидаҳояшонро роҷеъ ба анъанаи меҳмондории тоҷикон бо шавқ нақл мекунанд. Воқеан, халқи мо меҳмонро атои худованд мешуморад ва чун ҷони хеш азизу мӯътабар медонад. Пирони рӯзгордидаву корозмуда мудом таъкид мекунанд, ки замин, хонаатро фурӯш, тамоми афзоли рӯзгоратро ба гарав гузор, вале хотири меҳмонро пос дор. Боз мегӯянд, агар ягон чизи дар бисот буда пазируфтаи меҳмон гардад, ба вай бубахш.

Иззату эҳтироми меҳмон аз остонаи даромади хона оғоз мешавад. Соҳибхона меҳмонро хоҳ шиносаду нашиносад, бо суханони самимиву хуш истиқбол гирифта ӯро холпурсӣ мекунад, «хайра мақдам» мегӯяд, барори корашро мехоҳад, аз хешу табор ва ҳамшаҳриёнаш пурсон шуда, зуд ба дасташ об рехта ҷои нишаст нишон медиҳад. Ба пурсу посаш бо хушнудӣ ҷавоб мегардонад, табассум мекунад. Дар сурати пурсидани шахсони ғоиби хонадон ё суханро моҳирона ҷои дигар мебарад ва ё ҳамин чой, «ҳозир меоянд», «ҳоло даъват мекунам» гуфта дар хона набуданашонро вонамуд намекунанд. Вагарна, меҳмон аз набудани одами даркориаш мушаввашу ранҷур мегардад. Соҳибхонаи оқил ба хотири меҳмон чолокона дастурхон паҳн карда меҳмонро ба хӯрок таклиф менамояд.

Ҳангоми пешвоз ва қабули меҳмон асло сир бой додан мумкин нест, ки вай ношинос, нохонда аст. Барои поси хотири меҳмон ғаму ҳасрати хешро фурӯ бурда, худро хушу хурсанд вонамуд кардан савоб аст. Беҳуда нагуфтаанд, ки «соҳибхонаи оқилу доно пеши меҳмон пишакашро пишт намегӯяд». Басо хуб мебуд, ки дар ҳузури меҳмон зану шавҳар, додару хоҳар ва падару модар бо ҳамдигар самимона муносибат кунанд, хушнудона ҳоли меҳмонро пурсанд ва ба хизматаш омодагӣ зоҳир кунанд. Дар хотир бояд дошт, ки шахси ташрифоварда ё аз хурсандии бепоён ё аз меҳру муҳаббати пок нисбат ба шумову аҳли хонадонатон ё аз ғами гарону арзу ниёзи таъҷилӣ дари шуморо мекӯбад. Ба вай меҳрубонӣ кунед то ноумед нашавад. Ҳар касе, ки меҳмонро

пазируфта ба вай меҳрубонӣ кунад, худ рӯзе ба караму илтифоти вай хоҳад расид. Яке аз фазилатҳои инсони комил одоби муоширату меҳмонавозии ӯст.

Тасодуфе мешавад, ки шахси ношинос дари шуморо мекӯбад ва барои шаб дар манзили шумо хоб кардан иҷозат мепурсад. Мувофиқи анъанаи халқи тоҷик шахсе, ки дар ин мулк мусофир аст ва касеро намешиносад аз рӯи зарурат ба дарвозаи шумо меояд, меҳмони худо дониста мешавад, яъне ин шахсро худованд раҳнамоӣ намудааст, то меҳмони шумо гардад. Ба ҷо овардани иззату икроми шахсе, ки дар шаҳри шумо мусофир асту сарпаноҳе надорад ва тақдир ӯро меҳмони шумо гардондааст, воҷиб аст.

Меҳмонро бо чеҳраи кушод истиқбол карда, эҳтироми ӯро ба ҷо овардан, мувофиқи қудрат меҳмондорӣ намудан ҳам фарзу ҳам суннат аст. Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ дар «Одоб-ул-асҳоб» доир ба ин масъала навиштааст: «Бояд ки чун касе меҳмони вай шавад, он чи аз таъом дар хона ҳозир бошад, пеш орад ва қалими онро ҳақир нашморад ва он мисраъи машҳурро, ки ба забони баъзе бузургон гузашта насибулъайни худ созад. Мисраъ: Дар хона ҳар чӣ бошад, меҳмон ҳар он ки бошад. Ё ки: Дар хона он чи бошад, меҳмон бар он ки бошад, - мувофиқи суннат аст».

Мувофиқиа анъанаи халқӣ иззати меҳмон се рӯз аст. Соҳибхона дар ин муддат аҳлу насаби меҳмонро, сабаби мусофираташро, то худи меҳмон ҳарфе нагӯяд, намепурсад. Баъд аз се рӯз мизбон метавонад аз аҳволу саргузашти меҳмон пурсон шавад. Аммо дар давоми ин рӯзҳо муносибати соҳибхона ба меҳмон бояд самимӣ бошад. Аз рафтору кирдори меҳмон зинҳор норозигие зоҳир накунад.

Оид ба ин масъала дар «Нахҷ-ул-ҳидоя» омадааст: «Он кас, ки ба худованди якто ва ба ҳаёти охират эътиқод дошта бошад, бояд ки меҳмони худро гиромӣ дорад».

Эҳтироми меҳмонро донистан воҷиб аст, аммо меҳмон ҳам бояд қадри худро донад. Дар «Наҳҷ-ул-ҳидоя» омадааст:

«Бар меҳмон раво набошад, ки он қадар иқомат намояд то мизбонро ба танг оварад».

Алии Сафӣ ин нуктаро таҳлил намуда дар «Одоб-ул-асҳоб» овардааст: «Пайғамбар фармуда, ки раво нест ҳеч мусулмонеро, ки иқомат кунад наздики бародари мӯъмини худ то ба ҳадде, ки вайро дар гуноҳ андозад, яъне чун мизбон аз меҳмон ба танг ояд, ҳар оина аз сӯҳбати вай мутанаффур шавад ва ин гуноҳ аст, ки

касе аз бародарони худ мутанаффир бошад, пас гӯиё меҳмон вайро дар гуноҳ афканда».

Аз ин мулоҳизаҳо хулосае бармеояд, ки эҳтироми меҳмон воҷиб аст, аммо меҳмон ҳам бояд ҳадди ҳақшиносиро донад ва меҳмонии вай бар зарари мизбон набошад.

Дар шаҳру ноҳия меҳмонхонаҳои замонавӣ мавҷуданд, ки мусофирон метавонанд дар он ҷо муддати дилхоҳашон зиндагӣ кунанд. Чунин тасодуф хеле кам мешавад, ки мусофире бе сарпаноҳ монад. Аммо панди бузургон оид ба меҳмон ба мо бояд меъёри одобу ахлоқи неки инсонӣ гардад ва дар ҳолати дучор омадан бо чунин тасодуф мувофиқи суннатҳои миллӣ ва панди бузургон амал намоем.

Хешу таборон, ёру дӯстон, ҳамкорон ба хонаҳои ҳамдигар рафту омад мекунанд. «Меҳр дар чашм аст» - мегӯяд халқ. Дар натиҷаи рафту омад меҳру муҳаббати хешу табор меафзояд, ҳамсоягон, ёру дӯстон ба ҳамдигар наздиктар мешаванд. Ҳангоми рафту омад хешу ақрабо, дӯстон фарзандони худро ҳамроҳ мебаранд. Фарзандони онҳо ҳам бо ҳамдигар ошно мешаванд ва робитаи хешу таборию дӯстии волидонро идома медиҳанд. Ғайр аз ин фарзандон ҳангоми бо волидон ба меҳмонӣ рафтан аз онҳо тариқи меҳмоннавозӣ, одоби муошират ва муносибатҳои неки хешу таборӣ, дӯстиро меомӯзанд.

Хешу табор, дӯстони наздики хонадон ба хонаи ҳамдигар бе даъвати махсус ҳам метавонанд меҳмон шаванд, чунки мақсади онҳо дидорбинию аз аҳволи ҳамдигар бохабар шудан мебошад. Гоҳо барои маслиҳате ба назди якдигар мераванд. Чунин ташрифи меҳмонон омодагии махсус ва хароҷоти зиёдеро талаб намекунанд. Албатта, соҳибхонаҳо онҳоро бо чеҳраи кушод ҳамчун меҳмонони азиз пазирой намуда, дар наздашон дастурхон мекушоянд. Неъматҳои беҳтарине, ки дар хона ҳаст ба дастурхон мегузоранд, коидаҳои меҳмоннавозиро ба ҷо меоранд ва ҳангоми рафтанашон ҳамчун меҳмон гусел мекунанд. Соҳибхона дар кадом вазъияте, ки бошад, зинҳор бояд хафагӣ ё норизоии худро аз омадани меҳмон вонамуд накунад. Носири Хусрав дар ин бора мегӯяд:

Чу меҳмон оядат дилшод мебош,
Зи ҳар банду ғаме озод мебош!

Ҳар хонадон ҷашнҳои махсусе дорад (рӯзи таваллуд, солгарди арӯсӣ, истиқболи соли нав), ки бо хешу табор ва дӯстони

оила мегузаронанд. Дар ин мавридҳо соҳибхонаҳо пешакӣ омодагӣ мебинанд. Дастурхони ҷашниро бо мева ва нӯшу неъматҳои гуногун пур мекунанд. Хонаро оро медиҳанд. Меҳмононро ба чунин шабнишинӣ соҳибхона пешакӣ даъват мекунад. Ба чунин даъват меҳмонон бояд вақти муайяншуда расида оянд ва аз рӯи одоб фарзандонашонро ҳамроҳ нагиранд. Бояд дар хотир дошт, ки мизбон мувофиқи одамҳои даъват кардааш ҷой омода мекунад. Аз ин сабаб ҳамроҳи худ рафиқони даъватнашударо овардан аз рӯи одоб нест.

Соҳибхона меҳмононро дар назди дарвоза ё даромади хона истиқбол намуда, хайра мақдам мегӯяд ва ба хона медарорад. Баъд аз ҳозир шудани ҳамаи меҳмонон аҳли хона бояд бо чеҳраи кушод хидмати меҳмононро ба ҷо оранд, чунки оқилон гуфтаанд: «Чеҳраи кушодаи мизбон сабаби кушоиши иштиҳои меҳмон аст».

Чун мушарраф шавӣ ба меҳмоне,
Ҳар чӣ дорӣ, фидои меҳмон кун!

Мардуми моро одат шудааст, ки дар болои дастурхон шишаҳои маю шароб ҳам гузоранд. Аммо дар истеъмоли он худдорӣ кардан лозим аст ва баъд аз нӯшидан ҳар кас бояд меъёри хешро донад, то ин ки маст нашавад. Унсурулмаолии Кайковус мефармояд: «Пас аз мардум миннатпазиру тозарӯй бош. Ва набиз кам хӯр ва пеш аз меҳмон маст машав. Чун донӣ, ки меҳмон маст шуданд, он гаҳ аз хештан шигарфӣ (хушрафторӣ) менамой ва ёди мардум мекунӣ нӯш мехур ва бо меҳмон тозарӯй ва хуш мебош».

Як меҳмони сархуш метавонад хотири ҳозиринро вайрон кунад ва ҳамчунин обрӯю қадри худро ҳам паст занад. Шоир ва мутафаккири бузург Умари Хайём дар мазаммати мастӣ мегӯяд:

Чун бода хӯрӣ, зи ақл бегона машав!
Малхуш мабошу чаҳлро хона машав!
Хоҳӣ, ки маи лаъл ҳалолат бошад,
Озори касе маҷӯю девона машав.

Дар меҳмонӣ мавзӯи сӯҳбат бояд аз доираи одобу ахлоқи ҳамида беруи набарояд, баҳсу мунозира нашояд. Гуфтани латифаҳои бешармона ва шӯхиҳое, ки сабаби ранҷиши хотири ҳозирин мегардад лозим нест. Камолиддин Биноӣ дар мазаммати ҳазлҳои беҷо гуфтааст:

Эй биродар, ба ҳазл макшо лаб!
В-ар кушоӣ, магӯй чуз ба адаб!
Ҳазл беобрӯӣ орад бор,
Обрӯро марезу ҳазл гузор!

Мусиқию суруд, муносибати дӯстонаю самимии ҳозирин, меҳмоннавозии соҳибхона меҳмононро шод менамояд.

Баъд аз хотимаи зиёфату сӯҳбат меҳмонон иҷозати рафтан мепурсанд. Мизбон ба хоҳиши меҳмонон бояд мамоният накунад ва меҳмононро то дари хона гусел кунад. Мизбон бо тамоми рафтору гуфтори худ аз ташрифи меҳмонон миннатпазирӣ ва хушнудии худро нишон диҳад. Чунон ки шоир гуфтааст:

Шуд мунаввар аз қудуми дӯстон кошонаам,
Хона фонус асту меҳмон шамъу ман парвонаам.

Зиндагӣ ва мушоҳида имкон медиҳад, ки тарафҳои дигари онро аз ҳаёт омӯзем.

Аммо баъзан чунин одамонеро низ дидан мумкин аст, ки ба қабули меҳмонон хуш надоранд, ба меҳмон рӯй турш мекунанд, баҳона меҷӯянд ва гоҳо худро ношинос вонамуд мекунанд. Меҳмон аз ин кирдор ранҷида дигар дари он хонаро ҳаргиз намекӯбад. Бесабаб намегӯянд, ки «агар кори носазое ё нанговаре бикунӣ, сухани носазое бигӯӣ, баъди он чӣ қадар тавбаву тазарро кунӣ, тири аз камон ҷаста барнамегардад».

**Супориш ва саволҳо:**

1. Кадом анъанаҳои миллии меҳмонавозиро медонед?
2. Дар оилаи шумо меҳмонро чӣ тавр қабул мекунанд? Саҳми шумо дар пазироии меҳмонон чӣ хел аст?
3. Агар ба хона меҳмони бегона ташриф орад падару модар дар хона набошанд, чӣ тавр ӯро қабул мекунед?

## §28. МАДАНИЯТИ САЙРУ ГАШТ ВА ИСТИРОҲАТ

Оилаи солим барои ба даст овардани ҳамаи неъмати дунё имконият пайдо карда метавонад. Истироҳат, сайру гашт ва хушвақтӣ ҳам аз неъматҳои беназири зиндагӣ буда, ба одам рӯҳи тоза ва қуввати ҷисмониву маънавӣ мебахшад. Фақат онро дурусту оқилона ташкил карда тавонистан лозим аст, ки дар лаҳзаи зарурӣ

он кӯфти меҳнати босамарро барорад. Дар ин хусус буҷети оила, ташкилу тақсими мулоҳизакоронаи он мақоми басо муҳиме дорад.

Албатта, фароғату истироҳат бо хароҷоти моддӣ алоқаманд аст. Масалан, дар лаҳзаи бекорӣ ва ё хаста будан ба рӯи ҳавлӣ, пешайвон баромада нафаси тоза кашидан, беҳи гулҳоро нарм карда об рехтан, аз накҳати гулҳо, покии баргу пояҳо лаззат бурдан ҳам истироҳат аст. Дар гулгашти боғу хиёбонҳо дасти ҳамдигар гирифта гаштан ҳам сайру роҳат аст. Он ба тан қувват ва майнаи мондашударо тоза мекунад. Рафтан ба театру осорхонаҳо (музейҳо), кинотеатру намоишгоҳҳо (салонҳо) ва дигар ҷойҳои тамошобоби маҳали зист низ истироҳат аст, ки бо харҷу хароҷоти зиёдатӣ алоқаманд нест. Қайди идҳои оилавӣ — ҷашни ақди никоҳ, зодрӯз, синни болиғиву камолот, хатми мактабу донишгоҳ, гусел ба хизмати ҳарбӣ ва амсоли ин низ як навъ истироҳат ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин тадбирҳоро низ оқилона гузаронида, ба харҷи беҳудаву зиёдатӣ, масрафи бемеъёри неъматҳои моддӣ роҳ додан лозим нест. Мутаассифона, баъзе ашхос ҳангоми гузаронидани ин гуна маъракаву маросимҳо ҳатман гову гӯсфанд кушта, тӯйи пурдабдабаву намоишкорона ташкил мекунанд, ҳар чӣ дар бисот доранд, рӯи дастурхон гузошта, ба исрофкории беҳуда роҳ медиҳанд. Баъди маърака қарздор мешаванд.

Истироҳат мафҳумест, ки маънои васеъ дорад. Оромона шунидани барномаҳои радиову тамошо намудани намоишномаҳои телевизион ҳам истироҳат аст.

Вале дар урфият мегӯянд, ки «шунидан кай бувад монанди дидан». Ҳар шахсе, ки дар ин ё он соҳа иҷрои вазифа менамояд, соле як маротиба ба рухсатии меҳнатӣ ҳақ дорад. Ташкилотҳо ва хазинаҳои ҷамъиятӣ барои истироҳат ва муолиҷа дар истироҳатгоҳҳо ва осоишгоҳҳо бо нархи арзон парвона (путёвка) медиҳанд ва ё ба шаҳрҳои таърихии мамлакат ва кишварҳои хориҷӣ саёҳат ташкил менамоянд. Барои чунин сафар ва сайрҳои мақсадноку тӯлонӣ ҳатман пасандози оилавӣ ба кор меояд. Шахсони алоҳида аз ҳисоби ҳамин пасандозҳо мувофиқи салоҳдиду имконияти худ дар ҷойҳои дилхоҳи хеш истироҳат мекунад. Ба чунин истироҳати мақсаднок баъзан тамоми аъзоёни оила ва ё бо навбат сафар мекунанд. Ҳар як сафари берун аз маҳали зист ба одам як ҷаҳон таассурот ва хотироти нек мебахшад. Ҳар бор онро ба хотир оварда ба дигарон ҳикоя кардан ҳам яке аз лаҳзаҳои гуворои истироҳат аст.

Сайру гашт берун аз шаҳр, тамошои нафосату назокати табиат, лаҳзаҳои бофароғат дар соҳили дарё, кӯҳҳо, махсусан, сайри кӯҳсори сарсабзи Тоҷикистон, шунидани хониши кабк, булбул, тамошои рақси моҳиҳо дар оби мусаффо аҷаб кайфияте доранд. Одам дар ин лаҳзаҳо аз ҳар чизи дидаву шунидааш як ҷаҳон фараҳ бурда, бегумон худро як ҷузъи таркибии табиат ҳис мекунад. Танҳо дар чунин сурат одам ба маънои томи сухан, зебу зиннат ва қувваи ҷозибаи ҷаҳони муосирро дарк мекунад, ки ҳар захму осеби ба табиат расида ин гӯё осебе дар тани ҳар кадоми мост.

Ҳангоми сайри табиати диёри кӯҳсор диққати аҳли байтро, махсусан насли ҷавонро баробари зебоиву назокати он, ба ҳусни костаи вай, ки оқибати муносибати нодурусти инсон ба табиат аст, аз ҷумла ба буридану решакан кардани гулу бутта ва партофтани хасрӯбаву коғазпораҳо, шикастани зарфҳо (зарфҳои шишагӣ), кандани чоҳу чуқуриҳо ва ғайра ҷалб кардан аҳамияти тарбиявӣ ва ташвиқи зебоипарастӣ дорад.

Албатта, на ҳамаи оилаҳо барои истироҳату тамошо имконияти ба мамлакатҳои хориҷӣ сафар кардан доранд. Аз як тараф кору бори оилаю рӯзгор, аз тарафи дигар масъалаи иқтисодӣ ба ин имкон намедиҳанд. Чанд сол боз дар Ҷумҳурии мо иқдоми неке амал мекунад, ки ин сафарҳои тиҷоратӣ ба малакатҳои Ҳиндустон, Туркия, Хитой, шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Тошканду Ашқобод ва ғ. мебошад. Ин сафарҳо аз тарафи намояндагии фирмаҳои ҷумҳурӣ созмон дода мешавад ва дар тамоми ноҳияву вилоятҳо амал мекунанд. Ҳар шахс ва оила метавонад рӯхсатӣ ва рӯзҳои истироҳати худро дар чунин сафарҳои 2-3 рӯза гузаронад.

Тамошои шаҳрҳои бостонӣ ба кас як ҷаҳон ҳаловат бахшида, донишу ҷаҳонбинии ӯро меафзояд, бо маданияту анъанаҳои мардуми онҳо ошно мегардад, дӯстони нав пайдо мекунад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Футувватномаи султонӣ» фоидаҳои сафарро номбар карда, аз ҷумла мегӯяд: «Аввал, сиҳатии бадан... ва сабаби сиҳат табдили ҳаво бошад ва риёзати аъзо, ки ҳаракат муҷиби (боиси) таҳлили баъзе рутубати фазлӣ аст... Дуюм, ғанимат ёфтан ва расидан аст ба зиёрати қубури акобир. Сеюм, рафъ шудани коҳилӣ (танбалӣ) аст, ки одамӣ ҳар гоҳ дар як ҳолат бошад, касолат (сустӣ) бар ӯ ғолиб мешавад... Чаҳорум, маҳв шудани ғам ва ҳам малолат, чӣ ҳарчанд касе малул бошад, чун ба

сафар берун равад, албатта, аз андӯҳ зоил (маҳв) мегардад... Ҳафтум, одоби мутафаррика (гуногун) аз ҳар тоифа дидан ва ёд гирифтан... Даҳум, қадри ғарибон бидонад ва дили ӯ раҳим (меҳрубон) шавад... »

Аҳли оила, умуман, ҳар шахс баъд аз ҳафтаи меҳнати пурсамар метавонад рӯзҳои истироҳатро бофароғат гузаронад. Дар тамоми шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзеъҳои сайру гашт, театру кинотеатр, боғҳои истироҳатӣ мавҷуданд ва аҳолӣ метавонад аз он ҷойҳо истифода барад. Ғайр аз ин, рӯзҳои истироҳатро барои дидорбинии хешу акрабо ва ёру дӯстон истифода бурдан мумкин аст. Вакте ки шахс ба меҳмонӣ ва ё сайру гашт равона мешавад, мувофиқи он либос мепӯшад. Маълум аст, ки ҳар як халқ либоси миллии худро дорад, аммо робитаҳо бо дигар халқу миллатҳо ба тарзи либоспӯшии мардуми мо ҳам бетаъсир намондааст. Махсусан, дар либоспӯшии мардон тағйироти куллӣ ба вуҷуд омадааст ва мардон чӣ дар шаҳру чӣ дар деҳот либоси аврупоиро либоси маъмулии худ қабул кардаанд. Занҳо бошанд ҳам либоси аврупоӣ (хусусан дар шаҳрҳо) ва ҳам либоси миллиро истифода мебаранд. Барои меҳмонӣ ва сайру гашт, одатан либоси идона мепӯшанд. Либос бояд чунон интихоб гардад, ки ба шахс зебанда бошад. Ба ҷавонмардон костюму шими якранг ва куртаи сафед бештар мезебад. Туфлӣ ҳам бо ранги костюм бояд мувофиқат кунад. Барои занони ҷавон ва духтарон либоси миллии тоҷикӣ хеле зебанда ва шинам мебошад. Омехта намудани либоси аврупоию миллӣ, масалан, куртаи аврупоӣ бо пойҷомаи миллӣ ва туфлиҳои пошнабаланд шаҳодати маданияти пасти либоспӯшӣ мебошад. Тақлидкорӣ дар либоспушӣ набояд ҷой дошта бошад. Ҳар зани ҷавон ва духтар бояд ба қаду комат ва ҷисми худ либоси мувофиқ пӯшад. Дар истифодаи рангу бор, аз қабили қаламҳои ороишӣ ва лабсурхкунак бояд меъёр донисга шавад. Гоҳҳо дар кӯчаҳои шаҳр духтарону занони ҷавон дучор меоянд, ки аз истифодаи рангу бори беандоза симои аслии онҳо шинохта намешавад. Оре, лабҳои арғувонӣ, рухсораҳои алвонӣ, мижгонҳои сунъӣ ва чашми сабзу осмонӣ диққати ҳар роҳгузарро ҷалб мекунад. Аммо ин таваҷҷӯҳ на ба зебоии онҳо, балки аз завқи пасти эстетикии онҳо мебошад. Зебоии инсон дар ҳусни табиии вай мебошад ва надониста истифода бурдани рангу бор он ҳусни табииро коста мекунад. Ин мисраъи Ҳофизи Шерозӣ ба суханҳои мо далел аст:

Сайругашт дар хиёбонҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ қоидаҳои худро дорад ва иҷро намудани онҳо нишонаи маданият ва боодобии шахс аст. Мувофиқи қоидаи муқарраршуда пиёдагардон аз тарафи рости роҳи пиёдагард мегарданд. Агар зану шавҳар ҳамроҳ ба сайругашт баромада бошанд, мард бояд аз тарафи чапи зан роҳ равад.

Дар кӯча бо ҳамдигар бо овози баланд ҳарф задан ва хандидан хуб нест. Ҳини роҳ рафтан ба ҳар марду зани роҳгузар чашм дӯхтан аз рӯи одоб нест. Чунки ҳамин нигоҳҳои беҷо ҳам барои зан ё марди бадрашк сабаби моҷаро мегардад. Чунон ки Саъдии бузургвор гуфтааст:

Дилороме, ки дорӣ дил дар ӯ банд,
Дигар чашм аз ҳама олам фурӯ банд.

Агар вақти сайругашт шиносеро бо ашхоси ношинос дучор омадед, салом гуфта гузаред. Агар худи шиносатон аз рафиқонаш ҷудо шуда ба шумо аҳволпурсӣ кунад суханро дароз накунед, чунки ӯро рафиқонаш интизоранд. Дар вақти истода сӯҳбат кардан худро ба канори роҳ гиред ва ба дигарон халал нарасонед.

Ҳангоми сайругашт яхмос, самбӯса ва ё ягон чизи дигар хӯрданӣ бошед, онро дар канори роҳ ё беҳтараш дар ягон ҷои камодам истода хӯред. Роҳравон чизе хӯрдан аз рӯи одоб нест.

Агар зану шавҳар ба кино ё театр рафтанӣ бошанд, бояд дар вақти муайяншуда дар ҷои худ бошанд, чунки дер омадани онҳо сабаби ноороҳатии дигар тамошобинон мегардад. Дар кино ва театр бояд чунин рафтор кард, ки сабаби малоли хотири касе нагардад:

Адаб барои ҳар шахсе нигаҳ дор!.
Касеро аз касе камтар мапиндор! -

гуфтааст, Рогиби Самарқандӣ. Эҳтироми дигаронро ба ҷо овардан қадри худро донистан аст.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Тасаввуроти шумо дар бораи шахси маданӣ чӣ хел аст?
2. Кадом шахсро инсони ботарбия ва хушахлоқ мешуморед?
3. Дар бораи сайругашт дар ноҳия, шаҳр, боғи истироҳат шумо чӣ ақида доред?
4. Дар оила истироҳат, ид ва ҷашнҳоро чӣ тавр мегузаронанд?

## §29. ВАЙРОН ГАРДИДАНИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ

Дар базми тӯйи арӯсӣ ҳама ба саломатии арӯсу домод нӯшбод гуфта, умри дарозу бобаракат, бахти баланду беғаш, шодкомиҳои оилавӣ ва ҳатман гулдухтарони зебо, писарони солеҳу солимақл орзу мекунанд. Дар охир волидон меҳмононро хушбошӣ ва арӯсро ба манзили нав - ба хонаи домод хайра мақдам мегӯянд. Вале кам касоне пайдо мешаванд, ки наварӯсонро ба ҳаёти оилавӣ ҳидоят карда, онҳоро аз шебу фарози зиндагии оянда огоҳ мекунанд. Оилаи ҷавонро ба бурдборӣ, мулоҳизакориву тадбирандешӣ, тоқату тамкин даъват бояд намуд.

Зиндагӣ қонунҳои нонавиштаи худро дорад. Тӯй, маъракаҳои оилавӣ бисёр хуб аст. Вале дар баробари ин рӯзгори оилавӣ, муносибати зану шавҳарӣ қоидаҳои худро дорад. Муносибати навхонадорон ба волидон ва хешовандони тарафайн ва муносибати онҳо ба ҷавонони навхона чизи тамоман дигар, роҳи тайнашудаву асрори таҳқиқнагардида аст.

Волидони рӯзгордидаву таҷрибандӯхта ваботадбир пеш аз тӯйи арӯсӣ баъзе аз асрори хонадориву хешутабориро ба ҷавонон бо ҷузъиёташ фаҳмонида, ба онҳо пос доштани урфу одат, одобу ахлоқ, эҳтироми калонсолон ва пеш аз ҳама волидони ҳамсарро талқин мекунанд. Риояи чунин меъёрҳо, албатта, пояи бинои навбунёди оилаи ҷавонро мустаҳкам мекунад. Баръакс, риоя нагардидани бисёр омилҳо ба асоси бино садама мезанад ва онро ба футур мерасонад. Беҳуда нагуфтаанд: кушки роҳату фароғати оилавӣ, ки аз гилу хишти ишқ ва меҳр бино меёбад, чун гул нозук буда, боди тунде расад, фано гардаду ғамхорие, парастише бинад нумӯъ ёбад.

Дар зиндагии оилавӣ, ки аз пастиву баландиҳо, омаду ноомадҳо, барору нобарориҳо, муваффақияту нокомиҳо, дороиву нодориҳо иборат аст, боди тундхӯи садамаовар ҳам кам нест, ки вазиши он айшу роҳати оилавиро талху халалдор карда метавонад. Баъзан ин боди тундхӯ ҳанӯз дар арафаи тӯйи арӯсӣ вазида оқибат ба тӯфони ҷиддӣ бадал шуда метавонад. Масалан, аз рӯи анъана волидони арӯсу домод аз рӯзи ноншиканон сар карда, дар ҳар иду маросим ба ҳамдигар инъому тӯҳфаҳо (матоъ, сарулибос, қанду курс ва ғ.) мекунанд. Агар яке аз дигаре инъому тӯҳфаи камарзиштар бигирад ё нодору камбағал бошад ва дастархони кудояшро гардонида натавонад, боиси пичингҳои беҷо, гапу

калочаи якумра, мавзӯи таънаву маломати як тараф ва мояи ифтихору лофзаниҳои тарафи дигар мегардад. Агар арӯсу домод пойбанди урфу одатҳои кӯҳна, чизу молпараст, гирифтори таъсири волидони худ бошанд ва чунин муносибатро ба рӯзгори худ роҳ диҳанд, зиндагиашон ба тарзи бояду шояд хуб намегузарад. Дар мавриди мувофиқу номувофиқ яке дигареро (домод арӯсро ё баръакс арӯс домодро) фалонро гирифтеду фалонро надодед ё «волидони ман мисли волидони ту ҳаққимардумхӯр нестанд», «ҳамёни падарат холӣ бошад, ба дари мардум (ба дари падари ман) намерафт» гуфта таънаву маломат мекунанд. Чунин таънаву маломат шаъни ҳар ду тарафро паст зада оқибат ба моҷаро меорад, айши оилавиро талх мекунад, ки оқибати он ба касе пӯшида нест.

Дар зиндагии оилавӣ сабру таҳаммул ва сабурӣ аз хислатҳои накутарини ахлоқи ҳамида ба шумор меравад. Ҳар фарде, ки дорои чунин хислатҳо аст, мудом ба муроди хеш мерасад ва ба комёбиҳо ноил мегардад. Вале ин ба ҳама муяссар намегардад. Баъзан мешавад, ки зану шавҳари ҷавон ин ё он кору тадбирро маслиҳат мекунанду ба қарори ягона омада наметавонанд. Дар ин сурат ҳар кас сари танобро сӯи худ мекашад. Маълум аст, ки оқибат таноби таранггкашида канда мешавад. Бинобар ин яке аз онҳо — домод ё арӯс бояд оқилу доно буда, сабру таҳаммул зоҳир намояд, ба ҳамдигар гузашт кунанд. Баъди ором шудан ва паст гардидани оташи баҳсу талош бо нармӣ ва меҳрубонӣ он ихтилофро бартараф кардан мумкин аст. Дар ин кор агар волидон бо дили софу самимӣ ба кӯмаки ҷавонон омада, оқилона, бо таҳаммул машварату маслиҳат диҳанд, оқибати кор ба хубӣ анҷом меёбад.

Дар урфият мегӯянд, ки дар оиладорӣ тифоқу ҳамдигарфаҳмӣ ғолиб ояд, ҳаёт ширину гуворо мегузарад. Аммо баъзан мешавад, ки ҳамсарон — зан ё шавҳар пойбанди суханҳои хешовандон, ёру дӯстон, ҳамсояҳо гардида, иттифоқу ҳамдигарфаҳмиро фаромӯш ва айши худро талх мекунанд. Онҳо маслиҳат ва гуфтаҳои дигаронро ба гӯш ҳалқа карда, ба ҳар рафтору кирдори тарафи дигар (зан ба шавҳар ё шавҳар ба зан) эрод мегиранд, наҳ мезананд: «ошат шӯр, бенамак шудааст», «пушти нонро сӯзондӣ», «либоси шустагиат доғдор», «аз бозор харид карда наметавонӣ», «моли нағзу бадро фарқ карда наметавонӣ», «биринҷи харидаат барои оши палав намешавад», «ақаллан кордро тез карда наметавонӣ», «либос пӯшида наметавонӣ», «ту зеби либос надорӣ» ва ғайра.

Аксар вақт зан ба ҳамсояҳо, шиносҳои дуру наздик ва дугонаҳо пайравӣ карда, бидуни назардошти даромаду имконияти оила дарёфтани ҳар чизро орзу намуда, исроркорона талаб мекунанд: «Ман аз фалонӣ кам нестам», «Шумо ҳам мисли фалонӣ мард хастед, кор мекунед ва маош мегиред» гуфта ду пои мардро ба як мӯза чо мекунад. Байти зерини шоир маҳз дар ҳаққи чунин одамон гуфта шудааст:

Ба дахлу харчи худ ҳар дам назар кун,
Чу навбат нест, сарфи дигар кун.

Бидуни низоъ сарфу харчи оиларо ба ҳисоб гирифта камии хонадон (либосу палос ва дигар лавозимоти рӯзгор)ро бо навбат, тадриҷан пур кардан кори хайр ва камоли ақлу фаросати расо аст.

Дар рӯзгори оилавӣ ба қадру қимати ҳамдигар расидан, волидон ва хешовандони тарафайнро ҳурмату эҳтиром кардан ҳам фарз ва ҳам суннат аст. Зеро ду дил ва ду тан аз оилаҳои мухталиф ба висоли ҳамдигар мерасанд, аз ин рӯ волидони тарафайн бояд арӯсу домодро фарзанди худ хонанд. Чунин муносибат ба эҳтирому қадршиносии тарафҳо меорад. Аммо дар зиндагӣ баъзан акси ин мешавад: шавҳар волидони ҳамсарашро бад дида, дар ҳаққашон суханони қабеҳ мегӯяд ва намегузорад, ки оилааш ба аёдати онҳо равад. Зан хушдоманашро бад дида, нисбат ба вай носипосиву қадрношиносӣ зоҳир мекунад, шавҳарашро маҷбур месозад, ки ё бо модараш ё бо вай бимонад. Кор ба ҷое мерасад, ки модаршӯяшро ба хонааш роҳ намедиҳад ва шавҳарашро низ намегузорад, ки аз ҳоли модараш ва умуман, волидонаш хабар гирад. Албатта, ин гуноҳи азим аст ва чунин муносибат аксар вақт боиси ҷудоӣ ва хонавайронӣ мегардад.

Оила ва оиладорӣ пеш аз ҳама дар асоси ишқи пок ва садоқату вафодорӣ устувор аст. Касе, ки дар сидқу вафо матонату устуворӣ зоҳир мекунад ба зиндагии хуш ва бегазанд ноил мегардад. Баръакс, касе, ки дар ин ҷода иродаи суст дошта ба роҳи хато — хиёнату бевафоӣ қадам ниҳад, дар олам шармсору дар рӯзгор тирабахт мегардад. Шоире ба ин масъала ишора намуда гуфтааст:

Ҳар кӣ дар мазраи дил тухми вафо сабз накард,
Зардрӯӣ бубинед вақти дарав.

Ба муҳити оила, тарбия ва ташаккули маънавию ахлоқии фарзандон муносибати хешовандони наздики тарафайн таъсири ниҳоят ҷиддӣ мерасонад. Дар оилаҳое, ки пайваста низоъ рух медиҳад, хешовандон дӯрӣ меҷӯянд. Фарзандон низ аз рӯи муносибати волидони хеш ба атроф назар дӯхта, ба ҳодисаву воқеаҳо аз диди онҳо баҳо медиҳанд. Дар гуфтор, рафтору кирдор ба онҳо пайравӣ намуда, беихтиёр ҳама хислатҳои неку бади эшонро ба худ мегиранд. Аз баҳсу талоши доимии онҳо ба дод омада маҳдуду дамдузд, замонасозу фиребгар мешаванд. Баъзан кор ба ҷое мерасад, ки хонаи падариро тарк гуфта, роҳгум мезананд, кӯчагард мешаванд, ки он оқибати хуб надорад.

Омили дигари муҳиме низ мавҷуд аст, ки он пояи оиларо ноустувор ва муносибатҳои оилавиро муттасил халалдор мекунад. Ин омил асосан хоси мардон буда, онро мизогинизм меноманд. Ибораи «мизогинизм» (ифодакунандаи он «мизогинист») ба хонанда шинос нест. Вожаи мизантроп бошад мафҳуми одамбезорро ифода мекунад. Мизогинист низ қариб ҳаммаънои он буда, (гинея-зан ва мизогинист занбезор гуфтан аст) ба мардон хос аст. Ин тоифа мардон занҳоро бад мебинанд, онҳоро маҳкум карда, «ҳамчун синф» эътироф намекунанд. Лекин бо вуҷуди бад дидан онҳо ба занҳо майлу рағбат доранд, зуд ба онҳо унс гирифта, оила барпо мекунанд.

Бо мардони занбезор зистан душвор ва хатарнок аст. Зеро онҳо баҳудаю беҳуда, ба ҳар чизи хурду беарзиш эрод гирифта, ҳадафи таънаву маломат қарор медиҳанд. Шахсияти зан-ҳамсар ё маъшуқаашонро поймол мекунанд ва ба табъи худ тобеъ ва мутеъ мегардонанд.

Инсон мизогинист таваллуд намешавад. Чунин хислат дар муҳити оила пайдо мешавад. Ба чунин дағалиҳои падар дар оила шояд дурӯғгӯӣ, қаллобӣ, хиёнату бевафоии модар ва рафтору кирдори вай сабаб мешавад.

Омили дигаре, ки боиси вайрон гардидани муносибатҳои неки зану шавҳари ҷавон мегарданд, ин майпарастии шавҳар мебошад. Ин одати бад дар байни ҷавонон (махсусан, ҷавонони шаҳр) солҳои охир оҳиста-оҳиста ривоҷ меёбад. Баъд аз издивоҷ қисме аз ҷавонон ин одати бадро тарк мекунанд. Гоҳ-гоҳ дар тӯю меҳмонӣ нӯшанд ҳам меъёри худро медонанд ва сабаби норозигии завҷаашон намегарданд. Дар чунин оилаҳо муносибатҳои оилавӣ самимӣ ва зиндагӣ осоишта ҷараён меёбад. Қисми дигари

ҷавонмардон аз истеъмоли машрубот худдорӣ карда наметавонанд, меъёрашонро намедонанд ва ҳар гоҳ аз меҳмонӣ ё кор сархуш бармегарданд. Донишманди тоҷик Закариёи Розӣ дар китоби «Тибби рӯҳӣ» менависад: «Майпарастӣ ва махсусан, ба бардавомӣ табдил ёфтани он яке аз падидаҳои хеле бадест, ки оқибат касро ба ҳалокат ва фалокатҳои бисёр бурда мерасонад... . Илова бар ин нӯшидани зиёд одамро аз ақл бегона мекунаду ба кас беҳаёӣ ато менамояд ва ҳарзагӯй месозад. Ғайр аз ин шахсро аз идроки амалҳои оинию дунёӣ, яъне, моддию маънавӣ боз медорад». Дар ҳақиқат шахси майпараст рафтору кирдори худро идора карда наметавонад. Ҳар гоҳ ки маст ба хона баргардад бо ҳар баҳона моҷаро мекунад, зан ва аҳли оиларо меранҷонад. Муносибатҳои неки заношӯӣ вайрон мешаванд ва агар мард сари вақт аз амали худ хулосае набарорад, оқибат оила вайрон мегардад. Шоир ва донишманди тоҷик Камолиддини Биноӣ дар замони худ ба муқобили мастӣ баромада кӯшиш кардааст, ки зарарҳои онро ба одамон фаҳмонад, онҳоро аз ин роҳи бад нигоҳ дорад. Дар мазаммати мастӣ Биноӣ менависад:

Эй бародар, маёр рӯ ба шароб!
Баҳри андӯҳу меҳнат аст ин об.
Душмани ақлу хасми ҷон ин аст,
Хонавайронкуни ҷаҳон ин аст...
Эй басо хонаҳо, ки сели шароб,
Дод барбод бар мисоли ҳубоб.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Дар вайрон шудани муносибатҳои занушавҳарӣ кӣ бештар айбдор аст?
2. Оид ба майпарастии мардон чи хел андеша доред?
3. Дар моҷароҳои зану шавҳар кӣ бояд бештар худдорӣ кунад?
4. Моҷароҳои оилавӣ бештар бо айби кӣ (падар ё модар) ба амал меояд?

## §30. ОҚИБАТҲОИ ВАЙРОНШАВИИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ

Бузургтарин ғалати оила ва оиладорӣ «тақдиру қазо ҳамин аст» гуфтану ба нокомӣ ва гирифторӣ тан додан аст. Он оиларо хароб, зану шавҳари дӯстдорро аз висоли ҳамдигар маҳрум, хешовандонро ноумед ва фарзандонро сарсону ҳайрон месозад.

Агар зану шавҳар бо маслиҳату машварати оқилона пеши чунин офатҳои ғайричашмдоштро нагиранд, он чунон оқибатҳои дардовари психологӣ ва педагогӣ ворид карда метавонад, ки онҳоро дигар ислоҳ кардан ғайримкон мегардад. Пеш аз ҳама хонаи умед вайрон мешавад. Зан бева мемонаду мард безан. Навхонадорон аз рӯи анъанаҳои миллии тоҷикӣ аз ибтидои хонадоршавӣ ва оғози зиндагии якҷоя соҳиби амволи ночиз бошанд ҳам, дорои молу мулки якҷоя мешаванд (он бизоате, ки волидони арӯсу домод ҳангоми тӯй ба арӯсу домод медиҳанд, монанди либосу палос, косаву табақ, чойнику пиёла, ҷевону мизу курсӣ, мошинҳои дарздӯзиву ҷомашӯӣ ва ҳатто радиову телевизион, тӯҳфаҳои тӯёнаи хешовандони тарафҳо, инъому ҳадяҳои ёру дӯстон ва ғайра). Бар замми ин навхонадорон дар натиҷаи меҳнати якҷоя даромадашонро беҳуда харҷ накарда, аз паи ободии хона мешаванд, ба таъбире хонаашонро обод мекунанд.

Вақте ки дар оила оромӣ ҳукмфармо буда, байни зану шавҳар сулҳу салоҳ пойдор аст ва онҳо бо маслиҳати ҳамдигар кор мекунанд, ин хеле хуб ва нуран алонур аст. Вале агар сулҳу салоҳ ва осоиши рӯзгор аз байн раваду моҷаро ғолиб ояд, баъд ҳисобу китоби чизу чора, ин чизро ман овардаму он чизро ту оғоз меёбад, ки ба анҷоми он расидан душвор аст. Ҳатто, идораҳои ҳуқуқӣ (аз ҷумла милиса, суд ва прокуратура) ҳам барои кушодани сари ин калоба баъзан оҷизӣ мекашанд. Ба ин кор хешовандон ва волидон ҳамроҳ мегарданд. Таънаву таҳқиру таҳдиди ҳамдигар оғоз мешавад. Баъзан кор ба муштy гиребон оид мешавад, ки он оқибати ислоҳнопазир дошта метавонад. Дар натиҷа на танҳо ду тан, балки ду авлод аз ҳамдигар ҷудо ва душмани ҳамдигар мегарданд. Агар зану шавҳар аз ҷумлаи хешони наздик бошанд, дар ин сурат бародар аз бародар, хоҳар аз бародар, амаку тағо аз ҷиян ҷудо мегарданд. Халқ бесабаб нагуфтааст: «Бо хешон қудо шудӣ, ҷудо шудӣ».

Нашояд ҳар замон ёре гирифтан,
Зи ёрон ҳар замон озоре гирифтан.
*(Ҳилолӣ)*

Одамро аз санг сахту аз гул нозук гуфтаанд, ки ин бесабаб нест. Зану шавҳар аз ҳамдигар ҷудо шуда, ғам мехӯранд, фироқ мекашанд ва тамоми гуноҳи ҷудоиро ба гардани тарафи муқобил

бор карда, хаёлан ӯро мазаммату маломат мекунанд. Вале об, ки ба замин рехт онро дигар бардошта намешавад. Мисли ҳамин фироқи ҷудоӣ низ оҳиста-оҳиста хомӯш ва фаромуш мегардад.

Фарзанд меваи умри инсон аст. Дар лаҳзаҳои ғаму шодӣ, комёбию нокомӣ, тансиҳативу беморӣ азизу наздик аст. Вале вай мӯҳтоҷи ғамхориву навозиш, таълиму тарбия, насиҳату роҳнамоӣ аст. Ба вай ҳамеша сарпарасте лозим аст, ки ба хушахлоқиву поксириштӣ, меҳнатдӯстиву инсондӯстӣ ҳидоят карда, дар мавридҳои зарурӣ аз роҳи нодуруст: бекорӣ, мунофиқӣ, қаллобӣ, дуздӣ, дурӯғгӯӣ баргардонад. Ин кор дар шароити оила як амали маъмулӣ буда, фарзандон онро чунон ки ҳ;ст ҳамон тавр қабул мекунанд. Вале, вақте ки оила вайрон шуд падару модар фарзандро ҳар қадом сӯи худ мекашанд ва тарафи муқобилро ба чашми вай душман ва сабабгори ҷудоӣ нишон доданӣ мешаванд. Насиҳати оддитарин, андаке зоҳир гардидани хашму ғазаб ва ҳатто суханони бо овози баланд гуфташуда ҳамчун таҳқири дағалона қабул карда мешавад. Агар ин кор аз тарафи падар ва ё хешони падарӣ зоҳир шавад, фарзандон аз онҳо ранҷида рӯй ба тарафи модар меоваранд ва агар акси ин ҳол рӯй бидиҳад, зуд ба хонаи падар мераванд. Дар чунин вазъият падар ва ҳам модар кӯшиш мекунанд, ки табъи дили фарзанд амал карда, ҳар талабу дархосташро аз будаш бештару беҳтар ба ҷо оваранд.

Ин кор оқибати ислоҳнопазир дорад. Фарзанди дар ин аём аз ҳар гузашту «меҳрубонии» волидони «душман» сӯистеъмол карда рӯз ба рӯз сернозунуз ва талабу дархосташ зиёд мегардад ва оқибат ба ҳукми одати муқаррарӣ медарояд. Волидоне, ки ҳамеша ба ҳар кор ҳозиру омода буданд, ҳар талабу дархости бачаҳоро бе каму кост ба ҷо меоварданд, рӯзе, ки ягон хоҳиши онҳоро баҷо наоваранд, фарзандон инро бисёр гарон қабул карда, дергоҳ фаромӯш намекунанд.

Зану шавҳари ҷудошуда баъди мӯҳлате, дер ё зуд андӯҳи хонавайрониро фаромӯш карда (агар фаромӯш кардани ишқи аввал имконпазир бошад), ба худ ҷуфти мувофиқе меёбанд ва аз нав ҳаёти оилавӣ ташкил мекунанд. Ин ба сари фарзандони онҳо боз як кулфати нав меоварад: онҳо дар хонаи падар мутеи модандар ва дар хонаи модар дастнигари падарандар мешаванд. Ин барои ташаккули маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонии онҳо таъсири ниҳоят бад мерасонад, зеро онҳо муносибати модарро бо марди бароишон

бегона ва падарашонро бо зане мебинанд, ки гӯё вай боиси бадбахтии модарашон гардидааст. Ин рӯҳу рафтор ва кирдору одоби наврасонро вайрон карда, онҳоро аз роҳи дурусти зиндагӣ мебарорад, зеро фарзандони чунин оилаҳо як рӯз (шояд як ҳафта ё як моҳ бошад) дар хонаи падару рӯзи дигар дар хонаи модар зиндагӣ мекунанд. Волидон рафта-рафта ба қисмати онҳо бепарво мешаванд. Чӣ кор кардан, куҷо рафтан, бо кӣ буданашонро намепурсанд, ки баъзан оқибати хузновари ин тарзи муносибат ба касе пӯшида нест. Фарзандони чунин оилаҳои бебарор аксар вақт аз хасдуздӣ то ба аспдуздӣ, аз бадахлоқӣ то ҷинояткорӣ расида метавонанд.

Мизогинистҳо — мардони занбезор, ки мо дар мавзӯи гузашта дар бораи он маълумоти мухтасар додем, маҳз дар чунин оилаҳо ташаккул меёбанд. Онҳо аз падар ҷудо шудани модарро ифодаи бевафоӣ, шавҳари нав гирифтанро бадахлоқӣ, ба хонаи падар ба ҷойи модар омадани зани бегона — моиндарро ҳарисиву шаҳватпарастии зан ҳисобида, ба кулли занҳо ҳисси нафрату бадбинӣ мепарваранд.

Баъд аз расман ҷудо шудани зану шавҳар фарзанди ноболиғ одатан дар тарбияи модар мемонад. Барои таъмини моддӣ ба падар нафақа (алимент) муқаррар мегардад, ки ҳар моҳ миқдори пули муайян ба собиқ ҳамсараш ирсол кунад. Вале вазифаи падар бо ин хотима намеёбад. Падар дар тарбияи фарзанд ҳам вазифадор аст, вай бояд ба дидорбинии фарзанд биёяд, аз аҳволи ӯ, хонданаш бохабар бошад. Агар лозим ояд таъсири падариашро истифода барад, то фарзанд бо роҳи хато наравад. Бештари падарон ин вазифаро ба ӯҳда доранд ва модарон ҳам ба ин дахолати собиқ шавҳарашон мамониат намекунанд. Аммо дар зиндагӣ чунин воқеаҳое дучор меоянд, ки модар барои вохӯрии фарзанд бо падар ва дахолат намудани падар дар тарбияи фарзанд монеъ мешаванд, дидорбинии падару фарзандро қатъиян манъ мекунанд. Намегузоранд, ки фарзанд ба дидорбинии бибию бобо ва хешу табори шавҳари собиқаш равад. Ин амал ба тарбияи хулқу рафтор ва психикаи фарзанд таъсири бад мегузорад. Барои озурда накардани хотири модар ва ҳам падар фарзанд роҳи фиреб, дурӯягӣ ва дурӯғгӯиро пеш мегирад. Агар ин рафтор сари вақт ислоҳ нагардад, дар ҳаёти ояндаи фарзанд сабаби бисёр ноxушиҳои зиндагӣ мегардад. Аз ин сабаб ҳам зан ва ҳам мард,

ки аз ҳамдигар ҷудо гаштаанд ҳаёти ояндаи фарзандонро бояд андеша кунанд.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Агар ҳаёти оилавии зану шавҳар бад бошад, ҷудо шудан лозим аст ё не?
2. Агар дар оила фарзанд бошад, баъд аз ҷудо шудани зану шавҳар, онҳо бо кӣ монанд беҳтар аст? Чаро?
3. Баъд аз ҷудошавии зану шавҳар, ки фарзанд доранд, муносибати онҳо бояд чӣ тавр ба роҳ монда шавад?

## §31. ИМКОНИЯТИ ПЕШГИРИИ НИЗОЪҲОИ ОИЛАВӢ

Инсон барои ташкили ҳаёти оилавӣ бо сад тадбиру чора кӯшиш мекунад, ки ба шахси хоставу пазируфтааш тақдири хешро пайваст кунад. Аз ин рӯ, издивоҷ давраи пурлаззату гуворотарини ҳаёти инсон аст. Дар чунин ҳолат ишқ ва муҳаббат тантана мекунад. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд: оё ин оила бобақо ва хушбахт шуда метавонад?

Ин ба марду зан вобаста аст. Агар онҳо дар пояи ишқу муҳаббат манзили оилавӣ бунёд карда бошанд ва ин оила бо сидқу вафо, меҳрубонии беғаш, эҳтироми тарафайн мустаҳкам гардад, он пойдор ва бобақо хоҳад буд. Нависандаи англис Дейл Корнеги дар китоби машҳураш «Оини дӯстёбӣ» оид ба ин масъала чунин навиштааст: «Пас аз таваҷҷӯҳи диққат дар интихоби ҳамсари шоиста муҳимтарин чиз адабу эҳтиром аст, ки бояд миёни марду зан боқӣ бошад. Кош, занони ҷавон ҳамон адаберо, ки нисбат ба мардони бегона изҳор мекунанд ба шавҳарони худ изҳор медоштанд. Зеро тамоми мардон аз занони тунд ва занони бешарму густох гурезон хоҳанд шуд».

Айнан ҳамин суханро дар нисбати мардон-шавҳарҳо низ гуфтан мумкин аст. Агар мард нисбат ба зан - ҳамсараш сидқан меҳр бандад, дар бораи саодат ва саломатии вай доимо ғамхорӣ кунад, ӯро бинавозад, кору кирдори некашро қадр кунад, зодрӯз, рӯзи тӯйи арӯсӣ ва санаҳои дигари хотиравиро фаромӯш накарда табрик гӯяд, тӯҳфае ва махсусан, гулдастае тақдим кунад, доимо дар зиндагӣ комёб ва муваффақ мегардад.

Баръакси он, беэътиборӣ, беҳурматӣ, дағалӣ зоҳир карда, ба ҳар кораш эрод гирад, дар назди дӯстон, бегонаҳо айбу нах

занад, бо овози баланд гап зада таҳқир кунад, бетаъхир мукофоти амал хоҳад гирифт. Дар зиндагӣ дағалӣ, бадкирдорӣ, нохушӣ ба оқибатҳои бад меорад.

Ихтилоф байни зану шавҳар асосан аз масъалаҳои майдатарин ва ба назар беаҳамияте сарчашма мегирад. Масалан, гоҳо агар яке сухани дигареро бурад ва ё маъқул надониста, раъйу матлаби худро пеш гузорад ё худ ҳангоми гусел, хайрухуш тундиву сардие зоҳир намояд ё матлабашро иҷро накунад, боиси шӯру ғавғо ва ҳатто ба хотима ёфтани ҳаёти оилавӣ мерасонад.

Бесабаб гузаштагони фазилатдӯсту бохирад нагуфтаанд:

Мард бояд, ки ҳаросон нашавад,
Мушкиле нест, ки осон нашавад.

Дар зиндагӣ ҳама мушкилотро бидуни низоъ, мунокиша, ҳаросу таҳлука бо тамкину бурдборӣ ва бо мулоҳиза ҳаллу фасл кардан ва бо эътидол овардан мумкин аст. Барои ин пеш аз ҳама хашму ғазаби худро фурӯ бурда тавонистан лозим меояд. Касе, ки аз ӯҳдаи ин кор баромада, аз талху фаҳшгӯиҳои тарафи муқобил заррае ба ғазаб намеояд, қодир аст, ки ба муносибати дағалона бо нармиву ширингуфторӣ ҷавоб дода, ҷаҳлу ҷаҳолат ва қаҳру ғазаби ҳарифро паст гардонад. Ин ҳолат дар муносибати зану шавҳар, падару писар, модару духтар ва бародар бо бародар бештар мушоҳида мешавад. Дар ҳолати ба амал омадани баҳсу талош ё аз ҳазлу шӯхӣ бархестани моҷаро яке аз тарафҳо ғазабашро фурӯ бурда, бигӯяд, ки «хайр ҷонакам (бародарам, хоҳарам, модарҷон, падари азиз) маро бубахшу озурда нашав, хато аз ман гузашт, дигар ҳаргиз такрор намекунам» бо ҳамин олам гулистон мешавад. Бар замми ин агар вай навозишкорона даст ба китфи ҳарифаш гузошта, сару рӯяшро сила кунад, дар ин сурат ғазаб ҷои худро ба меҳрубонӣ медиҳад.

Барои паст кардани моҷарои оилавӣ, таскин додани дилҳои ба шӯр омада дахолати калонсолон, хешовандон, маслиҳату машварати дилсӯзонаи онҳо ниҳоят зарур ва муҳим аст. Вазифаи бошарафтарини волидону хешовандон, ёру дӯстон ва ақрабои дуру наздик он аст, ки оқибати мунокишаро бо таҳаммулу бурдборӣ фаҳмонда, зану шавҳарро оштӣ диҳанд ва оиларо аз вартаи харобӣ ва барҳамхӯрӣ раҳонанд. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ бамаврид гуфтааст:

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.

Гузаштагони миллати тоҷик дар навиштаҳои худ пайваста дар бораи ҳаёти оилавӣ, зиндагии хубу гуворо андешаҳои муфид баён кардаанд. Онҳо дар ашъорашон ҳамеша пойдории оила ва мустаҳкамшавии паҳлӯҳои гуногуни онро тараннум мекарданд. Имрӯз ин анъанаро аз нав эҳё кардан, аз донишу таҷрибаи андӯхтаи гузаштагон ва калонсолони авлодҳои имрӯза баҳра бурдан лозим аст.

Ба фарзанд ҳамеша насиҳат мекарданд: «Арӯсатро дӯст дорӣ, ба қадраш бирас, аз ҳама боло гузор, бадном накун, ки нанги вай-нанги ту ва нанги ҳамаи мост».

Дар оила калонсолон аз таҷрибаи рӯзгор, аз дидаву шунидаҳо ва саргузаштҳои талху ширини худ ба фарзандон сабақ медиҳанд. Муҳимаш он аст, ки наклу ривояти эшон ба зиндагии тифоқи оилавӣ талқину ҳидоят мекунанд. Масалан, баъзан бобо, бибӣ ё яке аз волидон сахву хатоҳои дар ҷавонӣ содир кардаашонро ёдовар шуда, навхонаҳоро насиҳат мекунанд, ки аз ин хатоҳо ибрат гиранд ва хулоса бароранд.

Аз ин рӯ, касе, ки сабақу насиҳатҳои пирони хирадмандро бо некӣ пазируфта, дар зиндагӣ аз онҳо ибрат мегирад, комёбу некном мегардад.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Саҳми волидон дар пешгирии низоъҳои оилавӣ аз чӣ иборат аст?
2. Гоҳо занон барои шикоят аз шавҳар ба идораҳои расмӣ ва ҷойи кори онҳо мераванд. Ба фикри шумо ин рафтори онҳо дуруст аст?

## §32. АНЪАНАҲОИ ТӮЙИ АРӮСИИ ТОҶИКОН

Ҳар миллат дорои анъанаҳои бои миллии худ мебошад. Суннатҳо дар маросимҳои гуногуни ҳаёт истифода мешаванд. Анъанаҳои маросими тӯйи арӯсӣ яке аз қадимтарин суннатҳои халқи тоҷик мебошад, ки дар давоми асрҳо такмил ёфта, бо баъзе тағйиротҳо дар тӯйҳои арӯсии даврони мо истифода мешаванд.

Маросимҳои тӯй дар ҳамаи ноҳия ва вилоятҳои Тоҷикистон якхела нестанд. Дар баъзе ноҳияҳо ин маросимҳо бо ҷузъҳои худ фарқ доранд, аммо асоси онро суннатҳои даҳсолаҳо андӯхта ташкил медиҳанд.

Ҳоло ба хусусиятҳои маросими тӯйи тоҷикӣ шинос мешавем, ки бо баъзе дигаргуниҳо дар тамоми ҷумҳурӣ паҳн ва қабул шудааст.

Баъд аз «ноншиканон» ё «фотеҳа» рӯзи тӯйи арӯсӣ таъин мегардад. Дар ин муддат тарафи домод ба хонаи арӯс ҷиҳози тӯй: сарулибос, матоъ ва хӯроквории фармударо мебаранд.

Баъд аз дӯхта шудани либосҳои арӯс, кӯрпаю кӯрпача, рӯзи тӯй таъин мегардад. Ҳамаи ёру дӯстон, хешу табор ба тӯй хабар карда мешаванд. Одатан ба хабарбар аз тарафи хешу табор ва дӯстон тӯҳфа (ҷома, миёнбанд, тоқӣ) дода мешавад. Хабарбар ҳамаи анҷоми ҷамъшударо ба хонаи тӯйдор месупорад. Ин анҷомҳо ба тӯйдор як навъ ёрии моддӣ мегардад, чунки тӯйдор ҳам аз рӯи расм ба меҳмонон тӯҳфа медиҳад.

Рӯзи тӯй дар ҳар ду хонадон — хонаи арӯс ва домод меҳмонон ҷамъ меоянд. Дугонаҳо арӯсро оро медиҳанд. Барои меҳмонон зиёфат тайёр карда мешавад.

Рӯзи тӯй домод либосҳои домодӣ: ҷомаи беқасаб, тоқӣ, пойафзоли нав мепӯшад. Миёнбанд ва даструймолро ба домод бояд арӯс фиристад. Домод бо рафиқонаш ба хонаи арӯс равон мешаванд. Шоҳмардон (ёру дӯстони домод) домодро дар байни худ гирифта бо ҳамовозии мусиқӣ сурудхонон ба хонаи арӯс мераванд.

Дар хонаи арӯс меҳмононро хуб пазироӣ мекунанд. Дар деворҳои ҳуҷрае, ки арӯс ва дугонаҳояш менишинад, либосҳои арӯсӣ (сару либос) овехта мешаванд. Арӯс бо якчанд дугонаҳои наздикаш дар паси чодар менишинад.

Баъд аз анҷоми маросими никоҳ домодро рафиқонаш сурудхонон ба ҳуҷраи арӯс мебаранд. Дар даромадгоҳ барои домод пояндоз густурда мешуд ва ҷавонмардон барои ба даст овардани он мубориза мебаранд. Касе, ки соҳиби пойандоз мегардид бо нияти нек онро ба миёнаш мебаст. Баъд аз он домод дар паҳлӯи арӯс рост меистад. Баробари ба паси чодар даромадан домод кӯшиш мекард, ки аввал шуда пои келинро зер кунад. Арӯс бошад, пояшро мекашад ва мехоҳад, ки пои домодро зер кунад. Мегӯянд, ки касе пои дигареро аввал шуда зер кунад, сухани ӯ дар оила қонун аст. Ҳамаи ин амали онҳо ба як мусобиқаи хандаовар монанд буда, сабаби шӯхию хандаи ҳозирон мегардид.

Баъд ба назди арӯсу домод волидони духтар даромада, онҳоро ба нишастан даъват менамуданд. Мувофиқи анъана домод

хомӯшу сархам рост меистад. Пас, падарарӯс ба домод тӯҳфа ваъда мекард. «Шинед, домод, аспамро ба шумо тӯҳфа мекунам» ё ин ки «Ҳамин ҳавлию хонаро бо тамоми ҷиҳозаш ба шумо тӯҳфа кардам» - мегӯяд. Ин маросим ҳам манбаи ҳазлу шӯхиҳои ҳозирин гашта ба тӯй хандаю хурсандии зиёд меоварад. Модари арӯс ҳам суханҳои шавҳарашро қувват дода бо домод: «Шумо ҳам ба мо писар шудаед, аз ҳама чизи қиматамонро ба шумо додем, ҳамаи давлатамонро ба шумо мебахшем. Умед дорем, ки шумо бо фарзандонатон дар пириамон моро дастгирӣ мекунед».

Баъд аз ин домод нишаста арӯсро ҳам ба нишастан даъват мекунад. Одатан домод ба арӯсшавандааш атр, собун, оина, гӯшвор ва ангуштарин тӯҳфа мекунад. Ангуштаринро худаш ба ангушти арӯс мегузаронад. Холаҳо (хешони арӯс) ба онҳо дар коса шарбат меоваранд. Домод косаи шарбатро гирифта ба хола тӯҳфае медиҳад. Аз шарбат як чанд қулт нӯшида, онро ба арӯс медиҳад. Ба онҳо дуо медоданд, ки зиндагиашон монанди шарбат ширин шавад.

Баъд аз ин ба домоду арӯс зиёфат меоваранд. Ин зиёфатро ҳафттаом ҳам мегӯянд. Дар дастархон мева, кулча, тухмҳои рангоранг, ширинӣ ва дигар хел хӯрокҳоро ҳозир мекунанд. Домод каме хӯрок хӯрда, дар рӯймоли миёнбанд барои рафиқонаш – шоҳмардон тухму чормагз, мавизу қандалот мебандад ва дигар анҷоми дастархонро ба занҳо мефиристад.

Баъд аз хӯрдани зиёфат арӯсу домодро бо либосҳояшон ба ҷойгаҳ мехобониданд ва либосу ҷои хоби онҳоро бо ҳазориспанд дуд медоданд. Ин амал ҳам барои муҳофизат намудани арӯсу домод аз «чашми бад» ба ҷо оварда мешуд. Ин маросим дар Қаротоғ ва баъзе ноҳияҳои дигар то ҳоло нигоҳ дошта мешавад. Шояд дар ноҳияҳои дигар чунин амал дар шакли дигар ба ҷо оварда шавад.

Занҳои дар ҳуҷра буда тамоми шаб дар он ҷо бо доира сурудхонию базм меоростанд. Пагоҳии барвақт домод (шаҳ) хеста ба назди рафиқонаш (шоҳмардон) мерафт. Барои ба хонаи домод бурдани арӯс тайёр мешуданд. Сараввал анҷом ва ҷодарро мефиристоданд. Баъд таго ё амак арӯсро ба асп савор карда, ба хонаи домод мебурданд.

Пеш аз равон шудан ҳамаи хешу табор ва ҳамдеҳагон ҷамъ меомаданд. Шахси мӯътабари деҳа, падару модар ба арӯс дуою орзуҳои неки худро мегуфтанд. Ҳамроҳи арӯс 4-5 нафар занҳо (хола, кайвонӣ) ҳам фиристода мешуд.

Ҳамин ки ба хонаи домод расиданд, дар назди дарвоза падари домод ҷилави аспро мегирифт ва атрофи гулхан 3 бор давр мезанонд. Баъд аз ин арӯсро ба ҳуҷра медароварданд. Дар таги пояш пойандоз мепартофтанд. Арӯсро зери чодар мешинониданд.

Занҳо назди арӯс ҷамъ омада «Саломнома» мехонданд. Дар саломнома мадҳи худою расул ва орзуҳои нек ба ҷавонон суруда мешуд.

Илоҳӣ, насли арӯсон пурсамар шавад,
Ба меҳр ҳар ду огӯши ҳамдигар шавад.
Шаванд хушдилу ба ҳам ҳамрозе,
Илоҳӣ, то дами пирӣ шаванд дамсозе,
Ба ошиқони покдоман салом мегӯем.

❁ ❁ ❁

Чӣ мешавад, ки хизмат ба ҷо кунед имшаб,
Муносиб аст, ки ҷонро фидо кунед имшаб.
Ба муддаои дилаш корҳо кунед имшаб,
Ки дӯсту душмани мо шодмон кунед имшаб,
Ба шафиқи ҷумла ҷаҳон салом мегӯем...

Ба арӯс ва занон дастархони тӯёна меоростанд. Занони деҳа, хешу табори домод бо дастархон ба назди меҳмонон меомаданд. Зиёфат, ҳазлу шӯхӣ, доирабазм то бегоҳ давом мекард. Бегоҳ дар ҳуҷра танҳо хешу табори арӯс мемонд. Домод ба ҳуҷраи арӯс медаромад. Барои онҳо ҷои хоб меандохтанд. Одатан ҷои хоби арӯсу домодро яке аз занҳои серфарзанд тайёр мекард ва орзу менамуд, ки онҳо ҳам бадавлату серфарзанд шаванд. Тарафи домод ба вай барои ҷой андохтану ниятҳои некаш бояд тӯҳфае инъом мекард.

Рӯзи дигар маросим «рӯбинон» сар мешуд. Арӯс аз хона бо рӯи пӯшида баромада ба ҳамаи ҳозирон таъзим мекард. Аввал ба «рӯбинон» модари домод шурӯъ мекард. Вай чодари рӯи арӯсро кушода аз ҳар ду рухсорааш мебӯсад ва тӯҳфае ҳадя мекунад. Ҳамин тариқ, ҳамаи хешу табори домод рӯи арӯсро дида ба вай тӯҳфае тақдим мекарданд. Баъд аз маросими «рӯбинон» арӯс аз хешу табори домод рӯяшро пинҳон намекунад.

Баъд аз як ҳафта падари арӯс домодро ба хонааш даъват мекард. Ба домодталбон домод ҳамроҳи падар, хешон ва рафиқонаш мерафтанд. То домодталбон мувофиқи анъана

домод бояд худро аз волидони арӯс пинҳон медошт. Агар дар ягон ҷо рӯ ба рӯ оянд, бояд пинҳон мешуд. Дар хонаи қудо барои домод ва рафиқонаш аз тарафи волидони арӯс тӯҳфаҳо тақдим карда мешуданд. Дар охир домод ба назди падарарӯс омада салом медод. Аз ҳамин рӯз пинҳон шудани домод ба охир мерасид. Ва ба ҳамаи хешони занаш салому алейк мекард.

Баъд аз якчанд рӯзи «рӯбинон» арӯсро ба корҳои хона шинос мекарданд. Модари домод арӯсро аз таги чодар бароварда, ба дастонаш равған мемолид. Арӯс бояд хамир карда кулча мепухт. Ҳамин тавр, ӯ ба иҷрои корҳои хоҷагӣ шурӯъ мекард.

Яке аз маросимҳои тӯй ин духтарталбон («арӯсталбон») мебошад. То иҷро намудани ин маросим арӯс наметавонад ба хонаи падару модар равад.

Ба «духтарталбон» арӯс бо хушдоман ва хешони шавҳараш мерафт. Дастархон мекарданд, гоҳо буз ё гӯсфанд ҳам мебурданд. Меҳмононро хуб пазирой карда, дар охири зиёфат ба модари домод ва ҳамроҳонаш тӯҳфаҳо тақдим мекунанд. Баъд аз ин арӯс дар хонаи падару модараш чанд рӯз меҳмон мешуд, пас аз он волидон ба арӯс сару либос ва тӯҳфаҳо карда ба хонаи шавҳараш мефиристоданд. Баъд аз ин арӯси ҷавон метавонист ба хонаи волидон бе даъват омаду рафт кунад.

Бештари маросимҳои тӯйи миллӣ дар шаҳру ноҳияҳо бо тағйиротҳои замонавӣ гузаронида мешаванд.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Кадом анъанаҳои тӯйи миллӣ ба шумо маъқуланд?
2. Дар тӯйи арӯсӣ кадом чизҳо зиёдатианд ва чиҳоро ҳамроҳ кунанд беҳтар мешавад?

## §33. УНСУРҲОИ МИЛЛӢ ВА ИНТЕРНАТСИОНАЛӢ ДАР ТӮЙҲОИ ҲОЗИРА

Рӯзи тӯйи арӯсӣ ҳам дар хонаи арӯс ва ҳам хонаи домод хурсандию хушнудӣ ҳукмфармо аст. Духтарон ба оройиши арӯс ёрӣ расонида, ба ӯ либоси арӯсӣ мепӯшонанд, мӯйҳои ӯро бофта, бо гулҳо оро медиҳанд, ҳазлу шӯхӣ мекунанд, ҳама хурсанду хандон.

Арӯс бо дугонаҳояш ва домод бо рафиқонаш ба мошини махсус оро дода шуда ба сӯи хонаи ақди никоҳ раҳсипор мешаванд.

Пас аз ба анҷом расидани маросими ба қайдгирии ақди никоҳ ҳама бо суруру шодмонӣ ва рақсу бозӣ ба зиёрати ҷойҳои таърихии шаҳру ноҳия (гулгузорӣ дар зери пояи қаҳрамонони ҷанги ватанӣ ва дигар одамони машҳури ҷумҳурӣ) раҳсипор мешаванд. Пас аз гулгузорӣ ва аксбардорӣ ҷавонон ба ҷойҳои хушманзараи атроф мераванд. Дар шаҳри Душанбе қатори ин мошинҳо одатан ба дараи хушманзараи Варзоб, ноҳияҳои атрофи шаҳр ба қалъаи Ҳисор равон мешаванд. Дар дигар шаҳру ноҳияҳо ҳам ҷойҳои хушманзара интихоб гардидаанд, ки баъд аз қайди ақди никоҳ ҷавонон ба он ҷо мераванд. Дар он мавзеъҳо муассисаҳои савдо доимо интизори меҳмон буда, барои тӯйҳо ҷойҳои махсус омода кардаанд.

Домод барои ҳамаи иштирокчиёни маросим бояд зиёфат диҳад. Баъд аз он ҳамаи иштирокчиён ба хонаи арӯс меоянд. Агар тӯй ба рӯзи қайди никоҳ таъин шуда бошад ва дар ҳавлии домод гузарад, бегоҳ домод бо ҳамроҳии рафиқонаш барои арӯс меоянд. Анҷомҳои арӯсро ба мошин бор карда бо намояндаи арӯс ба хонаи домод мефиристанд. Ба шахсе, ки анҷомҳои арӯсро мебарад, тарафи домод бояд тӯҳфае тақдим кунад. Ҳама омадани арӯсу домодро интизоранд. Ниҳоят, баъди омадани арӯсу домод дар назди дарвоза гулхан афрӯхта мешавад. Домод бо арӯс дар атрофи гулхан давр мезананд. Баъди вориди ҳавлӣ гардидан ба ҷое, ки махсус барои онҳо омода кардаанд, равон мешаванд. Ҳамин тариқ, бо созу суруд, суханҳои табрикии ёру дӯстон тӯй чанд соат идома меёбад.

Ҳоло анъанаи хубе ҷорӣ шудааст, ки маросими ақди никоҳ дар шабнишинии тӯйи арӯсӣ ба ҷо оварда мешавад. Барои ин арӯсу домод ҳангоми супоридани аризаҳояшон хоҳиш мекунанд, ки ақди никоҳи онҳо дар шаби тӯй ба қайд гирифта шавад. Хуб мешуд, ки чунин амал саросар ҷорӣ карда шавад. Баъд аз итмоми шабнишинӣ бо сурудҳои тӯёнаи «Ёр-ёр» - арӯсу домодро ба ҳуҷраашон гусел мекунанд. Бо ҳамин тӯйи арӯсӣ ба охир мерасад. Маросимҳои дигари тӯйи арӯсӣ мувофиқи анъанаҳои халқӣ ба ҷо оварда мешаванд.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Дар бораи тӯе, ки дар он иштирок кардед, нақл карда, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии онро таҳлил кунед.
2. Иштироки бачаҳою духтарони 10-12 сола дар зиёфати тӯёна дуруст аст ё не? Чаро?

## §34. ҶИҲАТҲОИ ЗАРАРОВАРИ ТӮЙҲОИ ДАБДАБАНОК

Мо тарзи умумии гузаронидани тӯйҳои анъанавии тоҷикӣ ва тӯйҳои ҳозиразамонро дида баромадем. Аммо дар бораи он маблағе, ки аз рӯзи ноншиканон то тӯйи калон ва домодталбону духтарталбон харҷ мешавад, ҳарфе нагуфтем.

Табиист, ки ташкили оилаи навро бе тӯю хурсандӣ, бе суруду ракс, бе меҳмону ёру дӯстон тасаввур кардан душвор аст. Аммо, баъзан тӯй на фақат ба маъракаи хурсандӣ, балки ба маъракаи пурташвише табдил меёбад, ки барои гузаронидани он солҳои зиёд ҷамъ намудани анҷому маблағ лозим мешавад. Дар бораи исрофи нодуруст тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо, садову симои ҷумҳурӣ бисёр навиштаанду гуфтаанд, вале барои пешгирии он ягон кори амалии чашмрас бурда намешавад. Чунин амали носавоб писардоронро гирифтори қарзи аз ҳад зиёд месозад. Онҳо баҳри аз қарз халос шудан солҳои тӯлонӣ заҳмат мекашанд. Хушбахтона, имрӯзҳо ба масъалаи гузаронидани тӯю маъракаҳо ва ба танзим даромадани он аз ҷониби роҳбарияти давлату ҳукумати ҷумҳурӣ диққати ҷиддӣ дода шуда истодааст. Барои камхарҷ гузаронидани маъракаю маросимҳои гуногун дар шаҳру ноҳияҳо ва маҳалҳо комиссияҳо аз ҷумлаи одамони кордида интихоб карда мешаванд. Онҳо тартиб ва камхарҷ гузаронидани маросимҳоро танзим ва роҳбарӣ менамоянд. Ин иқдом аз ҷониби мардум ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Барои баъзе оилаҳое, ки даромади муфт доранд, тӯй ба як навъ воситаи намоиши боигарӣ, обрӯ ва ном баровардан табдил ёфтааст.

Ҳодисаи қалингирӣ расман гӯё аз байн рафтааст, вале дар деҳоти шаҳру ноҳияҳо он амал мекунад. Ҳоло ҳам дар баъзе шаҳру ноҳияҳо қалин ситонида мешавад. Ин ҳодисаи нанговар ба як навъ созиши махфӣ табдил ёфтааст, ки номи онро «тӯҳфа ба арӯс» ё барои «анҷоми арӯс» иваз кардаанд. Дуруст аст, ки аз ин маблағ барои арӯс анҷоми рӯзгор, аз қабили диван, ҷевон, яхдон ва ғайра харида ҳамроҳи арӯс ба хонаи домод меоранд. Аммо зарурати онро касе намепурсад ва фикр ҳам намекунад. Одатан арӯсро ба хонаи волидайни домод меоранд ва онҳо ҳам ба фарзанди худ анҷоми рӯзгор харида, хонаи ӯро ба қабули арӯс омода месозанд. Баъзан чунин мешавад, ки ба анҷоми арӯс

дар ҳуҷра ҷой пайдо намешавад. Аз ин хотир беҳтар мешуд, ки волидайни духтар аз волидони писар на пул талаб мекарданду на «анҷоми духтар» мебурданд. Ҳар кас бо қадри имкону тавоноии худ ба духтар тӯҳфаи хотиравие медоданд, бисёр хуб мешуд.

Чизи дигаре, ки писардорро ба ташвиш меорад, ин фармоиши (бори) тӯёна мебошад. Ин фармоиш гову гӯсфанд, орду биринҷ, равғану қандалот, меваю нӯшокиҳо ва «сарупои» арӯсро дар бар мегирад. Барои арӯс миқдори хеле зиёди либос фармуда мешавад, ки гӯё то охири умр ҳамин либосҳои фармудашударо мепӯшида бошад. Аз читу сатин 100 метрӣ, аз атласу крепдешин, бахмал, крепсатин 20-30 метрӣ ва боз матоъҳои хориҷӣ фармуда мешаванд. Мутаассифона, дар фармудани либос худи арӯс ҳам иштирок мекунад ва либосвориҳое мефармояд, ки ба духтари «фалонҷӣ» оварда буданд. Дар натиҷа, номгӯи матоъҳои хориҷӣ ба якчанд ҳазор сомон (ба нархи бозор) мерасад.

Аз ин сабаб оилаҳое, ки соҳиби фарзанди зиёд мебошанд, маҷбуранд солҳои дароз барои арӯс овардан пул ҷамъ кунанд.

Хуб мешуд, ки волидони духтар пеш аз фармудани бори тӯй дар бораи ҳаёти ояндаи духтари худ фикр мекарданд. Зеро вай ҳам дар адо карданн қарзи тӯй дар хонаи шавҳар иштирок мекунад ва дар мушкилоти он шарик аст. Илова ба ин таънаҳои шавҳару волидони вайро ҳам мешунавад.

Одати зараровари дигаре, ки ҳанӯз дар тӯйҳои миллӣ ҷой доранд, ин либоспӯшонӣ мебошад. Ҳам тарафи домод ва ҳам тарафи арӯс аз рӯи қонунҳои нонавишта вазифадоранд ба қудоҳо ва хешу табори наздики онҳо либос пӯшонанд. Ғайр аз ин ба меҳмонҳое, ки бо тӯҳфа ба тӯй меоянд бояд либос пӯшонанд. Хуб мешуд, ки шӯроҳои маҳалла бо аҳолӣ маслиҳат карда аз ин одати зараровар даст мекашиданд. Онҳое, ки ба навхонадорон тӯҳфае меоранд, бояд он ҳамчун ёрии беғаразонаи дӯстона бошад.

Имрӯзҳо дар гузаронидани тӯйҳои арӯсӣ навигариҳои зиёде ба назар мерасад, ки онро тӯйҳои ҳозиразамон меноманд. Аммо тӯйҳои ҳозиразамон ҳам аз камбудӣ холӣ нестанд ва гоҳо аз тӯйҳои пештара сермасрифтар мегарданд. Барои мисол порчаеро аз китоби «Ҳусни инсон»-и Хуршеда Отахонова мутолиа менамоем.

«Дугонаҳо ба ороиши арӯс ёрӣ мерасонанд, мӯйҳои арӯсро мебофанд, ба онҳо гул мехалонанд, либос мепӯшонанд. Чеҳраи ҳамаашон шоду хуррам буд. Аз берун суруди ҷавонон ба гӯш расида ва аз ҳама пеш як гурӯҳ ҷавонписарон «домод омад», «домод омад»- гӯён ба хона даромаданд. Арӯс ба пешвози домод аз ҷой хест. Дар рӯи ӯ офтоби бахт табассум мекард. Домод ӯро ба мошин таклиф намуд. Ҳамин дам духтаре давида даромаду гуфт, ки домод фақат панҷ мошин овардааст. Ҳама намегунҷанд.

Чеҳраи арӯс дар як дам тира гашт. Ӯ гуфт, ки то ҳамаи дугонаҳояш ба мошин нашинанд, ҳеҷ куҷо намеравад. Домод худашро гум кард ва имдодталабона ба ҷӯраҳояш нигарист. Яке аз онҳо ман ҳозир ёфта меоям гӯён ба тарафи кӯча давид. Вале дар кӯчаҳои мо ба зудӣ таксӣ ёфтан осон не... Ҷӯраи домоди мо фақат як мошин ёфта омад, вале он ҳам кифоя набуд. Дар охир арӯсро розӣ кунонданд, ки мошинҳо гашта омада боқимондаашро гирифта мебаранд.

— Магар рафтани ҳама шарт аст, - гуфтам ба апаи арӯс, ки ин маросимро сардорӣ мекард.

— Албатта шарт аст, - гуфт ӯ, ки низ димоғаш сӯхта буд.

— Баъд аз қайди никоҳ, ҳама ба ресторан бояд якҷоя равем.

— Магар тӯй дар ҳавлии худатон намешавад? - пурсидам аз ӯ.

— Тӯйи калон дар ҳавлиамон мешавад, вале ресторан роҳи худаш катӣ, - гуфт ӯ.

— Наход ҳаминро ҳам нафаҳмед, - хондам дар чашмони ӯ.

— Хеле вақт аст, ки баъди қайди никоҳ ба ресторан рафтан расм шудааст ва хоҳари ман ҳам аз ҳеҷ кас кам нест. Мувофиқи расму русуми ҳозира гузаштани тӯйи вай ҳам зарур-дия!»

Ҳамин аст як умумияти оғози ҳамаи тӯйҳои ҳозирамон. Аммо аз тарафи кӣ расмӣ гардидани ин «расму русуми ҳозиразамон» маълум набошад ҳам, ба ҷо овардани он ҳатмӣ гардидааст. Духтарон, барои зиёд шудани обрӯю эътибори худ кӯшиш мекунанд, ки қатори мошинҳои сабукрав рӯзи қайди никоҳ дар назди хонаашон зиёдтар бошад. Дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе, назди идораҳои ба қайдгирии ақди никоҳ, бисёр вақт дучори чунин қаторҳо мегардем, ки пеш-пеш мошини «Чайка»

ва аз думболи онҳо то 10-15 мошинҳои сабукрави ородода меравaнд. Чунин амал дар ноҳияҳои деҳоти ҷумҳурӣ расм шудааст.

Баъзеҳо ин корро барои худситой, намоиши сарвати худ ба ҷо меоранд. Дигарон бошанд ба онҳо таклид мекунанд, ки «духтари мо аз кӣ кам». Амали ин қабил одамон аз рӯи хирад нест. Чи тавре ки Саъдии Шерозӣ фармудааст:

Аз андоза бартар манеҳ пои хеш,
Хирадро нигаҳ дор дар ҷои хеш!
Маро панд додаст марди ҳаким,
Ки: «Поят фузунтар макаш аз гилем!»

Оре, ҳар кор ҳадду андозае дорад, масрафи беҳударо дар ягон замон тавсиф накардаанд.

Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» оид ба ин масъала чунин овардааст: «Чун чунин аст, андаке гуфтам, аз вай бештар чизе талаб макун, духтарфурӯш мабош, ки домод худ муруввати хеш бинагзорад ва мардумӣ ба ҷое наравад. Ту он чӣ дорӣ бадал кун ва духтар дар гардани вай банд ва бираҳон худро аз ин меҳнати азим. Ва дӯстро ҳамин панд деҳ то бар ин ҷумла ӯ низ биравад».

Андеша кунед, ки агар домод 8-10 мошинро барои 2-3 соат киро кунад чӣ қадар маблағи беҳуда сарф мегардад? Магар беҳтар нест, ки ин маблағ дар рӯзгориояндаи ҷавонон сарф шавад!

Маросими зарароварн дигаре, ки солҳои охир ҷорӣ гардидааст, баъди аз қайди никоҳ гузаштан ҳатман ташкил кардани зиёфат дар ресторан мебошад. Бисёр вақт ин зиёфатҳо дар ресторанҳои атрофи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида мешавад. Дар ин зиёфатҳо ҳамон ҷавонписарону духтароне иштирок меварзанд, ки дар маросими қайди никоҳ ҳузур доштанд ва ҳамаи онҳо дар тӯйи асосӣ боз меҳмон мешаванд. Шумораи онҳо бисёр вақт ба 40-50 кас мерасад ва маблағи зиёде масраф мегардад. Гузаронидани он шарт ҳам нест. Ҷавонон метавонанд баъд аз гузаштани қайди никоҳ ба ҷойҳои ҳушманзараи атрофи шаҳру ноҳия рафта тамошо кунанд, рақсу бозӣ ташкил намоянд, хушу хурсандӣ кунанд ва бе сарфу маблағи зиёдатию шаробнӯшӣ ба тӯйхона баргарданд.

Ба амалӣ шудани ин иқдом бояд аз ҳама пеш худи арӯсу домод саҳм гузоранд. Худи онҳо аз чунин маросимҳое, ки масрафи беҳудаю маблағҳои зиёдро талаб карда, волидонро гирифтори қарз мекунад, даст кашанд ва ба касе пайравию тақлид накунанд. Оид ба тақлиду пайравӣ кардан шоир хеле хуб гуфтааст:

Мабош бандаи тақлид, агар на ҳайвонӣ.

Дар ҷумҳурии мо ҳам одат шудааст, ки шабнишинии тӯйҳои арӯсӣ ба тарзи ҳозиразамон гузаронида шавад. Хусусияти асосии ин тӯй дар он аст, ки дар тӯйхона мизу курсиҳо гузошта мешаванд. Ба арӯсу домод дар маркази базмгоҳ ҷой тайёр мекунанд. Дар деҳот ҳоло агар арӯсу домод дар миз нишаста дар тӯй иштирок кунанд, онро тӯйи ҳозиразамон меноманд.

Вақте ки тӯйҳои ҳозиразамонро тарғибу амалӣ мекарданд, дар назди онҳо ду вазифаи муҳим меистод: якум, барҳам додани никоҳи шаръӣ, ки аз тарафи домуллоҳо баста мешуд ва пурра ҷорӣ намудани ақди никоҳ дар муассисаҳои давлатӣ; дуввум, камхарҷу каммасраф намудани тӯйҳои арӯсӣ.

Аммо тӯйҳои ба ном ҳозиразамон аз ӯҳдаи дар наздашон гузошта шуда баромада натавонистанд. Маросими никоҳи шаръӣ, ки тӯли асрҳо ба халқи тоҷик анъана шудааст аз байн нарафт. Баъд аз гузаштани қайди никоҳ дар идораи ба қайдгирии никоҳ, ҷавонон ҳатман аз қайди никоҳи шариатӣ ҳам мегузаранд. Никоҳи шариатӣ ба бахту саодати ҷавон ягон зараре намерасонад.

Дар баъзе тӯйҳои ҳозиразамон аз ҳад зиёд истеъмол намудани машрубот ба чашм мерасад. Тӯйдор пеш аз шабнишинии тӯй ба ҳамсояҳо, ёру дӯстон, ҳамкорон зиёфати тӯёна мероянд. Ин зиёфат одатан бе истеъмоли машрубот гузаронида мешавад. Бегоҳ бошад, болои мизҳоро шишаҳои майу шароб, коняку шампонҳо оро медиҳанд. Ҳамин тариқ, мақсади асосии тӯйи ҳозиразамон аз байн рафту хароҷоти тӯйи арӯсӣ боз ҳам зиёдтар гардид. Илова бар ин, дар шабнишиниҳои тӯёна аксаран ҷавонон иштирок мекунанд, истеъмоли бемеъёри машрубот гоҳо ба воқеаҳои нохуш анҷом меёбад.

Аз ин сабаб бо мақсади пешгирии исрофкорию хароҷоти зиёдатӣ беҳтар аст зиёфат бо шабнишинии тӯёна якҷоя

гузаронида шавад. Хуб мешуд, ки истеъмоли машрубот ҳам дар тӯйҳо кам шуда, оҳиста-оҳиста аз байн равад.

Маблағи аз тӯй боқимонда ва тӯҳфаҳои ба навхонадорон тақдим шуда минбаъд дар ҳаёти оиладории онҳо зарур мешавад.

Мутаассифона, солҳои охир либосҳои анъанавии миллии домоду арӯс қариб тамоман аз байн рафтааст. Либосҳои арӯсу домод тақлиди кӯр-кӯрона ба либоспушии тӯёнаи аврупоӣ мебошад. Ин тақлидкорӣ ҳатто то ба деҳаҳои дурдасти ҷумҳурӣ расидааст ва арӯсон пироҳани сафеди арӯсии аврупоӣ мепӯшанд, ки домони он хоку лои кӯчаро мерӯбад. Ба сар бошад кулоҳу фата мепӯшанд, ки ҳеҷ ҳусни онҳоро намеафзояд ва аз рафтори арӯс маълум мегардад, ки ин либосро аввалин бор мепӯшанд ва худро ноҳинҷор ҳис мекунанд. Магар беҳтар нест, ки либосҳои миллии арӯсиро ба бар кунем ва анъанаҳои миллии худро эҳё намоем!?

Либосҳои арӯсии тоҷикони Самарқанд, Хуҷанд, Бадахшону Хатлон чӣ камӣ доранд? Сарандозҳои миллӣ, ки худи духтарон ба тӯйи арӯсиашон бо як ҷаҳон орзу гулдӯзӣ мекарданд аз фатаи аврупоӣ чӣ камӣ ва бадӣ дорад? Бадӣ дар худи мо аст, ки анъанаҳои миллии хешро эҳтиром намекунем ва анъанаҳои миллии аҷдодамонро ба фаромӯшӣ месупорем.

Рӯзе бо дӯстам аз майдони марказии Душанбе мегузаштем. Дар назди ҳайкали Исмоили Сомонӣ одамони зиёдеро дидем. Мардум ҳама ба он тараф мешитофтанд. Мо ҳам ба он ҷо равон шудем. Дидем, арӯсу домоди ҷавон бо дугонаю ҷӯраҳояшон дар назди ҳайкал расм мегирифтанд. Дар ин амал ягон чизи диққатҷалбкунанда набуд, чунки бештари ҷавонон баъди никоҳ ба ин ҷо меоянд ва ба пояи ҳайкал гул гузошта, расми хотиравӣ мегиранд.

Диққати мардумро он ҳолат ҷалб карда буд, ки арӯсу домод ва ҳамроҳонаш либоси миллии тоҷикӣ бар тан доштанд. Домод бо ҷомаи миллӣ ва дар сар саллаи сафед, арӯс бо либосҳои арӯсии миллӣ — дар сар қоши тилло ва сарандози зарбофӣ, дугонаҳо ҳама бо куртаҳои атлас ва ҷӯраҳо бо ҷомаю тоқӣ дастҳо пеши бар барои сурат гирифтан саф кашида буданд. Диққати як гурӯҳ туристони хориҷиро, ки ин дам ба майдон омаданд, зебоию рангорангии либосҳои миллӣ ҷалб намуданд ва аз ҷавонон хоҳиш карданд, ки каме таваққуф кунанд, то онҳо ҳам аксашонро гиранд.

Дар ҳақиқат, арӯсу домод ва ҷавонон бо либосҳои миллии тоҷикӣ зебою диққатҷалбкунанда менамуданд.

Умед аст, ки ҷавонон ба қадри маданияти бою қадимаи худ расида, дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ ҳам дар либоспӯшӣ ва ҳам дар ба ҷо овардани маросимҳои миллӣ эҳтироми онро ба ҷо меоваранд.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Ақидаи шумо дар бораи тӯйҳои дабдабанок чӣ хел аст?
2. Магар дар тӯйҳо нӯшидани шаробу май шарт аст?
3. Муносибати шумо ба тӯйҳои ҳозиразамон чӣ гуна аст?

# БОБИ VII
# ОИЛА ВА ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

## §35. ТАВАЛЛУДИ ФАРЗАНД – ТАШВИШ ВА ХУРСАНДИИ ОИЛА

Акди никоҳ ихтиёрӣ буда, ба муҳаббату алоқаи байни марду зан асос ёфтааст. Акди никоҳ - иштироки ду кас, вале бе дахл ба шахсияти ҳамдигар аст. Баръакс, сифатҳои шахсии онҳо ба ҳам пайвасту қавитар ва устувору пойдор мегардад.

Ҳамин тавр, дар муҳаббат ду кас ширкат меварзанд ва шахси сеюм ба дунё меояд, ки ҷамъият ба вай эҳтиёҷ дорад. Яке аз вазифаҳои муҳими ҷамъиятии оила дар назди ҷамъият ин таваллуд ва ба воя расонидани фарзанд мебошад.

Фарзанд оиларо мустаҳкам намуда, қадру қимати онро баланд мебардорад, муҳаббати байни ҳамдигар ва эҳтироми падару модарро пойдор мегардонад. Муҳаббат ба фарзанд хусусияти хоси ҳар як инсон мебошад. Ҳамаи оилаҳо орзу доранд, ки соҳиби кӯдак бошанд. Аз ин рӯ, ҳамаи занону мардон орзуи модар ва падар шуданро доранд. Ҳисси модарӣ ва падарӣ дар табиати худи инсон ва тамоми табиати зинда мавҷуд аст.

Тавлиди кӯдак ҳодисаи хурсандибахшу муҳимми оила мебошад. Оилаи серфарзанд аз ҳама хушбахттарин ҳисобида мешавад. Тоҷикон чунин мақоле доранд: «Боигарӣ пулу мол нест, боигарӣ фарзанд аст». Ё дар байни халқ мегӯянд: «Вай одами бадавлат аст, 8 фарзанд дорад».

Фарзандро меваи умри инсон мегӯянд. Аз ин сабаб таваллуд ёфтани фарзанд дар оила хурсандии бузург аст. Махсусан, таваллуди кӯдаки нахустин дар оила ба тантанаи бузурги падару модар ва хешу таборон табдил меёбад.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҳаққи фарзанд гуфтааст:

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард.

Хабари хуши тавлиди кӯдакро ба хешу таборон ва наздикон бачаҳо мерасонанд. Баъди ба каси хабароваранда муждагонӣ додан ҳатман мегӯянд «ҳамин рӯзи нек ба хонаи мо ҳам биёяд».

Аз рӯи анъанаҳои тоҷикон ва халқҳои Осиёи Миёна тарошидани мӯи сари кӯдаки аввалин тантананок гузаронида мешавад, ки онро «сартарошон» меноманд. Ин суннат дар синни 1-солагӣ қайд карда мешавад. Дар ин рӯз хешу табор, ҳамсояҳо, мусиқачиёну овозхонон ширкат меварзанд.

Сартарош зери ҳавои мусиқӣ ва суруди шӯху дилпазир мӯи сари кӯдакро мегирад. Хешу табор, наздикон ба кӯдак тӯҳфа тақдим мекунанд.

Яке аз боқимондаҳои зарарноки имрӯза (ҳоло ҳам дар баъзе оилаҳои деҳот дучор мешавад) меҳнатро ба занонаю мардона ҷудо кардан мебошад. Бештар ин ҳодиса аз корҳои майда-чӯйдаи рӯзгор сар мезанад: кӣ бояд зарфҳоро шӯяд, хонаро рӯбучин кунад, ба бозор равад, ё ба кӯдак нигоҳубин намояд. Ҷавонон ҳар чи қадар ба рӯзгордорӣ кам тайёр бошанд, дар оила аҳлу тифоқӣ камтар аст. Дар натиҷа дар оила низоъ ба амал омада, он гоҳо ба вайрон шудани оила сабаб мегардад.

Барои ҳамин ҳам зарур аст, ки корҳои рӯзгорро чӣ мард ва чӣ зан бо ҳам баробар бинанд. Мардон ҳам дар шустушӯй, рӯбучини хона ва тайёр кардани хӯрок ба занон ёрӣ диҳанд.

Вақте ки дар оила кӯдак ба дунё меояд, мард бояд ба зан ва кӯдак ҳамаҷониба ғамхорӣ зоҳир намояд, корҳои душвори хонаро ба зимма гирад. Баъзан модарон шабҳо бедорхобӣ мекашанд. Дар чунин ҳолат падарон низ ба нигоҳубини кӯдак ёрӣ расонанд. Ҳангоми бемории кӯдак одатан модарон аксар вақт дар таҳлука меафтанд, парешонҳол мегарданд, дар чунин маврид мард бояд ботамкин шуда, занро ба оромӣ даъват кунад ва аз паи табобати бемор шавад. Якдилона иҷро кардани тамоми корҳои хоҷагӣ роҳи асосии пойдории оила ба ҳисоб меравад.

Дар доираи анъанаҳои миллӣ (ба муносибати таваллуди кӯдак) анъанаҳои нав низ ба амал омадаанд, ки инботантана супоридани шаҳодатномаи таваллуд, номгузорӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Ҳукумат барои беҳтар гардидани шароити зиндагӣ ва некуаҳволии модарон доимо ғамхорӣ мекунад. Дар ин хусус қарор «Дар бораи ёрӣ расондан ба модарони серфарзанд» шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки зиндагии занон, махсусан, дар деҳоти ҷумҳурӣ бисёр душвориҳо доранд. Зани тоҷик аз ҷавонӣ (дар деҳот) дар шароити ниҳоят вазнин кор мекунад. Зани ҷавон соҳиби фарзанд, ки гашт мушкилоти вай дучанд мегардад: аз як тараф фарзанд, кори хона ва боз кори саҳро. Мард бояд ин мушкилоти ҳамсари худро фаҳмад ва аз рӯи имконият дар кори хона ва тарбияи фарзанд ёрӣ расонад, мушкилоти занро осон намояд, зеро «фарзанд давлат аст» - мегӯянд мардуми мо.

Аммо бояд дар ёд дошта бошед, ки саломатӣ ҳам сарват аст ва ин сарватро бояд эҳтиёт кард. Агар модар саломатии хуб дошта бошад, фарзанди худро солиму боқувват тарбия мекунад.

Илми тибби муосир исбот намудааст, ки бефосила таваллуд намудани кӯдак ба саломатии зан зарар мерасонад. Ӯро заифу лоғар, камхун мегардонад. Баъзе занҳоро дидан мумкин аст, ки фарзанди аввал роҳрав нашуда боз таваллуд мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо модар дар тарбияи фарзандон азоб мекашад. Мувофиқи суннатҳои миллӣ барои фарзанди солимро ба воя расонидан модар бояд ӯро 2 сол шир диҳад. Дар ин давра фарзанд аз ғизои шири модар боқувват гардида, роҳгардон мешавад. Танҳо дар ин ҳолат модар метавонад фикри тавлиди фарзанди дигарро кунад.

Илми тиб ҳам тавсия мекунад, ки фосилаи тавлиди фарзандон камаш 3 солро ташкил диҳад. Дар ин муддат зан саломатию қуввати худро пурра барқарор мекунад ва мушкилоти тарбияи фарзандону кӯдаки навзод осон мегардад. Ҳамаи ин бояд бо розигии зану шавҳар амалӣ гардад. Барои танзими таваллуди фарзанд ва ҳомила шудан занҳо бояд бо маслиҳати духтури занон амал кунанд.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Таваллуди фарзанди нахустинро дар оилаи шумо чӣ тавр истиқбол мегиранд?
2. Ақидаи шумо оид ба серфарзандӣ чӣ хел аст?
3. Ба фарзанд кӣ бояд ном гузорад?

## §36. ПСИХОЛОГИЯИ КӮДАК ВА МУШКИЛОТИ ТАРБИЯ

Вақте ки кӯдак аз батни модар ҷудо шуда ба ҳаёт меояд, бисёр хислатҳои одамиро ба худ мерос мегирад.

Мақоле ҳаст: «Меҳурӣ, ки бимонӣ ё мемонӣ, ки биҳурӣ?» Қисмати аввал ба инсон ва дуюм ба ҳайвон тааллуқ дорад. Ҳиссиёти аввалине, ки дар кӯдакон зуҳур мешавад «хӯрдан», «нӯшидан» ва «хобидан» аст. Инҳо ҳиссиёти табиии онҳост. Қонеъ нашудани онҳо ба воситаи «бонги хатар», яъне гиря зоҳир мегардад. Навзод ҳоло забон ва адаб надорад. Инҳо маҳсули таҷриба ва тарбия мебошанд. Аммо мушкилоти асосии тарбияи кӯдак ин ҳиссиёти табиӣ ё нафсонии вай аст, ки ба тарбияи иҷтимоӣ- ахлоқии он монеъ мешавад. Ин масъала бисёр мураккаб буда, мутаассифона, он дар илм пурра таҳқиқ ва дар амал татбиқ нашудааст. Мувофиқи қонуни табиат организми кӯдак мисли ҳар мавҷудоти зинда бояд сари вақт бо хӯроку нӯшокӣ таъмин бошад. Бинобар ин ҳар гуна мушкилоти дар ин «роҳ» ба ӯ пешоянда боиси норохатӣ ва боиси хашму ғазаби ӯ мегардад. Тибқи ҳамин қонун инсоният чун қоида барои таъмини талаботҳои нафсонӣ-ҷисмонии худ, сӯи мақсадҳои дуру наздики худ ҳамеша ба роҳи осон ва кӯтоҳ ҳаракат мекунад ва агар он чизҳо муфт муяссар шавад, ба меҳнат даст намезанад. Меҳнат ҳамеша заҳмат ва машаққатро тақозо дорад. Ба таъбири дигар майли ҷисм ва талаби нафс бар он аст, ки ҳарчи зудтар ва беҳтар қонеъ шавад; ба ҳар чизе, ки хилофи ин аст муқобилият мекунад. Барои қонеъ гаштани майлу рағбат, эҳтиёҷу талаботи кӯдак садҳо чиз халал мерасонад. Дер шир додани модар, зуд ба даст нагирифтан, умуман, ҳар хел майлу рағбати пайдо шудаи кӯдакро дарҳол қонеъ накардан боиси хашму ранҷиши он мегардад. Ин ҳолат чандин сол давом карда, чун одати бад чизи муқарраре мешавад. Чунин вазъият то фаро расидани давраи тарбияи бихрадона (тақрибан аз 5 солагӣ сурат мегирад), ки «табиати дуюм» низ ҳисоб шуда, қувватдиҳандаи нафси ҷисмонӣ мебошад ва ба муқобили тарбияи маънавӣ қарор мегирад. Ба иборан дигар гӯем кӯдак табиатан дар худ ҳеҷ майлу хоҳиши ба касе «чизе» додан, бахшише намудан надорад. Ҳатто бозичаи ночизашро бебозгашт ба кӯдаке нахоҳад дод. Ин қонуни нафсонии ӯст.

Инсонеро тарбия намудан лозим аст, ки бар хилофи нафси хеш бошад. Ба таъбири Рӯдакӣ, бояд ӯро бар сари нафси худ амир бисозем. Одати танҳо аз паи нафси худ рафтанро, ки барои ӯ табиист ҳеҷ набошад «то нисф» кам намуда, расми «барои дигарон» ҳам саъй карданро омӯзем. Танҳо осонии кор ва кайфияти худро надониста, барои дигарон, ки дар навбати худ

барои ӯ кардаанду мекунанд, ташвиш ва заҳмате бикашад. Чунин рафтор барои ӯ бояд одат шавад.

Албатта, меҳнати худро ба кори нафъовар ва барои касе равона намудан ҳамон вақт характери устувор ва доимӣ гирифта метавонад, ки раванди он бисёр осон, мисли як бозии «қувваҳои рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ» бошад ва мутобиқи «қонунияти зебоӣ» анҷом пазирад ва муҳимаш ин ки вай ба одат табдил ёбад.

Одат хусусиятҳои худро низ дорад: 1. Ба осонӣ, бе заҳмат, муфт таъмин намудани талаботи организм хусусияти аввалини одат мебошад. 2. Шакл ё хусусияти дигари он кӯшиши бо андаке заҳмат қонеъ намудани талаботи бевоситаи худ мебошад. 3. Ниҳоят, шакли душвортарини одат ин меҳнат кардан (заҳмат кашидан) ба манфиати қувваҳое, ки бевосита ба шахс фоида намеоваранд. Онҳо одати иҷтимоӣ буда, аз рӯи зарурати ахлоқӣ, қарзи инсонӣ, амри виҷдон ба ҷо оварда мешаванд.

Моҳияти шахсро ҳамчун инсон ҳамин одату хислатҳо муайян мекунанд. Чунки сифатҳои наҷиби одамиро дар кӯдак тарбия ва одат кунондан кори басо душвор буда, тоқат, малака ва маҳорати махсус талаб мекунад.

Барои тарбияи самарабахш пеш аз ҳама хусусиятҳои психологии кӯдакону наврасонро донистан ва ба инобат гирифтан зарур аст. Волидон, тарбиятдиҳандагон ба инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон бояд диққати ҷиддӣ диҳанд. Дар синни навзодӣ ва кӯдакӣ писарбачаҳо ва духтарҳо қобилияти модарзодии худро инкишоф медиҳанд. Ин раванд ниҳоят босуръат буда, онро идора ва роҳбарӣ намудани калонсолхо зарур аст. Барои он ки ҷараёни мазкур ба самти номатлуб наравад, роҳҳои гуногуни ҳалли онро ҷустуҷӯ намудан лозим меояд. Масалан, дар ин марҳилаи инкишофи кӯдак ба вай имконияти бозиҳои мазмундору мақсаднок фароҳам овардан лозим аст. Ӯ аллакай ба иҷрои бозиҳои оддитарини мақсадноку мазмундор қобилият дорад. Ашёҳои бозӣ (бозичаҳо) бояд сурати ҳайвонот, асбобҳои гуногун, тасвири олотҳои техникӣ, сохтмон ва ғайра бошанд. Ҳангоми иҷрои онҳо (бозиҳо) қоида, унсурҳои амалиёти мазмундору мақсаднок дар назари кӯдак ҷилвагар шаванд. Ӯ ба чашми худ бинад, бо ақли худ санҷад, ба ҳунари дасти худ баҳо диҳад, тафаккур ва ҷаҳонбиниаш васеъ гардад. Бозичаҳо, ки образҳои аёнии ашёҳои воқеӣ ҳастанд, дар мавриди бозӣ кардан дар шуури кӯдак таассуроти воқеӣ пайдо карда, ба одат ва малака

табдил меёбад, ки ин барои ташаккули шахсияти кӯдак ва қобилияти эҷодии ӯ мадад мерасонад.

Амалиёти «образнок»-и кӯдак, бозиҳои давраи томактабӣ, машқҳои оддитарини таълимӣ ва дигар ҳаракатҳои аклонию ҷисмонӣ барои ӯ аҳамияти бузурги ҷамъиятӣ ва шахсӣ доранд. Аз тарафи кӯдак иҷро шудани он дар саҳнаи ҳаёт ба «бозӣ» даромаданро ба хотир меорад. Кӯдак бояд бармаҳал малакаи дарк намудани шаклҳо, воситаҳои фаъолияти иҷтимоиро аз худ намояд. Ин ба шахс дар ҷараёни ҳаёту меҳнати минбаъдааш барои ба саҳву хатоҳо роҳ надодан мусоидат менамояд. Ин ҳолат барои азхуд намудани таҷрибаи таърихии инсоният моҳияти тарбиявӣ - иҷтимоӣ дошта, инсон шахсияти худро муайян месозад. Ин раванд ҳар қадар озоду эҷодкорона, мақсадноку устувор сурат гирад, ҳамон қадар беҳтар ва бештар натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Агар баръакс бошад, натиҷаҳо низ номатлуб мешаванд. «Вобаста ба ҳамин, —менависад психолог А. В. Запорожетс, — психикаи кӯдакони як синну сол, ки дар шароитҳои мухталифи иҷтимоӣ-таърихӣ зиндагӣ мекунанд ва таҳти таъсироти тарбияи мухталиф мебошанд, бо вуҷуди нигоҳ доштани баъзе аломатҳои умумии синнусолӣ метавонанд хусусиятҳои структуравӣ, ҳархела ва мазмуни аниқи мухталиф дошта бошанд».

Зимнан бояд таъкид кард, ки чун фарқиятҳои психикаи кӯдакон вобаста ба шароит ва тарбия рух медиҳанд, барои ташаккулу такомули минбаъдаи ӯ беасар намемонад. Барои минбаъд комилу пурра гардонидани он заҳмати худи ӯ ва тарбиятгарон лозим меояд. Вале дар бисёр маврид ин нуқсон пур нашуда, аз раванди таъсири умумӣ ва пешравии ҷамъият қафо мемонад. Ин вазъиятро шартан ба эстафета монанд кардан мумкин аст, ки дар сурати як лаҳза ақиб мондан, суръатро суст кардан, аз дигар онро барқарор намудан ва бармаҳал ба марра расидан душвор ва ҳатто номумкин мегардад.

Дар марҳалаи томактабӣ сабзиши ҷисмонии кӯдак бисёр босуръат аст. Ақидаи баробар инкишоф ёфтани организм ва психика дуруст нест. Ҳарчанд ки инкишофи онҳо бо якдигар вобастагӣ доранд, вале вобаста ба шароити иҷтимоӣ, муҳити зист, тарзу вусъати тарбия яке ақиб ва дигаре пеш рафта метавонад. Равшан аст, ки кӯдак ҳарчи бештар бозиҳои шавқангезу мазмуннок, ҳаракатҳои мақсаднок, мушоҳидаҳои маънидор намояд, ҳамон қадар тез ва пурра инкишоф меёбад.

## РИВОЯТ:

Ҳокиме ду писар (экизак) дошт. Бо мақсади таълиму тарбия қалъаеро барои онҳо ҷудо намуд. Ва устодеро вазифадор намуд, ки ба онҳо аз тамоми фунуни замона ва маҳорати мардона таълиму тарбия бидиҳад. Ҳатто аз қалъа баромадани онҳоро қатъиян манъ намуд. Масъулияти муҳофизат, таълим ва тарбияи кӯдакон пурра ба зиммаи он устод буд ва ба ҳар ду бояд як хел муносибат мекард. Рӯзе устодро дар ғафлат ёфта яке аз онҳо берун меравад. Бозиҳои бачаҳои кӯчаро дида лаҳзае саргарми тамошо (мушоҳида ва мулоҳиза) мешавад. Устод аз ин ҳол бохабар шуда, филфавр ӯро ба ҷои худ мебарад. Коҳиш мекунад ва машғули тамрин (машқ) месозад. Аммо вай аллакай он бачаи пештара набуд. Сӯи бародараш маънидорона нигоҳ мекард, хаёлаш ба берун (озодӣ), ба бозӣ банд буд. Ҳоким аз ҳодиса воқиф гардида, устодро сахт мазаммат мекунад. Ҳар ду аз ин воқеа хиҷил мешаванд: ҳокими мағрур барои он ки нақшааш вайрон, хостааш имконнопазир гардид ва устоди оқил барои он ки ҳоким ноҳақ ӯро ҷазо ва бачаҳоро азоб додааст.

Шояд мақоли «Дили оча ба бача, дили бача ба кӯча» ҳам дар натиҷаи чунин таҷрибаҳо пайдо шуда бошад. Ривоят бо вуҷуди ҷиҳати бисёр хуб (нишонаи меҳри волидон ба фарзанд) доштан боз хусусиятҳои дигар ҳам дорад: муносибати манфӣ доштан ба бозии бача ва дигар машғулиятҳои ба ҳамин монанд ва ё ба назар нагирифтани онҳо шояд як дараҷа нодуруст бошад, зеро бача дар ҷараёни бозӣ, гардиш ва мушоҳидаҳо такомул меёбад. Аз ҷиҳати ҷисмонӣ инкишоф ва аз ҷиҳати маънавӣ (психикӣ) парвариш меёбад. Як хусусияти ниҳоят муҳими психологияи кӯдакро таъкид намудан махсус зарур аст.

Дар мавридҳои ранҷиши кӯдак аз ду чиз эҳтиёт шудан лозим аст: якум ӯро тарсондан, шарм доронидан, танқиду мазаммат намудан ва дуюм ба навозиш даромадан, бӯсидан, сила кардан, таърифи бардурӯғ намудан. Дар мавриди якум кӯдаки «зарбхӯрда» ва «дилшикаста» ба ҳолати боз ҳам бадтаре дучор меояд, маъюсу ноумед, оқибат тарсончаку беғайрат мегардад, минбаъд дар мушкилоти зиндагӣ рӯҳан «зудшикан» мешавад. Дар ҳолати дуюм эркаю нозук, мағруру нинчиқ мешавад, то андозае мустақилияти худро гум мекунад. Бинобар ин ҳангоми ранҷиш (дар мушкилоти дигар низ) ба кӯдак, бача, навҷавон имкон додан лозим аст, ки

худ мустақилона аз вазъияти ногувор бароягд, барои рафъи он кӯшиш намояд.

Кӯдак ҳамеша ба калонсолон: падару модар, бачаҳои кӯча пайравӣ ё тақлид мекунад. Пас ба ӯ намунаи бад шудан ё ибрати бад нишон додан лозим нест. Баръакс, дар амал намунаҳои хуби ахлоқӣ ва меҳнатиро дар пеши назари ӯ ҷилвагар сохтан зарур аст. Ӯ бояд равшан бинад, ки кадом рафторҳо ва кирдорҳо хубанду аз тарафи калонсолон баҳои мусбат мегиранд ва кадом ҷиҳатҳо манфӣ ва зарарноку бефоидаанд. Сипас ӯро водор намудан лозим аст, ки худ онҳоро санҷида бинад ва аз сар гузаронад. Барои устувор ва амиқ гардонидани позахр («иммунитет») бар зидди одатҳои зарарнок ҳамин «саргузашт»-ро таҷриба намудан мумкин аст. Барои чунин санҷиш махсус имконияту васоит фароҳам овардан шарт нест: бадӣ худ ба худ аз табиати одам (кӯдак) сар мезанад ё муқтазои табиати ӯ чунин аст, вале ҷиҳатҳои некро бошад, дар ӯ тарбият ва ё одат кунондан лозим меояд. Тавре ки Муҳаммад Ҳиҷозӣ дар «Ҳазор сухан» фармудааст: «Зулму бедод табиати мост, адлу додро бояд биомӯзем». Яъне «барои суди хеш аз паи зиёни касон» будан, барои фоидаи худ ба чизе (инсон, дарахтон, ҳайвонҳо, обу замин ва ғ.) ҷабр намудан ба одам (одами бетарбият, бемаданият, бадахлоқ) табиатан хос бошад (фоҷиаи экологиро ба ёд оваред), нисбат ба ҳама чиз ва ҳама кас аз рӯи адл ва ақл, имон ва инсоф муносибат намудан кори тарбия аст. Мақоли тоҷикии «Касе, ки одил нест, оқил нест» дар ин ҷо хеле бамаврид аст. Тарбиятгарони оқил ҳамеша аз паи тарбияи одилонаю оқилонаи кӯдакон мебошанд.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Ба тарбияи кӯдак аз кадом синну сол оғоз намудан лозим аст?
2. Бозӣ дар инкишофи кӯдак чӣ мақом дорад?
3. Рафтору кирдори волидон ба кӯдакон чӣ тавр таъсир мерасонанд?
4. Ба кӯдак рафтори бадашро чӣ тавр фаҳмонидан лозим аст?

## §37. ВАЗИФАҲОИ ВОЛИДОН НИСБАТ БА ФАРЗАНДОН

Таваллуди фарзанд барои зану шавҳари ҷавон ва хешовандони онҳо хурсандии калон аст. Шубҳае нест, ки барои хушбахтию мустаҳкамии оила таваллуди фарзанд бисёр муҳим аст. Фарзанд риштаи меҳру муҳаббати зану шавҳарро

мустаҳкам менамояд ва масъулияти онҳоро барои тарбияи фарзанд афзун мегардонад. Дар ҳақиқат, фарзанд давомдиҳандаи ному кори волидон ва ояндаи ҷамъияти инсонӣ мебошад. Ба ин муносибат Ҳофизи Шерозӣ гуфтааст:

Ҳаргиз намирад он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст дар чаридаи олам давоми мо.

Тарбия ва ба воя расонидани фарзанд қарзи муҳим ва вазифаи масъули падару модар дар назди ҷомеа, миллату Ватан ва умуман инсоният мебошад. Дар ҷумҳурии мо тарбияи фарзанд ба ҳукми қонун даровarда шудааст. Дар Конститутсияи ҷумҳурӣ сабт шудааст, ки «падару модарон барои тарбияи фарзандон масъуланд. Гражданинҳои ҷумҳурӣ вазифадоранд, ки дар бораи тарбияи бачагон ғамхорӣ карда, онҳоро бо меҳнати фидокоронаи ҷамъиятӣ тайёр намуда, ҳамчун аъзоёни сазовори ҷамъият ба камол расонанд».

Дар мавзӯи тарбияи фарзанд адибону мутафаккирони форсу тоҷик асарҳои зиёде эҷод кардаанд. Ҳанӯз пеш аз ислом ақидаҳои ахлоқӣ дар китоби «Авесто», «Пирӯзнома»-и Бузургмеҳр, «Пандномa»-и Анушервон дар шакли панду насиҳат эҷод шуда буданд. Ақидаҳои панду ахлоқӣ баъд аз истилои арабҳо ва ҷорӣ гардидани дини ислом дар асарҳои Ибни Муқаффаъ «Адаб-ал-кабир ва адаб-ассағир», Ибни Мискавейҳ «Таҳзиб-ул-ахлоқ», Унсурулмаолии Кайковус «Қобуснома», Ибни Сино «Китоб-ул-ахлоқ», Насириддини Тӯсӣ «Ахлоқи Носирӣ», Ҷалолиддини Давонӣ «Ахлоқи Ҷалолӣ», Муҳаммад Ғазолӣ «Кимиёи саодат», Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» баён шуда буданд. Донишмандону адибони Закариёи Розӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Камолиддин Биноӣ, Носири Хусрав, Аҳмади Дониш ва бисёр дигарон ба мавзӯи одобу ахлоқ ва тарбияи фарзанд асарҳо эҷод кардаанд.

Чӣ тавре ки мебинем, ба мавзӯи одобу ахлоқ ва тарбияи фарзанд дар ҳама давру замон диққату таваҷҷӯҳи зиёд дода мешуд ва мо аз асарҳои эҷодкардаи ниёгон то ҳоло истифода мекунем ва баҳраманд мегардем.

Дар боби тарбияи фарзанд дар «Қобуснома» чунин гуфта мешавад: «Бидон, эй азизи ман, ки агар худой туро писаре

диҳад, аввал номи хуш бар вай деҳ, ки аз ҷумлаи ҳаққои падарон яке ин аст... Агар фарзанд духтар бошад, ӯро ба доягони мастураи накӯпарвар бисупор ва чун бузург шавад ба муаллима деҳ».

Дар замони мо падару модар дар тарбияи фарзанд ҳуқуқу вазифаҳои баробар доранд ва ҳамаи масъалаҳои тарбияи фарзандро бо розигию маслиҳати тарафайн ҳал мекунанд. Вазифаи аввалини падару модар ба фарзанд номи нек гузоштан аст. Дуруст аст, ки таваллуди фарзанд барои ҳама хешу табори хонадон хурсандии калон аст ва ҳангоми номгузорӣ барои эҳтироми калонсолони оила бобою момоҳо даъват карда мешаванд. Вале дар ин ҳолат ҳам падару модар дар интихоби ном нисбат ба дигарон бартарӣ доранд ва бояд номи зебою замонавии худро пешниҳод кунанд, чунки замоне фарзанд барои номи худ танҳо аз падару модари худ домангир мешавад. Ҳоло ҳам дар ҷамъияти мо падару модароне вомехӯранд, ки ба урфу одатҳои зараровар такя намуда, ба фарзандон номҳои назарногир, бемаъниву таҳқиромез мегузоранд. Ба ақидаи онҳо агар номи фарзанд назарногир бошад, ба онҳо «чашми бад» ва офате намерасаду умрашон дароз мешавад. Аз ин хотир то ҳоло бо номҳои Сангак, Сангин, Достак, Теша, Табар, Хаскаш, Ҷоруб, Гундӣ, Сангинҷон, Сангинмоҳ, Гадой дучор мешавем. Аз ин сабаб дар ном интихобкунӣ ҳам падару модар ва падаркалону модаркалонҳо бояд хуб андеша кунанд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони тоҷикӣ» иҷозат дода мешавад, ки ному насаб (фамилия) ба тарзи миллӣ гузошта шавад. Ҳангоми ба қайд гузоштани фарзанд ва гирифтани шаҳодатномаи таваллуд одатан насаби вай ба номи падар гузошта мешавад. Агар падар Назаров Шариф бошад ва номи писарро Ҷамшед гузоранд дар шаҳодатнома Ҷамшед Шарифӣ, Ҷамшед Шариф ё Ҷамшед Шарифзода сабт мегардад.

Тарбияи фарзанд вазифаи муҳими падару модар мебошад. Одобу ахлоқи нек, инсонпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, ватандӯстӣ, хислатҳои бехтарини инсонианд. Барои бо чунин хислатҳо ба воя расонидани фарзанд ба волидон лозим меояд, ки меҳнату кӯшиши зиёде сарф кунанд. Оила мактаби аввалин ва асоситарини тарбияи фарзанд мебошад ва агар дар ин зина ягон каҷравие ба амал ояд, ислоҳи он барои падару модар ва

дар оянда барои муаллимони мактаб ҳам кори басо душвор мегардад. Ба ин муносибат бузургворе гуфтааст:

Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ,
То ба охир меравад девор каҷ.

Бинобар ин, падару модар дар тарбияи фарзанд бояд баробар саҳм гузошта аз рӯзҳои аввал барои ба воя расонидани инсони сазовори ҷомеа кӯшиш кунад. Дуруст аст, ки 1-2 соли аввал нигоҳубин ва тарбияи фарзанд бештар ба зимаи модар гузошта мешавад, аммо дар ин давра падар ҳам бояд саҳми худро гузорад. Интизор нашавад, ки кай фарзанд калон шаваду ба тарбияи ӯ шурӯъ кунад.

Ҳикоят мекунанд, ки зане ба назди Луқмони Ҳаким омада мепурсад:

— Ба тарбияи фарзанд аз чандсолагӣ сар кунам?

— Луқмони Ҳаким мепурсад: — Фарзандатон чандвақта шуд?

— Модар ҷавоб медиҳад: — Шашмоҳа.

— Пас Шумо шаш моҳ дер кардед, - мегӯяд донишманд. Ин ҳикояро падарон бояд дар ёд дошта бошанд.

Дар тарбияи фарзандон ибрати падару модар, муносибати онҳо ба ҳамдигар, рафтори самимию ғамхоронаи онҳо нисбат ба ҳамдигар таъсири хуб мерасонад. Ба ин муносибат Н. К. Крупская чунин гуфтааст: «Агар аъзоёни оила одамони боилтифоту меҳрубон, дар байни онҳо манфиати ҷамъиятчигӣ ҳукмрон бошад..., меҳнат оиларо ба иттифоқи дӯстона мубаддал гардонида бошад, ин гуна оила ба таълими фарзанд, албатта, таъсири хуб мерасонад. Аммо агар оила ҳаёти идона барад, доимо аз паи маишати худ бошад, агар ба вай мақсад ва орзуи олӣ бегона бошаду худпарастии бераҳмона ҳукмфармо бошад, аз чунин оила фарзанди бамаънии боадаб баромаданаш амри маҳол аст». Дар муносибат бо ҳамдигар дар назди фарзандон падару модарон ин нуктаро бояд фаромӯш накунанд.

Фарзанд сол ба сол калон мешавад. Мактаб меравад, ба синни наврасӣ қадам мегузорад. Вобаста ба синну соли онҳо падару модарон ҳам муносибату рафтори худро нисбат ба онҳо тағйир медиҳанд. Фарзандони наврас ёрдамчии аввалини волидон мегарданд. Онҳо бояд бо тамоми кори хонаю

рӯзгор чалб карда шаванд. Барои он ки фарзандон дастёри ҳақиқии падару модар гарданд, ба онҳо бояд ҳунар омӯхт.

Волидон ба тарбияи меҳнатии фарзандон бояд диққати махсус диҳанд, чунки меҳнатдӯстӣ яке аз хислатҳои беҳтарини инсонӣ аст. Ба меҳнатдустӣ, муносибати софдилона ба меҳнат аз хурдсолӣ асос гузошта мешавад. Ҳар як фарзанд дар оила бояд вазифаи муайян дошта бошад ва ҳаррӯз бе хотиррасон намудан бояд вазифаашро иҷро кунад.

Падару модар бошад, ҳар замон иҷрои кори фарзандро назорат карда, лозим бошад ба онҳо маслиҳат медиҳанд. Чунин коргузорӣ дар фарзандон ҳисси масъулият ва мустақилиятро тарбия мекунад. Ин ҳолатро дар бештари оилаҳои серфарзанд дидан мумкин аст. Модарон ба духтарон корҳои рӯзгор, пухтупаз, либосшӯию дарзмолкуниро меомӯзанд, падарон бошанд таъмири хона, асбобҳои рӯзгор, таъмири пойафзолро ба писарон ёд медиҳанд. Аммо ин чунин маънӣ надорад, ки писарон хӯрокпазӣ, либосшӯию дарзмолкуниро надонанд. Онҳо ҳам бояд ин корҳоро ёд гиранд. Чунки дар ҳаёти мустақили оиладорӣ ҳамаи ин ба кор меоянд. Тақсими кор ба корҳои мардонаю занона нодуруст аст. Баъзан падару модарон фарзандҳояшонро (махсусан, дар оилаҳои камфарзанд) эрка тарбия мекунанд, намегузоранд, ки онҳо ба корҳои рӯзгор машғул шаванд. Ҳангоме ки чунин фарзандон (духтару писар) оиладор мешаванд, маълум мегардад, ки аз кори рӯзгор тамоман хабар надоранд ва ин сабаби моҷарои оилавӣ мегардад. Аз ин сабаб волидон бояд аз хурдсолӣ ба фарзандон ҳунарҳои гуногунро, ки дар ҳаёти оилавӣ ба кор меояд, омӯзонанд.

Дар ин хусус донишманди асри XI Унсурулмаолии Кайковус навишта буд: «Пас, бояд ки ҳар чӣ омӯхтанӣ бошад аз фазлу ҳунар фарзандро биёмӯзӣ то ҳаққи падариву шафқати падарон ба ҷой оварда бошӣ, ки аз ҳаводиси олам эмин натавон буд ва тавонист донист, ки бар сари мардумон чӣ гузарад. Ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд. Пас дар фазлу ҳунар омӯхтан тақсир набояд кардан».

Агар волидон ҳунар ва касберо донанд, онро бояд ба фарзандони худ низ омӯзонанд. Бештари занони тоҷик, чун анъана, ҳунари гулдӯзӣ, тӯппидӯзӣ ва дигар навъҳои либосдӯзиро медонанд. Мардон бошанд баъд аз кори асосӣ ба

сохтан ё тармими асбобҳои мусиқӣ, чӯбкорӣ, таъмири асбобҳои рӯзгор машғуланд. Волидон ба иҷрои ин корҳо бояд фарзандонро ҷалб намоянд, чунки ҳар як ҳунару касб дар зиндагӣ ба кор меояд. Шоири ҷаҳонгашта ва рӯзгордида Шайх Саъдии Шерозӣ дар бораи фоидаи ҳунар навиштааст:

«Ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда, ва агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст, ҳар ҷо, ки равад, қадр бинад ва бар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад».

Асоси тарбияи оилавӣ, омӯзонидани зиндагии мустақилона, одобу рафтори оиладорӣ аз тарафи ҳар як падару модар ба духтару писар дар хона пеш аз оиладоршавӣ мебошад. Волидон вазифадоранд, ки ба фарзандон дар мавзӯъҳои оиладорӣ, муносибати байни зану шавҳар, рӯзгордорӣ, меҳмондорию меҳмонравӣ, эҳтироми хешу табор, муносибат бо хешу табори тарафайн ва тарбияи фарзанд сӯҳбатҳо гузаронанд.

Одоби муошират илмест басо душвор ва барои омӯхтани ин илм ҷавонон аз хурдсолӣ кӯшиш намоянд. Волидон ба таҳсили фарзандон дар мактаб ҳам бояд аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе волидон ҳангоми дар мактаб таҳсил кардани фарзандон ягон бор ба даргоҳи мактаб намеоянд. Онҳо кори таълимро вазифаи мактабу муаллим мепиндоранд, ки ин ба кулли ғалат аст.

Падару модар ҳамеша оид ба аҳамияти донишомӯзӣ ва гирифтани маълумот ба фарзандон сӯҳбат кунанд, рафти хондани онҳоро назорат намоянд. Волидон бояд ба мактабу муаллимон алоқаи доимӣ дошта бошанд, бо муллимон дар бораи рафтору хониши фарзанд сӯҳбат намуда, агар лозим шавад фарзандро ба роҳи дуруст ҳидоят намоянд, то аз мактаб дониш ба даст орад. Дар бораи аҳамияти дониш шоири бузург Низомии Ганҷавӣ бисёр хуб гуфтааст:

Дониш талабу бузургӣ омӯз!
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз...
Ҷое, ки бузург боядат буд,
Фарзандии ман надорадат суд...
Гар дил диҳӣ, эй писар, бад-ин панд,
Аз панди падар шавӣ баруманд.

Фарзанд калон мешавад, ба балоғат мерасад, мактабро хатм намуда соҳиби касбу ҳунаре мегардад. Волидон аз паи

оиладор кардани фарзанд мешаванд. Хонадор намудани фарзанд қарз ва вазифаи муҳиму масъулиятноки падару модар мебошад. Унсурулмаолии Кайковус дар ин бора чунин гуфтааст: «Аммо агар писар болиғ гашт, бинигар андар вай, агар сару салоҳ дорад ва ба кадхудоиву зан доштан ва рӯзбеҳӣ машғул хоҳад будан, пас тадбири зан хостани вай кун то он ҳақ низ гузорида бошӣ...

Агар фарзанд духтар бошад, ӯро ба доягони мастураи некупарвар бисупор ва чун бузург шавад ба муаллима деҳ... ва чун бузург шуд, ҳар чӣ зудтар ҷаҳд кун, ки ба шавҳар диҳӣ... »

Аммо ин чунин маъно надорад, ки волидон барои иҷрои қарзи худ, ҳар чӣ зудтар ба писар зан диҳанду духтарро ба шавҳар бароранд. Интихоби зану шавҳар кори басо мураккабу масъулиятнок аст. Чи тавре ки мардуми мо бисёр дуруст гуфтаанд, ин «савдои умр» аст ва дар «савдои умр» саросемагию беандешагӣ нашояд. Падару модарон қабл аз ҳама бояд хоҳиши фарзандони худро ба ҳисоб гиранд. Имрӯзҳо низ ба бисёр волидон дучор омадан мумкин аст, ки ҳамаи корро ба анҷом расонида, баъд кӣ будани домод ё арӯсро ба фарзандон огоҳ менамоянд. Духтар ё писар эҳтироми падару модарро аз ҳама боло дониста, сухани эшонро рад карда наметавонанд ва бо дилхоҳи онҳо оиладор мешаванд. Як қисми чунин оилаҳо пойдор мемонанд, аммо бештари онҳо вайрон мешаванд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам онҳо як умр аз падару модарони худ норозӣ мемонанд. Сабаби ихтилофҳои оилавӣ ва вайроншавии оиларо ба волидони худ нисбат медиҳанд, чунки зану шавҳарро барои онҳо падару модар интихоб карда буданд. Аз ин сабаб волидон ҳатман бояд ба фарзандони худ маслиҳат кунанд, шояд худи онҳо шахси дилхоҳ дошта бошанд. Ба фарзанд мӯҳлате муайян кардан лозим аст, ки онҳо фикри худро ба падару модар бигӯянд. Розигии фарзандонро гирифта баъд ба тӯй тайёр шудан лозим меояд.

Агар писару духтар бо майлу хоҳиши худ оиладор шаванд кӯшиш мекунанд, ки тамоми носозию ихтилофҳои оилавиро мустақил ҳал намоянд ва аз падару модари хеш домангир нашаванд. Ба ҷо овардани қарзи волидон дар назди фарзанд суннат бошад, розигии фарзанд дар ин кори муҳиму масъул воҷиб аст.

Ба ин муносибат Унсурулмаолии Кайковус навиштааст: «Пас агар донӣ, ки сари кадхудоиву рӯзбеҳӣ надорад, духтари

кадхудоёну мусулмононро дар бало маяфкан, ки ҳар ду аз якдигар дар ранҷ бошанд. Бигузор то чун бузург шавад, чунон ки хоҳад кунад зиндагонӣ то баъд аз марги ту ба ҳама ҳол чунон тавонад буд, ки фиристода бошад...

Ва аммо домоди некурӯй гузин ва духтар ба марди зиштрӯй мадеҳ, ки дил бар шӯи зиштрӯй надиҳанд, туро шавҳарро бадномӣ ояд. Бояд, ки домоди хубрӯй ва поктинат ва босалоҳ ва бо кадхудоӣ бувад».

Ҳикмати Кайковус қимати худро имрӯз ҳам гум накардааст ва тибқи он бояд амал кард. Дар замони мо аксарияти оилаҳо аҳлона зиндагӣ мекунанд. Фарзандро тарбият карда, онро соҳибҳунару соҳибилм намуда ба воя мерасонанд. Падару модар дар тарбияи онҳо баробар саҳм гузошта, қарзу вазифаи худро ҳам дар назди фарзанд ва ҳам ҷомеа ба ҷо меоранд.

Аммо ҳанӯз оилаҳое дучор меоянд, ки аз ҳамдигар ҷудо мешаванд. Дар чунин ҳолат бештар фарзандони хурдсол бо модар монда аз падар ҷудо мегарданд. Баъзе модарон ва волидони онҳо намегузоранд, ки фарзанд бо падар вохӯранд. Ба хонаи падар рафтани онҳоро манъ мекунанд. Падар муддатҳои дароз фарзандони худро дида наметавонад. Ба ҷуз фиристодани нафақа дар тарбияи онҳо саҳме намегузорад. Падару модарон бояд донанд, ки баъд аз бекор кардани никоҳ ҳам ҳуқуқу вазифаҳои онҳо нисбати тарбияи фарзандон баробар мемонад. Падар ё модаре, ки аз фарзанди ноболиғаш ҷудо зиндагӣ мекунад, ҳуқуқ дорад, ки дар тарбияи фарзанд иштирок кунад ва барои вохӯрӣ бо фарзандон ягон мамониат гузошта нашавад. Барои фарзандони ноболиғ аз падар то синни ҳаждаҳсолагӣ нафақа рӯёнида мешавад. Вазифаи падар фақат бо додани нафақа тамом намешавад. Вай бояд дар тарбияи фарзанд фаъолона иштирок кунад ва қарзи падариро ба ҷо орад.

Падароне ҳам дучор мешаванд, ки аз додани нафақа барои фарзандони худ саркашӣ мекунанд. Қасдан саркашӣ кардан аз додани нафақа мувофиқи қонун ҷиноят аст ва ба ин хел падарон ҷазо дода мешавад.

Ҷазои мувофиқ барои ин тоифа падарон азоби виҷдон ва дуои фарзандони бегуноҳ аст, ки як умр ба гардани падар қарз мемонад.

Дар иҷрои вазифаи падарӣ ва тарбияи фарзанд ҳар як падари бо ақлу хирад ин мисраъро бояд дар ёд дошта бошад:

Ҳамчунон ояд писар чун ҳамчунон бошад падар

**Супориш ва саволҳо:**
1. Муносибати падару модар бо шумо чи гуна аст?
2. Шумо қарзи волидонро чӣ тавр мефаҳмед?
3. Зиндагӣ бо падару модар беҳтар аст ё дар ҷудоӣ?
4. Гоҳо мешавад, ки фарзандон падару модари пирро танҳо гузошта аз онҳо ҷудо мешаванд. Ақидаи шумо ба чунин рафтор чӣ гуна аст?

## §38. ҚАРЗИ ФАРЗАНДОН ДАР НАЗДИ ВОЛИДОН

Намак дар комҳо ширинтар аз шаҳду шакар гардад,
Ҷигарҳо хун шавад то як писар мисли падар гардад.
Падар аз шавқи дил дар кӯдакӣ дасти писар гирад,
Ба умеде, ки дар пирӣ писар дасти падар гирад.

Оре, шоири хирадманд орзую умеди волидонро бисёр хуб дарк намудааст. Ҳар як падару модар бо умеду орзуҳо, азобу машаққат фарзанд тарбия мекунанд, шабҳои дароз дар назди гаҳвораи ӯ бедорхобӣ мекашанд. Ҳар гоҳ ки фарзанд бемор гардад, падару модар дарди ӯро дар худ эҳсос карда, ғам мехӯранд. Фарзанд, ки роҳгардону сухандон гардад, завқ мебаранд. Падару модар барои саломатию хушбахтии фарзандон тайёранд бахту ҷони хешро нисор кунанд. Ба азобу ранҷи зиёди волидон фарзанд ба воя мерасад оиладор мешавад, соҳиби касбу кор мегардад ва қадам ба ҳаёти мустақил мегузорад. Падару модар аз онҳо меболанду ифтихор мекунанд ва то зиндаанд фарзанд барояшон ҳамон кӯдак аст ва тайёранд ҳар дам ба ёрии онҳо шитобанд.

Меҳнату машаққати падару модар сазовори ҳар гуна иззату эҳтиром буда, дар ҳамаи давру замон ва ҳар ҷомеа соҳиби мартабаи баланд аст.

Қуръони шариф ба фарзандон мефармояд, ки падару модарро эҳтиром кунанд ва дӯст доранд, хизмати онҳоро ба ҷо оранд. Дар сураи 17 чунин омадааст: «Ва фурӯ овар барои он ду боли тавозӯъро аз меҳрубонӣ ва бигӯ: парвардигори ман,

раҳмат кун он дуро, чунки онҳо тарбият карданд маро, вакте ки будам хурд».

Ба ҷо овардани эҳтироми волидон дар байни мардуми мо анъанаи неки таърихӣ гардидааст. Ҷавонони тоҷик баробари эҳтироми волидон, иззату икроми тамоми калонсолонро ба ҷо меоранд.

Шоири файласуф Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар боби эҳтироми падару модар гуфтааст:

Падарро акл дону нафс - модар,
Маёзор ин ду касро, эй бародар!

Ғамхорӣ дар ҳаққи волидон, ёрӣ расондан ва дастгирӣ кардан, номи неки онҳоро нигоҳ доштан карз ва вазифаи мукаддаси ҳар як фарзанд мебошад. Пеш аз ҳама ин карзи инсонӣ аст, ки иҷрои онро виҷдону ахлоқи ҳамидаи инсонӣ талаб мекунад.

Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» оиди эҳтироми падару модар сухан ронда навиштааст: «Бидон, эй писар, ки... аз муҷиби хирад бар фарзанд воҷиб аст худро хурмат доштан ва тааҳуд (нигоҳубин) кардан ва низ воҷиб аст асли худро тааҳуд кардан ва ҳурмат доштан ва асли ӯ ҳам падару модар аст. То нагӯй, ки падару модарро барои ман чӣ ҳақ аст, эшонро ғараз шаҳват буд на мақсуд ман будам. Ҳарчанд ғараз шаҳват буд, музоифи шаафи (хурсандии аз ҳад зиёд) эшон аст, ки аз баҳри ту хештанро ба куштан бидиҳанд... Ва он фарзандро ки мудом хирад раҳнамуни ӯ бувад аз ҳаққу меҳри падару модар холӣ набошад...

Ва зинҳор, эй писар, ки ранҷи падару модар хор надорӣ... Пас, ҳаққи модару падар агар аз рӯи дин нанигарӣ, аз рӯи хираду мардумӣ бингар ки падару модар мунтиҷи некиву асли парвариши нафси туанд. Чун ту дар ҳаққи эшон муқассир бошӣ, чунон бувад, ки ту сазои ҳеҷ некӣ набошӣ ва он кас, ки вай ҳақшиноси некии асл набошад, некии фаръро ҳам кадр надонад».

Бояд кайд кард, ки хушбахтона, мардуми мо ба тағйиротҳои даврон, душвориҳои зиндагӣ нигоҳ накарда, эҳтироми самимӣ ва муҳаббати поки фарзандиро нисбат ба падару модар нигоҳ медоранд.

Чун анъана, писарон баъд аз оиладор шудан ҳам ҳамроҳи волидони худ зиндагӣ мекунанд ва онҳоро сардори оила медонанд. Падару модар дар ҳама кору бори фарзандон маслиҳатгари дурандешу ботаҷриба мебошанд. Духтарҳо гарчанде шавҳар карда ба оилаи дигар раванд ҳам, ёди падару модар аз дили онҳо намеравад. Онҳо ҳар сари вақт ба аёдати падару модар меоянд, аз онҳо дар бораи кору зиндагии худ маслиҳат мепурсанд.

Яке аз аломатҳои фарққунандаи оилаи тоҷик серфарзандӣ мебошад. Дар гузашта, ки аксарияти одамон камбағал буданд, барои таъмини оила ва пешбурди хоҷагӣ фарзандон бо падару модари худ якҷоя дар як хонадон зиндагӣ мекарданд. Гоҳо дар як ҳавлӣ бо падару модар 3-4 фарзанди оиладор кору зиндагӣ мекарданд. Набудани имконияти иқтисодӣ барои ҷудошавӣ, кам будани замин барои хонасозӣ, набудани олоти меҳнату рӯзгор онҳоро маҷбур месохт, ки дар шароити вазнин зиндагӣ кунанд. Ҳокимияти шӯравӣ имкон дод, ки ҳар кас соҳиби замину касбе шаванд. Шароити иқтисодии оилаҳо ҳам тағйир ёфт. Фарзандон дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа кор карда, аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил шуданд. Аз ин сабаб баъди ташкили оилаи нав гоҳо ба фарзандон лозим меояд, ки аз оилаи падару модар ҷудо шуда бо оилаи худ ҳаёти мустақилро оғоз кунанд. Дар чунин маврид, агар дар оила якчанд писар бошад, мувофиқи анъана баъди оиладор шудани ҳамаи фарзандон писари хурдӣ бо падару модар зиндагӣ мекунад. Дигар писарон бошанд, бо розигии падару модар аз оилаи падар ҷудо мешаванд. Албатта, ин маънои онро надорад, ки фарзандон бо ҷудо намудани оила аз падару модари худ даст кашанд. Маълум аст, ки падару модарон ба коре машғуланд. Дар пиронсолӣ ҳукумат ба онҳо нафақа таъин мекунад ва онҳо ба касе мӯҳтоҷ намешаванд.

Падару модарон танҳо мӯҳтоҷи эҳтирому дидори фарзандон мебошанд. Аз ин ҷиҳат бояд фарзандон зуд-зуд бо оилаю фарзандони худ ба дидорбинии падару модар биёянд, дар кори рӯзгор ба онҳо ёрӣ расонида, аз ҷиҳати иқтисодӣ дастгирӣ кунанд. Кори неку рафтори онҳо ба ахлоқи фарзандони худи шахс таъсир мерасонад. Беҳуда нагуфтаанд, ки «ҳурмат кунӣ- ҳурмат бинӣ». Он эҳтироме, ки фарзандон нисбат ба падару модари худ зоҳир мекунанд, рӯзе аз фарзандони худ мебинанд.

Дар китоби «Дорулаҷоиб» нисбати ин масъала ҳикояте дар бораи қарзи фарзандӣ оварда шудааст, ки ба андешаҳои боло ҳамоҳанг аст:

«Овардаанд, ки шахсе дар пеши Расул (а) омада гуфт: Ё расулаллоҳ, падару модарам бемор шуданд ва нон дар даҳони эшон мениҳам ва ба гардан бардошта, ба таҳоратхона мебарам. Ҳамчунин таҳораташон месозам, ҳаққи эшонро ба ҷо оварда бошам?»

Расул (а) фармуданд: «Аз ҳазор якеро нагузаронида бошӣ, лекин накӯӣ бикун, ки туро дар ин кор савоб бисёр аст».

Чӣ тавре ки мебинем, фарзандони хирадманду некмаҳзар то дами охирини умри падару модар хидмати эшонро ба ҷо меоранд ва сазовори дуои неки онҳо мегарданд.

Мавзӯи эҳтироми падару модар барои ҳар халқу миллат (дар ҳар давру замон) муҳим буда, дар мадди назари фарзандон аст. Гуфтаҳои педагоги маъруфи рус В. А. Сухомлинский ба ин гувоҳӣ медиҳанд: «Барои падар ва модар ту ҳамеша, ҳатто баъди панҷоҳ, шаст, ҳафтод, ҳаштод ва навадсола шуданат ҳам кӯдакӣ. Ҳар қадаму рафтори ту - хоҳ рафтори хуб бошад ва хоҳ бад ба дили падару модар асар карда, хурсандӣ мебахшад ё дард меорад. Саодатманд мекунад ё азобу кулфат меорад. Онҳо нисбат ба ту меҳру муҳаббати бепоён дошта, гоҳо фаромӯш мекунанд, замоне мерасад, ки онҳо барои ба ту бахшидани ашёи моддии ҳаёт дигар қувваташон намемонад ва қувваи онҳо фақат ба дӯст доштани ту мерасаду бас. Бидон, ки ба ғамхории падару модар, ба меҳру муҳаббат ва садоқати бепоёни онҳо бо ғамхорӣ, меҳру муҳаббат ва садоқати худ нисбат ба онҳо ҷавоб гардондан қарзи инсонии фарзанд аст. Қарзи фарзандонро аз падару модар бо ягон ченак қиёс кардан, бо ягон асбоб ҳисоб кардан мумкин нест».

Мутаассифона, гоҳо дар ҷомиаи мо ҳам фарзандоне ёфт мешаванд, ки ба қадри падару модар намерасанд. Падару модари пири худро танҳо гузошта аз онҳо ҷудо мешаванд. Аз ҳолу зиндагии онҳо бохабар намешаванд. Солҳои дароз ба аёдати онҳо намеоянд. Ин хел фарзандони ноҳалаф сазовори нафрати умум мегарданд. Онҳоро «радди маърака», «оқи падар» меноманд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ доимо дар ҳаққи падару модарон ғамхорӣ зоҳир менамояд ва ин ғамхориҳо дар қонунҳо инъикос

ёфтааст. Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фарзандонро вазифадор мекунад, ки дар ҳаққи падару модарон ғамхорӣ намуда ба онҳо ёрии моддӣ расонанд. Қонун дар бораи никоҳ фарзандонро ӯҳдадор мекунад, ки вақти қобилияти кориро гум кардани падару модарон аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намоянд. Агар фарзанд ин корро ихтиёрӣ иҷро накунад, аз тарафи идораи суд аз ин хел фарзандон ба фоидаи падару модарон маблағи муайян нафақа рӯёнда мешавад. Одами сангдиле, ки ба қадри падару модар намерасад, ҳурмати онҳоро намедонад, ҳеҷ гоҳ дар байни мардум соҳибэҳтиром шуда наметавонад ва чунин мукофоти амалро дар вақти пирӣ аз фарзандони худ мебинад.

Бузургон ба ин муносибат фармудаанд:

Аз амри худо баландтар аст амри падар,
Бе амри падар касе ба ҷое нарасад.

Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст
Дар зери қудуми модарон аст.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Анъанаҳои миллиро оид ба қарзи фарзандӣ чӣ хел мефаҳмед?
2. Дини ислом дар бораи хидмати фарзанд ба волидон чӣ андеша дорад?
3. Шумо баъд аз ҷудошавии волидон дар тарбияи модар мондед, падар ғайр аз нафақа (алимент) дар тарбияи шумо саҳме нагузошта бошад, бо падар чӣ тавр муносибат мекунед?

# БОБИ VIII
# ТАНЗИМИ ОИЛА ВА ҲИФЗИ СИҲАТИИ МОДАРУ КӮДАК

## §39. БАНАҚШАГИРИИ ОИЛА

Оила бо иродаи ду шахс бунёд ёфта, асоси давлатро ташкил медиҳад. Аз ин ҷиҳат оила дар ҳимояи давлат аст. Давлат барои мустаҳкамии оила ва тарбияи фарзандони солиму бомаърифат манфиатдор аст. Қарорҳои давлат оид ба расонидани ёрии моддӣ ба оилаҳои серфарзанд ва тарбияи кӯдак то синни 3 солагӣ, табобати ройгон ва таъмин бо адвия далелҳои ғамхории давлат мебошанд. Давлат манфиатдор аст, ки насли имрӯза — наврасон ва ҷавонон чун созандагони ҷомеаи оянда ашхоси солиму баркамол ва ҳаматарафа инкишофёфта ба камол расанд.

Тарбия дар сурате муваффақият пайдо мекунад, ки он ба сиёсати иҷтимоӣ такя кунад. Зеро таъминоти моддӣ, рӯҳияи солими маънавӣ, дараҷаи баланди маърифати одамон ба мустаҳкам гардидани оила мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, давлат дар масъалаи бунёди оила, мустаҳкамшавии он, тарбияи фарзандони солиму соҳибмаърифат доимо ғамхорӣ намуда, ҳуқуқҳои онҳоро муҳофизат менамояд.

Дар натиҷаи аз як сохт ба сохти дигар гузаштан ё воқеаҳои сиёсӣ саноат, хоҷагии қишлоқ, иқтисодиёти давлатҳо рӯ ба таназзул меоранд. Чунин вазъият ба паст гардидани сатҳи моддию маънавии аҳолӣ, зиёд гаштани бемориҳо, кӯтоҳ шудани умри миёнаи аҳолӣ, зиёд шудани оилаҳои камбизоат сабаб мегардад. Аз ин хотир ҷавононе, ки қадам ба ҳаёти мустақили оиладорӣ мегузоранд, масъулияти хешро дар назди оилаю ҷомеа бояд ба хубӣ дарк намоянд.

Қабл аз қадам гузоштан ба ҳаёти оиладорӣ писару духтар бояд инсони баркамол бошанд, то ин ки масъалаҳои муҳими зиндагиро мустақилона ҳал намуда, масъулияти хешро дар ҳалли масъалаҳои мураккаб ва оқибатҳои он андеша намоянд. Барои

оиладор шудан на танҳо ба камолоти ҷисмонӣ, балки ба камолоти ахлоқию маънавӣ низ расидан зарур аст.

Оила чун ҷузъи хурдтарини ҷомеа дар ҳаёти ҷамъиятӣ ширкат варзида, дар иҷрои вазифаҳои муҳим дар назди ҷомеа ва давлат масъул аст.

Вазъияти оила, шароити моддӣ ва маънавии он ба ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва сиёсии давлат таъсири бевосита мерасонад. Таъсири оила ба ҳаёти ҷамъиятӣ тавассути чӣ тавр иҷро шудани вазифаҳои он ба амал меояд.

Дар ҳолати паст будани иқтисодиёт афзоиши аҳолӣ боиси зиёд гаштани бекорон, нарасидани ҷой дар кӯдакистон, душвориҳои таъминот бо хӯрокворӣ, хидмати маишӣ, тиббӣ ва ғайра мегардад. Бинобар ин, танзими таваллуди атфол дар оила зарур аст. Доир ба ин масъала қарору фармонҳои президенти Ҷумҳурӣ ва барномаи махсуси ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтааст.

Мафҳуми танзими оила фосилаи байни таваллуд ва теъдоди кӯдакон дар оиларо мефаҳмонад. Ин нукта асосҳои илмӣ дошта, имрӯз мавриди пажуҳиши ҳаматарафаи мутахассисон қарор гирифтааст.

Мувофиқи маълумоти созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ҳар сол дар ҷаҳон беш аз ним миллион зан ҳангоми ҳомиладорӣ ва валодат вафот карда, зиёда аз як миллион тифл ятим мемонад. Тоҷикистон низ чун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аз чунин раванд мустасно нест. Аз ин хотир созмони мазкур ба занон тавсия медиҳад, ки то расидан ба синни балоғат (18 солагӣ) аз таваллуди кӯдак худдорӣ намоянд. Зеро таваллуди бармаҳал ба саломатии зан ва тифли навзод зарар мерасонад.

Баъд аз таваллуд модар бояд тағйиротҳое, ки дар ҷисми вай ба вуҷуд меояд, барқарор намояд. Муддати барқарорсозии онро илми тиббӣ муосир на камтар аз ду сол муқаррар кардааст. Ғайр аз ин модар дар ин муддат бояд кӯдаки навзодро бо шири хеш таъмин намояд. Ин нуктаро олими барҷастаи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино низ зикр намуда, навишта буд, ки барои фарзанди солимро ба воя расонидан модар бояд ба ӯ беш аз ду сол шир диҳад. Ҳамин тавр, фосилаи байни таваллуди фарзанд бояд аз 2 сол кам набошад.

Дар тавсияҳои созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ тавсия мешавад, ки баъд аз таваллуди 4 фарзанд ҳомиладории оянда ба саломатӣ ва ҳаёти модар хатари зиёд дорад. Зеро дар натиҷаи

таваллудҳои пай дар пай, шабҳои бедорхобӣ, нигоҳубини кӯдак саломатии модар, махсусан системаи асаби ӯ то андозае хароб мегардад. Аз ин хотир барои солимии модарон ва хуб ба воя расонидани кӯдакон аз 4 фарзанд зиёд таваллуд кардан тавсия намешавад.

Дар ҷумҳурии мо ба ҳисоби миёна оила аз 7 нафар иборат аст. Шояд сабаби бемории занон, камхунии онҳо, таваллуд намудани кӯдакони бемор низ дар ҳамин бошад. Аз ин хотир зану шавҳар нисбати ин масъала бояд ҷиддӣ андеша намоянд, зеро таваллуди фарзанди зиёд бар зарари саломатии модар ва худи тифл боис мегардад. Падару модар бояд ба назар гиранд, ки оё онҳо имконияти солим ба воя расонидан, хӯрондан, пӯшондан, хонондан ва ба шахси бомаърифати ҷомеа шудани фарзандон имкон доранд ё не. Волидон аз рӯи мақоли халқии «Ғами фардоро имрӯз бояд хурд» амал намуда, қабл аз таваллуди фарзанди навбатӣ ҳаёти ояндаи онҳоро ҳаматарафа бояд андеша намоянд.

## §40. БЕМОРИҲОИ ҶИНСӢ, СПИД ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОНҲО

Бемориҳои ҷинсӣ аз қабили сифилис, сӯзок, оташак ва ғайра дар натиҷаи алоқаи ҷинсӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳанӯз 2500 сол қабл аз мелод дар Мисри қадим ва дар маъхазҳои форсӣ ва арабӣ бо унвони «маризи фосикон» маълум буданд. Соли 1527 олими фаронсавӣ Жан Бетанкур истилоҳи бемориҳои венериро дохил намуд. Дар Юнони қадим ба Венера - Зуҳра чун олиҳаи ишқу муҳаббат эътиқод доштанд. Аз ин хотир беморие, ки дар натиҷаи алоқаи ҷинсии марду зан ба вуҷуд меояд бемории венерӣ номиданд. Дар байни мардуми мо чунин бемории ҷинсӣ бо номи бемории сӯзок бештар маълум аст. Ин бемори барои атрофиён бисёр хатарнок аст, зеро он ба воситаи алоқаи ҷинсӣ ва ҳам ба воситаи микробҳои аз ҷисми бемор ба ҷисми одами солим дохил гардида, зуд паҳн мегардад. Муолиҷа накардан ва пинҳон доштани он узвҳои ботинӣ ва системаи асабро хароб карда, шахси беморро ба марг мерасонад. Занҳои гирифтори бемории венерикӣ фарзандони носолим — кар, кӯри модарзод, шал таваллуд карда, як умр онҳоро ба азоб гирифтор менамоянд. Хавфи ин беморӣ дар он аст, ки на танҳо ба воситаи алоқаи ҷинсӣ, балки дар натиҷаи

тамос – гуфтугӯ, додугирифт низ мегузарад. Бӯсидани шахси бемор, истифодаи анҷоми вай, аз қабили саҷок, қошуқ, пиёла сабабгори бемориӣ шуда метавонанд. Ашхосе, ки дониста худро табобат намекунанд ва боиси паҳн гаштани ин бемории хатарнок мегарданд, ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд.

Бемориҳои венерикӣ (ҷинсӣ) табобатшаванда аст. Аз ин хотир ҳангоми дар олатҳои ҷинсӣ пайдо шудани ғадудҳо ва захмҳо, пайдо шудани хоришу сӯзишҳо фавран ба духтур муроҷиат кардан зарур аст. Табибон пинҳон доштани сирри беморро кафолат медиҳанд. Агар бемориӣ дар натиҷаи алоқаи ҷинсӣ ба вуҷуд омада бошад, ҳатман номи шарики худро маълум кардан зарур аст, зеро шахси бемор сабабгори паҳн шудани он гашта, чандин нафари дигарро ба ин касалӣ гирифтор мекунад ва боиси бадбахтии онҳо мегардад.

Бемории СПИД проблемаи мубрами рӯз буда, ба тамоми миллатҳо таҳдид менамояд. Эҳтимол то кунун дар тамоми дунёӣ дар ҳудуди аз панҷ то даҳ миллион инсон ба вируси ин беморӣ мубтало шуда бошанд. СПИД системаи муҳофизати бадани инсонро, ки ба бемориҳои гуногун муқобилият менамояд, хароб намуда, боиси марги он мегардад. Имконияти табобати ин беморӣ ҳанӯз маълум нашудааст. Кӯдакони зиёде бо вируси СПИД ба дунёӣ меоянд. Миллионҳо нафари онҳо дар асари ин беморӣ ятим мемонанд.

Дар айни замон мубориза алайҳи ин беморӣ, омӯзишу маълум намудани беморони гирифтори вируси СПИД давом дорад.

Аз ин рӯ, мардуми тамоми кишварҳо бояд бидонанд, ки чи гуна аз ин беморӣ ва паҳн гардидани вируси он пешгирӣ намудан мумкин аст.

Омили бемории СПИД вирусе аст, ки системаи мудофиавии баданро хароб менамояд. Ашхоси ба ин беморӣ мубтало аз он сабаб нобуд мешаванд, ки ҷисми онҳо ба бемориҳо муқобилият карда наметавонад.

Тамоми ашхосе, ки дорои вируси СПИД мебошанд, гирифтори беморӣ нагардидаанд, лекин ҳар кадоми онҳо ашхоси дигарро ба ин касалӣ гирифтор карда метавонанд.

СПИД аломатҳои ошкор ва нишондиҳандаи аникe надорад. Гирифторони чунин беморӣ мумкин аст, ки комилан тансиҳату

бардам намоянд. Шахсоне, ки ба саломатии худ шубҳа доранд, ҳатман бояд барои муолича ба маркази ташхиси СПИД мурочиат кунанд. Барои онҳое, ки гирифтори вируси ин бемори ҳастанд, тавсия медиҳем, ки ба духтур мурочиат карда, роҳҳои пешгирӣ ва ба дигарон ворид накардани онро биомӯзанд.

Вируси СПИД ба чанд роҳ аз як шахс ба шахси дигар сироят карданаш мумкин аст:

— аз тариқи интиқоли хун;

— алоқаи чинсӣ;

— сӯзандору.

Ин вирус метавонад аз мард ба мард, аз мард ба зан ва аз зан ба мард сироят намояд.

Агар ба шахси гирифтори бемории СПИД сӯзандоруро истифода намуда, онро хуб начӯшонанд (дезинфексия) ва ба шахси солим аз он сӯзан истифода намоянд, боиси интиқоли беморӣ мегардад.

Ҳангоми гузаронидани хуни як шахс ба шахси дигар (агар яке аз онҳо ба вируси СПИД гирифтор бошанд) низ вируси он сироят мекунад.

Аз занони гирифтори бемории СПИД ба кӯдаки дар батн буда ё кӯдаки навзод ҳам мегузарад.

Ҳангоми наздик будан, даст додан, бӯсидан, сулфа кардан, атса задани ашхоси вирусдор боиси интиқоли он намегардад. Ба воситаи анчомҳо, аз қабили қошуқ, коса, пиёла, сачоқ, инчунин ҳавзҳои оббозӣ, ҳаммомҳои умумӣ ва ғ. ба дигарон намегузарад.

Барои пешгирии паҳн нагардидани СПИД дар бештари мамолики чаҳон сӯзандоруҳои як бор истифодашаванда ба кор бурда мешаванд. Ба кӯдаконе, ки дар соли аввали ҳаёт ваксинаҳо мегузаронанд, сӯзандоруҳои яквақтаро ба кор баранд.

Ҳангоми ба мардум фаҳмонидани ин мавзӯъ таъкид намудани ин омилҳо зарур аст:

— алоқаи чинсӣ бояд дар асоси боварӣ ба якдигар ба амал ояд;

— гузаронидани дору тавассути сӯзани начӯшонидашуда (стерилизатсия)- нашуда хатарнок аст;

— занони гирифтори вируси СПИД бояд аз ҳомилашавӣ худдорӣ кунанд;

— волидон бояд тарзҳои пешгирӣ аз бемории СПИД-ро ба фарзандон биомӯзанд;

— алоқаи ҷинсии бетартибона метавонад ба гирифтории беморӣи СПИД оварад.

**Супориш ва саволҳо:**

1. Кадом бемориҳои ҷинсиро медонед?
2. СПИД чӣ гуна беморӣ аст ва он чӣ хел паҳн мешавад?
3. Онро чӣ хел пешгирӣ намудан мумкин аст?
4. Шумо то хондани ин мавзӯъ дар бораи вируси СПИД маълумоте доштед?
   а). Маълумот доштам.
   б). Маълумот надоштам.

## §41. ДОНИШ ВА БЕХАТАРИИ МОДАРУ ТИФЛИ НАВЗОД

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат дар бобати тарбияи атфол, кӯмак ба занон дар аснои валодат, фароҳам сохтани хадамоти тиббии давраи ҳомиладорӣ ӯҳдадор мебошад. Дар тамоми маҳалҳои ҷумҳурӣ таваллудхонаҳои ҷиҳозонидашуда мавҷуданд, ки дар онҳо ҳама шароитҳои зарурӣ барои таваллуд ва нигаҳдории саломатии модару кӯдак фароҳам оварда шудааст. Аммо қисме аз модарон ҳангоми таваллуд ва соири марбути он вафот мекунанд.

**Барои пешгирӣ аз бемориҳои давраи ҳомиладорӣ ва наҷоти ҳаёти модару кӯдак лозим аст, ки:**

1. Дар давраи ҳомиладорӣ зан бояд мунтазам барои муоина ба духтур муроҷиат намояд, ки ин душвориҳоро ҳангоми таваллуд кам менамояд.

2. Валодат бояд дар муассисаҳои тиббӣ ба амал ояд.

3. Барои пешгирии нохушиҳо ҳангоми таваллуд оилаҳо бояд аломатҳои наздик шудани валодат ва нишонаҳои хатарноки таваллудро донанд.

4. Зани ҳомиладор ҳамеша бояд ба хӯроки серғизо таъмин бошад ва истироҳат намояд.

5. Риоя кардани фосилаи байни ҳомиладорӣ (то 2 сол) ва пешгирӣ намудани ҳомиладорӣ то синни 18 солагӣ.

6. Фароҳам овардани шароити зарурӣ ба инкишофи хуби духтарон дар айёми кӯдакӣ ва ҷавонӣ, ки ин боиси кам шудани мушкилиҳо ҳангоми ҳомиладорӣ ва валодат хоҳад шуд.

**Ҳар як зан - модар бояд донад:**

Агар зан ҳис намояд, ки ҳомила аст барои пешгирии нохушиҳои давраи ҳомиладорӣ ва валодат бояд ҳатман ба духтур муроҷиат намояд.

Зани ҳомила ҳамеша бояд дар таҳти назорати духтурон бошад.

Фишори хуни зани ҳомила бояд доим таҳти назорати духтур қарор гирад. Агар фишори хуни модар баланд бошад ба кӯдак ва худи модар таъсири бад мерасонад.

Камхунии модар ҳам бояд таҳти назорати доимӣ бошад, зеро дар ҳолати ба вуҷуд омадани ногуворие доруҳои махсус фармуда мешаванд.

Духтурон занро барои валодат омода намуда, оид ба қоидаҳои ширдиҳӣ ва нигоҳубини кӯдак дастур медиҳанд. Ҳамчунин оид ба роҳҳои пешгирии ҳомиладории баъдина маслиҳат медиҳанд.

Ҳангоми ҳомиладорӣ дар куҷо таваллуд шудани тифл ва дар вақти зарурӣ ба кӣ муроҷиат намуданро донистан муҳим аст. Агар маълум бошад, ки занро таваллуди мушкилу хатарнок интизор аст, хуб мешуд, ки зан ба таваллудхона пеш аз валодат хобонда шавад. Агар имкони дар шифохона хобондан набошад, чунин занонро духтур бояд таҳти назорати доимӣ қарор диҳад.

Зани ҳомила, шавҳар ва дигар аъзоёни хона бояд аломатҳои хатарноки валодатро, ки назорати доимии табибонро талаб менамоянд, бидонанд.

**Аломатхое, ки пеш аз ҳомиладоршавӣ бояд ба назар гирифта шаванд:**

— аз ду сол кам будани фосилаи таваллуди гузашта;

— модаре, ки ҷаҳор ё аз он зиёдтар фарзанд таваллуд кардааст;

— модаре, ки вазни кӯдаки пешинааш дар вақти таваллуд камтар аз 2 кг бошад;

— модаре, ки дар гузашта кӯдакро пеш аз мухлат таваллуд карда бошад;

— модаре, ки дар гузашта кӯдаки мурда таваллуд кардааст ё бача партофтааст;

— модаре, ки валодати гузаштааш мушкил анҷом ёфта бошад, ё ба воситаи амалиёти ҷарроҳӣ сурат гирифта бошад;

— зане, ки вазни вай қабл аз валодат на камтар аз 38 кг бошад;

— зане, ки қадаш аз 145 см пасттар аст.

**Аломатҳои хатарнок дар чараёни ҳомиладорӣ:**

— афзоиш наёфтани вазни бадан (ҳангоми ҳомиладорӣ вазни модар бояд ҳадди ақал 6 килограмм зиёд шавад);

— беранг будани сатҳи дохили палакҳои чашм (дар ҳолати оддӣ сурх ё гулобиранг аст);

— варами ғайритабиии пойҳо, бозуҳо ва рӯй.

**Аломатҳое, ки ёрии таъчилии тиббиро талаб мекунанд:**

— хунрезии маҳбал дар чараёни ҳомиладорӣ;

— сардардиҳои шадид (аломати фишори баланди хун);

— истифроқи шадид;

— ҳарорати баланд.

**Шавҳар ва дигар аъзоёни хона ба зани ҳомила бояд шароит фароҳам оранд, ки вай махсусан, дар се моҳи қабл аз таваллуд ҳамарӯза хӯроки серғизо хӯрда, бештар истироҳат намояд:**

— зани ҳомила ниёзманди беҳтарин чизҳое мебошад, ки дастраси хонавода аст: аз қабили шир, мева, сабзавот, гӯшт, моҳӣ, тухм;

— агар зан эҳсос намояд, ки ҳомила аст вазни худро бояд санчад. Дар рафти ҳомиладорӣ ҳар моҳ афзоиши вазн ба ҳисоб гирифта шавад. Кӯшиш шавад, ки пеш аз таваллуди тифл вазни модар аз 10 то 12 килограмм афзоиш ёбад;

— ҳар зани ҳомила бо истифода аз тамоку ва нӯшидани машрубот ва истифодаи адвияи мухаддар метавонад ба кӯдаки таваллуднашудаи худ зарар бирасонад. Дар ин давра бе тавсияи табибон истифодаи доруҳо қатъиян манъ аст.

Барои тифл ва модар ба нақша гирифтани замони валодат роҳи беҳтарини кам кардани хатари ҳомиладорӣ ва валодат мебошад. Хатари ҳомиладорӣ замоне зиёд аст, ки синни модар аз 18 кам ва аз 35 зиёд буда, зан ҳомилаи чаҳорум ва ё бештар аз онро қаблан аз сар гузаронида аст.

Пешгирии таваллуд ҳангоми сукути чанин хеле хатарнок шуда метавонад. Сукути ғайриқонунӣе, ки аз тарафи шахсони тасодуфӣ ва таълим нагирифта ичро мешаванд, ҳама сол сабабгори марги 100 то 200 ҳазор зан мегарданд.

Таваллуди мувофиқ ва бехатар бештар ба сиҳатӣ ва омодагии модар вобаста аст.

**Супориш ва саволҳо:**
1. Барои таъмини бехатарии модарон кадом маслиҳатҳо дода шудаанд?
2. Зан — модари оянда бояд чиҳоро донад?
3. Кадом аломатҳо ҳангоми валодат бояд ба назар гирифта шаванд?
4. Донистани маърифати оиладорию ҳомиладорӣ чӣ аҳамият дорад?

## §42. ҲИФЗИ САЛОМАТИИ ТИФЛИ НАВЗОД

**Шири модар.** Тифлоне, ки шири модар мехӯранд, дар муқоиса бо кӯдаконе, ки аз ғизоҳои дигар истифода менамоянд камтар бемор мешаванд. Аз ин рӯ, истифодаи шири хушк таҳдиди ҷиддие барои сиҳатӣ ва ҳаёти кӯдакон мебошад. Бисёр модарон ба қобилияти ширдиҳии худ бовар надоранд. Бинобар ин маслиҳати асосии ин бахш метавонад монеи ин таҳдид шуда, боиси рушди солимии кӯдакон гардад:

**1**

— аз замони таваллуди навзод то синни шашмоҳа ягона ғизои беҳтарине, ки кӯдак ба он зарурат дорад, шири модар мебошад. Тамоми ғизоҳои дигар: шири гов, шири хушк ва шӯрбоҳои хонагӣ назар ба шири модар арзиши камтар доранд;

— ҳатто дар ҳавои гарм ва иқлими хушк шири модар дар худ ба миқдори кофӣ оби зарурӣ барои кӯдакро дорад. Ҷиҳати рафъи ташнагии кӯдак ба оби зиёд ё моеъҳои ширин зарурат нест.

— шири модар тифлро аз исҳол, сулфа, резиш ё зуком ва дигар касалиҳои маъмули кӯдакона муҳофизат менамояд ва ин хусусан, дар шаш моҳи аввали ҳаёти кӯдак хеле муҳим аст;

— ғизоҳо ва нӯшиданиҳои дигар замоне лозим аст, ки синни кӯдак ба 6-моҳагӣ бирасад. То синни 9 ё 10 моҳагӣ қабл аз додани ғизоҳои дигар барои кӯдак аввал бояд шири модар дода шавад. Таъмин бо шири модар бояд то синни 2- солагӣ ва дар сурати имкон бештар аз он идома пайдо намояд;

— шир додан ба тифл дар рӯзу шаб ба суръати муқаррарии таъхири моҳвора ва ҳомиладории минбаъда кӯмак менамояд;

— тифли навзод бояд бо шири модар таъмин гардад. Асосан ҳар модар қудрати ширдиҳии навзодашро дорад. Баъд аз таваллуди тифл шир дар пистон зиёд мегардад. Ширдиҳии кӯдаки навзод пас аз ҳар як соат сурат бигирад;

— дар баъзе кишварҳо барои модарон чунин тавсия менамоянд, ки аз фала ё шири ғализи зардранги пистонҳо, ки дар чанд рӯзи аввали баъд аз валодат пайдо мешавад, истифода накунанд. Чунин тавсия ва супориш ғалат аст. Фала барои навзодон муфид буда, онҳоро аз бемориҳои маъмул муҳофизат менамояд. Навзод то вақти омадани шири модар ниёз ба об ва ғизои дигар надорад;

— бисёре аз модарон ҳангоми ширдиҳӣ ба кӯмак зарурат доранд, бахусус агар тифли нахустин бошад. Дар ин мавридҳо ҳар зане, ки қаблан тифли худро шир додааст, метавонад дар пешгирӣ ё рафъи мушкилоти маъмулии модари ҷавон кӯмак намояд;

— тақрибан тамоми модарон ба қадри кофӣ шир доранд. Ҳар вақте ки кӯдак пистони модарро бо умеди шир макидан ба даҳан мегирад, ҳатман шир меояд;

— гиряи тифл ҳамеша маънии ба чизе ҳоҷат доштани ӯро намефаҳмонад, балки навозиш ва бағал гирифтанро бештар мехоҳад. Баъзе аз кӯдакон танҳо ба хотири оромӣ ба пистон ниёз доранд. Ҳангоми гурусна будани кӯдак ва истифодаи зиёди пистон шири зиёд пайдо мешавад;

— модароне, ки ба миқдори кофии шири худ эътимод надоранд, аксар ғизо ва нӯшиданиҳои дигарро низ дар моҳҳои аввали ҳаёт ба кӯдак медиҳанд. Дар натиҷа ҳангоми истифодаи пистони модар шир камтар пайдо мешавад. Барои пешгирии ин ҳодиса бояд модарон боварӣ дошта бошанд, ки онҳо қобилияти таъмини кӯдакро тавассути шири худ доранд;

— занone, ки кор мекунанд, ниёзманди рухсатии мувофиқ дар ҷараёни кор буда, метавонанд аз кӯдаки хеш хабар бигиранд.

Ҷиҳати пайдо шудани миқдори кофии шири модар зуд-зуд макидани тифл зарур аст;

— аз замони таваллуд ва баъд ҳангоми ба хӯрок ниёз пайдо кардани кӯдак бояд барояш шири модар дода шавад. Кӯдак ин ниёзмандии худро тавассути гиря изҳор мекунад, ки ин боиси

хурсандист, на сабаби маломат. Зеро мунтазам макидан бастан ва дардманд шудани синаи модарро пешгирӣ менамояд. Агар модар дар баробари шири худ ба кӯдак шири гов, об ё дигар моеъ диҳад, ин сабаби кам шудани миқдори шири ӯ мегардад;

— ба воситаи чӯшак (чочак) хӯрондани об, шир ва дигар моеъҳо сабаби пистони модарро тарк намудани кӯдак шуда метавонад. Макидани чӯшак аз макидани пистони модар фарқ дорад. Дар сурати ба чӯшак одат кардан мумкин аст кӯдак ба макидани пистони модар камтар зарурат эҳсос менамояд.

Макидан аз тариқи чӯшак сабабгори бемориҳои хатарнок ва марги тифл шуда метавонад;

— додани шири гов, шири сунъӣ, омочи чав ва дигар ғизоҳои тифлона аз тариқи чӯшак кӯдакро дар муқобили исҳол, сулфа, резиш, зуком ва дигар касалиҳо муҳофизат карда наметавонад;

— ғизо додан ба воситаи чӯшак метавонад боиси исҳол гардад, агар зарурате пеш ояд, чӯшак ва шиша қабл аз ҳар истифода бояд чӯшонида шавад;

Ҳар қадар кӯдак бештар бемор шавад, ҳамон андоза эҳтимоли дучоршавӣ ба бемориҳои сирояткунанда зиёд мешавад.

Дар сурати ба шири дигар эҳтиёҷ пайдо шудан, аз пиёла истифода бурдан беҳтар аст. Барои тайёр намудани хӯрок аз шири хушк бояд аз оби чӯшонидаи сард истифода шавад.

Ба хотири зиёд намудани миқдори шири гов ва ё шири хушк ба он оби зиёд ҳамроҳ кардан лозим нест. Зиёд ҳамроҳ намудани об қуввати ширро кам мекунад.

Шири гов ва маҳлули хушк агар чанд соат дар ҳарорати хона нигоҳ дошта шавад, турш мешавад ва барои истеъмоли кӯдак зарар дорад. Шири модар бошад дар ҳарорати хона 8 соат вайрон намешавад ва онро ба кӯдак хӯрондан мумкин аст. Шири модар хусусияти табобатӣ низ дорад ва кӯдаконе, ки то 2 солагӣ шири модарро истеъмол мекунанд ба касалиҳои кӯдакона гирифтор намегарданд. Аз ин хотир макондани пистони модар бояд то соли дуюми ҳаёти тифл ва дар сурати имкон бештар аз он идома ёбад.

Агар кӯдак бо сабабҳои гуногун синаи модарро макида натавонад, модар бояд ба кӯдак ширашро чӯшида диҳад. Пиёла ё косаеро, ки ширро ба он мечӯшанд ҳатман бо оби чӯш шустан лозим аст.

## §43. ИНКИШОФИ КӮДАК

Кӯдак аз таваллуд то синни сесолагӣ бояд ҳар моҳ вазн гирад. Агар баъд аз ҳар ду моҳ вазни кӯдак зиёд нашавад, маълум мегардад, ки кӯдак тансиҳат нест. Афзоиши мунтазами вазни кӯдак ҳар моҳ аломати рушду сиҳатмандии вай мебошад. Дар сурати зиёд нашудани вазни кӯдак дар зарфи ду моҳ волидон ва кормандони тиб бояд сабаби онро ҷустуҷӯ намоянд. Шояд сабаби бемории кӯдак нокофӣ ва паст будани сифати хӯрок бошад. Гузаронидани доруҳои зидди касалӣ (ваксинаҳо) дар соли аввали ҳаёти кудак зарур аст. Дорувор кӯдакро аз бемориҳое, ки боиси коҳиши иштиҳо мегарданд, муҳофизат менамояд.

Ҳангоми истеъмоли ғизоҳои дигар (дар баробари шири модар) баъд аз синни 6-моҳагӣ барои кӯдак хатари дигаре таҳдид мекунад, аз ин хотир санҷидани он ки вазни кӯдак мунтазам афзоиш меёбад ё не муҳим аст. **Агар дар тифлӣ аз сесола хурд, бо вуҷуди хӯрдани ғизои хуб афзоиши вазн дида нашавад, донистани ҷавоби саволҳои поён муҳим аст:**

— оё кӯдак дар мӯҳлати муайян хӯрок мехӯрад? (Кӯдак бояд рӯзона 5-6 маротиба ғизо бихӯрад);

— оё дар хӯрокҳои кӯдак ғизои хушсифат мавҷуд аст? (Як миқдор равған ва ширинӣ бояд ба хӯроки кӯдак илова гардад);

— оё кӯдак дар вақтҳои беморӣ аз хӯрдани ғизо даст кашидааст? (Кӯдакро ҳангоми беморӣ бояд ба кам-кам хӯрдани ғизо водор намуда, баъд аз беморӣ ба миқдори хӯрок илова бояд намуд);

— оё кӯдак зуд-зуд бемор мегардад? (Ба муолиҷаи тиббӣ мӯҳтоҷ аст);

— оё кӯдак ба миқдори зарурӣ витамини А истеъмол менамояд? (Кӯдак ҳамарӯз ба сабзавоти дорои баргҳои сабз эҳтиёҷ дорад);

— оё кӯдак аз ҷӯшак (чочак) хӯрок мехӯрад? (Ҷӯшак ва об мумкин тоза нест, аз ин рӯ ба ивази миқдори кофии шир бароям моеъи ширин дода шуда бошад);

— об ва ғизо тоза нигоҳ дошта мешавад? (Агар не, кӯдак бисёр вақт ба касалиҳо гирифтор мегардад);

— оё кӯдак мубтало ба кирмҳо аст? (Дар он сурат бо нишондоди духтур барояш давои зидди кирми меъда дода шавад);

— оё кӯдак вақти зиёд танҳо мемонад? (Кӯдак ба навозиш ва гуфтугӯи бештар зарурат дорад).

Сабт ва қайди вазни кӯдак дар ҷадвали махсуси инкишофи кӯдак нишон дода шудааст ва духтурони атфол инкишофи кудакро бояд тахти назорати хеш қарор диҳанд. Агар вазни кӯдак ҳар моҳ зиёд гардад, ин нишонаи тансиҳатии вай мебошад.

Кӯдак баъд аз синни 6-моҳагӣ ба иловаи шири модар ба ғизои зиёдатӣ эҳтиёҷ дорад.

Ба тифл қабл аз ғизоҳои дигар бояд шири модар дода шавад, то ки модар муддати тӯлонӣ шири худро дошта бошад.

Сабзавоти ҷӯшонида ва майда кардашуда аз ибтидои шаб то огози рӯз камаш як маротиба дода мешавад. Дигар ғизоҳое, ки ҷиҳати ҷудо кардани тифл аз шир ба кор мераванд ба он илова мегарданд.

Кӯдак ҳар чи қадар аз ғизоҳои гуногун истифода намояд барояш муфид аст.

Тифли то синни сесола дар як рӯз бояд 5 ё 6 маротиба ғизо истеъмол намояд.

Меъдаи тифл аз меъдаи калонсолон хурдтар аст. Аз ин рӯ як тифл наметавонад монанди калонсол ба миқдори зиёд дар як вақт ғизо истеъмол намояд, лекин тифл дар муқоиса ба ҷисми худ ба энергияи бештар эҳтиёҷ дорад. Дар субҳ ба ғизои нарми кӯдак сабзавоти майдашуда ва миқдори ками равған ё ширинӣ илова кардан шарт аст.

Ғизои чанд соат пеш тайёр карда набояд ба кӯдак дода шавад, зеро микробҳо метавонанд дар он пайдо шуда, боиси бемории кӯдак гарданд. Аз ин ки пӯхтани ғизо барои тифл рӯзона 5 ё 6 маротиба умуман номумкин аст, дар фосилаи байни ғизоҳои сегона бояд барои кӯдак хӯрокҳои хушк ё ҷузъӣ, монанди меваҷот, нони хушк, кулча, печение, донаи магз ва дигар ғизоҳои тоза дода шавад.

Тифли то синни сесола ба миқдори ками ширинӣ ё равған зарурат дорад. Ғизои оила бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки зарурати хоси инкишофи тифлро таъмин намояд. Ин ба он маънӣ аст, ки сабзавоти майдакардашуда ба миқдори ками ширинӣ, маска, равғани набототӣ, ҷуворӣ ё магзи майдашуда ба хӯроки оддии кӯдак илова гардад.

Организми кӯдак ба ғизоҳои аз витамини А бой зарурат дорад.

Дар ҷаҳон ҳамасола бештар аз 200 ҳазор кӯдак ба иллати дар баданашон кам будани витамини А бинои худро аз даст

медиҳанд. Ҳамчунин витамини А кӯдакро дар муқобили дигар бемориҳо ва исҳол муҳофизат менамояд. Аз ин рӯ, витамини А як ҷузъи ғизои рӯзмарраи ҳар кӯдак бошад.

Манбаъи витамини А ин шири модар, сабзавот, афлесун, лиму, меваҷот, сабзӣ ва ғайра мебошад.

Витамини А дар натиҷаи исҳол ё сурхакон аз бадани кӯдак хориҷ мешавад. Инро бо ширдиҳӣ, додани сабзавот ва меваҷот ҷуброн намудан лозим аст.

Яке аз муҳимтарин вазифаи волидон маҳорати мубориза алайҳи бемориҳо аст, то ки боиси таъхири нашъунамои тифл нагардад. Ҳангоми беморӣ, бахусус бемории исҳол ё сурхакон иштиҳо гирифта, миқдори ночизи ғизо истеъмол мешавад.

Агар чунин ҳолат дар як сол чанд маротиба такрор ёбад, боиси таъхири нашъунамои кӯдак хоҳад шуд. Пас кӯдаки беморро ба хӯрдан ва нӯшидан ташвиқ намудан лозим меояд. Агар кӯдак аз хӯрдан худдорӣ намояд, ин кор бисёр мушкил мешавад. Аз ин рӯ, ба кӯдак ғизоҳои нарму ширинро ба миқдори кам чанд маротиба бояд хӯронанд.

Агар кӯдак иштиҳо надошта бошад ҳатман ба духтур муроҷиат кардан лозим аст.

То яксолагӣ тамоми доруворин муҳофизатӣ (ваксинаҳо) ба кӯдак гузаронида шаванд. Дастҳо, маводи хӯрока, ошпазхонаро пок нигоҳ доштан лозим аст.

Бо кӯдак ҳарчи зиёд бозӣ карда, ӯро навозиш намудан лозим, зеро ин барои инкишофи ҷисмонӣ, ақлӣ ва равонии кӯдак муҳим аст.

Кӯдак дар баробари заруратҳои ҷисмонӣ ба ду навъ зарурати дигар низ эҳтиёҷ дорад, ки ин ба ҷиҳати инкишофи ақлӣ ва равонии вай аҳамияти ҳаётан муҳим дорад: зарурат ба иртибот ва вобастагӣ.

Кӯдакон ба ашхоси калонсоле, ки онҳоро нигоҳубин мекунанд, робитаи наздики дӯстона доранд. Кӯдак аз тифлӣ тавассути меҳру муҳаббат метавонад бо кӯдакони дигар ва калонсолон робита намояд. Ин гуна робита ва эҳсос, ки кӯдакон онро меҳоҳанд ва дӯст медоранд, ба инкишофи ҳаматарафаи онҳо аҳамияти ҳаётӣ дорад. Ин робита асоси пайдоиши ҳиссиёт, эътимод ба нафс, қудрати созиш бо дигарон ва дунёи атрофи кӯдакро ташкил медиҳад. Муносибати волидон ба тифл таъсири мусбат ё манфӣ расонида метавонад. Аз тарафи дигар тифл дар

бораи он ки кадом амал дуруступ кадомаш нодуруст маълумоти муайян пайдо менамояд.

Қаҳру ғазаб ва асабоният дар оила ба инкишофи рӯҳии кӯдак таъсири бад мерасонад.

Зарурат ба ҳаракат ва ангезиш. Ақли кӯдак монанди бадани вай ба нашъунамо зарурат дорад. Се «ғизои» муҳим: забон, бозӣ ва муҳаббат нашъунамои ақлро ташкил медиҳанд. Тифл аз моҳҳои аввали зиндагӣ ба шунидани суханҳои зиёд эҳтиёҷ дорад, аз ин рӯ ӯро дар оғӯш гирифта бо вай ҳар чӣ бештар хандидан ва гап задан лозим аст. Аз тарафи дигар ба вай гӯш карда, кӯшиш намудан лозим аст, ки ба воситаи садо ва ҳаракатҳо посух бидиҳад. Кӯдакон мекӯшанд, ки бо дигарон алоқа барқарор намуда, сӯҳбат намоянд, бо онҳо биханданд ва табассум кунанд ва билохир ба саволҳояшон ҷавоб дода аз онҳо ҷавоб бихоҳанд.

Бетаваҷҷуҳӣ тифлро нороҳат мекунад. Тифле, ки дар танҳоӣ калон мешавад, алоқа бо дигаронро аз даст дода, иштиҳояш кам мегардад ва мумкин аст, ки нашъунамои ҷисмонӣ ва ақлии вай ба таъхир афтад.

Кӯдакон ҳангоми иҷрои бозӣ меомӯзанд, бинобар ин онҳо дар ҷараёни нашъунамо ба озодӣ, ҷустуҷӯи ашё ва бозӣ зарурат доранд. Бозиҳои гуногун яке аз муҳимтарин ҷузъҳои нашъунамои онҳо мебошад.

Аз тарафи дигар бозӣ ба инкишофи маҳорати ақлӣ, иҷтимоӣ ва ҷисмонии кӯдак кӯмак менамояд. Ташвиқи атфол ба бозӣ ва омода намудани анҷомҳои бозӣ яке аз муҳимтарин ҷиҳатҳои тарбияи атфол мебошад. Қуттиҳои холӣ ва ё дигар ашёҳои хонагиро ҳамчун анҷомҳои бозӣ истифода бурдан мукин аст. Бозиҳои хаёлӣ (масалан, вақте ки атфол нақши калонсолонро бозӣ менамоянд) барои инкишофи кӯдак бисёр муҳим мебошанд.

Барои инкишофи қудрати ибтикор ва созандагии атфол бояд ба онҳо кӯмак расонида шавад. Ин кор дар шароите ба анҷом расад, ки кӯдакон имконияти дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилотро пайдо намоянд.

Хондани таронаҳо, аз ёд кардани шеърҳо, рамкашӣ ва бо садои баланд хондани қиссаҳо барои инкишофи ақлии кӯдак кӯмак намуда, барои хондану навиштанро ёд гирифтани вай кӯмак мерасонад.

Барои солим ташаккул ёфтан кӯдакон ба таҳсин ва дастгирии кӯшишҳояшон эҳтиёҷ доранд.

**Савол ва супориш:**

1. Чанд маслиҳати муҳими инкишофи тифлро шарҳ диҳед.
2. Иртибот ва вобастагӣ дар инкишофи ақлӣ ва равонии кӯдакон чӣ аҳамият доранд?
3. Се «ғизои» муҳим дар инкишофи ақлро номбар кунед?
4. Додари (хоҳари) хурдсоли то дусолаи шумо кадом калимаҳоро истифода мебарад?

## §44. БЕМОРИҲОИ КӮДАКОН ВА ТАДБИРҲОИ ПЕШГИРИИ ОНҲО

### 1

Гузаронидани дорувор (ваксинаҳо) баданро аз бемориҳои хатарнок муҳофизат менамоянд. Эҳтимоли гирифтор шудан ба бемориҳо ва марги кӯдакони ваксинанагирифта чандин маротиба бештар аст. Татбиқи ваксинаҳо ба воситаи сӯзандору сабаби тавлиди муофият дар бадани тифл мегардад. Ваксинаҳо қобилияти зиддияти бадани кӯдакро ба муқобили бемориҳо пурқувват менамоянд. Гузаронидани ваксина ҳангоми ба беморӣ гирифтор шудани кӯдак фоида мебахшад.

Эҳтимоли гирифтор шудан ба бемории сурхакон ва сулфаи кабудак дар кӯдаке, ки ваксина гузаронида нашудааст, чандин маротиба бештар аст. Ин беморӣ боиси марги кӯдак шуда метавонад. Ҳатто бадани кӯдаконе, ки баъд аз ин беморӣ шифо меёбанд, заиф гашта ба дигар бемориҳо зуд-зуд гирифтор мешаванд, ки он оқибат сабаби марги кӯдак шуда метавонад.

Сурхакон ҳамчун омили инкишоф наёфтани кӯдак, ақибмонии инкишофи ақлӣ ва ҷисмонӣ мегардад. Кӯдаке, ки ваксина нагирифтааст, ба вируси бемории фалаҷи атфол гирифтор мешавад.

Микроби кузоз дар захмҳо рушд намуда, аксар ашхоси ба ин беморӣ мубталошуда (ваксина нагирифта)-ро ба ҳалокат мерасонад.

### 2

Гузаронидани ваксинаҳо амали зарурӣ ва ҳатмӣ аст. Тамоми ваксинаҳо дар соли аввали ҳаёти кӯдак бояд гузаронида шаванд. Қисми зиёди марги атфол аз сулфаи кабутак, сеяки ҳодисаҳои фалаҷи кӯдакон аз сурхакон пеш аз синни яксолагӣ воқеъ мегардад.

Давра ба давра ба кӯдакон гузаронидани ваксина муҳим ва зарур мебошад, дар акси ҳол таъсири ваксинаҳо муфид нахоҳад буд. Баъзе ваксинаҳо бояд фақат як бор гузаронида шаванд, гурӯҳи дигари ваксинаҳо бояд се маротиба гузаронида шаванд ва байни ҳар як давр бояд чор ҳафта фосила бошад.

Чизи муҳиме, ки тамоми волидон бояд бидонанд, ин дар соли аввали ҳаёт панҷ маротиба барои қабули мукаммали ваксинаҳо ба духтурхонаи кӯдакон бурдани тифл аст: ваксинаи бемории сил (туберкулёз) бояд ҳангоми таваллуд ва ё зуд баъд аз таваллуд гузаронида шавад. Аввалин меъёри ваксинаи полиэмелит ё фалаҷи атфол дар ҳамин давр дода мешавад. Волидон бояд кӯдаконро дар ҳафтаи шашум барои гузаронидани аввалин давраи ваксинаи гулӯзиндонак (дифтерия), сулфаи кабутак ва кузоз ба дармонгоҳ баранд. Ин се ваксина ба номи БСЖ ёд мешаванд ва онҳо дар як вакт ба кӯдак гузаронида мешаванд. Волидон бояд кӯдаконро дар ҳафтаи 10 ва 14 ду рӯз барои қабули ваксинааи БСЖ ба духтурхона баранд.

Як миқдор ваксинаи бемории фалаҷ низ бояд дар ин давра барои кӯдак дода шавад. Кӯдакро барои қабули ваксинаи сурхакон баъд аз 9 моҳагӣ ба шифохонаи атфол бурдан лозим аст, зеро сурхакон аз хатарноктарин бемории давраи кӯдакӣ мебошад. Кӯдакон дар чанд муддати аввали ҳаёти худ ба муқобили ин беморӣ як навъ табиӣ мубориза мебаранд, лекин баъди хафт ё нӯҳмоҳагӣ таъсири он суст мешавад.

Агар қабули ваксинаҳо дар соли аввали ҳаёти кӯдак амалӣ нагашта бошад, онҳоро баъдтар гузаронидан лозим аст.

## Замони гузаронидани ваксина барои кӯдакон

| Синну сол | Бемориҳое, ки муқобили он ваксина гузаронида мешаванд |
|---|---|
| замони таваллуд | сил ва полиомелит |
| 6 ҳафтагӣ | дифтерия, сулфаи кабутак, полиомелит |
| 10 ҳафтагӣ | дифтерия, сулфаи кабутак, полиомелит |
| 14 ҳафтагӣ | дифтерия, сулфаи кабутак, полиомелит |
| 9 моҳагӣ | сурхакон (дар баъзе кишварҳо аз 12 то 15 моҳагӣ) |

Дар баъзе кишварҳо замони гузаронидани ваксина фарқ мекунанд.

## 3

Дар вақти беморӣ ваксина гузаронидан хатар надорад.

Волидон аз ваксина гузаронидан метарсанд, сабаб дар он аст, ки рӯзҳои аввали гузаронидани ваксина кӯдак таб мекунад, ба сулфа, резиш ва дигар бемориҳои ҷузъӣ гирифтор мешавад. Коркунони тиб мумкин чунин тавсия намоянд, ки ба кӯдакони бемор ваксина гузаронидан мумкин нест, лекин ин тавсия нодуруст мебошад. Собит шудааст, ки ваксина намудани кӯдаке, ки ба бемории ҷузъӣ мубтало аст, хатаре надорад. Агар хатари шадиди бемориҳои сурхакон ё сулфаи кабутак мавҷуд бошад, барои ваксина намудани кӯдакон аз ҳар фурсати муносиб истифода бурдан лозим аст.

Баъд аз гузаронидани ваксина кӯдак шояд ҳарорат пайдо кунад, дар баданаш доначаҳои сурх ё захмча пайдо шаванд. Дар ин ҳолат ҳам бояд барои кӯдак ба миқдори зарурӣ ғизо дода шавад, хусусан шири модар муфид аст. Агар бемории кӯдак шиддат гирад ва то се рӯз давом кунад, дар ин ҳолат бояд кӯдак ба шифохона хобонда шавад.

## 4

Занони аз 15 то 44 сола бояд ҳатман ба муқобили кузоз ваксина қабул намоянд.

Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон занон дар шароити ғайритиббӣ таваллуд менамоянд. Дар чунин шароит эҳтимоли гирифторшавии модар ва кӯдак ба бемории кузоз, ки омили асосии марги навзод мебошад, хеле зиёд аст. Аз ҳар сад нафар кӯдаке, ки модарашон муқобили кузоз ваксина нагирифта бошанд, як нафар дар натиҷаи беморӣ ҳалок мегардад.

Микроби кузоз дар захмҳои нопок инкишоф менамояд. Ин ҳодиса ҳангоме воқеъ мешавад, ки банди нофи навзод бо корди нопок бурида шавад ё чизи нопоке дар болои нофи буридашуда гузошта шавад.

Модаре, ки ба муқобили кузоз ваксина нагирифта бошад, ҳаёти вай низ зери хатари бемории кузоз қарор мегирад.

Модарон метавонанд бо гирифтани ваксинаи кузоз қабл ва ё ҳангоми ҳомиладорӣ худ ва навзодро аз ин бемории хатарнок муҳофизат намоянд.

Агар зан қаблан ваксина нагирифта бошад, ҳангоми пайдо шудани аломатҳои ҳомиладорӣ бояд ҳар чи зудтар миқдори зарурии ваксинаро қабул намояд. Миқдори дуюм баъди чор ҳафтаи аввал ва миқдори сеюмро пеш аз ду ҳафтаи охири ҳомилдорӣ қабул кардан лозим аст. Ин се ваксина модар ва тифли навзодро муддати панҷ сол аз бемории кузоз муҳофизат менамояд. Донистани ваксина ва мавриди қабули он барои ҳар як модар шарт аст.

**Супориш:**
1. Чор маслиҳати асосии татбиқи ваксинаҳоро шарҳ диҳед.

## ИСҲОЛ

Исҳол боиси аз даст додани моеъи бадан буда, дар ҷаҳон ҳар сол тақрибан сеюним миллион кӯдакро ба марг гирифтор мекунад. Илова бар ин исҳол омили асосии рахити (инкишофи нодурусти устухон) кӯдак низ мебошад.

Омили асосии пайдо шудани бемории исҳол риоя накардани қоидаҳои тозагӣ, гигиению санитарӣ ва набудани оби тозаи нӯшиданӣ мебошад.

Шаш маслиҳати асосии ин бахш метавонад волидон ва ҷомеъаро дар қисмати пешгирии марг аз бемории исҳол ёрӣ расонад.

### 1

Исҳол дар натиҷаи ба миқдори зиёд хориҷ кардани моеъи бадани тифлон ба вуҷуд омада, боиси марги онҳо мешавад. Бинобар ин ба тифле, ки ба бемории исҳол гирифтор шудааст, миқдори зиёди моеъ дода мешавад. Исҳол бемории хатарнок аст. Тақрибан аз ҳар дусад кӯдаке, ки ба бемории исҳол гирифтор мешаванд як нафари онҳо вафот мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми саршавии исҳол бо додани миқдори зиёди нӯшокиҳо: шири модар, чой, оби мева, омоҷ, шӯрбо, оби биринҷ ва ғ. моеъи хориҷшударо ҷуброн кардан мумкин аст.

Дар дорухонаҳо, дӯконҳо ва марказҳои тиббии ҳамаи кишварҳо барои кӯдакони гирифтори бемории исҳол нӯшиданиҳои махсус мавҷуданд. Ин нӯшиданиҳо дар халтачаҳо ба шакли хокаи намак - бо номи OPS мавҷуданд. Ба он бояд миқдори муайяни оби тоза илова гардад. Ин хокаҳои намакӣ аз як тараф барои табобат ва ҷуброни моеъи бадан истифода шаванд, аз ҷониби дигар онҳо барои пешгирии зоеъ нарафтани моеъи бадан кӯмак мерасонад. OPS-ро бо моеъҳои дигар, аз қабили шир, шӯрбо, оби мева ва нӯшиданиҳои дигар омехта кардан мумкин нест.

Барои табобати исҳол ҳашт қошуқ шакар ва як қошуқ намакро дар як литр оби тоза омехта намуда, нӯшобаи хубе тайёр кардан мумкин аст.

Дар сурати набудани ин нӯшокиҳо аз оби меваи тоза, чойи камранг, оби ҷӯшонидаи сардшуда истифода мебаранд.

Нӯшоба бояд тавассути пиёла ба кӯдак дода шавад, чунки пок нигоҳ доштани шиша ва ҷӯшак мушкил аст. Дар сурате, ки кӯдак истифроғ намояд, баъд аз 10 дақиқа дубора ба вай нӯшоба додан лозим аст. Нӯшоба бояд оҳиста, ба миқдори кам дода шавад.

Нӯшонидани моеъи зиёд бояд то вақте идома ёбад, ки исҳоли кӯдак қатъ гардад. Ин кор аз се то панҷ рӯзро дарбар мегирад.

Агар кӯдаки ширхора ба бемории исҳол гирифтор шавад, додани шири модарро (агар имкон бошад) зиёд кардан лозим. Агар кӯдак аз пистони модар истифода карда натавонад беҳтар аст, ки онро ҷӯшида ба воситаи пиёлаи пок ба вай диҳанд.

Агар кӯдак аз шири хушк ё шири гов истифода намояд, дар ин сурат ба он оби тоза илова намудан зарур аст.

## 2

Ҳангоми бемории исҳол кӯдак ба ғизои бештар зарурат дорад. Аксар вақт ҳангоми идома ёфтани исҳол барои кӯдак истеъмол кардани ғизо ё нӯшиданиро манъ мекунанд, ки чунин тавсия ғалат аст. Баръакс, ғизо дар ҳолати беморӣ аҳамияти калон дорад. Қабул накардани ғизо ҷисми кӯдакро лоғар намуда, қудрати муқовимати баданро паст мекунад.

Кӯдаки гирифтори бемории исҳол камиштиҳо мегардад, бинобар ин дар ибтидо ба вай хӯрок додан бисёр мушкил мегардад. Ба кӯдак миқдори ками ғизоҳои дилкашро мунтазам хӯрондан лозим аст.

Барои атфоле, ки хӯрокҳои сахт мехӯранд, бояд ғизоҳои нарм ва майдашуда тахия гардад, ки дар таркиби онҳо лубиё, гӯшт ё моҳии хуб пухташуда бошанд. Аз рӯи имкон як ё ду қошуқи равған ба он илова гардад. Ҳамчунин ҷурғот ва меваҷот барои атфол муфид аст. Ғизоҳо бояд тоза буда, рӯзона панҷ-шаш маротиба дода шаванд.

### 3

Агар исҳол шадид бошад, ҳатман ба муассисаи табобатӣ муроҷиат кардан лозим аст.

**Дар мавридҳои зерин волидон бе таъхир бояд ба беморхона муроҷиат намоянд:**

— агар кудак моеъи баданашро аз даст диҳад;
— чашмонаш фуру нишинад;
— ҳангоми гиря ашк нарезад;
— ҳарорат дошта бошад;
— иштиҳо надошта, пайваста истифроғ кунад;
— соате чанд маротиба ҷои хобашро тар кунад;
— хун истихроҷ кунад.

Агар аломатҳои фавқулзикр дар бадани кӯдак зоҳир гарданд, фавран ба духтур муроҷиат кардан лозим аст. Дар айни замон кӯшиш кардан лозим, ки кӯдак миқдори зиёди моеъро истеъмол намояд.

### 4

Баъд аз беҳтар шудани аҳволи тифл ӯ муддати як ҳафта барои пурра барқарор намудани саломатиаш ба ғизои бештар эҳтиёҷ дорад. Иштиҳои хуб метавонад бемориро бартараф намояд. Кӯдак ҳамон вақт комилан сиҳатшуда дониста мешавад, ки вазни пеш аз бемориашро барқарор намояд.

Аз меъёри муқаррарӣ зиёд додани шири модар барои беҳтар шудани тифл ёрӣ мерасонад.

### 5

Барои табобати бемории исҳол бидуни тавсияи духтур ягон хел дору ва даво бояд истифода нагардад. Аксари давоҳо барои исҳол бефоидаанд ва ё ин ки зарар доранд. Исҳол, маъмулан дар зарфи чанд рӯз худ ба худ бартараф мегардад. Хатари асосиро на

худи исҳол, балки зоеъ шудани моеъи бадани кӯдак ташкил медиҳад. Аз ин сабаб надониста ҳар хел доруҳоро ба кӯдак додан зарар дорад.

6

Таҷзияи шири модар, ваксина намудани кӯдакон ба муқобили сурхакон; пок нигоҳ доштани об ва хӯрок, шӯстани дастон бо собун пеш аз хӯрок бемории исҳолро пешгирӣ карда метавонад.

Исҳол тавассути микробҳое ба вуҷуд меояд, ки ба воситаи об, хӯрок, дасти ифлос, зарфи чиркин ба даҳон дохил мегардад. Риоя нагардидани қоидаҳои тозагӣ ва гигиению санитарӣ, набудани оби тозаи нӯшиданӣ (оби водопровод) сабаби пайдоиши бемории исҳол мегарданд.

**Роҳҳои муҳимми пешгирии бемории исҳол инҳоянд:**

— дар 6 моҳи аввали ҳаёти кӯдак ба ӯ танҳо шири модар дода шавад;

— баъд аз шашмоҳагӣ бар иловаи шири модар ба кӯдак додани ғизоҳои пок ва бақуввату хуб майдашудаи ширадор тавсия мешавад;

— ба кӯдак шири хушк ё шири говро тавассути пиёла додан беҳтар аст;

— оби чоҳ, чашма ва дарёро ба кӯдак ҷӯшонида додан лозим аст;

— оби нӯшиданӣ ва маводи хӯрока бояд пӯшида бошад;

— хӯрок бояд нағз пухта шавад ва набояд муддати зиёд онро нигоҳ дошт.

Сурхакон боиси исҳоли шадид мегардад. Аз ин рӯ, ваксина муқобили бемории сурхакон метавонад кӯдакро аз бемории исҳол муҳофизат намояд. Муқобили исҳол ваксина вуҷуд надорад.

## СУЛФА ВА САРМОХӮРӢ

Сулфа ва зуком мумкин аст сабаби тавлиди варами шуш (пневмания) гардад. Аз бемории варами шуш ҳар сол аз ду то се миллион кӯдак ба марг гирифтор мешаванд.

Чор маслиҳати ин бахш метавонад ба волидон барои аз ин касалӣ наҷот додани кӯдакон кӯмак расонад.

## 1

Тамоми волидон бояд бидонанд, ки дар мавриди сулфа ва зуком кадом корро бояд анҷом бидиҳанд ва кадом вақт ба кормандони тиб барои ёрӣ муроҷиат намоянд. Айни замон дар тамоми муассисаҳои соҳаи тиб бояд доруҳои дастрасу арзон барои пешгирии бемории варами шуш мавҷуд бошад.

Агар дар баробари сулфидан нафаскашии кӯдак аз ҳадди маъмул вазнин ва босуръаттар бошад ҳаёти вай таҳти хатар аст ва дар ин ҳолат кӯдакро ҳарчи зудтар ба шифохона бурдан лозим аст.

Сулфа, зуком, гулӯдард, омадани об аз бинӣ одатан худ ба худ хуб мешаванд, вале гоҳо ин бемориҳо ба варами шуш мубаддал шуданашон мумкин аст, ки ба ҳаёти кӯдак хатари зиёд меорад. Марги миллионҳо тифлонро, ки аз варами шуш талаф мегарданд пешгирӣ кардан мумкин аст. Волидон бояд бидонанд, ки сулфа ё зуком ба ҳаёти кӯдак хатар дорад ва аз ин хотир бояд ба духтур муроҷиат намоянд.

**Кӯдаконеро, ки сулфа мекунанд, дар мавридҳои зерин фавран ба табобатхона бурдан лозим:**

— нафасгирии кӯдак аз меъёри маъмулӣ зиёд бошад (бештар аз 50 нафас дар як дақиқа);

— хангоми нафас кашидан қисмати поёнии қафаси синаи кӯдак баланд шуда ба тарафи поин кашида шавад;

— агар кӯдак чизеро нӯшида натавонад.

Агар нафаскашии тифл сабук бошад сулфа, зуком, омадани об аз биниро дар хона, бе истифодаи доруҳо табобат намудан мумкин аст. Бештари давоҳое, ки барои сулфа ва зуком тавсия мешаванд, фоидае намебахшанд ва баръакс зарар мерасонанд.

## 2

Кӯдаконе, ки шири хушк истеъмол мекунанд назар ба кӯдакони шири модарро истеъмолкунанда ду баробар зиёдтар дучори касалии варами шуш мешаванд. Бинобар ин бори дигар таъкид мекунем, ки кӯдак дар 6 моҳи аввал бояд танҳо шири модарро истеъмол кунад.

Эҳтимоли ба бемории шадиди варами шуш ва марг гирифтор шудани кӯдаконе, ки хӯрокашон хуб аст, камтар аст.

Витамини А, мева ва сабзавот бемории варами шушро пешгирӣ менамояд.

Татбиқи ваксинаҳо қабл аз як солагии кӯдак гузаронида шавад. Ба ин тартиб кӯдак аз бемориҳои шадиди роҳи нафас, ба монанди сулфа, сил ва сурхакон муҳофизат мешавад.

Кӯдакони ширхор метавонанд шаб бо модари худ бихобанд, кӯдакони калонтар ва аз шири модар ҷудошуда ба танҳо хоб рафтан одат намоянд.

## 3

Ба кӯдаке, ки сулфа ё зуком дорад бояд зиёдтар нӯшокӣ дода шавад.

Таҷзияи кӯдаки ширхоран сулфа ва зукомдошта мумкин аст мушкил бошад. Он аз як тараф баданро дар муқобили бемориҳо устувор менамояд ва аз тарафи дигар сабаби рушди кӯдак мегардад.

Сари вақт поку тоза намудани бинии кӯдак барои макидани пистонҳои модар кӯмак менамояд.

Кӯдакони ширхор бояд ба хӯрдани миқдори ками хӯрокиҳои дигар низ ташвиқ карда шаванд. Нахӯрдани ғизо ҳангоми беморӣ ва аз даст додани иштиҳо, сабаби паст шудани инкишофи кӯдак мегардад. Баъди сиҳат ёфтан ба кӯдак бояд рӯзона як маротиба ғизои зиёдатӣ дода шавад. Тифл вақте комилан сиҳат хоҳад шуд, ки вазни вай ба вазни пеш аз беморӣ баробар гардад.

## 4

Кӯдаки сулфа ё зукомдошта бояд гарм нигоҳ дошта шавад. Ҳарорати бадани кӯдакони навзоду хурдсол ба осонӣ зоеъ мегардад, аз ин рӯ лозим аст, ки онҳоро гарм нигоҳ доранд. Лекин кӯдакро аз ҳад зиёд печонидан ҳам лозим нест.

Ҳарорат на ҳамеша нишондиҳандаи бемории хатарнок мебошад. Агар кӯдак таб дошта бошад, ба вай давоҳои пасткунандаи таб дода мешавад.

Бинии кӯдак бояд мунтазам, махсусан пеш аз маконидан ва хобонидан тоза карда шавад. Кӯдакони хурдсол бояд бештар бо шикам дароз кашанд. Ҳавои намнок ва бухори оби гарм метавонад нафаскашии кӯдакро осон намояд. Ҳавои хонае, ки кӯдак дар он мехобад, бояд рӯзона ду се маротиба тоза карда шавад ва дар он ҷо тамоку кашидан мумкин нест. Ашхосе, ки ба сулфа ва резиш гирифторанд, бояд ба кӯдак наздик нашаванд ва дар ҳолати

сулфидану атса задан бо даструймол дахону бинии худро пўшонанд.

## МУҲОФИЗАТИ ТИББӢ

Омили бемориҳо ва марги хурдсолон микробҳое мебошад, ки ба воситаи об ва хўрок ба даҳони кўдак дохил мешаванд.

Панҷ маслиҳати асосии ин бахш метавонад ба оилаҳо ва ҷомеа дар пешгирӣ аз паҳншавии микробҳо ва кам шудани бемориҳою ҳодисаҳои марги кўдакон ёрӣ расонад.

Ин маслиҳатҳо вакте муассир буда метавонанд, ки агар тамоми ҷомеа аз рўи онҳо амал намоянд.

Агар ҳоҷатхонаҳо озода, оби нўшидании тоза ва меъёри нигаҳдории маводи хўрока риоя нашаванд, пешгирӣ намудани паҳншавии микробҳо бисёр мушкил мегардад.

Аз ин рў, лозим аст, ки давлат ба ҷамъият аз рўи имкон дар сохтани ҳоҷатхона ва кубурҳои об кўмаки моддӣ расонад.

### 1

Баъди аз хоҷатхона баромадан, пеш аз хўрок хўрдан шустани дастҳо бо собун паҳн шудани бемориҳоро пешгирӣ менамояд.

Шустани дастҳо бо собун микробро нобуд карда, ба воридшавии онҳо ба маводи хўрока монеъ мегардад.

Кўдакон аксар дастони худро ба даҳони худ мебаранд, аз ин рў лозим аст, ки дастони кўдак зуд-зуд ва махсусан пеш аз хўрок шуста шаванд.

Рўйи кўдакро рўзона ҳатман як бор шустан лозим аст.

### 2

Истифода аз ҳоҷатхона имкон медиҳад, ки пайдо ва паҳн гардидани баъзе бемориҳоро пешгирӣ намоянд. Ҳар як оила барои истифодаи худ бояд ҳоҷатхона дошта бошад. Истифода аз ҳоҷатхона имкони паҳн гардидани микробҳоро кам мекунад. Иллати бисёри бемориҳо, махсусан исҳолро микробҳое ташкил медиҳад, ки дар маводи ғизоии инсон ёфт мешаванд. Агар ин микробҳо ба об, хўрок, зарфҳо ва ошпазхона интиқол шаванд, Дар ҳолати риоя накардани меъёрҳои тозагӣ онҳо ба шахс гузашта, ба беморӣ гирифтор мекунанд.

Бинобар ин, ҳатто кӯдакони хурдсолро низ барои рафъи ҳоҷат ба ҳоҷатхона бурдан лозим аст. Агар кӯдак дар ҷои дигар рафъи ҳоҷат карда бошад онро ҳатман ба ҳоҷатхона партофтан ё зери хок кардан даркор аст. Ҳоҷатхона ҳамеша тоза нигоҳ дошта шавад, то ки маркази паҳншавии микробҳо нагардад.

3

Истифодаи оби тоза инсонро аз бисёр бемориҳо муҳофизат менамояд.

Оилаҳое, ки аз оби кубур (водопровод) истифода менамоянд, камтар бемор мешаванд.

Оилаҳое, ки имконияти истифодаи оби қубур (водопровод)-ро надоранд, ба таври зайл метавонанд оби нӯшиданиро аз микробҳо муҳофизат намоянд: агар аз оби ҷоҳ истифода намоянд, даҳони ҷоҳ бояд пӯшида нигоҳ дошта шавад. Ҳоҷатхона аз манбаи обе, ки он барои нӯшидан, шустушӯй, пухтани хӯрок истифода мешавад дар масофаи дуртар сохта шавад. Зарфҳо ва дигар анҷомҳои обгирӣ доимо тоза нигоҳ дошта шаванд. Инчунин ҳайвонот низ аз он дур нигоҳ дошта шавад.

4

Оби нӯшиданӣ агар соф ҳам бошад, микроб дорад. Оби поктарин оби қубур мебошад. Эҳтимоли мавҷудияти микробҳо дар дигар манбаъҳои об чандин маротиба бештар аст. Ҷӯшонидани об микробҳоро нобуд месозад. Аз ин рӯ оби ҳавзҳо, ҷӯйҳо, чашмаҳо, ҷоҳҳо пеш аз нӯшидан бояд ҷӯшонида сард карда шаванд. Махсусан, обе, ки барои кӯдакон дода мешавад, бояд ҷӯшонида шавад, зеро муқовимати бадани онҳо муқобили микробҳо назар ба калонсолон камтар аст.

Агар ҷӯшонидани об мумкин набошад, об бояд дар зарфи сарпӯшида нигоҳ дошта шавад. Ин гуна об пеш аз нӯшидан муддати ду рӯз таҳти таъсири шуои офтоб нигоҳ дошта мешавад.

5

Пок нигоҳ доштани маводи хӯрокворӣ метавонад бемориро пешгирӣ намояд. Микробҳо метавонанд ба воситаи хӯрок ба бадан ворид шуда, боиси беморӣ гарданд. Маводи хӯроквориро ба таври зайл тоза бояд нигоҳ дошт: гӯшт ва гӯшти мург хуб пухта шаванд;

муддати нигоҳ доштани хӯроки сард беш аз панҷ соат набошад; хӯроки сардшударо пеш аз истеъмол гарм кардан лозим аст; гӯшти хом, махсусан гӯшти мурғ дорои микроб мебошанд, аз ин рӯ набояд бо гӯшти пухташуда ҳамроҳ гузошта шаванд; зарфҳо ва дигар анҷомеро, ки дар он гӯшт мегузоранд, пок нигоҳ доштан лозим; маводи хӯрокворӣ аз магас ва мушҳо бояд муҳофизат шаванд.

Бо сӯзондан ё ба хок гуронидани партов метавон бемориҳоро пешгирӣ намуд. Магасҳо паҳнкунандагони микробҳо буда, дар пасмондаи хӯрок, меваҷоту сабзавот тухм мегузоранд. Ҳар оила бояд ҷои махсуси партов дошта бошанд, ки он ҳамарӯза сӯзонда ё зери хок карда шавад.

## ТАБЛАРЗА

Дар бораи бемории табларза ва роҳу усулҳои пешгирӣ ва табобати он ҳамаи оилаҳо ва ҷомеа бояд маълумоти пурра дошта бошанд.

Шаш маслиҳати асосии ин бахш метавонад дар пешгирии ин бемории хатарнок ёрии амалӣ расонад.

Табибон бояд ин нуктаро дар хотир дошта бошанд, ки мубориза алайҳи бемории табларза ба ҳамкорӣ ва фаъолияти ҷомеа ва ҳукумат сахт вобаста аст.

### 1

Кӯдакони хурдсол бояд аз газидани пашшаҳои вараҷа (махсусан дар шаб) муҳофизат карда шаванд. Бо роҳҳои зерин кӯдаконро аз пашшаҳои вараҷа муҳофизат кардан мумкин аст: аз пашшахонаҳо истифода кардан; тур гирифтани тиреза ва дарҳо барои ба хона ворид нашудани онҳо.

Пашша метавонад вараҷаро аз шахси бемор ба одами солим интиқол диҳад.

### 2

Пашшаҳои вараҷа дар ҷойҳое, ки кулҳои об мавҷуданд, инкишоф менамоянд. Пашшаҳо метавонанд дар ҳавзҳо, ботлоқ, ҷуқуриҳо, обравҳо, баъзан дар канори ҷӯйҳо низ манзил кунанд. Агар чунин ҳавзу кӯлҳо мавриди истифода набошанд, бояд бо хок пур карда шаванд, то ки манбаи пайдоиши пашшаи вараҷа ва бемории табларза нагарданд.

Пок нигоҳ доштани муҳит ва атрофи хонаҳо барои кам намудани инкишофи пашшаҳои варача ёрӣ мерасонад.

Дар минтақаҳое, ки бемории табларза паҳн шудааст, занҳои ҳомила бояд аз давоҳои зидди табларза истифода намоянд.

Эҳтимоли ба варача гирифтор шудани занҳои ҳомила назар ба дигарон ду маротиба бештар аст. Ин беморӣ дар аснои ҳомиладорӣ бисёр хатарнок мебошад. Варача мумкин аст боиси камхунӣ, сукути ҷанин, таваллуди пеш аз мӯҳлат ё таваллуди кӯдаки мурда гардад. Аз тарафи дигар навзодони занҳои гирифтори бемории варача одатан ҷисман хурдтару камқувватанд ва муқовиматашон ба бемориҳо заиф аст.

Занҳои ҳомила бо истифодаи мунтазами ҳабҳои (таблеткаҳои) зидди варача ҳангоми ҳомиладорӣ аз бемории варача худро муҳофизат карда метавонанд.

Азбаски қабул кардани доруҳо дар ҷараёни ҳомиладорӣ хуб нест, давои зидди варача бояд бо маслиҳати духтур истифода шавад.

## 4

Дар минтақаҳое, ки бемории варача хуруҷ мекунад, ҳар кӯдаки ҳарорат пайдо кардаро ҳатман бояд ба шифохона бурд. Агар сабаби ҳарорати баланд варача бошад, дар ин сурат бояд барои кӯдак як давраи мукаммали табобати зидди варача гузаронида шавад. Давраи табобат то 10 рӯзро дарбар мегирад. Ҳатто агар ҳарорати кӯдак паст шуда бошад ҳам, табобатро давом додан лозим аст.

Агар бемории варача дар як маҳалли муайян паҳн шуда бошад, барои кӯдаконе, ки ба варача мубтало нестанд, бояд ҳабҳои зидди варача ба таври рӯзмарра дода шаванд, зеро ин кор мумкин аст муқовимати табииро ба муқобили варача дар бадани кӯдак бештар намояд.

## 5

Кӯдаке, ки ҳарорати баланд дорад, бо чунин усулҳо ҳарорати ӯро паст кардан мумкин аст: додани давои пасткунандаи ҳарорат, сард сохтани бадани кӯдак ба воситаи як порча матои тар ё тар кардани вай бо оби нисбатан сард (об набояд аз ҳад зиёд сард бошад). Ба кӯдак либоси гарм пӯшондан ва бо кӯрпа печонидан ҳам зарурат надорад.

## 6

Кӯдаке, ки аз касалии вараҷа шифо ёфтааст, ба нӯшокиҳо ва хӯроки зиёдатӣ эҳтиёҷ дорад. Дар натиҷаи мубориза ба муқобили вараҷа ва арақ кардан кӯдак хеле зиёд қувваи худро аз даст медиҳад. Ҳангоме ки иштиҳои кӯдак хуб мешавад ба хӯрдану нӯшидан майл пайдо мекунад. Аз ин рӯ, тез-тез аз меъёр каме зиёд додани хӯрок ба инкишофи кӯдак ёрӣ мерасонад.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Кӯдакон бештар ба кадом бемориҳо гирифтор мешаванд?
2. Агар ин бемориҳо табобат нашаванд оқибати он ба чӣ меанҷомад?
3. Роҳҳои пешгирии ин бемориҳоро номбар кунед?

# МАВОДИ ИЛОВА

## СУРУДҲОИ ТӮЁНА

### ШАҲ МУБОРАК ШАВАД

Шаҳ муборак шавад, боз муборак шавад.
Ҷонона ба ман ҷонай,
Шаҳ муборак шавад, боз муборак шавад.
Боғаш ба ман бӯстонай.
Шаҳ муборак шавад, боз муборак шавад.
Даст ба бағалаш кардем.
Шаҳ муборак шавад, боз муборак шавад.
Гуфто, ки зимистонай.
Шаҳ муборак шавад, боз муборак шавад.

### ШОД ОМАДЕМ

Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки салом омадаем.
Эй ҷӯраи ҷон, бе ту ҷаҳонро чӣ кунам,
Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки салом омадаем.
Бе ту гули арғувонро чӣ кунам,
Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки салом омадаем.
Бе ту гули сурхи арғувон бисёрай,
Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки салом омадаем.
Дил майли ту дорад, дигаронро чӣ кунам,
Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки салом омадаем.

## ЁР-ЁР

Рафтем роҳи дуродур,
Ёр, ёр, ёроне,
Овардем ниҳоли гул,
Ёр, ёр, ёроне,
Ин гула куҷо монем,
Ёр, ёр, ёроне,
Дар ҳавлии Мирзогул,
Ёр, ёр, ёроне,
Мирзогули бебокӣ,
Ёр, ёр, ёроне.
Ман ангуру ту токӣ,
Ёр, ёр, ёроне,

Аз барои як ангур,
Ёр, ер, ёроне,
Мепечем ба ҳар шохе,
Ёр, ёр, ёроне.
Омад, омадат гардам,
Ёр, ёр, ёроне,
Қаду қоматат гардам,
Ёр, ёр, ёроне,
Ту ба ин қадду рухсор,
Ёр, ёр, ёроне,
Чашми наргисат гардам,
Ёр, ёр, ёроне.

* * *

Келин овардем сой қатӣ,
Аспи алои бой қатӣ,
Сандуқчекои чой қатӣ,
Пушти хони Норбой қатӣ.
Нумоли бархи бой қатӣ,
Куртаи тугмадор қатӣ,
Э моҳуме, э моҳуме,

Моҳи таги айвонуме,
Имшав шуди меҳмонуме,
Бар дидаву бар ҷонуме.
Э сарата гардум моҳуме,
Э қадата гардум, моҳуме,
Шинед келин, меҳмонуме,
Э моҳаки тобонуме.

## АЛЛА

Ман аллагӯй, хобад биёд, аллаё,
Қодир худоя раҳмат биёд, аллаё,
Коси чинӣ лойолуд, аллаё,
Қосимҷонам хоболуд, аллаё.
Ман алла гӯм калон шавӣ, аллаё,
Ҷонакамба дармон шавӣ, аллаё.
Ширин ширадорам, аллаё,
Майизи думчадорам, аллаё,
Алла гум, худо ёрат шавад, аллаё,
Пиро мададгорат шавад, аллаё.

❁ ❁ ❁

Алла ҷонам, аллаё, Малҳами ҷонам аллаё.
Даврони ҷонам, аллаё. Ширин-шакарам, аллаё,
Ороми ҷонам, аллаё, Аллаё, аллаё, аллаё.

*(Шеърҳои халқӣ)*

## НОМНОМА

Бар худовандон ва падарон беш аз он набошад, ки бандагону фарзандони хешро номҳои некӯ ва босазо арзонӣ доранд, бад-он вақт ки эшон дар ҷаҳон пайдо оянд.

*(Абдулфазли Байҳақӣ, «Таърихи Байҳақӣ»)*

Чун фарзанд дар вуҷуд ояд, ибтидо ба тасмими ӯ бояд кард бо номи некӯ, чӣ агар номе номувофиқ бар ӯ ниҳанд, муддати умр аз он нохушдил бошад.

*(Хоҷа Насириддини Тӯсӣ, «Ахлоқи Носирӣ»)*

Бидон, эй азизи ман, ки агар худой туро писар диҳад, аввал номи хуш бар вай неҳ, ки аз ҷумла ҳаққҳои падарон яке ин аст.

*(Унсурулмаолии Кайковус, «Қобуснома»)*

## НОМҲОИ ЗАНОНА

| | | |
|---|---|---|
| Анора | Афсона | Баргиной |
| Аноргул | Баргигул | Баҳрӣ |
| Анорхол | Барно | Бахтигул |
| Ахтара | Барфина | Баҳория |
| Беҳноз | Майсара | Олия |
| Бибинур | Мастона | Оқила |
| Бибисанам | Маҳзода | Раъно |
| Бибигул | Манучеҳра | Робия |
| Бону | Моҳрӯ | Розия |
| Боғигул | Моҳ | Рухсат |
| Гавҳар | Волида | Сабоҳат |
| Гавҳарбону | Васлия | Садаф |
| Гул | Васфия | Саида |
| Гулғунча | Висолат | Сайёра |
| Гуландом | Завқия | Санам |

Гулбарг
Гулдаста
Гулбадан
Гулчеҳра
Гулноз
Гулбарг
Дилбар
Диллода
Дилоро
Дилором
Дилрабо
Дурдона
Зарбибӣ
Зарбону
Зарнигор
Заррина
Зарнисо
Зебо
Зебунисо
Зулфия
Идигул
Идимоҳ
Истад
Лола
Мавчигул

Зайнаб
Зинат
Зироат
Замира
Зулайхо
Зуҳро
Ибодат
Ишқия
Иқлимой
Лайло
Лайлӣ
Латифа
Латофат
Лутфия
Мавзуна
Мавлуда
Мавҷуда
Матлуба
Маҳбуба
Назокат
Назира
Наима
Нисо
Нуқра
Оиша

Сурайё
Фазилат
Файзӣ
Фарида
Хадича
Холиса
Хосият
Хумора
Шавқия
Шамсия
Шарора
Шарофат
Шаҳодат
Шукрия
Қутбия
Қумрӣ
Ҳабиба
Ҳадиса
Ҳалима
Ҳокима
Ҳомида
Ҳусния
Ҷамила
Ҷаннат
Ҷумъагул

## НОМҲОИ МАРДОНА

Аббос
Абдулло
Аброр
Аваз
Асад
Асрор
Ахрор
Аҳмад
Аҳад
Бармак
Бахтиёр

Азамат
Азиз
Азим
Акбар
Иброҳим
Иззат
Икром
Иноят
Инъом
Искандар
Илҳом

Акмал
Алӣ
Анвар
Анис
Ризо
Розиқ
Рофеъ
Салоҳиддин
Садрӣ
Саид
Сайфӣ

Бахтовар
Баҳром
Бедил
Беназир
Беҳзод
Беҳрӯз
Бадрӣ
Бурҳон
Баҳрӣ
Вайс
Вайсиддин
Вакил
Валӣ
Ватаншоҳ
Вафо
Ваҳҳоб
Восеъ
Восиф
Воҳид
Давлат
Даврон
Дамир
Диноршоҳ
Диловар
Далер
Зайдулло
Зайниддин
Зайнулло
Замон
Зариф
Зафар
Зиё
Зокир
Зоҳир
Зубайд
Зуҳур
Ибод
Иқбол
Карим
Кабир
Камол
Комил
Латиф
Лоиқ
Лутфӣ
Малик
Мансур
Масрур
Матин
Маъруф
Мурод
Муким
Мунис
Муҳаммад
Муҳиддин
Мӯсо
Мӯҳсин
Назар
Назир
Назрӣ
Насим
Наҷмӣ
Неъмат
Низом
Носир
Нур
Нурӣ
Обид
Одил
Олим
Ориф
Раҳматулло
Рауф
Раҳим
Самад
Саттор
Сафар
Саъдӣ
Собир
Ташриф
Тилло
Тоҳир
Толиб
Талабшоҳ
Убайд
Умар
Усмон
Фазлӣ
Файзӣ
Фарҳат
Фотеҳ
Хаёл
Халил
Холиқ
Шавкат
Шавкӣ
Шамсӣ
Шокир
Шӯҳрат
Юнус
Юсуф
Ғайрат
Ғолиб
Қодир
Қурбӣ
Ҳабиб
Ҳаким
Ҳайрат
Ҷаббор
Ҷалил
Ҷамил

## МАВОД БАРОИ МУҲОКИМА

1. Ду сол пеш дар яке аз қишлоқҳои навбунёди ноҳияи Ленин тӯйи арӯсии ду ҷавон Камол ва Зебо бо тантана қайд карда шуд. Ёру дӯстон, хешу табор аз ташкил намудани боз як оилаи нав хурсанд буданд, ба онҳо хушбахтӣ, саломатӣ, меҳрубонии бардавом, давлати фаровон орзу карданд. Аммо орзуҳои онҳо амалӣ нагардид. Баъд аз ду ҳафта Зебо «шавҳарамро дӯст намедорам» гуфта ба хонаи падару модараш баргашт. Падару модараш, падару модари домод, ёру дӯстон ба ӯ маслиҳат доданд, ки ба хонаи шавҳараш баргардад, аммо вай ба гапи ягон кас гӯш кардан намехост. Оқибат онҳо аз ҳамдигар ҷудо шуданд.

Саволе ба миён меояд: шояд Зебо пеш аз тӯй номзадашро надида бошад ва барои ҳамин Камол ба вай маъқул нашудааст. Аммо ин тавр набуд. Камолро вай дар давоми як сол мешинохт. Домод бо падару модараш чандин маротиба ба хонаи онҳо рафта буданд. Ғайр аз ин Зебо хабардор буд, ки падару модараш ба тӯй тайёрӣ дида истодаанд. Аммо вай ягон бор фикри худашро ба падару модар нагуфт. Ниҳоят рӯзи никоҳ ҳам вай бо ихтиёри худ ба ҳамаи ҳуҷҷатҳо имзо гузошт. Ду ҳафта пас аз оиладор шудан ба хулоса омад, ки шавҳаришро дӯст намедорад. Шумо ба рафтори Зебо чӣ хел баҳо медиҳед?

2. Саид якчанд маротиба ба падараш фаҳмонд, ки он духтареро, ки онҳо мехоҳанд арӯс кунанд ӯ дӯст намедорад ва намехоҳад, ӯро ба занӣ бигирад. Аммо падар ба гапи писараш эътибор надода мегуфт: «Мо гапи дӯст медорам»-ро намедонистем. Падарам зан дод, ана 30 сол мешавад, ки ба хубӣ зиндагонӣ карда истодаем. Баъд аз тӯй ҳамааш нағз шуда меравад». Аммо ин тавр нашуд. Рӯзи тӯй Саид маст шуд ва вақте ки арӯсро ба хонаи ӯ доровардаанд, бо суханҳои беҷо духтарро ранҷонида аз ҳуҷра пеш кард. Хешу табори духтар «Домоди бадмаст моро шарманда кард» гуфта арӯси ҷавонро ба хонаашон бурданд. Шаби хурсандии тӯй ба хафагию дилранҷӣ анҷом ёфт.

Дар ин воқеа ҳам Саид ва ҳам падару модари вай айбдоранд. Падараш аз нуқтаи назари кӯҳнагаштаи худ андеша мекард, аммо Саид бошад метавонист воқеаро то ба шаби тӯй нарасонида бо ҳар роҳ пеш аз тӯй ба падараш мефаҳмонд. Ин сабукфикрии вай сабаби беобрӯгии худаш, духтари ҷавон гардид. Ақидаи шумо чист?

3. Соати 2-и шаб занги телефон Умарро аз хоб бедор кард. Вай охиста аз ҷойхоби худ хеста ба назди телефон рафта, гӯшакро гирифт.

— Салом Умарҷон, мебахшӣ аз хоб бедор кардам, аммо дар шаҳри шумо ғайр аз ту шиносе надорам.

Умарҷон дӯсти деринааш Саидро, ки дар армия якҷоя хизмат карда буданд, шинохт.

— Ту аз куҷо гап мезанӣ? — пурсид вай

Ман як соат пеш ба шаҳри шумо омадам, аммо дар меҳмонхонаҳо ҷой нест, ҳоло дар вокзал нишастаам.

Адреси маро медонӣ-ку, таксӣ гиру рост ба хонаи ман биё.

— Ман танҳо нестам. Ҳамроҳ боз ду рафиқ дорам, дар нисфи шаб хуб намешавад - ҷавоб дод Саид.

— Ҳеҷ гап не, ҳамаатон омадан гиред, то омадани шумо ман ягон хӯрок тайёр мекунам - гуфт Умарҷону гӯшаки телефонро ба ҷояш гузошт.

Дар ин асно дид, ки занаш ба гапҳои ӯ гӯш карда дар паҳлӯяш истодааст.

Боз кӣ будааст, дар соати 3-и шаб меҳмон мешудагӣ? Ин меҳмонҳои ту ба дилам зад, боз онҳо 3 кас меомадияи. Дар хона онҳоро дар куҷо ҷой мекунӣ?

Охир, ин ҳамон Саид, ки соли гузашта мо дар хонааш як ҳафта меҳмон будем, аз меҳмонхона моро ба хонааш гирифта бурда буд. Як шаб хоб мекунаду пагоҳ меҳмонхона меравад.

— Ман ҳеҷ чизро донистан намехоҳам, дар ин вақти шаб меҳмон ҳам қабул намекунам. Зани ҷавон бачаи хоболудашро бардошту:

— Ман ба хонаи хоҳарам меравам. Меҳмонҳоят биёянд, кӯдак хоб карда наметавонад, — гуфта баромада рафт.

Умарҷон аз паи тараддуди меҳмонқабулкунӣ шуд, ки телефон боз занг зад:

— Умарҷон, ба ту раҳмати калон, мебахшӣ шӯхӣ кардем. Ман дар хонаи Ахмад. Хостем туро санҷем. Пагоҳ худам туро хабаргирӣ рафтанӣ будам. Албатта пагоҳ вомехӯрем, шабат хуш, — гуфту гӯшакро монд.

Умарҷон хост рафта занашро ҷег занад, хоҳари занаш ҳамсояашон буд, аммо чароғро хомӯш карда ба ҷояш хобид. Ба ин рафтори зану шавҳар шумо чӣ хел баҳо медиҳед?

# МАСЪАЛАҲОИ ПСИХОЛОГӢ БАРОИ ҲАЛ КАРДАН ДАР СИНФ

**1**

Зану шавҳари ҷавон аз пагоҳӣ маслиҳат карда буданд, ки бегоҳ ба меҳмонӣ мераванд. Зан барвақттар аз кор омада, барои меҳмонравӣ тайёр шуд. Аммо шавҳараш аз кор танҳо барнагашт. Ӯ бо рафиқе, ки муддате надида буд вохӯрда, ба хона таклиф кардааст. Дар ин ҳолат зану шавҳар бояд чӣ хел муносибат кунанд?

**2**

Зану шавҳари ҷавон ҳамроҳ ба тамошо баромаданд. Дар роҳ марде ба зани ӯ салом дода аҳволпурсӣ кард. Шавҳар якчанд қадам дӯртар рафта интизор шуд. Баъд аз 2-3 дақиқа зан ба назди шавҳараш омаду фаҳмонд, ки бо ин марди ҷавон дар институт ҳамроҳ хонда буданд. Табъи шавҳар хира гашта буд. Дар чунин вазъият шумо чӣ хел рафтор мекардед?

**3**

Занашро огоҳ накарда мард ба хона рафиқашро ба меҳмонӣ даъват кардааст. Оё кори вай дуруст аст? Зан бе маслиҳати шавҳараш барои худ куртае харидааст. Курта ба шавҳар маъқул нашуд.

— Курта ба шумо маъқул мӣ?- пурсид зан. Шумо чӣ ҷавоб медодед?

**4**

Шавҳар аз кор ба хона баргашт, аммо занаш ба корҳои рӯзгор овора шуда, ҳанӯз хӯрок тайёр накардааст. Дар ин ҳолат шумо чӣ кор мекардед?

**5**

Шавҳар аз кор ба хона баргашт, вале занаш дар хона набуд. Аз рӯи миз хатчаеро ёфт. Дар он зани ҷавонаш навишта буд: «Мурод, ман падару модарамро ёд кардам ва барои хабаргирии онҳо ба қишлоқ рафтам. Агар хоҳӣ баъди корат биё. Фардо бармегардем».

Аммо барои ба қишлоқ рафтан дер шуда буд. Мурод бо димоғи сӯхта хӯрок хӯрда хоб кард. Шумо чӣ тавр амал мекардед?

## 6

Зани ҷавон одат дошт, ки ҳар вақт кисаҳои шавҳарашро кобад. Китобчаи ёддошти ӯро аз назар мегузаронд. Рӯзе дар китобчаи шавҳараш рақами телефони занеро дид. Бо шавҳараш ҷангҷолро бардошт. Ҳарчанд шавҳараш мефаҳмонд, ки ин рақами ҳамкораш аст, занаш паст наомада либосҳояшро ба ҷомадон ҷамъ карда баромада рафт.

Ба ин воқеа чӣ хел баҳо медиҳед?

## 7

Ҷавоне бе розигии падару модараш, ки дар ноҳияи назди шаҳр зиндагӣ мекарданд, ба духтаре, ки ҳамроҳ дар донишкада таҳсил мекард, хонадор шуд. Падару модар ба тӯяшон наомаданд.

Баъд аз чанд моҳ ба ҷавон хабар расонданд, ки падарат бемори вазнин шудааст. Вай ба хона омада ба занаш воқеаро фаҳмонида гуфт, ки ба ноҳия меравад. Аммо занаш қатъиян зид буд. Ӯ шарт гузошт, ки агар вай ба хабаргирии падараш равад, вай баромада ба хонаашон меравад ва бо ҳамин оиладориашон ба охир мерасад.

Ҷавон аз ҷудоӣ бо зани дӯстдоштааш тарсида ба назди падари бемораш нарафт.

Шумо дар ин бобат чӣ фикр доред?

## 8

Дар вақти мунокишаи зану шавҳар мард ба занаш «ту аҷаб аҳмақ будаӣ» гуфт. «Худат аҳмақ» — фавран ҷавоб дод зан. Мард ба рӯи занаш як торсакӣ заду аз хона баромад. Шумо ба рафтори зану шавҳар чӣ хел баҳо медиҳед?

## 9

Марде пеш-пеш ва занаш аз қафо кӯдаки хӯрдаш дар даст мерафтанд. Мард, ки боре надошт, тез-тез қадам монда ба ақибаш нигоҳ накарда роҳ мепаймуд. Занаш базӯр аз қафо ба ӯ мерасид.

Дар роҳ мӯйсафеде бо онҳо вохӯрда ба мард гуфт: «Бачаро аз дасти келин гиред, ба вай бо ин қадамонии шумо вазнинӣ карда истодааст».

Мард ҷавоб дод: «Кӯдакбардорӣ кори зан аст, худаш мебардорад».

Оё ҷавоби ӯ дуруст аст?

**10**

Дарвоза тақ-тақ шуду зани ҷавон аз тиреза нигоҳ карда ба шавҳараш бо ситеза: «Хез, пешвоз гир, боз хешу таборат ба меҳмонӣ омаданд!».

— Чаро қаҳрат меояд, хешу табори ту ҳам меоянд-ку, — гуфт шавҳараш.

— Хешу табори ман фақат падару модарам ва хоҳарам меоянд, аз Шумо бошад ҳамаи қишлоқатон «хешу табор». Мард чизе нагуфта ба берун баромад.

Шумо ба ин мунозира чӣ хел баҳо медиҳед?

## МУҲАББАТ ВА ВИҶДОН

Бояд андеша кард, ки барои чӣ тамоми хислатҳои бадро аксар вақт ба як кас нисбат медиҳанду дигарон бошанд дар кадом муҳите, ки бошанд, одамони хуб, накӯкор, поквиҷдон, ҳалолкор мондан мегиранд? Дар рӯзгори мо ҳар як наврас бо намудҳои хубу бади ахлоқ дучор меояд, вале баъзеҳо аз зиндагӣ ибрати хуб мегиранду дигарон ибрати бад. Мо аз тақдири фарзандон хавотир шуда, одатан кӯшиш мекунем, ки онҳоро аз таъсири рафтори бад нигоҳ дорем, то ки ягон барангезандаи нопоки ахлоқӣ ба дили онҳо роҳ ёфта натавонад. Чунин кӯшиши падару модаронро ноҳақ шуморидан ҳам дуруст нест: воқеан ба паҳн шудани рафтори бад ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ набояд дод, бар зидди он мубориза бояд бурд.

Вале мо чӣ коре, ки кунем, барои бачаҳоямон муҳити поку беолоиш ба вуҷуд оварда наметавонем. Ниҳоят, солимии ахлоқи онҳо на он қадар ба манъ кардану маҳдудсозиҳо, балки бештар ба он вобаста аст, ки онҳо дар муқобили ахлоқи бад чӣ гуна муқобилият нишон дода метавонанд. Агар худи наврас одати бо бадиҳо муқобил баромадан, аз онҳо ҳазар карданро надошта бошад, он гоҳ шумо чи коре кунед, ӯро ба чи тарзе тахти назорат гиред, ҳар қадар ки ҳушёрӣ зоҳир намоед, аз таъсири ибрати бад эмин доштан маҳол аст. Ин боиси он мегардад, ки бачаҳои одамони дуруст, хушахлоқ якбора дигаргун мешаванд, ба тӯдаҳо ва гурӯҳҳо муттаҳид мегарданд ва якҷоя гоҳо кирдорҳои ношоиста, сангдилии афвнопазир содир менамоянд.

Ҳоло афкори умум ин гуна кирдорҳои ношоистаи наврасонро асосан аз беназоратии онҳо медонад ва талаб карда мешавад, ки бачаҳо бештар зери назорат гирифта шаванд. Аммо одамони нобакор, аз ҷумла зери назоратбудагон ҳам аз меъёр берун мешаванд. Лозим аст, ки бачаҳо бештар меҳнат кунанд. Талабот дуруст аст, вале сабаб чист, ки шумораи вайронкунандагони тартибот дар байни хонандагони омӯзишгоҳҳои касби техникӣ нисбат ба наврасоне, ки кор намекунанд, зиёдтар аст. Инчунин мегӯянд, ки ба тарбияи бачаҳо дар вақтҳои холии онҳо бештар машғул бояд шуд. Метавон гуфт, ки чунин талабот низ дуруст аст, вале «иллатҳо»-и зарарноки ахлоқӣ бештар дар ҷойҳои истироҳати бачаҳо паҳн мешавад.

Лозим аст, ки ба тарбия дар оила диққати ҷиддӣ диҳем, онро беҳтар намоем. Эҳтимол давом додани андеша дар ин мавзӯъ ба ҳар кас писанд нест, аммо илоҷи дигар надорем. Умед аст, ки дар ҷараёни муҳокима пешниҳоди дигаре ҳосил мешавад ва дар ин баҳсҳо ҳақиқати наве тавлид меёбад ё худ ҳақиқати кӯҳнаи фаромӯшшудае аз нав рӯи кор меояд.

Вақтҳои охир дар бораи аҳамияти дӯст доштани фарзандон бисёр менависанду ҳарф мезананд. Дар бисёр тадқиқотҳои илмӣ собит шудааст: бачаҳоеро, ки меҳри падару модарро бояду шояд ҳис намекунанд, бештар бемор мешаванд ва суст инкишоф меёбанд, аксаран «душвортарбия» мешаванд. Ин ҳама дуруст аст, шубҳае ба миён намеоварад, аммо чаро дар хусуси он, ки барои тарбия муҳаббат ба одамон, инсондӯстӣ ҳам зарур аст, чизе наменависанду намегӯянд. Агар падару модар фарзандони худро дӯст доранд, «барои онҳо ҳеҷ чизро дареғ намедоранд», барои онҳо ҳама чизро муҳайё мекунанд «шабҳои дароз бедорхобӣ мекашанд» (ҳамин тавр гуфтан маъмул шудааст), вале фарзандон на ҳамеша ҳамчун одамони шоиста ба камол мерасанд. Зеро шахсияти одамро на муҳаббат нисбат ба худ, балки нисбат ба одамони дигар бештар ташаккул медиҳад. Касе одами хуб мешавад, ки падару модар, ватан, меҳнат, омӯзиш ва дигаронро дӯст дорад, дилбохтаи ҳаёт бошад. Мо бояд чӣ гуна ибрат нишон диҳем? Пеш аз ҳама дар муносибат бо одамон, аз ҷумла бо эҳтиёҷмандон хайрхоҳ бошем. Мо бо қатъияти зиёд ба бачаҳо таълим медиҳем, ки нисбат ба нуқсонҳои дигарон оштинопазир бошанд, онҳоро набахшанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки онҳо ба духтараке (аз кинофилми «Хӯса»), ки хиёнаткораш мешуморанд, дармеафтанд. Ба он бачаҳо

фахмонида намешавад, ки ин рафтори онхо дуруст нест. Онхо дар дил рахму шафкат надоранд. Рахму шафкатро дар ниходи онхо касе тарбия накардааст, дар ин бобат ба онхо касе намунаи ибрат хам нашудааст. Шуури онхо калимаи «дӯст доштани инсон»-ро қабул намекунад, чунки ин калимаҳоро дар муҳити оила ва дар мактаб низ нашунидаанд, бо онҳо дар китобҳои педагогӣ ҳам дучор наомадаанд, онҳоро ҳангоми хондани лексияҳо барои модарон низ ба забон нагирифтаанд. Аз зикри чунин калимаҳо ҳарос доштаанд, гӯё ба забон гирифтани онҳо мамнӯъ будааст: мабодо онҳо маънои диниро ифода намоянд? Ё худ мабодо моро «бахшандаи ҳамаи айбҳо» гӯён гунаҳгор кунанд?

Мо бояд ба бачагон дӯст доштани ҳамаро, қатъи назар аз чигунагии онҳо талқин намоем. Зеро агар эҳсоси дӯст доштани интихобиро тарғиб намоем, онгоҳ ҳатман бад дидани сустхонҳо, қафомондаҳо, баднамудҳо ва монанди инҳо ба миён меояд.

Албатта дӯст доштани ҳама басо душвор аст. Ҳатто нисбати ин масъала эътирозномаҳо низ мерасанд: «Магар дӯст доштани ҳама мумкин аст. Бекорхӯҷаҳо, бюрократҳо, таҷовузгаронро чӣ тавр метавон дӯст дошт?» Ҳақ бар ҷониби шумост, муаллифи ин сатрҳо низ бюрократҳо ва авбошонро аз шумо камтар бад намебинад. Вале тарбияи ахлоқ тазоди бисёре дорад, худи ҳаёти воқеӣ аз рӯи моҳият зиддиятнок аст, гузашта аз ин ҳамаи он чӣ ки дар назар росту дуруст ва бенуқсон менамояд, аз нуқтаи назари педагогӣ шубҳаангез мебошад. Аз ин рӯ, дӯст доштан бачаҳоро тарбия мекунад ва ташаккули чунин эҳсос заҳмати зиёди самимонаро талаб менамояд. Бачаҳоро маҳз ҳамин гуна ҷидду ҷаҳди самимонаи мо тарбия мекунад, ҷавобан бар ин дар ниҳоди онҳо хоҳиши самимонаи меҳнат карданро бедор месозад.

Сабаби асосии бебарории кор дар он аст, ки мо дар бораи муҳаббат ба одамон суханронӣ карда, аксар вақт бо ҳамин қаноат мекунем ва дар ин маврид қисмати дуюми тарбияи ахлоқ — виҷдонро аз хотир мебарорем. Дар педагогикаи мо ин соҳаро тамоман фаромӯш кардаанд. Дар китоби назарияи тарбияи ахлоқ, ки олими машҳуре навиштааст, вожаи «виҷдон» ҳамагӣ як маротиба истифода шудааст, ки он ҳам бошад дар иқтибосе аз К. Маркс. Рӯзномаҳо бисёр менависанд: виҷдонан кор бояд кард, виҷдони коргарӣ, зиндагӣ аз рӯи виҷдон.... Аммо худи виҷдон чист? Вай ба кӯдак чӣ нисбате дорад? Бовиҷдониро чӣ тавр тарбия бояд кард?

Тобистоне ман бо аҳли оилаи худ хоначаи бетирезаеро иҷора гирифтам, ки онро «бӯстонсарой» меномиданд. Аммо бӯстонсарои ҳақиқӣ, хонаи калонеро корчалони серпуле гирифт. Пагоҳӣ бо мошини чопӣ барои кор кардан ба беруи, ба ҳавои тоза баромадам. Ҳамон лаҳза писарчаи шашсолаи ҳамсоя, ки мошини чопкуниро ҳеҷ гоҳ надида буд ба наздам омад. Писарчаи кунҷкови зираке будааст. Вай зуд пай бурд, ки тартиби ҷобаҷогузории ҳарфҳои мошин мувофиқи тартиби алифбо нест ва пурсид:

— Барои чӣ?

Ман ба ӯ фаҳмонидам ва хоҳиш кардам, ки бо ҳарфи «А» калимаеро номбар кунад.

Писарак ҳеҷ фикре накарда гуфт:

— АБХС!

Ин ҳарфҳои берабт, ки бо «А» оғоз мешаванд ба хотири ӯ омад.

Ман ин оиларо ба мушоҳида гирифтам: писаракро дӯст медоштанд, барои ӯ афсона мехонданд, афсона мегуфтанд, ба ӯ бо ҷиддият муомила мекарданд, ба вай меҳнат карданро ёд медоданд. Волидайне, ки намунаи ибратанд, тарбияи фарзанди онҳо тавре ки зарур аст ба роҳ монда шудааст. Аммо бача чӣ гуна тарбия меёбад? Ман аз ӯ пурсидам, ки оё дар мактаб ба рӯйхат гирифта шудааст, мактаб аз хонаашон дур аст?

Ӯ ҷавоб дод:

Дур нест, аммо маро падарам бо мошин мебарад. Албатта, то худи мактаб не, то ба тангкӯчаи назди он мебарад, бояд инро ҳеҷ кас набинад...

Аз ин гуфтугӯ чандин сол гузашт... Ман шод мешавам, агар донам, ки ба он бача ягон воқеаи нохуше рӯй надода, вай оқилтару хайрхоҳтар шуда бошад. Вале аз эҳтимол дур нест, ки он бача дар 16-17 солагиаш ба таъсири ашхоси бад афтода, пулҳои падаршро беҳуда сарф мекунад, дар оила бад дидани ҳамдигар бештар мегардад, падару модар ангушти ҳайрат ба дандон мегазанд: «Охир, ин чӣ гап? Барои чӣ ин тавр шуд? Мо аз ӯ ҳеҷ чизро дареғ надоштем. Бачаи нағз буд! Ӯро мактаб вайрон кардааст!»

Бевиҷдонии падару модар дар кор ба фарзандон таъсири бад мерасонад, зеро виҷдон дигару кор дигар нест. Касе, ки зиндагии поку беолоиш дорад, дар иҷрои кор бевиҷдонӣ нахоҳад кард. Ба баъзе мансабдорони ҳавобаланду сангдил назар мекунаму ҳамеша аз дил мегузаронам: «Андеша намо, эй рафиқ! Охир, ту фарзанд дорӣ, ин ҳама ба фарзандонат бетаъсир намемонад!

Аксар вақт мегӯянд: асосаш муҳаббат аст! Аз ҳама муҳим дӯст доштани бачаҳо, дигар ҳама чандон аҳамият надорад.

Не, ин тавр нест. Муҳаббат ва виҷдон нерӯи ахлоқианд, ки ба қувваи сирояткунандаи беодобӣ, бехирадӣ муқобилият нишон дода метавонанд. Муҳаббат доштан ба одамон, виҷдон, моил будан ба зебоӣ — ин ҳама дидаҳои рӯҳи солими инсон мебошад. Дӯст доштан моил будан ба накӯкорӣ, хайрхоҳиро ифода менамояд. Виҷдон доштан маънои ҷаҳду талош барои ҳақиқат, ҳақиқати умумиинсонӣ, ҷамъиятӣ, ҳақиқати ба меҳнат ва мубориза муяссаргардидаро дорад. Муҳаббату виҷдон ҳастанд, ки низоми ҷаҳонро нигоҳ медоранд! Ин таъбир шояд ба гӯши баъзе догматикҳо нафорад, аммо кӣ гуфта метавонад, ки дар бораи асосгузорони он таълимоти бузурге, ки давлат дар асоси он бунёд шудааст, китобе хондааст ё не. Оё вай медонад, ки раҳнамои онҳо чӣ гуна нерӯе буд: ба онҳо муҳаббати ҳаётбахш, гарму ҷӯшон ба инсоният, виҷдони поку беқароре роҳбарию раҳнамоӣ мекарданд.

Тамоми муборизаи якҷояи мо маҳз барои он аст, ки муҳаббат ва виҷдон — муҳимтарин қудрату тавоноии инсон ҳамаҷониба инкишоф ёбанд, барқарор ва устувор бошанд.

Як мулоҳиза намоед: ҳама гуна бевиҷдонӣ зоҳир кардан боиси эътирозу ғазаби мо мегардад, пас бовиҷдонӣ меъёри зиндагист, ҳама гуна муносибати инсонбадбинона моро ба хашм меоварад, аммо аз муҳаббат ба одамон, муҳаббат ба инсон шодмон мешавем. Чӣ тавр метавон одамонро бе муҳаббат ва бе виҷдон тарбият кард? Муҳаббат ва виҷдон аксар вақт дар мубориза якҷоя амал мекунанд. Муҳаббат ба инсон раҳму шафқатро талқин менамояд, ба бахшояндагӣ водор мекунад, дилҳоро нарм мегардонад, виҷдон одамонро ба адолату инсоф, покию шарафмандӣ, ҷиддияту серталабӣ даъват мекунад. Дар ин тазодҳо ваҳдате ниҳон аст, нерӯи тарбиятгаре ҳаст, ки рӯҳи атфолро қавӣ мегардонад, то ки ӯ аз ҳама гуна қувваи сирояткунандаи бадахлоқӣ тамоми умр эмин бошад. Бале, имрӯз мо дар оламе зиндагӣ мекунем, ки муҳаббат намерасад ва дар он бевиҷдонҳо беҳадду ҳисобанд. Аммо дар бораи қисмати фарзандони худ, наслҳои нав фикр накарда наметавонем. Онҳо падару модарони худро ҳеҷ гоҳ паст наҳоҳанд зад. Муҳаббат ва виҷдонро мепазиранд. Касоне, ки аз ин ду чиз бархурдоранд, ҳатман фарзандони шоиста ба камол мерасонанд, ки онҳо ҳеҷ гоҳ ба корҳои ношоиста, кирдори бад даст намезананд. Агар дар ниҳоди бача муҳаббат ва виҷдон ҷой

надошта бошад, ӯро аз кирдори бад ҳеҷ чиз — серталабӣ, ҷазо ва панду насиҳат боз нахоҳад дошт.

Одатан мегӯянд: «Ин ҳама гап, инро ҳама медонанд, шумо ба мо маслиҳат диҳед, ки чӣ тавр тарбият кунем!» Беҳтарин ва дурусттарин маслиҳат ҳамин аст: ба муҳаббат ва виҷдон бовар кунед, ҷаҳд намоед, ки дар ниҳоди бачаҳо эҳсоси муҳаббат ба ҳамаи одамон парварида шавад — бад дидани кирдори бадро худи онҳо ёд хоҳанд гирифт. Кӯшиш кунед, ки нисбат ба фарзандони худ пеш аз ҳама одил бошед.

Инак талаби оддии ахлоқӣ, ки дар корҳои педагогии оилавӣ барои пайдо кардани роҳи дуруст мадад мерасонад: «Бо қувваи худ ба мақсад бирас». Ҷидду ҷаҳд намо! Мақсади умумро мақсади худ бидон, барои иҷрои мақсад саъю кӯшиш намо, ба муроди худ бирас, нигоҳ карда нашин, дар зиндагӣ фаъол бош. Ба мақсад бирас, аммо танҳо бо қувваи худ, бо меҳнати ҳалоли худ, бо қобилияту истеъдод, азобу машаққати худ, ба ҳеҷ кас тааруз накун — на ба падару модар, на ба ҳамкорон, на ба рафиқон ва чунон ки майзадагон, нашъамандон ва коргурезон мекунанд, на ба худ. Вақте мо тифлро бовар мекунем, ки ба ҳеҷ кас тааруз кардан, вақт, диққату илтифоти касеро сӯистифода кардан мумкин нест, бешак вай шахси поквиҷдон ба камол мерасад.

*(Аз «Газетаи муаллимон», 1989).*

МУНДАРИҶА

**Муқаддима** . . . . . . 3

БОБИ I
ОИЛА ВА ИНКИШОФИ ОН

§1. Оила ва пайдоиши он дар ҷамъияти ибтидоӣ . . . . . . 5
§2. Аз таърихи оиладории тоҷикон . . . . . . 8
§3. Оила дар даврони мо . . . . . . 14

БОБИ II
ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ ОИЛА

§4. Ташкили оила — талаботи биологӣ ва иҷтимоии инсон . . . . . . 18
§5. Ҳуқуқҳои оилавӣ, хусусиятҳои асосии он . . . . . . 21
§6. Ташкили оила бо иродаи волидон . . . . . . 25
§7. Муҳаббати тарафайн - шарти асосии ташкили оила . . . . . . 28

БОБИ III
ХУСУСИЯТҲОИ МУНОСИБАТИ ҶАВОНОН

§8. Дини ислом дар бораи муносибатҳои марду зан . . . . . . 32
§9. Анъанаҳои миллӣ оид ба муносибатҳои байни писару духтар . . . . . . 35
§10. Асосҳои ахлоқии муносибатҳои писарону духтарон . . . . . . 38
§11. Муҳаббат — ҳиссиёти олии инсон . . . . . . 41
§12. Маданияти рафтори ошиқон . . . . . . 48
§13. Ҳусни инсон . . . . . . 52

БОБИ IV
НИКОҲ ВА ОИЛА

§14. Шартҳои ба никоҳ омода будани ҷавонон . . . . . . 56
§15. Оила ва вазифаҳои ҷамъиятии он . . . . . . 58
§16. Қатъ гаштани никоҳ . . . . . . 62
§17. Маросими никоҳ . . . . . . 67

БОБИ V
ТӮЙИ АРӮСӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

§18. Анъанаҳои миллии пеш аз тӯй . . . . . . 77
§19. Хусусиятҳои оилаи ҷавон . . . . . . 80

## БОБИ VI
## ОДОБИ МУНОСИБАТ ДАР ОИЛА

§20. Муҳити психологӣ ва муносибатҳои шахсӣ дар оила . . . . . . . . . . . . 86
§21. Меҳнат, даромад ва хоҷагидорӣ дар оила . . . . . . . . . . . . 88
§22. Шӯрои оилавӣ ва аҳамияти он . . . . . . . . . . . . 91
§23. Маданият ва эстетикаи манзил . . . . . . . . . . . . 95
§24. Буҷети оила ва низоми сарфу харҷи он . . . . . . . . . . . . 97
§25. Муносибати зану шавҳари ҷавон . . . . . . . . . . . . 100
§26. Муносибат бо волидон . . . . . . . . . . . . 105
§27. Анъанаҳои миллии тоҷикон . . . . . . . . . . . . 108
§28. Маданияти сайру гашт ва истироҳат . . . . . . . . . . . . 112
§29. Вайрон гардидани муносибатҳои оилавӣ . . . . . . . . . . . . 117
§30. Оқибатҳои вайроншавии муносибатҳои оилавӣ . . . . . . . . . . . . 121
§31. Имконияти пешгирии низоъҳои оилавӣ . . . . . . . . . . . . 125
§32. Анъанаҳои тӯйи арӯсии тоҷикон . . . . . . . . . . . . 127
§33. Унсурҳои миллӣ ва интернатсионалӣ дар тӯйҳои ҳозира . . . . . . . . . . . . 131
§34. Ҷиҳатҳои зараровари тӯйҳои дабдабанок . . . . . . . . . . . . 133

## БОБИ VII
## ОИЛА ВА ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

§35. Таваллуди фарзанд –ташвиш ва хурсандии оила . . . . . . . . . . . . 140
§36. Психологияи кӯдак ва мушкилоти тарбия . . . . . . . . . . . . 142
§37. Вазифаҳои волидон нисбат ба фарзандон . . . . . . . . . . . . 147
§38. Қарзи фарзандон дар назди волидон . . . . . . . . . . . . 155

## БОБИ VIII
## ТАНЗИМИ ОИЛА ВА ҲИФЗИ СИҲАТИИ МОДАРУ КӮДАК

§39. Банақшагирии оила . . . . . . . . . . . . 160
§40. Бемориҳои ҷинсӣ, СПИД ва роҳҳои пешгирии онҳо . . . . . . . . . . . . 162
§41. Дониш ва бехатарии модару тифли навзод . . . . . . . . . . . . 165
§42. Ҳифзи саломатии тифли навзод . . . . . . . . . . . . 168
§43. Инкишофи кӯдак . . . . . . . . . . . . 171
§44. Бемориҳои кӯдакон ва тадбирҳои пешгирии онҳо . . . . . . . . . . . . 175

**МАВОДИ ИЛОВА**

Сурудҳои тӯёна . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 189
Номнома . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 191
Мавод барои муҳокима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 194
Масъалаҳои психологӣ барои ҳал кардан дар синф . . . . . . . . . . . . . . . . . . 196
Муҳаббат ва виҷдон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 198

**Ҷадвали истифодаи иҷоравии китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

**РАҲИМЗОДА ХУРРАМ**

# МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ

***Китоби дарсӣ барои синфи 9***

| | |
|---|---|
| Муҳаррирони техникӣ | *Муродулло Нуруллоев, Шухрат Гафаров ва Орзу Гарибов* |
| Тарроҳ | *Фарҳод Раҳимов* |

Ба матбаа 10.02.2004 с. супурда шуд. Ба чопаш 26.01.2004 с. имзо шуд. Андозаи $60x90^{1}/_{16}$. Когази офсетӣ. Чопи офсет. Гарнитураи адабӣ. Ҷузъи чопии шарти 13,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 12,5. Адади нашр 80 000 нусха. Супориши №. 3, 8172.

734025, Душанбе, кӯчаи Айни 17

*Биё, эй ҷигаргӯша, фарзанди ман,*
*Бинеҳ гӯш бар гавҳари панди ман.*
*Садафвор биншин даме лабхамӯш,*
*Чу гавҳар фишонам, ба ман дор гӯш.*
*Шунав панду дониш ба он ёр кун,*
*Чу донистӣ, он гаҳ ба он кор кун.*
*Чу бояд бузургит пиронасар,*
*Ба чашми бузургӣ ба пирон нигар.*
*Ҳамекун ба пирони бекас касӣ,*
*К-аз ин шева донам ба пири расӣ.*

***Абдураҳмони ҶОМӢ***

*Ҷавонмардо, ҷавонмардӣ биёмӯз,*
*Зи мардони ҷаҳон мардӣ биёмӯз!*
*Забон аз таъни бадгӯён нигаҳ дор,*
*Дарун аз кини кинҷӯён нигаҳ дор!*
*Накӯи кун ба он, к-у бо ту бад кард,*
*К-аз он бад рахна дар иқболи х (в) ад кард.*
*Чу оини накӯкорӣ кунӣ соз,*
*Нагардад ҷуз ба ту он некӯӣ боз.*

***Абдураҳмони ҶОМӢ***

*Эй ниҳоли чамани ҷону дилам,*
*Ғунчаи боғчаи обу гилам…*
*Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,*
*Ганҷи зар пеши ҳунар чизе нест.*
*Ҳунаре не, ки диҳад ганҷу зарат,*
*Ҳунаре аз дилу ҷон ранҷбарат.*
*В-он ҳунар нест насиби ҳама кас,*
*Баҳраи зиндадилон омаду бас…*

*Абдураҳмони ҶОМӢ*

*Руй дар қоидаи эҳсон кун,*
*Зоҳиру ботини худ яксон кун!*
*Якдилу якчиҳату якрӯ бош,*
*В-аз дуруёни ҷаҳон як сӯ бош!*
*Аз каҷи хезад ҳар ҷо халалест,*
*«Ростӣ, растӣ» некӯ масалест.*
*Рост чӯ, рост нигар, рост гузин,*
*Рост гӯ, рост шунав, рост нишин.*
*Тир агар рост равад, бар ҳадаф аст,*
*В-ар равад каҷ, зи ҳадаф бартараф аст…*

*Абдураҳмони ҶОМӢ*



FARAS